Saidzoda Saidjamol Tojidin – Doctor of Agricultural Sciences, corresponding member of TAAS, professor of the department of cotton growing, genetics. Breeding and seed of the Tajik Agrarian University named after Sh. Shotemur, 734003, Dushanbe, Rudaki avenue, 146. E mail saidov_6363@mail.ru; Tel. 987-55-11-18.

Suyarzoda Sarvinoz Juma- candidate of Agricultural Sciences, Associate Professor of the Department of cotton growing, genetics, breeding and seed production of the Tajik Agrarian University named after Sh. Shotemur, 734003, Dushanbe, Rudaki avenue., 146. E mail: ssuyarova@mail.ru; Tel. 907377636.

Sadirova Sumairo Saidakhmadovna - senior teacher of the department of cotton growing, genetics, breeding and seed production, of Tajik Agrarian University named after Sh. Shotemur, 734003, Dushanbe, Rudaki avenue., 146. E-mail: sssadirova@mail.ru. Tel.:938292975.

ТДУ: 633.16:631.82

ТАЪСИРИ БАЪЗЕ ОМИЛҲОИ МУҲИТИ КИШТ БА ХУСУСИЯТҲОИ НАВЪИ ҶАВИ КИШТШАВАНДА ДАР ШАРОИТҲОИ ГУНОГУНИ ХОКУ ИҚЛИМИ

Эргашев А., Содиқова У., Холова Ш.С., Усмонова Н.С., Саломиён К.М.- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калимаҳои асосӣ: *омил, маҳсулнокӣ, ҷав, хосилхези, хок, нурӣ*

Намояндагони оилаи хӯшадорон дар хоҷагидорӣ бештар муҳим мебошанд. Ба онҳо растаниҳои асосии ғизоӣ-шолӣ, биринҷ, ҷуворимакка, ҷав, ҷавдор дохил мешаванд, ки барои ҳайвоноти хонагӣ хӯрокаи нисбатан пурқимат мебошад. Миқдори боз ҳам зиёдтари хӯшадорон ба сифати растаниҳои хӯроки чорво, ғизоӣ, доруворӣ ва ороишӣ ба зироатпарварӣ ворид карда мешаванд. Яке аз намудҳое, ки ҳамчун зироати ғизоӣ ва хӯроки чорво аҳаммияти муҳим дорад, ин ҷави муқаррарӣ – *(Hordeum vulgare*) [11, с. 4] мебошад, ки ба растаниҳои ғизоӣ ва хӯроки чорвои бештар парваришшаванда тааллуқ дорад.

Дар раванди ташаккулёбӣ ва рушди тамаддуни инсонӣ, дар қатори гандум ҷав низ дар таъмини инсон бо ғизо ҷои арзанда дорад. Дар оғоз ҳамчун зироати хӯроквории нонӣ истифода мешуд, баъдан вай ҳамчун зироати муҳимтарини хӯроки чорво парвариш карда мешуд. Якҷоя бо истифодашавӣ дар ғизо ва хӯроки чорво, донаи ҷав ҳамчун ашёи хом барои омоданамудани нӯшокиҳои спиртӣ ва масткунанда онро истифода мебаранд.

Яке аз омилҳои сатҳи маҳсулнокӣ ва сифати маҳсулоти растаниҳои кишоварзӣ муайянкунанда реҷаи ҳосилхезии хок мебошад. Сарчашмаҳои инкишоф метавонанд ҷузъҳои нуриҳои минералӣ ва органикӣ ва таркиби хок бошанд. Аз ин лиҳоз, интихоби намудҳои нуриҳо, меъёрҳо ва муҳлатҳои истифодабарии онҳо вобаста ба фарқияти хокӣ ва намуди зироат аҳаммияти илмӣ-амалии муҳим дорад. Вобаста ба ин, истифодабарии биокомпостҳо хеле мувофиқ мебошад, чунки ин самараи баланди экологӣ ва иқтисодӣ дорад. Истифодабарии биокомпостҳо дар амалияи зироатпарварии бисёр кишварҳо сол аз сол васеъ мешавад. Босамарии он дар мисоли парвариши хӯшадорони донагӣ, зироатҳои техникӣ, дар боғдорӣ ва соҳаҳои дигари растанипарварӣ исботи худро ёфтааст.

Кишти ҷав дар зироатпарварии дунё ҷои чорумро баъди гандум, биринҷ ва ҷуворимакка ишғол мекунад. Донаи ҷав 64-76% карбогидратҳо, 10 - 16 % сафедаҳо, 2 - 5 % чарбҳо, 5,5 - 9,5 % витаминҳои гурӯҳҳои B, D, E, A, ферментҳои гуногун дорад, ки истифодабарии васеи онро ҳамчун зироати хӯроки чорво ва озуқаворӣ муайян мекунад.

Дар равиши инкишофи баргҳо нуриҳои нитрогенӣ зиёдшавии миқдори бандчаҳои гузаронандаро дар 5-7-ум барг дар ҷави навъи “Пиркка” ва дар 6-7 барг дар навъи “Белогорский” ба вуҷуд меоранд. Дар 5-7-ум барг дар ҳарду навъҳои ҷав таҳти таъсири нитроген адади бандчаҳо дар 1 мм бари барг аз ҳисоби васеъшавии лавҳачаҳои барги ҷанин. Нуриҳои нитрогенӣ ба ҷузъҳои маҳсулнокии ҷав таъсир мерасонанд: адади донаҳо дар хӯша, вазни 1 хӯшаи ғалладона ва вазни 1000 дона зиёд мешавад, вояи 8-каратаи нитроген вазни 1000 донаро кам мекунад Нишон дода шудааст, ки барои ба даст овардани ҷави хӯроки чорво бо мавҷудияти зиёдшудаи сафеда дар дона дар киштгардони лаблабӯ дар сиёҳҳоки муқаррарӣ дар шароити ҷанубу шарқии минтақаи сиёҳҳоки Марказии Россия вояи нурии $N_{60}P_{60}K_{60}$ муносиб будааст [Агафонов Д. Н.,1999].

Таҳти таъсири нуриҳои нитрогенӣ бари лавҳачаҳои баргӣ ва адади бандчаҳои гузаронанда зиёд мешавад. Нуриҳои нитрогенӣ вазни буғумии панҷазанӣ, диаметри он ва дарозии доираро зиёд мекунанд. Аз ҳисоби зиёдшавии дарозии доираи буғумии панҷазанӣ лавҳачаҳои барг нисбатан васеъ ташаккул меёбад, фаъолнокии ферментҳои гидролитикӣ (пептид-гидролаз, аир амилаз) аз фазаи инкишофи растаниҳо ва аз вояи нитроген вобаста мебошад. Нуриҳои нитрогенӣ маҳсулнокии ҷавро аз ҳисоби афзоиши нисбатан шиддатноки миқдори ҳуҷайраҳои меристематикӣ дар узвҳои ташаккулёбанда зиёд мекунанд.

Дар се марҳилаи органогенези баъдина, вақте ки дар доначаҳо моддаҳои ғизоӣ ҷамъ мешаванд, таъсири нуриҳои минералии ба хок ҳангоми кишт додашуда кам шудааст (то 6,4%), аммо таъсири мутақобилаи навъ бо NPK ва навъ бо минтақа (то 15-20%) афзоиш ёфтааст. Таъсири зиёдтаринро (30,9%) ба ташаккулёбии нишона ва вазни як донача шароити хокӣ-иқлимии минтақа расонидаанд.

Муқаррар карда шудааст, ки дар навъҳои экотабақаҳои даштӣ ва ғарбиаврупоӣ вазни ғалладона бо растаниҳо бо серпанҷагии маҳсулнок, дарозии хӯшаи асосӣ, адади донаҳо бо хӯшаи асосӣ, вазни ғалладона бо хӯшаи асосӣ ва вазни 1000 дона саҳеҳ коррелятсия мекунад. Аммо нишонаи морфологии муқарраршудаи маҳсулнокии растаниҳои ҷав дар навъҳои экотабақаҳои даштӣ ва ғарбиаврупоӣ фарқи муайян доранд. Навъи экотабақаи ғарбиаврупоӣ бо хӯшаи дароз (то 8,9±0,20 см), сердона (то 24±0,7 д.) ва сермаҳсултар (то 1,11 ±0,05 г.) тавсиф мешавад, дар навъҳои экотабақаи даштӣ хӯша камтар дароз (то 8,1 ±0,18 см), кофидона (то 22±0,48 д.) ва сермаҳсул (то 1,04±0,04 г.) мебошад. Навъи экотабақаи ғарбиаврупоӣ дар қиёс бо навъҳои ҷави экотабақаи даштӣ маҳсулнокиро дар солҳои номусоид нисбатан якбора паст мекунанд [Гладких Л.И., 2000].

Дар шароити зироаткории обёришавандаи минтақаи ҳамвор омилҳои муҳимми ба маҳсулнокӣ ва сифати ғалладонаи ҷави тирамоҳӣ таъсиркунанда муҳлатҳои кишт ва меъёрҳои миқдори тухми кошташуда мебошанд. Муқаррар карда шудааст, ки шароити нисбатан мусоид барои сабзиш, инкишоф, обутобёбӣ, зимистонгузаронӣ ва беосеб мондани растаниҳо дар давоми давраи зимистон ҳангоми кишти ҷави тирамоҳӣ дар даҳаи сеюми сентябр бо меъёри миқдори тухми кошташудаи 5 млн. д. дар 1 га мебошад.

Шароити хокӣ-иқлимӣ барои гирифтани ҳосили баланди ҷав дар бисёр минтақаҳои парвариши он имкон медиҳанд, вале имконияти эҳтимолии ин зироатҳо ҳоло на он қадар пурра амалӣ карда шудаанд [Гулидова В.А., 2001].

Дар озмоишҳои қитъаҳои хурд маҳсулнокии умумии вазни хушки ҷав дар ҳудудҳои 65-100 с/га тағйир меёбад ва ҳосили ғалладона 30-40 с/га-ро ташкил кардааст. Нишон дода шудааст, ки системаи муносиби татбиқи нуриҳо таҳти ҷави навъи тирамоҳии “Ларетс” ва “Добриня” дар сиёҳзамини муқаррари бояд татбиқи нуриро дар вояи $N_{30}K_{50}$ то коштан ва 100 кг аммофосро ҳангоми кишт ва ду нуридиҳии нитрогениро дар вояи 30 кг/га дар фазаи панҷазании баҳорӣ ва қад кашиданро дар бар гирад [Дудук А.А., 2001].

Муқаррар карда шудааст, ки қобилияти зисти растаниҳои ҷав пеш аз он, ки тағйирёбии амиқи таркиби химиявии ғалладона - сафедаҳо, оҳар, липидҳо, қандҳои редутсиянакунанда даст диҳад, пурра нест мешавад ва пурра маҷмуи ферментӣ ғайрифаъол мегардад. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот тақсимоти навъҳои таҳқиқшавандаи ҷави обиҷавпазӣ тибқи давомнокии барқарормонии қобилияти зисти онҳо ҳангоми нигоҳдории тӯлонӣ бо истифодабарии методикаи тез пиршавӣ гузаронида шудааст. Навъи “Пикет” бештар ва навъи “Мамлюк” камтар устувор мебошад.

Рушди системаи фотосинтетикии бақувват бо мавҷудияти баланди пигментҳои сабз боиси фурӯбарии шиддатноки энергияи нури офтоб аз ҷониби шаклҳои интихобшудаи ҷави тирамоҳӣ – аз 2,10 то 2,77% РФФ (радиатсияи фаъоли фотосинтетикӣ) гашт. Зиёдшавии сатҳи фурӯбарии радиатсияи офтоб то қиматҳои баланд дар раванди фотосинтез пайдошавии миқдори аҳаммиятноки ҳосили биологии хушкро аз 149,05 то 196,80 с/га дар намудҳои интихобшуда ва аз 120,15 то 153,20 с/га дар намудҳои ибтидоӣ таъмин кардааст. Ҳосилнокии ғалладонаи намудҳои сермаҳсул аз 53,32 то 88,76 с/га ва аз 35,65 то 63,35 с/га дар намудҳои ибтидоӣ мувофиқан тағйир меёбад. Аз ҳисоби хусусиятҳои навъӣ мавҷудияти сафеда дар дона метавонад то 3% ҳангоми шароити якхелаи коркард тағйир ёбад. Дар ин ҳолат зиёдшавии сафеда дар дона метавонад ҳам аз ҳисоби камшавии ҳиссаи карбогидратҳо ва мувофиқан зиёдшавии ҳиссаи моддаҳои нитрогендор ва ҳам аз ҳисоби пас ҷоришавии нисбатан пурра ва ҷамъшавии онҳо дар донаи ширагиранда рӯй диҳад.

Мувофиқи Yue-Xuan (2004) рӯшноӣ бо ҳиссаи баланди энергия дар спектри кабуди мавҷҳо (350-560 нм) нисбати рӯшноӣ бо спектри сурхи равшани ифодаёфта (афканишоти фаъоли фотосинтетикӣ) (580-650) хеле аҳаммиятнок индуктивӣ буд.

Татбиқи биокомпост дар заминаи омехтаи замин дар вояи 15 т/га тибқи босамарӣ ба додани бионурӣ дар вояи 50 т/га ба хоки ибтидоӣ баробарқуввa мебошад. Дар натиҷаи зиёдшавии вазни растаниҳо ҳангоми истифодабарии биокомпост ҳам дар заминаи хоки гилнок ва ҳам дар заминаи омехтаи замин дар растаниҳо консентратсияи нитроген кам шуда консентратсияи фосфор ва калий дар қиёс бо замини ибтидоӣ афзун мегардад. Ҳамаи ин оид ба беҳшавии шароити фаъолияти ҳаётии растаниҳо шаҳодат медиҳад. Якҷоя бо он, камшавии мавҷудияти нитроген дар растаниҳо додани миқдори иловагии нурии нитрогениро талаб мекунад [Ивановский К.В., 2005].

Майдони максималии баргҳо ва маҳсулнокии фотосинтези растаниҳои ҷави тирамоҳӣ ҳангоми додани вояи миёнаи нурии асосии K_{20} P_{33} ва нуридиҳии нитрогении барвақтии баҳорӣ дар вояи N_{43} ташаккул меёбад. Ҳангоми муҳлати муносиби кишт ҳосилнокии миёнаи тирамоҳии ҷави "Сармет" дар озмоиш 35,3 с/га-ро ташкил намудааст, ки ба 16,5 с/га нисбати ҳангоми муҳлати кишти дерӣ зиёд шудааст. Таҳлили робитаи дутарафаи майдони сатҳи барг ва ҳосили ғалладона нишон дод, ки зиёдшавии майдони сатҳи барг ба ҳосили ғалладона мусбӣ таъсир мерасонад. Барои навъи пешинаи "Винер" вояи ҳудудии нитроген, ки ҳангоми он зиёдшавии аҳаммиятноки майдони баргҳо ба амал меояд, ҳосили ғалладона 60 кг/га мебошад. Зиёдшавии баъдинаи вояи нитроген ҳарчанд ба афзоиши намоёни майдони баргҳо меоварад, вале ҳосили ғалладона на он қадар зиёд мешавад.

Ҳангоми реҷаи ҳароратии муносиб (21/17°C, рӯз/шаб) суръати нисбии сабзиши растаниҳо (RGR) ба RA-и додашуда дар давоми ҳамаи давраи экспоненсиалӣ мутаносиб мебошад. RA-и паст ба камшавии мавҷудияти нитроген дар растаниҳо, массаи растаниҳо ва фаъолнокии нафаскашӣ, инчунин ба зиёдшавии нисбии массаи решаҳо оварда. Ҷамъшавии биомасса ҳангоми реҷаи ҳароратии паст (13/8°C) ва RA-и баланд нисбат ба ҳангоми реҷаи ҳароратии муносиб ба 1,8 маротиба пасттар буд. Дар сиёҳҳоки муқаррарӣ истифода бурдани нуриҳои минералӣ ба ҷав ҳосилнокии ғалладонаро аз 21,4 то 25-31 с/га зиёд мекунад. Додани нурии нитрогенӣ дар миқдори 30 то 90 кг/га афзуншаванда босамарии максималӣ дорад, вояҳои он ҳосилнокиро ба 15,5%, ҳангоми намдиҳии кофии босамар татбиқи ҷудои нитроген дар ду муҳлат (то кишт ва дар нуридиҳӣ дар фазаи панҷазании растаниҳо) зиёд мекунанд.

Ҳосилнокии миёнаи ҷав 2567 ва 2549 кг/га ҳангоми татбиқи 50 ба 50% компости муқаррарӣ ва вермикомпост дар асоси N эквивалентнокӣ бо меъёри тавсияшавандаи нуриҳои NP ба даст омадааст, ки хароҷотро ба нурии химиявии NP-и барои истеҳсолоти ҷав зарурӣ хеле кам мекунад. Таҳлили иқтисодии самаранокии истифодабарии маҷмуии 50 ба 50% компости муқаррарӣ ва вермикомпостро бо меъёри тавсияшавандаи нуриҳои NP барои истеҳсоли ҷав тасдиқ кард. Додани нуриҳои минералӣ ба сабзиши нисбатан шиддатноки растаниҳо ва ҷамъшавии моддаи хушк мусоидат кардааст. Нишондоди максималии моддаи хушк ҳангоми додани нуриҳо барои гирифтани 50 с/га - N125 P197 ба даст омадааст, зиёдшавии баъдина то N167 P214 ба камшавии сатҳи ҷамъшавии моддаи хушк мутаносиб мебошад [Андреев Н.Н., Ермошкин В.В., 2006].

Таҳқиқотҳои Т.В. Люкевич нишон медиҳанд, ки сафедаи зеатин-вобастакунандаи пештар дар хлоропластҳои баргҳои ҷав ифшошуда (Селиванкина ва ғ., 1997), дар хлоропластҳои баргҳои ҷави ҳамаи синну соли омӯхташуда иштирок мекунад, вале хосиятҳои худро дар раванди инкишофи барг тағйир медиҳад.

Муқаррар карда шудааст, ки дар сиёҳҳоки муқаррарии Кавкази Шимолӣ татбиқи нуриҳои минералӣ ба маҳсулнокии ҷав таъсири мусбӣ мерасонад. Барои ҷави тирамоҳӣ татбиқи нуриҳои минералии P30K20 дар коркарди асосии хок ва баҳорон дар хоки хунукзада N30 босамар мебошад.

Тибқи хароҷоти намии хок ҳангоми коркарди ҷав $N_{60}P_{60}K_{60}$ вояи бештар босамар мебошад. Ҳангоми додани вояи $N_{90}P_{90}K_{90}$ дар қиёс бо вояи $N_{90}P_{90}K_{90}$ ҳосилнокӣ танҳо ба 1,5 % ва ҷамъи хароҷоти энергетикӣ ба 13,7% 00 афзоиш ёфтааст.

Ҳосили бештар баланди ғалладона 36,8 с/га ҳангоми коштани тухмиҳо дар чуқурии 4 см ба даст омадааст, зиёдшавии баъдинаи чуқурии коштани тухмиҳо то 6-8 см ҳосилнокиро ба 3,4-2,6 с/га дар озмоишҳои бо навъи Сиклон дар шароити водии Ҳисор гузаронидашуда кам кард.

Дар зиёдшавии меъёрҳои миқдори тухми кошташуда то 3-5 млн./га тухмиҳои сабзанда иқтидори фотосинтетикӣ дар қиёс бо варианти 2 млн. дона ба 1,12-1,36 маротиба афзун шудааст. ИФ-и калонтарин 4751,3 ҳаз. $м^2$/га х рӯз ҳангоми кишти 4 млн. тухмиҳои сабзанда/га ташаккул ёфт Мавҷудияти нитроген дар дона ва коҳи ҷав ҳангоми кишти борикқатор бо фосилаи байниқаторӣ 7-8 см дар озмоишҳои дар шароити тирахокҳои сиёҳтоби водии Ҳисор гузаронидашуда 3,3-2,9 %-ро тартиб дод. Ҳосилнокии навъҳои ҷави баҳорӣ дар дараҷаи аҳаммиятнок ҳам аз варианти нурӣ ва ҳам аз омили сол вобаста буд. Дар солҳо бо сатҳи муносиби аз намӣ таъмин будан ҳосилнокӣ тариқи максималӣ ба варианти нурии аз 4,05 то 6,09 т/га вобаста буд. Ба ҳисоби миёна дар солҳои таҳқиқот

ҳосилнокии зиёдтарин (аз 5,21 то 5,88 т/га) дар вариантҳое ба даст омадааст, ки додани нуриҳои асосӣ татбиқ шудааст [Авраменко С., Манко К.. Курилов О., 2017].

Тухмиҳои нешзадаи ҷав сарчашмаи бойи витаминҳо, микроэлементҳо, полисахаридҳо ва аминокислотаҳо мебошанд. Аз орди ҷав моддае бо хосиятҳои антибиотикии гордетсин ҷудо карда шудааст [Карроматов И. Д., Рахматова Д. Б., 2017].

Маълум аст, ки биогумус аз ҷониби растаниҳо дар давоми ҳамаи давраи инкишоф осон ва батадриҷ азхуд карда мешавад. Истифодаи биогумус хосиятҳои агрохимиявии хокро беҳ мегардонад, сифат ва ҳосили маҳсули кишоварзиро зиёд мекунад. Азбаски биогумус миқдори зиёди (то 32 % вазни хушк) моддаҳои гуминӣ - кислотаи гуминӣ, фулвокислотаҳо ва гуминҳо дорад, - аз ин хотир ин нурии органикӣ дорои хосиятҳои баланди агрохимиявӣ ва сабзишмувофиқакунонӣ мебошад [Бекенова Y.C., Жумадилова Ж.Ш., Шорабаев Е.Ж., 2017].

Нишон дода шудааст, ки сатҳи инкишоф минералӣ ва меъёрҳои миқдори тухми кошташуда ба баргзании растаниҳо дар фазаи хӯшабандӣ таъсири аҳаммиятнок нарасонидаанд. Майдони сатҳи баргӣ дар реҷаи минералии N_{30} P_{30} K_{30} ва меъёри миқдори тухми кошташуда 5,0 млн тухмиҳои сабзанда дар гектар (42,1 ҳаз. м^2/га) ва афзоиш минералии $N_{60}P_{60}K_{60}$ ва меъёри миқдори тухми кошташуда 5,5 млн тухмиҳои сабзанда (43,0 ҳаз. м^2/га) бартарӣ дошт.

Истифодаи саргини фаршӣ барои ҷав мавҷудияти нитратҳои нитрогенро дар хок аз хеле паст (5,21 мг/кг дар варианти муқоисавӣ) то сатҳи баланд (22,3. 43,0 мг/кг ҳангоми додани 4...20 т/га саргин) ва фосфори ҳаракаткунандаро – аз зиёдшуда (113 мг/кг дар варианти муқоисавӣ) то баланд (161...176 мг/кг ҳангоми додани 12...20 т/га) хело зиёд кард. Мавҷудияти протеини хом дар варианти муқоисавӣ 13,67 %-ро тартиб дод, миқдори зиёдтарини он дар дона аз вояи 16 т/га – 14,00 %, чарб – мувофиқан 1,43 ва 1,53 %, ғоз – 4,0 ва 4,4 % ҷамъ шудааст [Бобренко И.А., Гоман Н.В., Трубина Н.К.,. Шмидт А.Г. 2018].

Тибқи натиҷаҳои таҳқиқот муқаррар карда шудааст, ки мавҷудияти сафеда дар донаи ҷав аз коркарди хок ва аз системаи нурӣ низ вобаста мебошад, чунки ҳангоми додани $(NPK)^{60}$ фоизи баландтарини сафеда ба қайд гирифта шуд, ки 11,9 %-ро ташкил медиҳад. Ҳангоми коркарди бе чаппагардони хок фоизи бештар баланди сафеда ҳангоми додани поруи 40 т/га + (NPK) 60, яъне 11,9 % ба қайд гирифта шудааст.

Таҳлили сарчашмаҳои адабиётӣ нисбати таъсири сатҳи ҳосилхезии хок ва хосиятҳои физикӣ - химиявии онҳо ба маҳсулнокии кишти навъҳои ҷав дар шароити хокӣ-иқлимии гуногуни мамолики ИДМ ва хориҷаи дур моро ба он бовар мекунонад, ки ин масъалаҳо то ҳол доғи рӯз боқӣ мемонанд. Аз тарафи дигар усулҳои генетикӣ-селексионии зиёдшавии ҳосилнокии зироатҳои ғалладонагӣ масъалаи хеле ояндадор мебошад. Аммо амалисозии имконоти эҳтимолии намудҳо ва навъҳои зироатҳои кишоварзӣ аз таъсири омилҳои муҳити атроф ва дар навбати аввал аз хок, аз намӣ таъмин будан ва реҷаи ҳароратии минтақаи коркард вобастагии бевосита дорад. Тағйироти таҳти таъсири ин омилҳо рухдиҳанда ҳам бо суръат ва самтнокии равандҳои физиологӣ-биохимиявӣ ва ҳам бо сатҳҳои тағйирёбандагии молекулавӣ-генетикӣ фаҳмонида мешавад.

Аксаран ин масъалаҳо дар сатҳи фаъолнокии алоҳида ё гурӯҳҳои ферментҳои органоидҳои ҳуҷайраҳо, бофтаҳо ва узвҳои растаниҳо омӯхта ва муҳокима карда мешаванд. Дар ин ҳангом таъкиди асосӣ ба таъсири экологии омилҳои муҳит ба ин равандҳои физиологӣ-биохимиявии растаниҳо карда шудаанд, ки оид ба нокифоя омӯхта шудани ин мушкилоти мураккаб, хусусан дар шароити Тоҷикистон, шаҳодат медиҳад.

Водии Ҳисор, дар натиҷаи зисти тӯлонии одамон ва дорои ҳама нишонаҳои кишоварзии босуръат ва инкишофи саноатӣ будан, ҷои зистро танҳо барои миқдори маҳдуди намояндагони ҷаҳони растаниҳо ва ҳайвонот таъмин мекунад.

Ҳарорати миёна дар водии Ҳисор аз -2°С дар январ то 25,2°С дар июн тағйир меёбад. Ҳароратҳои зимистона ба сатҳи манфӣ мерасанд, ҳарорати минималии ба худ хос -6° мебошад, аммо баъзан ҳолатҳое, ки ҳарорат хеле паст фаромадааст (тибқи маълумоти расмӣ зимистони соли 2023 ҳарорат дар Душанбе ба -20°С фаромад). Баръакс дар тобистон ҳарорат метавонад то 43°С баланд шавад. Ба иқлими водии Ҳисор қаторкӯҳи Ҳисори дар шимол ҷойгиршуда таъсири калон мерасонад. Дар нишебиҳои ғарбӣ ва ҷанубу ғарбӣ дар натиҷаи таъсири шамолҳои намноки асосан аз ғарб вазанда меъёри нисбатан баланди

боришот мушоҳида мешавад. Дар ҳудудҳои минтақаи тирахок (водии Ҳисор) зернавъҳои тирахокҳои сиёҳтоб, тирахокҳои алафзорӣ, тирахокҳои нав обёришаванда, тирахокҳои кухна обёришаванда мавҷуданд. Имрӯз тирахокҳои сиёҳтоби водии Ҳисор бештар омӯхта шудаанд. Тирахокҳои сиёҳтоб қисми болоии минтақаи тирахокро фаро гирифтаанд. Барои ноҳияҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ сарҳадҳои паҳншавии тирахокҳои сиёҳтоб гуногун ва асосан бо шароити иқлимӣ алоқаманд мебошанд.

Дар қисми ғарбни ҷумҳурӣ (водии Ҳисор) онҳо дар баландии аз 700 то 1000 метр ташаккул меёбанд. Ҷинсҳои хокташкилкунанда, ки дар онҳо тирахокҳои сиёҳтоб ташаккул меёбад, бо зардхок ва гилхокҳои зардхокмонанд, аҳёнан бо гилхокҳои аллювиалӣ ва инчунин бо қабатҳои пролювиалӣ ва делювиалии сангзор аз ҷинсҳои таҳшинӣ пешниҳод шудаанд. Онҳо дар шароити нисбатан намнок ташаккул меёбанд. Мавҷудияти гумус дар тирахокҳои сиёҳтоб, кам буда дар уфуқи гумусӣ одатан аз 1,3-2,0 % зиёд намебошад.

Таъмин будан аз нитрогени минералӣ барои ҳама намунаҳои хокҳо - хеле паст (7,38-28,0 мг/кг) мебошад, бинобар ин нурии нитрогении барои ин қитъаи замин тавсияшуда + 50 % аз меъёрҳои тавсияшуда дода шуданд. Дар таъмин будан бо фосфори ҳаракаткунанда ($P_2 0_5$) намунаҳои хоки № 1;2; 3; инчунин ба дараҷаи паст таъмин будан аз 8,06 то 24,46 мг/кг дахл дорад. Дар навъҳои ҷав ҳангоми истифодабарии NPK ва биокомпост майдони барги максималӣ дар фазаи хӯшабандӣ ташаккул меёбад.

Баландии пояи асосии растаниҳои навъҳои ҷав ҳангоми додани NPK ва биокомпост ба 25-30 см (дар қиёс бо варианти муқоисавӣ, бе нуриҳо) зиёд мешавад.

Муқаррар карда шудааст, ки ҳангоми ба хок додани 10т/га биокомпост сафеданокии тухмиҳо нисбат ба растаниҳои варианти муқоисавӣ (10,7-12,5%) баланд (14,9-15,3%) буданд. Мавҷудияти оҳар дар дона дар навъҳои омӯхташуда: дар варианти назоратӣ бе додани нуриҳо 57,4-59,0%, дар варианти NPK- 65,3- 68,4%-ро ташкил намудааст. Ҳангоми истифодабарии биокомпост миқдори оҳар дар дона ба 62,2-65,2% расидааст.

АДАБИЁТ

1. Авраменко С. Элементы удобрения ячменя ярового /С. Авраменко, К. Манько, О. Курилов// Институт растениеводства им. В. Я. Юрьева, НААН. 2017. -38 с.
2. Агафонов Е.В. Удобрение пивоваренного ячменя на обыкновенном черноземе. /Е.В. Агафонов, А.Н. Богачев// Зерновое хозяйство, 2001. -№2. -С.28.
3. Андреев Н.Н. Урожайность пивоваренного ячменя при обработке семян регуляторами роста и микроэлементами. /Н.Н. Андреев, В.В. Ермошкин// Зерновое хозяйство, 2006, -№4. -С. 14-15.
4. Бекенова У.С. Изучение влияние доз биогумуса на рост и развитие, урожайность сельскохозяйственных культур в лабораторных и полевых условиях /У.С. Бекенова, Ж.Ш. Жумадилова, Е.Ж. Шорабаев // Молодой ученый. -2017. №46. - С. 106-108.
5. Бобренко И.А. Оптимизация применения птичьего помета под ячмень на лугово-черноземной почве Южной лесостепи Западной Сибири. /И.А. Бобренко, Н.В. Гоман, Н.К. Трубина, А.Г. Шмидт// Земледелие. 2018. -14 с.
6. Гладких Л. И. Значение морфологических и физиологических показателей в селекции ярового ячменя на продуктивность. Дисс. канд. с-х. наук. Каменная Степь. 2000. -с. 165.
7. Гулидова В.А. Особенности возделывания ячменя для производства солода / В.А. Гулидова// Зерновое хозяйство, 2001. - № 3(6). - С. 26-29.
8. Дудук А.А., Мозоль П.И. Влияние сроков посева и норм высева семян на урожайность озимого ячменя в условиях западных районов. Научные основы продуктивности полевых культур: Сб. науч. тр.: Горкий, 2001.
9. Ивановский К. В. Влияние биопрепаратов в составе биокомпостов и при инокуляции семян на продуктивность растений. Дисс. к. б. наук. -Москва. 2005. - с.124.
10. Карроматов И.Д., Рахматова И.Д. Ячмень как лекарственное и профилактическое средство. Биология и интегративная медицина, 2017. -С.19.
11. Махмадеров, У. М. Сравнительная продуктивность зерновых культур в пожнивных посевах при внесении расчетных норм удобрений на орошаемых землях Гиссарской долины : специальность 06.01.09 "Овощеводство" : автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата сельскохозяйственных наук / Махмадеров Усмон Мамурович. – Душанбе, 1996. – 22 с. – EDN ZLDEIX.

АННОТАЦИЯ

ВЛИЯНИЕ НЕКОТОРЫХ ФАКТОРОВ СРЕДЫ ВОЗДЕЛЫВАНИЯ НА СВОЙСТВА СОРТОВ ЯЧМЕНЯ, ВОЗДЕЛЫВАЕМЫХ В РАЗЛИЧНЫХ ПОЧВЕННО-КЛИМАТИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ

В практике растениеводства ячмень, наряду с пшеницей, занимает ценное место в обеспечении населения продовольствием. Ячмень первично используют как зерновую культуру, а кроме того, его выращивают как важнейшую кормовую культуре для скота.

Ключевые слова: *ячмень, фактор, урожайность, почв, плодородие.*

ANNOTATION

INFLUENCE OF SOME FACTORS OF CULTIVATION ENVIRONMENT ON PROPERTIES OF BARLEY VARIETIES CULTIVATED IN DIFFERENT SOIL AND CLIMATIC CONDITIONS

In plant growing practice, barley, along with wheat, occupies a valuable place in providing the population with food. Barley is primarily used as a grain crop, and in addition it is grown as an important feed crop for livestock.

Key words: *barley, factor, productivity, soil, fertility*

Сведения об авторе:

Эргашев Абдулложон-доктор биологических наук, профессор кафедры физиологии растений. 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, микрорайон Буни Хисорак, Студенческий городок, корпус 16, тел: (+992) 926-076627.

Усмонова Нигина Солеховна – ассистент кафедры физиологии растений. 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, микрорайон Буни Хисорак, Студенческий городок, корпус 16, тел: (+992) 926-046627, nigina.usmonova.80@mail.ru

Холова Шарифамо Саидахтамовна – кандидат биологических наук, доцент, заведующая кафедрой физиологии растений. 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, микрорайон Буни Хисорак, Студенческий городок, корпус 16, тел:(+992)550055488, xolova-1978@mail.ru.

Саломиён Комрон Мухаммаддовуд - ассистент кафедры физиологии растений. 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, микрорайон Буни Хисорак, Студенческий городок, корпус 16, тел: (+992) 501246868, salomiyonk@mail.ru.

Содикова У.- магистр 2- курс кафедры физиологии растений. 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, микрорайон Буни Хисорак, Студенческий городок, корпус 16,, тел 900-22-37-33.

Author informations:

Ergashev Abdullojon–doctor of biological sciences, professor of the department of plant physiology. 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Buni hisorak microdistrict, Campus, building 16. Tel.: (+992) 926-076627.

Usmonova Nigina Solekhovna–assistant of the Department of Plant Physiology. 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Buni hisorak microdistrict, Campus, building 16. tel.: (+992) 926-046627, nigina.usmonova.80@mail.ru.

Kholova Sharifamo Saidahtamovna– candidate of biological sciences, associate professor, head of the department of plant physiology. 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Buni hisorak microdistrict, Campus, building 16. Tel.: (+992) 550055488, xolova-1978@mail.ru.

Salomiyon Komron Muhammadovud-assistant of the Department of Plant Physiology. 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Buni Khisorak microdistrict, Campus, building 16. tel: (+992) 501246868, salomiyonk@mail.ru.

Sodikova U.-2 nd year master of the Department of Plant Physiology. 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Buni hisorak microdistrict, Campus, building 16. Tel.: 900-22-37-33.

ТДУ. 631.1.

НАҚШИ ИЛМУ МАОРИФ ДАР ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ

Акрамов У.Х., Сулаймонова И.Д., Ниёзов Ш.-

Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *рақамикунонӣ, маориф, илм, иқтисодиёти миллӣ, донишандузӣ, амнияти ғизо, бӯҳронҳо, таълимӣ, илмӣ, устувор*.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сатҳи таълиму донишандузии хонандагон, донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо аз рӯйи ихтисос (PhD), дар давраи 34 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зарурӣ андешид. Бо истифода аз қабули Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526 қабул гардид ва дар доираи таъмини иҷрои он барои ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ заминаи устувор гузошта шуд. Дар ин давра барои таъмини рушди соҳаи маориф ва илм 3690 муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, 268 муассисаи томактабӣ ва 35 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо таъмини воситаҳои техникии замонавӣ марҳила ба марҳила таъмин гардид. Дар натиҷа таъминоти соҳаи маориф ва илм бо шароитҳои нави гузариш ба технологияи рақамӣ имконияти шароит фароҳам гардид.

Мутобиқи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” соҳаи маориф ва илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст. Бо назардошти ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи имкониятҳои мавҷудбуда бештар барои рушди соҳаи маориф ва илм шароитҳои дастрасшаванда барои хонандагон, донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо аз рӯйи ихтисос (PhD), унвончӯён, марҳила ба марҳила шароити мусоид

фароҳам оварда, наврасон ва ҷавононро ба илмомӯзӣ ва азхудкунии технологияи мусоир даъват намудааст.

Дар соли 2025 шумораи ин муассисаҳои олӣ ба 48 ва донишҷӯёни онҳо ба зиёда аз 214 ҳазор нафар расидааст, ки ин шаҳодат аз он медиҳад, ки Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таъмини пешрафти илму маориф, бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, барои рақамикунии маориф заминаи устувор гузоштааст.

Рақамикунонии маориф дар ҷаҳон дар охирҳои асри XV бо ихтирои таҷҳизоти чопкунандаи китобҳо оғоз гардид, ки аз ҳамон давра рақамикунонии соҳаи маориф сарчашма мегирад. Зеро бади ихтирои таҷҳизоти чопкунандаи китоб, воситаҳои ёрирасонӣ таълимӣ низ оғоз ёфтааст. Ҷорӣ шудани технологияи китобчопкунак имконияти иваз намудани дастнависҳо ба шакли чопи ва баъдан ба технологияи рақамӣ фаъол гардонида шуд [1, с.15-19].

Раванди рақамикунонии соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди солҳои 2020 оғоз гардида (расми 1) бо ташаббуси Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имкониятҳои фаъолкунии раванди рақамикунонӣ дар мактабҳои олии касбӣ марҳила ба марҳила мусоидат намуда, ба пешравии соҳаҳои маориф, илм, иқтисодиву иҷтимоӣ, тандурустӣ, кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва дигар соҳаҳо замина гузошт.

Ташкил намудани рақамикунонии соҳаи маориф ва илм дар марҳилаи гузаштан ба иқтисодиёти сабз, таъмини амнияти маводи ғизо, иҷрои барномаҳои таълимӣ-илмӣ-таҳқиқотӣ, барномаҳои давлатии соҳавӣ, нақша-чорабиниҳои нақшаҳои амали “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” заминаи устувор гузошта истодааст. Зеро дар доираи рақамикунонии соҳаи маориф, маълумотҳои илман асоснок сари вақт дастрасӣ хонандагон, донишҷӯён ва унвонҷӯён мегардад, ки барои мукаммалшавии ҳар як мавзӯъҳо, мусоидат менамояд. Дар натиҷа ҳолати донишандӯзии хонандагон ва донишҷӯёну магистрантҳо афзун мегардад.

Расми 1.-Нақши рақамикунонии соҳаи маориф дар тайёр кардани мутахассисони баландихтисос

Дар раванди рақамикунонии соҳаи маориф, яке аз имкониятҳои асосии равандҳои баланд бардоштани сифати таълим дар мактабҳои олии касбӣ бо шароитҳои дарсгузарӣ ва таъминоти маводҳои таълимӣ заминаи устувор гузорад. Татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои маориф ва илм, тандурустӣ, кишоварзӣ, энергетика, муҳити зист, амнияти миллӣ, иқтисодиёти миллӣ ва дигар соҳаҳо заминаи устувор гузошта истодааст ва равандҳои бедоршавии ихтироъкорӣ ва эҷодии хонандагон, донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо аз рӯйи ихтисос (PhD), беҳтар шудааст.

Ба роҳ мондани рақамикунонии соҳаи маориф ва илм дар мактабҳои олии касбӣ на танҳо як иқдоми муҳими стратегӣ барои рушди таҳсилот, балки роҳи устувор барои таъмин намудани дастрасии ҳама ба захираҳои босифати таълимӣ мебошад. Зеро бо истифода бурдани донишҳои зеҳнӣ дар соҳаи маориф, илм, кишоварзӣ, тандурустӣ, энергетика, хоҷагии ҷангал, нақлиёт ба пешравиҳои назаррас дар ихтирокорӣ ва навъоварӣ мушоҳида мешавад (расми 2).

Ҷорӣ намудани рақамикунонии соҳаи маориф ва илм як ҷаҳиши созанда ва бартарафкунандаи мушкилоти норасоӣ маводҳои таълимӣ ва баланд бардоштани сифати таълим дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ ба назар мерасад. Зеро

хонандагон ва донишҷӯёну магистрантҳо бо осонӣ маводҳои таълимиро аз системаҳои хизматрасонии китобхонаҳои эклектронӣ дастрас намуда истодаанд



Расми 2.-Нақши рақамикунонии маориф дар дастрасии маводҳои таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ ба хонандагон, донишҷӯён, магистрантҳо, унвонҷӯён

.

Дар марҳилаи фаъолшавии аввалҳои COVID-19 зиёда аз 1,5 миллиарда хонандагон тариқи онлайн-таълим ба роҳ монда шуд. Дар шароити муосир дар раванди таълим якчанд заминаҳои моддиву техникӣ барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим тадбирҳои муассир гузошта шуда, дар кишвар низоми рақамикунонии соҳаи маориф ба роҳ монда шудааст. Ин омили низоми идоракунӣ дар соҳаи маориф барои тадбиқшавии барномаи иттилоотии «eDonish» заминаи устувори худро гузошт [2, с.21-27]. Зеро дар марҳилаи COVID-19 таҳдидҳои паҳншавии бемории сирояткунандаи вирусӣ боиси баста шудани муассисаҳои соҳаи маориф ба мушоҳида шуд. Дар шаҳри Душанбе марҳилаи нави рақамикунонии соҳаи маориф дар асоси қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 6 августи соли 2020, №409 “Дар бораи татбиқи барномаи электронии “eDonish” дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ” фаъол карда шуд. Дар натиҷа масъулиятнокии падару модар, омӯзгор, хонанда фаъол шуд. Дар системаҳои мактабҳои олӣ, низ рақамикунонии соҳаи маориф бо истифода аз технологияи рақамикунонӣ баҳогузории фаъолияти ҳар як донишҷӯй ба низом дароварда шуд. Ин ҳолат, имконият дод, ки донишҷӯй ҳамарӯза аз фаъолияти донишҷӯйиаш хабардор мегардад.

Расми 3.-Аҳаммияти рақамикунонии соҳаи маориф дар марҳиллаҳои авҷ гирифтани таҳдидҳо ба солимии ҷомеа

Ҳадафи асосии рақамикунонии соҳаи маорифи кишвар, ин баланд бардоштани савияи дониши хонандагон, дараҷаи тайёр кардани хонадагони болаёқат, ки яке аз омилҳои мусбати ин барнома, назорати волидайн тариқи рӯзномаи электронии хонанда ҳамарӯза огаҳӣ ёфта, аз фаъолияти фарзандон бохабар мегардад. Инчунин, имкониятҳои барномаи «eDonish» ба хонандагон ва омӯзгорон барои беҳтар намудани шароити мусоиди корӣ ва ҷалби бештари хонандагон бо дарсҳо шароити мусоид фароҳам овард [3, с.17-23].

Дар баробари ҷоришавии барномаи мазкур: ҷадвали дарсӣ дар шакли электронӣ, хабарнома аз омӯзгор, рӯзномаи электронии хонанда, мавзуи дарс, вазифаи хонагӣ, баҳо ва ҳозиру ғоиби хонанда, пешрафти хонанда, муқоисаи хонандагон дар синф, инчунин муқоисаи хонандагон дар мактаб аз тарафи волидайн ва ҳам аз тарафи омӯзгорон, ҳамарӯза

назорат карда мешавад, ки ин метавонад наврасон ва ҷавононро дар роҳи дуруст ҳидоят намуда, барои зиёд намудани завқу ҳавас ба касбҳои омӯзгорӣ, муҳандисӣ, тиббӣ, кишоварзӣ, сохтмонӣ ва дигар касбҳо ҷалб намояд.

Ҳадафи дигари рақамикунонии соҳаи маориф, ин дуруст ба роҳ мондани муомилоти ҳуҷҷатҳои асосӣ, яъне истифодаи интиқолдиҳандаҳои иттилоотии коғазӣ коҳиш ёфта, ба ин васила нигоҳ доштан ва ҳифзи захираҳои табиӣ, аз ҷумла истифода буридани ҳазорҳо тонна моддаҳои химиявии дорои металҳои вазниндошта барои қоғазҳои ранга, ширеши дафтару китобҳо, ки дар таркибашон арсен ва кадмий доранд, инчунин буриши миллионҳо дарахтон сарфа карда мешавад [4, с.15-18].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рақамикунонии соҳаи маориф имконияти аз бухрони иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, экологӣ баровардани кишварҳо, заминаи устувори худро гузошта истодааст. Дар баробари рақамикунонии соҳаи маориф ҳолатҳои донишандӯзии хонандагон, донишҷӯён, магистрантҳо, аз 75% ба 89% -94% зиёд гардид. Инчунин, ҳолатҳои ҳолатҳои ташкил шудани баъзаи маълумотҳо доир ба фаъолияти хонандагон, донишҷӯён, магистрантҳо ҷамъоварӣ шуда истодааст.

Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маълумоти тарбиятгирандагон ва хонандагони тамоми муассисаҳо дар барномаи «eDonish» сабт гардида, бо ин усул доир ба пешрафти ҳар як хонанда маълумотҳо саҳеҳ арзёбӣ гардидааст, ки барои баҳогузории хонанда аз тарафи омӯзгор ва шинос шудани падару модар аз донишандузии фарзандаш бо осонӣ маълумот мегирад.

Нақши рақамикунонии соҳаи маориф имконият медиҳад, ки оид ба 744 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, 4037 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва 48 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, маълумотҳо доир ба донишандӯзии ҳар як хонанда ё донишҷӯй арзёбӣ карда мешавад.

Дар охири асри XX маълум гардид, ки то рафт бухронҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва экологӣ ба рушди соҳаҳои хоҷагии халқ хисороти зиёд расонида истодааст. Яке аз роҳҳои баромадан аз бухронҳои мазкур, ин гузаштан ба рақамикунонии соҳаи маориф, иқтисодиёт, кишоварзӣ, саноат, энергетика, нақлиёт ва дигар соҳаҳо мебошад [5, с.7-11].

Дар баробари фаъолшавии рақамикунонии соҳаи маориф, ҳолатҳои фаъолшавии технологияи нави замонавӣ дар самти илмомӯзӣ, гузаронидани тақиқотҳои илмии соҳавӣ, ихтирокорӣ, навъоварӣ, дар ҳама соҳаҳо ба назар расида ба пешравии соҳаҳо оварда расонидааст. Бинобар ин, зарурияти пурра рақамикунонии соҳаи маориф, илм ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ, мувофиқи талаботҳои имрӯзаи “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ба миён омадааст.

АДАБИЁТ:

1. Алиева Э.Ф., Алексеева А.С., Ванданова Э.Л., Карташова Е.В., Резапкина, Г.В. Цифровая переподготовка: обучение руководителей образовательных организаций // Образовательная политика. 2020. № 1(81). - С. 54-61. URL:https://edpolicy.ru/digital-retraining
2. Бороненко Т.А., Кайсина А.В., Федотова В.С. Развитие цифровой грамотности школьников в условиях создания цифровой образовательной среды // Перспективы науки и образования. № 2 (38). С. 167-193.URL: https ://cyberl eninka.ru/article/n/razvitie-tsifrovoy-gramotnosti-shkolnikovv-usloviyah-sozdaniya-tsifrovoy-obrazovatelnoy-sredy.
3. Ваганова О.И., Михайленко ДМ., Смирнова Ж.В. «Геймификация как инструмент повышения мотивации студентов профессионального обучения» // Известия Балтийской государственной академии рыбопромыслового флота: психолого-педагогические науки. 2022. № 3.
4. Маниковская М.А. Цифровизация образования: вызовы традиционным нормам и принципам морали // Власть и управление на Востоке России. № 2 (87). -С. 100-106. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/tsifrovizatsiya-obrazovaniya-vyzovytraditsionnym-normam-i-printsipam-morali.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ 28.12.2024 https://president.tj.

АННОТАЦИЯ

РОЛЬ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ В ПРИМЕНЕНИИ ЦИФРОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

В научной статье, посвященной организации цифровизации сферы образования и науки в условиях перехода к «зеленой» экономике, обеспечения продовольственной безопасности, реализации образовательных и научно-исследовательских программ, отраслевые государственные программы, планы действий, планы реализации, и Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, оцифровка сектора

образования, научно обоснованные данные для доступа к информации для студентов, бакалавриата и соискателей степени, в целях совершенствования каждого предмета, состояние обучения студентов, бакалавриатов и аспирантов стали научно обоснованными.В то же время, в данной научной статье рассматриваются вопросы влияния экономических, социальных, политических и экологических кризисов на развитие отраслей национальной экономики, пути выхода из этих кризисов, переход к цифровизации образования, экономики, особое внимание уделено сельскому хозяйству, промышленности, энергетике, транспорту и другим отраслям.

Ключевые слова: *цифровизация, образование, наука, национальная экономика, кража знаний, продовольственная безопасность, кризисы, образовательный, научный, устойчивый.*

ANNOTATION

THE ROLE OF SCIENCE AND EDUCATION IN THE APPLICATION OF DIGITAL TECHNOLOGIES

In a scientific article on the organization of digitalization of the education and science sector in the transition to a green economy, ensuring food security, implementing educational and scientific research programs, state sectoral programs, plans, action plans for the implementation of the National Strategy for the Development of Education of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030 and the, digitalization of the education sector, and the use scientifically based dfte to provide access to information forrs, students, and degree undergraduate and applicants for the improvement of each subject, students bearning progress, undergraduates, and graduate students, has been scientifically based. At the same time, this scientific article discusses the impact of economic, social, political, and environmental crises on the development of sectors of the national economy, ways out of these crises, the transition to the digitalization of education, and the economy, agriculture, industry, energy, transport and other sectors, are specifically reflected.

Keywords: *digitalization, education, science, national economy, knowledge theft, food security, crises, educational, scientific, sustainable.*

Сведения об авторах:

Акрамов Убайд Хасенович – кандидат биологических наук, доцент кафедры ботаники и сельскохозяйственной экологии Таджикский аграный университет имени Шириншох Шотемур. 734003. Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. Тел: (+992) 900009108.

Сулаймонова Ибадат Дилбаршоевна – кандидат сельскохозяйственных наук, доцент кафедры ботаники и сельскохозяйственной экологии Таджикский аграный университет имени Шириншох Шотемур. 734003. Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. Тел: (+992) 917207193.

Ниёзов Шараф – ассистент кафедры ботаники и сельскохозяйственной экологии Таджикский аграный университет имени Шириншох Шотемур. 734003. Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. Тел: (+992) 939025494

Information about the authors:

Akramov Ubaid Khasenovich – Candidate of Biological Sciences, Associate Professor of the Department of Botany and Agricultural Ecology TAU named after Shirinsho Shotemur Tel: (+992) 900009108.

Sulaimonova Ibodat Dilbarshoevna - Candidate of Agricultural Sciences, Associate Professor of the Department of Botany and Agricultural Ecology of TAU named after Sh. Shotemur. 734003. Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 146. Tel.: (+992) 917207193.

Niyozov Sharaf – assistant at the Department of Botany and Agricultural Ecology TAU named after Shirinsho Shotemur. 734003. Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 146. Tel: (+992) 939025494

ТДУ: 632:95:632.931.1.

БЕХАТАРИИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ ДАР МУҲИТИ ИСТЕҲСОЛӢ

Сулаймонова И.Д. - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон

Калимаҳои асосӣ: *муҳит, таъсир, экосистемаҳо, заҳрхимикатҳо, энтомофаг, муҳити экологии хок, агроэкосистемаҳо, касалиҳои занбурӯғӣ, ҳашаротҳои зараррасон, ғизо.*

Аз асри XX сар карда ифлосшавии муҳити зист сол ба сол ривоҷ ёфта истодааст, ки ин ҳолат боиси ифлосшавӣ ва заҳролудшавии системаҳои экологӣ ва агроэкосистемаҳо мегардад.

Дар ҳолати бо шиддат афзудани моддаҳои заҳрнок дар муҳити экологии хок, ҳамзамон дар муҳити зист, таъсири манфии худро ба сабзиш ва нашъунамои зироатҳои кишоварзӣ, инчунин ба ҳосилнокӣ ва сифати онҳо расонида сабаби ноустувории низоми бехатарии озуқаворӣ мегарданд.

Истифодаи намудҳои гуногуни заҳрхимикатҳо ба муқобили ҳашаротҳои зараррасон, бемориҳои занбурӯғӣ ва вирусӣ боис мегардад, ки ҳолати муҳити солим ба муҳити носолим ва пайдоиши бемориҳои вазнин ба мисоли саратони инсон ва олами набототу ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ боис гардидааст. Дар соҳаи кишоварзӣ яке аз роҳҳои пешгирӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ, ин гузариш ба истифодаи усулҳои биологӣ мебошад, ба мисоли истифодаи энтомофагҳо ва ғайра. Аз таъсири омилҳои экологӣ дар табиат муҳити хос ташаккул ёфта, барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ муҳити табиӣ истеҳсолиро ба вуҷуд меорад. Муҳити экологии хок барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ, инчунин барои инкишофёбии ҳашаротҳо ва микроорганизмҳои таркиби хок, яъне микрофлораи хок шароити ҳаётгузаронӣ фароҳам меоварад.

Нақши таъмини тавозуни экологии элементҳои таркиби хок, ҳавои атмосфера, об, нуриҳои маъданӣ, органикӣ, заҳрхимикатҳо, моддаҳои таъминкунандаи сабзиш ва инкишофёбии зироатҳои кишоварзӣ ва нигоҳдории сифати маҳсулоти кишоварзӣ, ниҳоят муҳим ва аҳаммияти экологӣ ва иқтисодӣ доранд.

Бо афзоиш ёфтани заминҳои кишт ва парвариши намудҳои зиёди маҳсулотҳои кишоварзӣ ба мисоли сабзавотҳо, полезиҳо, мевагиҳо ва зироатҳои техникӣ ҳолатҳои афзудани касалиҳои занбурӯғӣ, ҳашаротҳои зараррасони кишоварзӣ ва алафҳои бегона зиёд шудааст. Аммо аз таъсири истифодабарии зиёди заҳрхимикатҳо дар заминҳои кишоварзӣ ҳашаротҳои фойдаовар, яъне энтомофагҳо кам шуда истодаанд, ки ин ҳодиса дар экосистемаҳо ва агроэкосистемаҳо сабаби ба вуҷуд омадани таназзулёбӣ мегардад. Аз таъсири ҳашаротҳои заррасони зироатҳои кишоварзӣ ба мисоли ширинча, сафедболак, тортанакканаҳо, кирми ғӯза, кирми себ, гамбӯски калорадоӣ, малах ва дигар намудҳои заррасонҳо, инчунин касалиҳои замбурӯғӣ, бактериявӣ ва вирусии сабзавотҳо, полезиҳо ва мевагиҳо аз меъёри экологии табиӣ зиёд гардида ба ҳосилнокӣ ва сифатӣ маҳсулотҳои кишоварзӣ таъсири манфии худро расонидааст. Дар баробари зиёдшавии ҳашаротҳои зараррасонҳо ва касалиҳои зироатҳои кишоварзӣ, ҳолати истифодабарии заҳрхимикатҳо аз 2 то 3 маротиба афзудааст. Таҳқиқотҳои илмӣ муайян намуданд, ки ҳолатҳои воридшавии заҳрхимикатҳои намудҳои гуногун дар қабати хок ва обҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ бо шиддат зиёд шуда, ҷиҳати самарабахшии иқтисодӣ ва агроэкологии он паст шуда истодааст. Аммо таъсири ҳашаротҳои зараррасон бо шиддат афзудааст ва боиси талафёбии маҳсулоти кишоварзӣ гардидааст.

Зироатҳои кишоварзӣ аз муҳити хоки ғизо гирифта системаи экологии олами наботот зироатҳои кишоварзиро месозанд ва дар асоси он, маҳсулот истеҳсол намуда барои таъминоти ҷомеа бо ғизо нақши ҳаётан муҳимро иҷро менамоянд. Аммо ҳолати дигари тағйирдиҳандаи ҳолати табиӣ-экологӣ дар марҳилаҳои афзоиш қарор гирифта, боиси заҳролудшавии муҳити ғизогирӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ гардида истодааст. Аз таъсири захирашавӣ заҳрҳо дар қабати хок ва пасобҳои заминҳои кишоварзӣ, ҳолати талафёбии хосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, сифатнокии маҳсулоти кишоварзӣ ва ноустувории амнияти бехатарии маводи ғизо дар маҳалҳо ба миён омадааст. Ташкили технологияи инноватсионӣ барои истеҳсоли биозаҳрхимикатҳо ва энтомофагҳо аҳаммияти экологӣ ва иқтисодӣ дорад.

Аз таъсири фаъолияти заминистифодабарандагон дар як сол на кам аз 3 млн./тонна заҳрхимикатҳо дар сайёраи Замин, ки аз ин то 10 ҳазор тонаи [5] заҳрхимикатҳо дар заминҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода бурда мешавад ва воридшавии заҳрхимикатҳои дорои моддаҳои пайвастагиҳои хлордор, хроми шашвалентадор, бромдор, сурбдор, арсендор, сезийдор, симобдор, фтордор, мисдор, руҳдор ва дигар моддаҳои заҳрнок ба системаи экологии хок дохил шуда, муҳити носолимро ба вуҷуд овардааст. Аз ҳисоби зиёдшавии ҳашаротҳои зараррасон ва касалиҳои занбурӯғӣ, бактериявӣ ва вирусӣ ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ кам шудааст.

Бо назардошти ба амал омадани ҳолати ноустувории амнияти бехатарии маводи ғизо аз таъсири заҳрхимикатҳои заҳрнокиашон зиёд ва тағйирдиҳандаи сифати маҳсулоти кишоварзӣ дар кишварҳои рушдкардаи Аврупо ва Осиёи Миёна [6, с. 22], усулҳои нави мубориза бар зидди ҳашаротҳои зараррасони зироатҳои кишоварзӣ ва касалиҳои вирусӣ,

бактериявӣ, замбурӯғӣ бо истифода аз биозаҳрхимикатҳои bacillus thuringiensis - зидди ҳашаротҳои зараррасони сабзавотӣ ва меваҷотӣ, bacillus pumilus - зидди касалиҳои занбурӯғии зироатҳои сабзавотӣ ва меваҷотӣ, псевдобактерин-зидди касалиҳои замбурӯғии зироатҳои кишоварзӣ васеъ истифода мебаранд.

Ҷорӣ кардани технологияи иннаватсионӣ ва истеҳсоли энтомофагҳо имконияти зиёди барқароркунии ҳолати экологии муҳити атроф ва гирифтани маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ ҷавобгӯй меафзояд.

Нақши ҷорӣ кардани технологияи инноватсионии мубориза бар зидди зараррасонҳо ва касалиҳои зироатҳои кишоварзӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сайёраи Замин барқароршавии ҳолати экологии хок, обҳои зеризаминӣ, муҳити солим беназир арзёбӣ карда мешавад.

Расми 1.-Афзоиши зараррасонҳо ва таъсири онҳо ба сифати маҳсулотҳои кишоварзӣ

Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти сабз, марҳила ба марҳила чорӣ кардани технологияи инноватсионии аз растаниҳои қаламфури тез, сирпиёз, барги шафтолу, меваи чормағз, ҳазориспанд, банги девона ва дигар намуди набототҳо, тайёр кардани биозаҳрхимикатҳо имконият медиҳад, ки пеши роҳи паҳншавии ҳашаротҳои зараррасони зироатҳои кишоварзӣ ва касалиҳои занбурӯғӣ ва бактериявии зироатҳои кишоварзӣ гирифта шавад ва таъмини амнияти бехатарии маводи ғизо таъмин гардад.

Ҷорӣ намудани технологияи инноватсионии истеҳсоли биозаҳрхимикатҳо, биобактерияҳо ва нуриҳои сабз дар экосистемаи кишоварзӣ муҳити солимро сохта, барои таъмини бехатарии маводи ғизо ва солимии ҷомеа, муҳити зист заминаи устувор мегузорад.

Расми 2.-Аҳаммияти энтомофагҳо дар соҳаи кишоварзӣ

АДАБИЁТ

1. Кузьминов И.Ф., Бахтин П.Д., Хабирова Е.Е. Мировое сельское хозяйство «зеленеет»: отражение тренда в научной и отраслевой периодике. -М.: НИУ ВШЭ. 2018. -4 с.
2. Корнилова Л.М., Иванов Е.А., Иванов П.А. Стимулирование инновационной активности сельскохозяйственных организаций - основа цифровизации АПК // Инновационное развитие экономики, 2018. -№ 5 (47). -С. 52-58.
3. Резниченко С.С., Андреев С.Ю. Развитие аграрного сектора экономики на основе инноваций // Молодой ученый, 2016. -№ 8. -С. 27-28.
4. Стрельников А.В. Расчет интегрального показателя инновационной активности сельскохозяйственных организаций. Теория и практика мировой науки, 2017. № 1. -С. 51-53.
5. Бобоев, Ш. К. Формирование и развитие лизинговых отношений в сельском хозяйстве Республики Таджикистан : специальность 08.00.05 "Экономика и управление народным хозяйством (по отраслям и сферам деятельности, в т.ч.: экономика, организация и управление предприятиями, отраслями, комплексами; управление инновациями; региональная экономика; логистика; экономика труда; экономика народонаселения и демография; экономика природопользования; экономика предпринимательства; маркетинг; менеджмент; ценообразование; экономическая безопасность; стандартизация и управление качеством продукции; землеустройство; рекреация и туризм)" : автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Бобоев Шариф Каноатшоевич. – Душанбе, 2010. – 18 с. – EDN QHCJXH.

6. Салимов, А. Ф. Биотехнологические основы получения качественного семенного картофеля в Таджикистане : специальность 06.01.09 "Овощеводство" : автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора сельскохозяйственных наук / Салимов Амонулло Файзуллоевич. – Душанбе, 2007. – 48 с. – EDN NKRKSL.

АННОТАЦИЯ
БЕЗОПАСНОСТЬ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ПРОДУКЦИИ В ПРОИЗВОДСТВЕННОЙ СРЕДЕ

Начиная с XX века, уровень загрязнения окружающей среды растёт из года в год, что приводит к загрязнению и отравлению экологических систем, и агроэкосистем. Резкое увеличение концентрации токсичных веществ в экологической среде почвы, а также в окружающей среде негативно влияет на прорастание и рост сельскохозяйственных культур, их урожайность и качество, что приводит к нестабильности в системе продовольственной безопасности. Применение различных видов пестицидов против вредных насекомых, грибковых и вирусных заболеваний приводит к тому, что здоровая окружающая среда превращается в нездоровую и возникает ряд серьёзных заболеваний, таких как: рак у людей и сельскохозяйственной флоры и фауны. В аграрном секторе одним из способов профилактики и обеспечения безопасности пищевых продуктов является переход к использованию биологических методов, таких как использование энтомофагов и др.

Ключевые слова: *окружающая среда, воздействие, экосистемы, пестициды, энтомофаги, почвенная экологическая среда, агроэкосистемы, грибковые заболевания, насекомые-вредители, продукты питания*

ANNOTATION
SAFETY OF AGRICULTURAL PRODUCTS IN THE PRODUCTION ENVIRONMENT

Since the 20th century, the level of environmental pollution has been growing year after year, which leads to pollution and poisoning of ecological systems and agroecosystems. A sharp increase in the concentration of toxic substances in the ecological environment of the soil, as well as in the environment, negatively affects the germination and growth of agricultural crops, their yield and quality, which leads to instability in the food security system. The use of various types of pesticides against harmful insects, fungal and viral diseases leads to the fact that a healthy environment turns into an unhealthy one and a number of serious diseases arise, such as cancer in humans and agricultural flora and fauna. In the agricultural sector, one of the ways to prevent and ensure food safety is the transition to the use of biological methods, such as the use of entomophages, etc.

Key words: *environment, impact, ecosystems, pesticides, entomophages, soil ecological environment, agroecosystems, fungal diseases, insect pests, food products*

Сведения об авторе:

Сулаймонова Ибодат Дилбаршоевна-кандидат сельскохозяйственных наук, доцент кафедры ботаники и сельскохозяйственной экологии ТАУ имени Ш.Шотемур. 734003. Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. Тел.: (+992) 917207193.

Information about the author:

Sulaimonova Ibodat Dilbarshoevna - Candidate of Agricultural Sciences, Associate Professor of the Department of Botany and Agricultural Ecology of TAU named after Sh. Shotemur. 734003. Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 146. Tel.: (+992) 917207193.

ТДУ: 631.1. 633.379

ТАРЗУ УСУЛҲОИ ГИРИФТАНИ СЕ ҲОСИЛИ ЗИРОАТҲОИ КИШОВАРЗӢ ДАР ШАРОИТИ ЗАМИНҲОИ ОБИИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА

Музафарзода Д.М.-Донишгоҳи давлатии Данғара

Калимаҳои асосӣ: *гандум, ҷав, ҷуворимакка, ҷуворӣ, картошка, пиёз, лӯбиё, лӯбиёи чинӣ, мош, чормагзи заминӣ, нахӯд, мушунг, тарбуз, харбуза, сабзӣ, пиёз, шалғамча, турб, кишти якум, кишти дуюм, кишти сеюм.*

Солҳои охир бинобар сабаби зиёдшавии аҳолӣ дар кишвар таъмини аҳолӣ бо маводди ғизоии растаниасос мушкил гардидааст. Аз як тараф зиёдшавии аҳолӣ, аз тарафи дигар тағйирёбии босуръати иқлим дар соҳаи кишоварзӣ мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд оварда истодаанд. Аз ҳамин сабаб, тарзу усулҳои гуногуни парвариш ва истифодаи ҳаматарафаи самараноки замин, аз он ҷумла заминҳои обиро ба роҳ мондан зарур мебошад. Бо ин мақсад мо солҳои охир оид ба гирифтани ду-се ҳосил дар шароити заминҳои обии ноҳияи

Данғара таҷрибаҳои илмӣ гузаронида истодаем. Асоси ҳадафи гузоштаи мо саҳм гузоштан дар таъмини амнияти озуқаворию мамлакат мебошад. Дар шароити муосир паст намудани сатҳи камбизоатӣ масъалаи рӯзмарра буда, аз рушду равнақ додани соҳаи кишоварзӣ, бунёду ташкил ва фаъолияти корхонаҳои саноатӣ вобастагӣ дорад. Масоҳати заминҳои корам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати дигар давлатҳои ҳамсоя каманд [7, с. 135]. Аз ҳамин сабаб, аз шароити мавҷудаи хоку иқлими кишвар истифода карда, заминҳои обиву лалмӣ бояд самаранок истифода шаванд ва ҳосили нисбатан баланд бо тарзу усулҳои наву замонавӣ ба даст оварда шаванд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо оид ба истифодаи самараноки замин тавсияву супориш ва дастурҳо медиҳанд. Илман асоснок намудани гирифтани ду ҳосили зироатҳои кишоварзӣ давоми сол дар Тоҷикистон роҳи ҳалли худро ёфтааст, аммо тарзу усулҳои гирифтани се-чор ҳосилро роҳандозӣ намудан зарур мебошад. Ин амал ба воситаи дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмӣ дар соҳаи кишоварзӣ мақсаднок мебошад.

Омӯзишу таҳлили тарзу усулҳои гуногуни кишт, истифодаи самараноки замин бо мақсади гирифтани 2-3 ҳосил ва зиёда аз он, ба роҳ мондани киштҳои омехтаву фосилавӣ ва дигар чорабиниҳоро дар парвариши зироатҳои кишоварзӣ ба роҳ монда, таҳқиқоти илмӣ-амалӣ ва таҷрибаҳои саҳроӣ гузаронидан зарур мебошад.

Дар мақола масъалаи муҳим оид ба истифодаи самараноки замин мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор гирифтааст. Бо ҳамин мақсад истифодаи самараноки заминҳои обиро дар шароити ноҳияи Данғара ба роҳ мондем.

Растаниҳои парваришшаванда аз якдигар вобаста ба хусусиятҳои биологӣ, морфологӣ, физиологӣ ва агротехникаи парвариш фарқкунанда мебошанд. Вобаста ба навъ, намуд, муҳлати кишт, меъёри кишт, чуқурии зери хоккунии тухмӣ, ҳарорат, намнокӣ, оғоз ва давомнокии давраҳои нашъунамо тағйирёбанда мебошанд.

Ҳамаи инро ба назар гирифта, оид ба гирифтани се ҳосили зироатҳои кишоварзӣ дар шароити заминҳои обии хоҷагии деҳқонии «Муҳаммад»-и ноҳияи Данғара таҷрибаҳои илмиро ба роҳ мондем. Заминҳои киштро самаранок истифода бурдан, аз як замин гирифтани на кам аз ду-се ҳосил вазифаи асосии мутахассисону олимони соҳаи кишоварзӣ мебошад. Аз имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода намуда, маҳсулнокии ҳар як гектар замини киштбобро баланд бардоштан зарур мебошад.

Тарзу усулҳои гирифтани се ҳосили зироатҳои кишоварзӣ дар як сол аз як қитъаи замин дар заминаи имкониятҳои зерин бояд амалӣ карда шаванд:

– Интихоб намудани намуду навъҳои зудрасу серҳосил ва тобовар ба омилҳои номусоиди иқлим ва ба роҳ мондани агротехникаи дурусти парвариш яке аз амалиёти муҳимму асосӣ ба ҳисоб меравад – навъҳои зудрас имконияти зуд пухтарасии ҳосилро фароҳам меоваранд;
– Таҳияи технологияи парвариши зироатҳо барои гирифтани се ҳосил – барои ба даст овардани се ҳосил аз як майдон дар як сол интихоб намудани зироатҳо ва муҳлати кишти онҳо нақши асосӣ бозида, барои гирифтани се ҳосил зироатҳои ғаладонагии гурӯҳи якум ва дуюм, зироатҳои ғилофакдор (лӯбиёдонагиҳо), зироатҳои равғандор (зағир, кунҷит, офтобпараст, маъсар), зироатҳои сабзавотиву картошка ва зироатҳои полизиро истифода намудан зарур мебошад, ҳамчунин, хусусиятҳои биологии онҳо, давраҳои нашъунамо ва муҳлати кишти зироатҳоро дониста, дар асоси таҷрибаҳои мутахассисон ба роҳ мондан зарур мебошад;

Тартиб додани нақшаи кишти зироатҳо барои гирифтани 3 ҳосили зироатҳои кишоварзӣ – нақша, ин номгӯйи гурӯҳи зироатҳо ва заминҳои дамдода, тартиб ва ивазшавии онҳо дар киштгардон буда, он нигаронида мешавад ба миқдори майдонҳо, ҳаҷми хосси зироат ва тартиби ивазшавии зироатҳоро дар бар гирифта, дар хоҷагиҳо зироатҳоро дар майдонҳо одатан, пай дар ҳам мувофиқи нақшаи киштгардони қабулшуда парвариш мекунанд (ҷадв.1).

Истифодаи нақшаи овардашуда вобаста ба интихоби дурусти муҳлати кишт, навъҳои тезпаз ва миёнатезпаз, ҳамчунин, риояи агротехникаи парвариши зироатҳо дар асоси тавсияи олимону мутахассисон дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва захираи маводи ғизоӣ мусоидат менамоянд.

Ҷадвали 1. -Нақшаи кишти зироатҳо барои гирифтани се ҳосил дар шароити хоку иқлими ноҳияи Данғара

Кишти якум		Кишти дуюм		Кишти сеюм	
Зироат	**Навъ**	**Зироат**	**Навъ**	**Зироат**	**Навъ**
Гандум	Моҳи нав	Ҷуворимакка	Аскар	Мушунг	Маҳаллӣ
Ҷав	Баракат	Лӯбиёи чинӣ	Ситора	Сабзӣ	Мушаки сурх
Картошка	Невский	Мош	Тоҷикӣ-1	Ҷуворӣ	Ҳисор-45
Пиёз	Пешпазак	Тарбуз	Думара Ғ1	Шалғамча	Маҳаллӣ
Лӯбиё	Маҳаллӣ	Харбуза	Амирӣ	Турб	Марғелонӣ
Гандум	Алекс	Арахис	Тоҷикӣ-15	Пиёз	Ҳисорӣ
Нахӯд	Муқтадир	Ҷуворӣ	Ҳисор-45	Мушунг	Маҳаллӣ
Тарбуз	Думара Ғ1	Мош	Тоҷикӣ-1	Ҷуворӣ	Ҳисор-45

Дар асоси ҷадвали 1 нақшаи зеринро ба таври мисол ҷойгир менамоем, ки тибқи нақшаи зерин гирифтани 3 ҳосили зироатҳои кишоварзӣ имкон дорад.

Дар соҳаи кишоварзӣ барои ба даст овардани ҳосили хубу хушсифат аз сифатнокии коркарди хок, кишт, нигоҳубин ва ҷамъоварии зироатҳо вобаста мебошад. Дар бисёр мавридҳо бесифат иҷро намудани ин корҳо сабаби кам ҷамъ намудани ҳосил, бесифат будани маҳсулот, аз кор баромадани олотҳои корӣ ва умуман, баланд шудани нархи аслии маҳсулот мегардад.

Ҷадвали 2.-Нақшаи таҷрибаҳо оид ба гирифтани се ҳосил дар давоми сол

Нишондодҳо	Кишти якум	Кишти дуюм	Кишти сеюм
Нақшаи таҷрибаи I			
Зироат	Гандум	Ҷуворимакка	Мушунг
Навъҳо	Моҳи нав	Аскар	Маҳаллӣ
Муҳлати кишт	То 15-уми октябр	То 20-уми июн	То 15-уми ноябр
Пухтарасии ҳосил	То 5-уми июн	То 10-уми ноябр	То 30-юми март
Нақшаи таҷрибаи II			
Зироат	Ҷав	Лӯбиёи чинӣ	Сабзӣ
Навъҳо	Баракат	Ситора	Мшаки сурх
Муҳлати кишт	Охири сентябр-аввали октябр	Моҳи май	Август-сентябр
Пухтарасии ҳосил	Моҳи май	Август	Декабр
Нақшаи таҷрибаи III			
Зироат	Картошка	Мош	Картошка
Навъҳо	Невский	Тоҷикӣ-1	Зарина
Муҳлати кишт	Январ	Май	Сентябр
Пухтарасии ҳосил	Май	Охири август	Охири ноябр

Аз ин лиҳоз, талабот ба ташкил ва гузаронидани назорат оид ба сифатнокии корҳои саҳроӣ бо мақсади сари вақт муайян намудани камбудиҳо ва бартараф намудани онҳо вазифаи асосӣ мебошад. Дар баробари ин, муҳлати кишт, тарзу усул ва меъёри кишт низ ба ҳосилнокӣ таъсир мерасонад.

АДАБИЁТ

1. Агроклиматические ресурсы Таджикской ССР. - Л.: Гидрометеоиздат, 1976.-Ч.1., 214 с.
2. Доспехов, Б.А. Методика полевого опыта. -М.: Агропромиздат, 1985, 352 с.
3. Касымов Д.К., Каримов А. Два урожая зерна за сезон на поливных землях Ленинабадской зоны // Сельское хозяйство Таджикистана, 1996. -№ 2.
4. Касымов Д. К., Масаидов Р. С., Набиев Т. Н., Бойсариев И. Э., Шукуров Р.Э. Особенности формирования двух урожаев зерна при внесении расчетных норм удобрений // Тезисы докладов конференции профессорско-преподавательского состава института. Тадж. СХИ- Душанбе, 1991. -С. 2
5. Музафарзода Д.М. Агротехнологияҳои навини истифодаи қитъаҳои наздиҳавлигӣ ва хоҷагиҳои деҳқониву фермерӣ дар шароити Тоҷикистон: дар мисоли вилояти Хатлон. – Душанбе: Нашри Мубориз, 2022, 340 с.
6. Музафаров Д.М., Маҳмадёрзода У.М. Особенности выращивания двух урожаев зерна в условиях Дангаринского массива. –Душанбе, “ЭР-граф”, 2019. 116 с
7. Маликов, И. А. Динамика производства и реализации животноводческой продукции в рыночных условиях / И. А. Маликов, Ш. К. Бобоев, М. А. Карамова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 9. – С. 135-141. – EDN LXIFSP.

АННОТАЦИЯ

СПОСОБ И МЕТОД ПОЛУЧЕНИЯ ТРЁХ УРОЖАЕВ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ КУЛЬТУР В УСЛОВИЯХ ОРОШАЕМЫХ ЗЕМЕЛЬ ДАНГАРИНСКОГО РАЙОНА

В статье приведена информация о способе и методе получения трех урожаев сельскохозяйственных культур в год, в условиях орошаемых земель Дангаринского района. Установлено, что при первом посеве целесообразно возделывать пшеницу, ячмень, картофель, лук, фасоль, горох, арбуз. При втором посеве рекомендуется возделывание кукурузы, сои,

маша, арбуза, дыни, арахиса, а в третьем посеве – гороха овощного, моркови, сорго, редиса, редьки, лука.

Ключевые слова: *пшеница, ячмень, кукуруза, сорго, картофель, лук, фасоль, соя, маш, арахис, горох, арбуз, дыня, морковь, лук, редис, редька, первый посев, второй посев, третий посев.*

ANNOTATION
METHOD OF OBTAINING THREE HARVESTS OF AGRICULTURAL CROPS IN THE CONDITIONS OF IRRIGATED LANDS OF THE DANGARA DISTRICT

The article provides information on the method and method of obtaining three crops per year in the conditions of irrigated lands of the Dangara district. It has been established that wheat, barley, potatoes, onions, beans, peas, and watermelon should be cultivated at the first sowing. In the second crop, it is recommended to cultivate corn, soybeans, mash, watermelon, melon, peanuts, and in the third crop – vegetable peas, carrots, sorghum, radishes, radishes, onions.

Key words: *wheat, barley, corn, sorghum, potato, onion, bean, soybean, mung bean, peanut, pea, watermelon, melon, carrot, onion, radish, horseradish, first sowing, second sowing, third sowing.*

Сведения об авторе:
Музафарзода Даврон Махмадшариф – кандидат сельскохозяйственных наук, доцент, первый проректор, проректор по учебной работе Дангаринского государственного университета. 735320, Таджикистан, Дангара, улица Маркази, 25, Tel.: (+992) 907777602**.**

About the author:
Muzafarzoda Davron Mahmadsharif – Candidate of Agricultural Sciences, Associate Professor, First Vice–rector, Vice-Rector for Education of Dangara State University. 735320, Tajikistan, Dangara, st. Markasi, 25, Tel.: (+992) 907777602.

ТДУ 631.586:633.521:633.85

ИСТЕҲСОЛИ РАВҒАН ВА КУНҶОРАИ ЗАҒИР ВОБАСТА АЗ МЕЪЁРҲОИ ГУНОГУНИ ИСТИФОДАБАРИИ НУРИҲОИ МИНЕРАЛӢ ДАР ЗАМИНҲОИ ЛАЛМИИ МИНТАҚАИ ҲИСОР

Аҳмадов Д.Ш., Нарзулоев Т.С., Бегназаров Д.Б. - Институти зироаткории АИКТ

Калимаҳои асосӣ: *заҒир, равҒани растанӣ, кунҷора, нуриҳои минералӣ, навъ, заминҳои лалмӣ.*

Муҳиммии таҳқиқот. Таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо маводҳои асосии ғизоӣ, аз он ҷумла бо равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тоза нақши ниҳоят муҳимро иҷро менамояд. Барои дар амал татбиқ намудани ин масъала парвариш ва истеҳсоли зироатҳои равғандиҳанда аз қабили зироати ба тағйирёбии иқлим тобовар, махсусан ба хушксолӣ устувор заҒири равғандор ба шумор мераванд. Дар таркиби донӣ ин зироат то 40 – 42 % ва кунҷораи он то 6-8 % равған мавҷуд аст [5, с. 138], ки ин барои саломатии инсон ва рушди соҳаи чорводорӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Дар заминҳои лалмии аз боришот таъмин ва нимътаъмини минтақаҳои водигӣ, наздикӯҳӣ, миёнакӯҳӣ ва баландкӯҳи ҷумҳурӣ аз байни зироатҳои равғандиҳанда барои аҳолӣ мавқеи асосиро заҒир ишғол менамояд ва масоҳати кишти он 50 фоизро аз майдони умумии ин растаниҳо ташкил медиҳад, Т.С. Нарзулоев, М.С. Норов, Д.Б. Бегназаров, Д.Ш. Аҳмадов [2024].

Муаллифон Ф.М. Раҷабов, П.М. Азизов [2025] иттилоъ медиҳанд, ки дар ҷумҳурӣ барои истеҳсоли равғани растанӣ асосан чигити пахта, тухмии зироатҳои заҒир, маъсар ва офтобпарастро истифода мебаранд. Баъд аз афшурдани тухмии ин растаниҳо равған ва кунҷора истеҳсол карда мешавад, ки онҳо ҳамчун маводҳои ғизонокӣ энергетикиашон баланд ва серсафеда барои саломатии инсон ва рушди соҳаи чорводорӣ аҳаммияти иҷтимоию иқтисодӣ ва техникӣ доранд.

Мавод ва методикаи таҳқиқот. Таҷрибаҳои саҳроӣ дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини хоҷагии таҷрибавии “Зироаткор”- и Институти зироаткории АИКТ тайи солҳои 2021 - 2024 дар ҳудуди шаҳри Ҳисор, 8 км аз қисмати ҷанубу шарқии шаҳри Душанбе, мавзеи Ӯртабуз (ҳоло деҳаи Ганҷрез) амалӣ гашатанд. Аз қисми шарқ бо дараи Қарасӯ ва заминҳои лалмии ноҳияи Рӯдакӣ, аз ғарб бо заминҳои хоҷагии ҶДММ ба номи “А. Юсупов” ва хоҷагии таҷрибавии ба номи “Зарнисор”-и шаҳри Ҳисор ҳамсарҳад мебошад. Баландии

ҷойгиршавии қитъаи таҷрибавӣ аз сатҳи баҳр 928 метр, боришоти миёнаи бисёрсола 500 – 600 мм. Такроршавии қитъаҳои таҷрибавӣ 4 маротибагӣ ва андозаи қитъачаҳо 25м^2. Гузоштани таҷрибаҳо бо “Методикаи таҷрибаҳои саҳроӣ”-и Б.А. Доспехов [1985] ва чорабиниҳои агротехникӣ дар асоси тавсиянома оид ба “Технологияи парвариши зағир дар заминҳои лалмӣ” [2018] иҷро шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Таҳқиқотҳо муайян намуданд, ки миқдори истеҳсоли равғани растанӣ низ аз меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои минералӣ ва ҳосилнокии тухмӣ вобастагӣ дорад. Таҳлилҳои миёнаи солҳои 2021-2024 нишон доданд, ки истеҳсоли равғанӣ бештар 481кг аз 1 га аз зағири навъи “Ҳисор-10” бо истифодабарии нурии нитрогенӣ ба миқдори 60 кг, фосфорӣ 60 кг ва калийгӣ 45кг гирифта шудааст, ки ин нисбати варианти назоратӣ (бе нурӣ) ба миқдори 205 кг зиёд аст. Аз истифодабарии нурии нитрогенӣ 60кг ва фосфорӣ 60 кг дар 1 гектар 444 кг равғани аз ҷиҳати экологӣ тоза руёнида шудааст.

Дар варианти назоратӣ (бе нурӣ) ҳамагӣ 276 кг равғани растанӣ гирифта шудааст (ҷадвали 1, расми 1). Истеҳсоли равған дар варианти истифодабарии танҳо нурии нитрогенӣ аз 45 то 60 кг дар 1 гектар мутаносибан ба 332 – 365кг баробар шудааст.

Ҷадвали 1. - Истеҳсоли равғани зағири навъи “Ҳисор-10” вобаста аз таъсири меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои минералӣ, кг/га

Вариантҳои таҷриба, кг/га	Солҳо				Миёна
	2021	2022	2023	2024	
Бе нури (назоратӣ)	244	288	248	324	276
N_{45}	272	380	284	392	332
N_{60}	288	416	332	424	365
P_{40}	264	372	300	380	329
P_{60}	268	392	308	404	343
K_{45}	260	348	276	376	315
N_{45} P_{40}	332	448	344	432	389
N_{60} P_{60}	368	512	404	492	444
N_{45} P_{45}	312	468	352	440	393
N_{45} P_{40} K_{45}	348	480	364	488	420
N_{60} P_{60} K_{45}	384	544	428	568	481



Расми 1 - Истеҳсоли равғани зағири навъи “Ҳисор-10” вобаста аз таъсири меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои минералӣ, кг/га

Дар натиҷаи таҳлилҳо муайян карда шуд, ки истеҳсоли равғани зағири навъи “Ҳисор – 474” нисбат ба навъи “Ҳисор-10” нисбатан кам аст, чунки ҳосилнокии тухмӣ низ пасттар аст. Натиҷаҳо нишон доданд, ки истеҳсоли равғанӣ растанӣ ба миқдори 377 кг аз 1 гектар аз зағири навъи “Ҳисор-474” бо истифодабарии нурии нитрогенӣ ба миқдорӣ 60кг, фосфорӣ 60 кг ва калийгӣ 45кг низ рӯёнида шудааст ва ин нишондод нисбати варианти назоратӣ (бе нури) ба миқдори 139 кг зиёд аст. Дар варианти назоратӣ (бе нурӣ) ҳамагӣ 238 кг равғани растанӣ гирифта шудааст. Аз ҳисоби истифодабарии нурии нитрогенӣ 60кг, фосфорӣ 60 кг дар 1 гектар истеҳсоли равғани растанӣ ба 356 кг баробар шудааст. Ҳангоми истифодабарии танҳо нурии нитрогенӣ аз 45 то 60 кг дар 1 гектар мутаносибан 280 – 282 кг ва дар якҷоягӣ нурии нитрогенӣ 60кг ва нитрогенӣ 60 кг/га 318 кг равғани растанӣ рӯёнида шудааст (ҷадвали 2, расми 2).

Ҷадвали 2. - Истеҳсоли равғани зағири навъи “Ҳисор-474” вобаста аз таъсири меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои минералӣ, кг/га

Вариантҳои таҷриба, кг/га	Солҳо				Миёна
	2021	2022	2023	2024	
Бе нури (назоратӣ)	216	236	228	272	238
N_{45}	272	304	260	284	280
N_{60}	244	296	276	312	282
P_{40}	232	248	236	280	249
P_{60}	236	268	292	288	271
K_{45}	224	244	284	276	257
N_{45} P_{40}	284	268	312	328	298
N_{60} P_{60}	312	324	372	416	356
N_{45} P_{45}	252	272	284	352	290
N_{45} P_{40} K_{45}	300	288	324	360	318
N_{60} P_{60} K_{45}	340	344	392	432	377



Расми 2 - Истеҳсоли равғани зағири навъи “Ҳисор-474” вобаста аз таъсири меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои минералӣ, кг/га

Барои модаговҳои ширдеҳ иловагиҳои хӯрокӣ ва ретсептҳои гуногуни омехтаи хӯроки чорво маълум ҳастанд, ки аз рӯйи қисмҳои таркибӣ ва таносуби онҳо фарқият доранд. Дар ин хӯрокаҳо барои баланд бардоштани ғизонокии энергетикий ва протеини ратсионҳо қисмҳои таркибиашон баланд ва серсафеда хӯрокаҳои зерин истифода бурда мешаванд, аз он ҷумла дон, беда ва кунҷораи маъсар, офтобпараст, лӯбиёи чинӣ, ҷуворимакка, зағир ва кишти омехтаи зироатҳои хушадор бо лӯбиёгиҳо дар кишти омехтаю яклухт ва юнучқа.

Тибқи маълумотҳои Т.С.Нарзулоев, М.С.Норов, Д.Б.Бегназаров, М.М.Солиҳов, Ш.Т. Саидова, С.П. Даврукова [2023] дар таркиби кунҷораи зағир аз 30 то 36 фоиз сафеда, 8,6 % равған, 8,7% клетчатка, то 32% моддаҳои бенитрогении ҳазмшаванда мавҷуд буда, барои рушди чорво хӯрокаи серғизои баландсифат ба ҳисоб меравад. Аз ҷиҳати ғизонокӣ дар 1 кг кунҷораи зағир 1,2 воҳиди хӯрока ва 280 г протеини ҳазмшаванда муҳайё мебошад.

Аз маълумотҳои дар ҷадвали 3 овардашуда маълум аст, ки аз истифодабарии нурии нитрогенӣ ба миқдорӣ 60 кг, фосфорӣ 60 кг ва калийгӣ 45 кг дар 1 гектар ба ҳисоби миёна аз навъи зағири “Ҳисор–10” 722 кг кунҷора гирифта шудааст, ки ин нисбати варианти назоратӣ (бе нурӣ) 308 кг зиёд аст. Бо истифодабарии нурии нитрогенӣ дар ҳаҷми 60 кг ва фосфорӣ 60 кг дар 1 гектар 659 кг кунҷора гирифта шудааст ва нисбати дигар вариантҳои таҷриба бартарӣ дорад.

Аз зағири навъи “Ҳисор–474” низ бо истифодабарии нурии нитрогенӣ ба миқдори 60 кг, фосфорӣ 60 кг ва калийгӣ 45 кг дар 1 гектар 566 кг, нитрогенӣ 60 кг ва калийгӣ 60 кг 534 кг кунҷора истеҳсол шудааст, ки ин нисбати варианти назоратӣ (бе нурӣ) мутаносибан 209–120 кг бештар аст (ҷадв.4). Натиҷаҳо нишон доданд, ки аз ҳисоби истифодабарии танҳо нурии нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийгӣ ё нитрогению калийгӣ истеҳсоли равған кам гаштааст.

Ҷадвали 3. - Истеҳсоли кунҷораи зағири навъи “Ҳисор-10” вобаста аз таъсири меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои минералӣ, с/га

Вариантҳои таҷриба, кг/га	Солҳо				Миёна
	2021	2022	2023	2024	
Бе нури (назоратӣ)	366	432	372	486	414
N_{45}	408	570	426	588	498
N_{60}	432	624	498	636	548
P_{40}	396	558	450	570	494
P_{60}	402	588	462	606	515
K_{45}	390	522	414	564	473
N_{45} P_{40}	498	672	516	648	584
N_{60} P_{60}	522	768	606	738	659
N_{45} P_{45}	468	702	528	690	597
N_{45} P_{40} K_{45}	522	720	546	732	630
N_{60} P_{60} K_{45}	576	816	642	852	722

Ҷадвали 4. – Истеҳсоли кунҷораи зағири навъи “Ҳисор-474” вобаста аз таъсири меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои минералӣ, с/га

Вариантҳои таҷриба, кг/га	Солҳо				Миёна
	2021	2022	2023	2024	
Бе нури (назоратӣ)	324	354	342	408	357
N_{45}	408	456	390	426	420
N_{60}	366	444	414	468	423
P_{40}	348	372	354	420	374
P_{60}	354	402	438	432	407
K_{45}	336	366	426	414	386
N_{45} P_{40}	426	402	468	492	447
N_{60} P_{60}	468	486	558	624	534
N_{45} P_{45}	378	408	426	528	435
N_{45} P_{40} K_{45}	450	432	486	540	477
N_{60} P_{60} K_{45}	510	516	588	648	566

Хулоса. Барои гирифтани 481 кг равғани растанӣ, 722 кг кунҷора аз зағири маҳаллии навъи “Ҳисор – 10” ва 377 кг равған, 566 кг кунҷора аз зағири навъи “Ҳисор – 474” дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини минтақаи Ҳисор нуриҳои минералии нитрогенӣ 60кг, фосфорӣ 60кг ва калийгӣ 45 кг дар 1 гектар дар намуди моддаи таъсирнок бо усулӣ тасмагӣ дар давраи кишт ба роҳ монда шавад.

АДАБИЁТ

1. Доспехов Б. А. Методика полевого опыта. – М.: Агропромиздат, 1985. - 351с.
2. Нарзулоев Т.С., Норов М.С., Бегназаров Д.Б., Солиҳов М.М., Саидова Ш.Т., Даврукова С.П. Зироатҳои равғандиҳанда. -Душанбе, 2023. – КВД “Матбаа”. – 272с.
3. Технологияи парвариши зағир дар заминҳои лалмӣ (Дастур) - Душанбе, 2024. - 34с.
4. Раҷабов Ф.М., Азизов П.М. Таъсири кунҷораи зироатҳои гуногуни зироатҳои равғандиҳанда дар таркиби хӯроки омехта ба маҳсулнокии ширии модоговҳои зоти симменталӣ // Кишоварз (Земледелец), 2025. - №1 (106). – С.90 - 95.
5. Маликов, И. А. Динамика производства и реализации животноводческой продукции в рыночных условиях / И. А. Маликов, Ш. К. Бобоев, М. А. Карамова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 9. – С. 135-141. – EDN LXIFSP.

АННОТАЦИЯ
ПРОИЗВОДСТВО МАСЛА И ЖМЫХА ЛЬНА, В ЗАВИСИМОСТИ ОТ ПРИМЕНЕНИЯ РАЗЛИЧНЫХ НОРМ МИНЕРАЛЬНЫХ УДОБРЕНИЙ НА БОГАРНЫХ ЗЕМЛЯХ ГИССАРСКОЙ ЗОНЫ

В статье приведены данные о производстве льяного масла и жмыха сорта масличного льна “Хисор – 10” и “Хисор – 474” в зависимости от использования различных норм минеральных удобрений. Результаты исследования показали, что 481кг/га масла и 722 кг жмыха получен от сорта льна “Хисор – 10” и 377 кг/га масла и 534 кг жмыха от сорта льна “Хисор – 474”, при использовании азотного удобрения 60кг, фосфора 60 кг и калия 45кг действующего вещества, локальным методом во время посева.

Ключевые слова: *льён, растительное масла, жмых, минеральные удобрения, сорт, богарные земли.*

ANNOTATION

PRODUCTION OF FLAX OIL AND CAKE DEPENDING ON THE USE OF VARIOUS RATES OF MINERAL FERTILIZERS IN RAINFOLD LANDS OF THE GISSAR ZONE

The article presents data on the production of vegetable oil and cake of the flaxseed varieties "Hisor - 10" and "Hisor - 474" depending on the use of various rates of mineral fertilizers. The results of the study showed that 481 kg / ha of oil and 722 kg of cake were obtained from the flax variety "Hisor - 10" and 377 kg / ha of oil and 534 kg of cake from the flax variety "Hisor - 474" using nitrogen fertilizer 60 kg, phosphorus 60 kg and potassium 45 kg.

Key words: *flax, vegetable oil, cake, mineral fertilizers, variety, dry lands.*

Сведения об авторе:

Ахмадов Дилшодбек Шарифович-соискатель Института земледелия Таджикской академии сельскохозяйственных наук,735022,Республика Таджикистан, г.Гиссар, пос.Шарора, ул.Дусти-1,Тел:(+992) 907-96-80-89.

Нарзулоев Тош Садулоевич – главный научний сотрудник Института земледелия Таджикской академии сельскохозяйственных наук, 735022, Республика Таджикистан, г. Гиссар, пос. Шарора, ул. Дусти – 1, Тел: (+992) 903-33-96-80.

Бегназаров Давлатманд Бобошоевич – заведующий отделом масличных култур Института земледелия Таджикской академии сельскохозяйственных наук, 735022, Республика Таджикистан, г. Гиссар, пос. Шарора, ул. Дусти – 1, Тел: (+992) 907-15-25-85.

About the authors:

Akhmadov Dilshodbek Sharifovich-applicant of the Institute of Agriculture of the Tajik Academy of Agricultural Sciences, 735022, Republic of Tajikistan, Gissar city, Sharora settlement, Dusti street 1, Tel.: (+992) 907-96-80-89.

Narzuloev Tosh Sadulloevich – chief researcher of the Institute of Agriculture of the Tajik Academy of Agricultural Sciences, 735022, Republic of Tajikistan, Gissar city, Sharora settlement, Dusti street – 1, Tel.: (+992) 903-33-96-80.

Begnazarov Davlatmand Boboshoevich – head of the Department of oil crops, Institute of Agriculture, Tajik Academy of Agricultural Sciences, 735022, Republic of Tajikistan, Gissar city, Sharora village, Dusti street - 1, Tel: (+992) 907 - 15 - 25 - 85.

ТДУ: 631.531.1 + 633.11

ОМӮЗИШИ МУҲЛАТҲОИ КИШТИ НАВЪҲОИ ГАНДУМ ВОБАСТА БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ДАР ШАРОИТИ ЗАМИНҲОИ ЛАЛМИИ НОҲИЯИ ДЕВАШТИЧ

Музафарзода Д.М.[1], Мирзоев Х.Э.[2] –[1]Донишгоҳи давлатии Данғара
[2]Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *тағйирёбии иқлим, навъ, гандум, муҳлати кишт, ҳосилнокӣ, маҳсулнокӣ.*

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани Истиқлолият ба дигаргуниҳои зиёде рӯ ба рӯ гардид. Яке аз дигаргуниҳои асосӣ зиёд шудани аҳолии кишвар ба ҳисоб меравад. Ҳангоми зиёд шудани аҳолӣ талабот ба маводи ғизоӣ низ меафзояд. Дар баробари зиёдшавии аҳолӣ солҳои охир тағйирёбии иқлим ба назар расида истодааст, ки ин дар таъмини аҳолӣ бо маводи ғизоӣ проблемаи ҷиддиро ба миён оварда истодааст. Аз ҳамин сабаб, тамоми роҳу усулҳои дурусти парвариши зироатҳо ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулотро дарёфт намудан зарур мебошад.

Чи тавре, ки маълум аст, бештар аз 66 фисади аҳолии кишвар ба кишоварзӣ шуғл доранд [6, с. 140], ки қисмати зиёдтар аз 50%, аниқтараш дар 55%-и майдони кишт зироатҳои ғалладонагиро дар заминҳои лалмӣ ба роҳ мемонанд. Ҳолатҳои зикршуда ба муҳимму саривақтӣ будани таҳияи барномаҳову принсипҳои мақсадноку мутобиқ намудани онҳо дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат мекунанд.

Омилҳое, ки ба баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулот мусоидат мекунанд, инҳоянд:

- *ба роҳ мондани агротехникаи нав (коркарди минималии хок, кишти лонагӣ, обёрии қатрагӣ)*;
- *ҷорӣ намудани тарзу усулҳои барқарор намудани ҳосилхезии хок* (истифодаи нуриҳо, истифодаи компостҳо, истифодаи шарбатоба, мубориза бар зидди эрозия, шусташавӣ ва шӯршавии хок, ба роҳ мондани киштгардон бо истифодаи зироатҳои ғилофакдор);
- *интихоби дурусти зироатҳо ва навъҳои тобовар ба шароити номусоиди иқлим (*истифодаи растаниҳои ба тағйироти агроиқлимӣ устувор, кишти навъҳои зироатҳои ғалладонагӣ ва дигар зироатҳои ба омилҳои номусоид устувор);

- *рушду тараққиёти тухмипарварӣ ва мутобиқ намудани навъҳои маҳаллӣ ба шароити хоку иқлими минтақаи парвариш (*дастгирии молиявии хоҷагиҳои тухмипарвар, парвариши навъҳои ба сардӣ ва хушксолӣ устувор, мутобиқшуда ва ноҳиябандишудаи растаниҳо);
- *ба роҳ мондани таҷрибаву усулҳои истифодаи самараноки обу замин (*бунёд намудани низоми обтақсимкуниву обченкунӣ, мустаҳкаму тоза намудани каналу обгузарҳо, обёрии қатрагӣ, истифодаи дурусти замин, гузаронидани киштҳои омехта, гиритфани ду се ҳосил ва ғайра).

Оид ба гуфтаҳои боло барои парвариши дурусти растаниҳо таҷрибаҳои илмӣ мусоидат мекунанд. Бинобар ин, дар шароити заминҳои лалмии Кооперативи тиҷоратии «Далёни Боло»-и ноҳияи Деваштич мо давоми солҳои 2021-2024 дар бораи омӯхтани муҳлатҳои бехтарини кишт ва таъсири он ба ҳосилнокии гандум таҷрибаҳои илмии саҳроӣ гузаронидем.

Шароити хоку иқлими ноҳияи Деваштич барои гузаронидани кишти зироатҳои ғалладонагӣ, аз он ҷумла барои парвариши гандум мусоид мебошад, чунки ҳарорати мусоид ва боришоти атмосферӣ қисман кифоягӣ мекунад (Агроклиматический ресурсы Таджикской ССР., 1973) [1].

Асосу мақсади таҷрибаҳои гузаронидаи мо омӯхтани муҳлати бехтарини кишти гандум ва муайян кардани навъҳои бехтарини ба хушкӣ тобовари гандум дар шароити заминҳои лалмии ноҳияи Деваштичи вилояти Суғдро ташкил менамояд. Таҷрибаҳо дар асоси методикаи пешниҳодкардаи Доспехов Б.А. (1985) гузаронида шуд [2].

Омӯзишу муайян кардани маҳсулнокии навъҳои гандум ва омӯхтани муҳлатҳои кишт дар шароити хоку иқлими заминҳои лалмии ноҳияи Деваштич мақсади ниҳоӣ мебошад.

Хокҳои минтақаи таҷрибавӣ аз моддаҳои ғизоӣ нисбатан камбағал буда, бо истифодаи нуриҳо ҳосили зироатҳо баланд бардошта мешавад. Хокҳои минтақа ба гурӯҳи хокҳои хокистарранг марбут мебошанд [3].

Вазифаҳои таҳқиқот аз инҳо иборатанд: кишти навъҳои пурмаҳсули гандум дар қитъаҳои таҷрибавӣ; муайян намудани муҳлати бехтарини кишти зироатҳои ғалладонагӣ, аз он ҷумла гандум дар шароити заминҳои лалмии ноҳияи Деваштич; гузаронидани мушоҳидаи фенологӣ дар давраи нашъунамои навъҳои гундум; муайян кардани ташаккулёбии растаниҳо; муайян кардани дараҷаи ташаккулёбии аломатҳои ҳосил; муайян кардани ҳосилнокии навъҳо вобаста ба муҳлати кишт.

Ҳангоми гузаронидани таҳқиқот ба сифати маводи кишт навъҳои зерини гандум: “Иришка,” “Наврӯз”, “Ҷамрун”, “Краснодар-99” ва “Крассар” интихоб шуданд.

Дар шароити хоку иқлими ноҳияи Деваштич вобаста ба боришоти атмосферӣ кишти тирамоҳии навъҳои гандум ба роҳ монда шуданд. Навъи “Крассар”-ро ҳангоми кишти баҳорӣ низ дар се муҳлат (22-юми январ, 5-уми март ва 22-юми март) ба роҳ мондем.

Ҷадвали зерин ба мушоҳидаҳои фенологии навъҳои гандум бахшида шудааст (ҷадв.1).

Ҷадвали 1.-Санаи фарорасии давраҳои нашъунамои навъхои гандум вобаста ба муҳлатҳои кишт дар заминҳои лалмии ноҳияи Деваштич (ҳисоби миёнаи солҳои 2022-2024)

Навъ	Санаи кишт	Муҳлатҳои фарорасии давраҳои инкишоф					
		Сабзиш	Панҷазанӣ	Найчабандӣ	Хӯшабандӣ	Гулкунӣ	Пухтарасӣ
Иришка	01.11	06.12	14.01	25.03	20.04	26.04	01.06
Краснодар-99	01.11	06.12	16.01	27.03	22.04	28.04	02.06
Иришка	10.11	06.12	14.01	25.03	20.04	26.04	01.06
Краснодар-99	10.11	06.12	16.01	27.03	22.04	28.04	02.06
Иришка	20.11	06.12	14.01	25.03	20.04	26.04	01.06
Краснодар-99	20.11	06.12	16.01	27.03	22.04	28.04	02.06
Ҷамрун	04.12	13.12	21.01	03.04	28.04	04.05	03.06
Наврӯз	04.12	13.12	24.01	05.04	30.04	06.05	12.06
Краснодар-99	04.12	13.12	26.01	07.04	02.05	08.05	05.06
Иришка	15.12	25.12	06.02	13.04	05.05	12.05	09.06
Краснодар	15.12	26.12	09.02	16.04	08.05	15.05	12.06
Красар	22.01	31.01	06.03	10.04	02.05	08.05	10.06
Красар	05.03	13.03	05.04	26.04	14.05	18.05	17.06
Красар	22.03	30.03	17.04	06.05	20.05	24.05	22.06

Аз ҷадвали 1 бармеояд, сабзиши гандум вобаста ба ҳарорати ҳаво ва муҳлати кишт фарқ менамоянд. Мувофиқи мушоҳидаҳои гузаронидаи мо растаниҳо давраи оромии зимистонаро аз даҳрӯзаи сеюми моҳи декабр оғоз намуданд. То ин вақт ҳарорати ҳаво барои нашъунамои гандум мувофиқ буд ва боридани барф дар охири моҳи декабр ба мушоҳида расид.

Оид ба омӯхтани муҳлати кишти гандум дар шароити заминҳои лалмӣ давоми солҳои 2012-2015 дар шароити хоку иқлими ноҳияи Данғара таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби Музафаров Д.М., Маҳмадёров У.М. ва Расулов Б.Р. гузаронида буданд [4].

Солҳои охир бошад, бо роҳбарии Маҳмадёрзода У.М. ва Музафарзода Д.М. дар шароити заминҳои лалмии ноҳияи Деваштич оид ба маҳсулнокии нисбии навъҳои гандум таҷрибаҳои илмӣ гузаронида мешаванд [5].

Асос ва мақсади таҷрибаҳои мазкурро омӯзишу таҳқиқи муҳлати беҳтарини кишти гандум дар шароити заминҳои лалмии ноҳияи Деваштич ташкил менамояд.

Навъҳои гандум дар шароити заминҳои лалмии ноҳияи Деваштич вобаста ба боришоту намнокии таркиби хок хуб нашъунамо карда, то фасли тобистон идома ёфтанд.

Натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки навъҳое, ки дар 1-уми ноябр, 10-уми ноябр ва 20-уми ноябр кишт карда будем, давраи сабзида баромадани онҳо 6-уми декабр ба вуқуъ омаданд. Сабаби дер сабзида баромадани майсаҳо, ҳамчунин дар як муҳлат баромадани онҳо дар он мебошад, ки намнокии хок кифоя набуд. Панҷазании ниҳолҳо бошад, аз 14-уми январ то 16-уми январ дома ёфтанд.

Қитъаҳое, ки навъҳои «Ҷамрун», «Наврӯз» ва «Краснодар-99» дар санаи 5-уми декабр кишт шуда буданд, санаи 13-ум ва 14-уми декабр неш зада баромаданд.

Ҷадвали 2.-Давомнокии давраҳои нашъунамои навъҳои гандум вобата ба муҳлати кишт дар шароити заминҳои лалмии ноҳияи Деваштич (ҳисоби миёнаи солҳои 2022-2024)

№	Навъ (санаи кишт)	Миқдори рӯзҳо					
		кишт-сабзиш	сабзиш-панҷазанӣ	панҷазанӣ-найчабандӣ	найчабандӣ-хӯшабандӣ	хӯшабандӣ-гулкунӣ	гулкунӣ-пухтарасӣ
1	Иришка (01.11)	35	39	70	26	6	36
2	Краснодар-99 (01.11)	35	41	70	26	6	38
3	Иришка (10.11)	25	39	70	26	6	36
4	Краснодар-99 (10.11)	25	41	70	26	6	38
5	Иришка (20.11)	15	39	70	26	6	36
6	Краснодар-99 (20.11)	15	41	70	26	6	38
7	Ҷамрун (04.12)	9	39	72	25	6	30
8	Наврӯз (04.12)	9	42	70	24	6	37
9	Краснодар-99 (04.12)	9	44	71	26	6	29
10	Иришка (15.12)	10	43	65	21	7	29
11	Краснодар-99 (15.12)	11	45	67	23	7	29
12	Красар (22.01)	9	34	35	22	6	33
13	Красар (05.03)	8	22	21	18	4	30
14	Красар (22.03)	8	18	19	15	4	29

Нашъунамои баҳории ғалладонагиҳо ба охири моҳи феврал рост омад. Вобаста ба Қитъаи дигаре, ки санаи 15-уми декабр кишт шуда буданд навъҳои «Иришка», «Краснодар» пас аз 9 рӯзи кишт, аниқтараш дар санаи 25-уми декабр сабзида баромаданд.

Дар қитъаи дигар, ки навъи «Красар» дар санаи 20-уми январ кишт шуда буд, баъди 9-рӯз, яъне дар санаи 29-уми январ майсаҳо намоён шуданд.

Дар қитъаи замине, ки навъи «Красар» санаи 5-уми март кишт шуда буд, баъди 8 рӯзи кишт (13-14-уми январ) сабзида баромаданд;

Дар қитъаи охирон навъи «Красар» дар таърихи 20-уми март кишт шуда буд ва он дар таърихи 28-уми март неш зада баромаданд.

муҳлати кишт бо дар назардошти давраи оромӣ давомнокии давраи сабзиш – панҷазанӣ дар навъҳои парваришёбанда 18-45 рӯзро ташкил намуданд. Аз таҳлили ҷадвал бармеояд, давраи ташаккули элементҳои ҳосил то давраи гулкунӣ ба моҳи апрел ва моҳи май рост меояд. Дар ҷадвали зерин вобаста ба муҳлатҳои кишт давомнокии давраҳои нашъунамои навъҳои гандум оварда шуд.

Аз таҳлили ҷадвали дарҷгардида маълум аст, ки вобаста ба хусусиятҳои биологиашон навъҳои гандум аз ҳамдигар бо аломату хусусиятҳояшон, аз он ҷумла фарорасӣ ва давомнокии давраҳои нашъунамояшон фарқкунанда мебошанд. Вобаста ба муҳлати кишт,

ҳарорат, намнокӣ ва боришот оғоз ва давомнокии давраҳои нашъунамои навъҳои гандум дар шароити заминҳои лалмӣ тағйирёбанда мебошад.

Дар баробари мушоҳидаҳои фенологии давраҳои нашъунамои навъҳои гандум массаи биологии онҳо муайян карда шуданд. Дар диаграмма мо натиҷаи баҳодиҳии дарозии пояи навъҳои гандум ва дарозии хӯшаи навъҳои онро ҷойгир намудем. Чи тавре ки дида мешавад, дар давраи гулкунӣ баландии пояи навъҳои гандум вобаста ба навъ ва муҳлати кишт 70,0-125 см-ро ташкил намуданд.

Дар навъҳои «Краснодар-99», «Иришка» ва «Ҷамрун» нишондодҳои мазкур нисбатан пасттар буданд, ки ин аз 70,0 то 82,5 см-ро ташкил намуд. Навъҳои қадпаст ҳангоми ба амал омадани шамолҳои сахт ва боронҳои пуршиддат устуворӣ худро ба хобидан таъмин мекунанд. Баландии қади навъҳои «Красар» ва «Наврӯз» нисбатан дарозтар буданд, ки он ба 96-125 см мерасид. Аммо ҳангоми ба вуҷуд омадани шамолҳои сахт ва боришоти пай дар пайи пуршиддат хобидани растаниҳои мушоҳида гардиданд. Дар таҷрибаи мазкур дарозии хӯшаҳои навъҳои гандум санҷида шуд ва вобаста ба муҳлати кишт аз 7,6 см то 11 см-ро ташкил намуданд.



Диаграмма.-Баландии пояҳо ва дарозии хӯшаҳои навъҳои гандум дар давраи гулкунӣ, см

Дар шароити заминҳои лалмӣ маҳсулнокии навъҳои зироатҳо, аз он ҷумлаи зироатҳои ғалладонагӣ аз дараҷаи таъминнокии онҳо бо намӣ, ки аз ҳисоби боришоти атмосферӣ хок ғун намудааст, вобаста мебошад.

Ҳосилнокии баланди гандум дар шароити заминҳои лалмӣ пеш аз ҳама ба миқдори боришоти атмосферӣ вобаста мебошад. Захираи намии заминҳои лалмӣ имконияти гирифтани ҳосили нисбатан баландро ба вуҷуд меоранд. Аммо аз ҳисоби захираи ками намнокӣ, ҳосилхезии кам ё пасти хокҳо гирифтани ҳосили ҳақиқии имконпазир монеа мешаванд. Чунки дар шароити заминҳои лалмии чунин минтақаҳо бештар хокҳои хокистарранг паҳн гардидаанд. Ин намуди хокҳо аз ҳисоби миқдори моддаҳои ғизоӣ, хусусан аз ҳисоби миқдори фосфори ҳаракаткунанда ба хокҳои камтаъмин дохиланд.

Барои парвариши гандум меъёри нуриандозӣ дар шароити заминҳои лалмӣ ба шароити намнокии таркиби хок ва хусусиятҳои биологии растании пешинакишт, ки дараҷаи ҳосилхезии хок ва намнокӣ ба он вобастагӣ дорад, ҳамчунин, хусусиятҳои навъҳо ва миқдори ҳосили тарҳрезишуда вобаста мебошанд.

Пеш аз шудгор дар шароити заминҳои лалмии ноҳияи Деваштич 200 кг/га суперфосфат пош дода шуд. Дар давраи нашъунамои гандум ду бор нурии нитрогенӣ (карбамид) ба меъёри 200 кг/га пошида шуд. Ҳамин тавр, ҳосили нисбатан хуби зироати гандум дар шароити заминҳои лалмии ноҳияи Деваштич ба даст оварда шудааст (ҷадвали 3).

Аз маълумоти дар боло дарҷшуда бармеояд, ки ҳосилнокии гандум аз навъ ва муҳлати кишт вобаста мебошад. Вобаста ба навъ, муҳлати кишт, ҳарорат, намнокӣ ва боришот дар шароити заминҳои лалмии ноҳияи Деваштич ҳосилнокии гандум тағйирёбанда мебошад.

Таъсири омилҳои агроиқлимӣ, муҳлату меъёр ва тарзи кишт дар ташаккули ҳосил нақши муҳим мебозад.

Ҷадвали 3.-Ҳосилнокии навъҳои гандум вобаста ба муҳлати кишт дар шароити заминҳои лалмии ноҳияи Деваштич (ҳисоби миёнаи солҳои 2022-2024)

№	Навъ	Санаи кишт	Ҳосилнокӣ, с/га
1.	Иришка	1-уми ноябр	40,5
2.	Иришка	10-уми ноябр	40,5
3.	Иришка	15-уми декабр	35,0
4.	Краснодар-99	1-уми ноябр	41,6
5.	Краснодар-99	10-уми ноябр	41,6
6.	Краснодар-99	15-уми декабр	35,6
7.	Краснодар-99	5-уми декабр	36,9
8.	Ҷамрун	5-уми декабр	42,4
9.	Наврӯз	5-уми декабр	24,6
10.	Красар	20-уми январ	32,8
11.	Красар	5-уми март	26,7
12.	Красар	20-уми март	19,8

Ҳангоми дер гузаронидани кишт шароит барои инкишофи растаниҳо мушкил шуда, давраҳои шадиди нашъунамои растаниҳо ба хушкӣ ва ҳарорати баланди ҳаво мутобиқ омада, расиши ҳосил қатъ мегардад, ки дар киштзори заминҳои лалмӣ аз сабаби норасоии намнокӣ инкишофи зироатҳо боздошта мешаванд, ки дар натиҷа ҳосилнокии зироат якбора кам мегардад. Ба ғайр аз ин, дар мавриди дер кардани муҳлати кишт боиси паҳн шудани алафҳои бегона гашта, дар натиҷа барои алафҳои бегона шароити мусоид ба вуҷуд меояд.

Ҳангоми гузаронидани кишти дерии гандум рушду инкишофи низоми реша, халалдор шуда, раванди обутобёбии зироат бад гардида, ҷамъшавии захираи карбогидратҳо дар фасли зимистон мушкил гашта, зери таъсири шароити бади сардии зимистон киштзорҳо сирак мегарданд, дар натиҷа тухмиҳо дар зери хоки хунуки намнок мепӯсанд, майсаҳо аз сардӣ осеб ёфта, қобилияти сабзиши саҳроии тухмиҳо ва маҳсулнокии растаниҳо паст мегарданд. Аз маълумоти зикргардида бармеояд, ки ҳам гузаронидани кишти аз муҳлат барвақт ва ҳам гузаронидани кишти дерии зироат боиси сирак гаштани майдонҳо ва паст рафтани маҳсулнокӣ мегардад.

Аз ҳамин сабаб вазифаи мутахассисони соҳаи кишоварзӣ дар самти парвариши зироатҳои кишоварзӣ гузаронидани кишти зироатҳо дар муҳлати мусоид бо дар назардошти хусусиятҳои биологии зироат, навъ, шароити хоку иқлимии минтақа ва хоҷагиҳои мушаххас иборат мебошад. Дар ҳамин маврид, нишондоди асоситарини муайян намудани муҳлатҳои кишт дар шароити заминҳои лалмӣ намнокии таркиби хок ва фарорасии ҳарорати мусоид дар хок барои сабзиши тухмиҳо дар чуқурии қарордошти тухмӣ, ки сабзиши сартоосарӣ ва солимии майсаҳоро таъмин мекунад, ба ҳисоб меравад.

Барои минбаъд зиёд кардани истеҳсоли ғалла татбиқи усули шадиди парвариши зироатҳои ғалладонагӣ аҳамитяти муҳим дорад. Зеро усули шадид танҳо ба истифодаи самараноки захираҳои мавҷудаи моддию техникӣ ва истифодаи васеи дастовардҳои илму амалияи пешқадам такя мекунад.

Аҳаммияти асосии усули шадиди кишти зироатҳо аз риоя намудани талаботи зерин: коштани зироатҳо пас аз пешинакишти қимматбаҳо дар силсилаи киштгардонҳо; татбиқи навъҳо ва дурагаҳои серҳосилу ба нахобидан устувори зироатҳо; таъмини аниқи растаниҳо бо маводи ғизоӣ; қисм-қисм пошидани нуриҳои нитрогенӣ дар давраи нашъунамои растаниҳо аз рӯйи нишондоди ташхиси хоку растаниҳо бо дарназардошти давраҳои пайдоиши узвҳо; истифодаи усули якҷоякардашуда барои муҳофизати растаниҳо аз алафҳои бегона, ҳашароти зараррасон, касалиҳо ва истифодаи моддаҳои фаъоли сабзонанда; сари вақт ва хушсифат гузаронидани чорабиниҳои технологияи парвариши зироатҳо; ҳифзи хок аз бодлесӣ ва захиракунии намии хок; муҳайё кардани шароити аниқ барои сабзишу инкишофи растаниҳо; тез ва беталаф ҷамъовардани ҳосил иборат мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Агроклиматический ресурсы Таджикской ССР. –Ч.1.Л.: Гидрометеоиздат, 1973.
2. Доспехов, Б.А. Методика полевого опыта. -М.: Агропромиздат, 1985.
3. Кутеминский В.Я., Леонтьева Р.С. Почвы Таджикистана. Условия почвообразования и география почв // Вып. 1. Душанбе: Ирфон, 1966.

4. Музафаров Д.М., Маҳмадёров У.М., Расулов Б.Р. Таъсири муҳлати кишт ба ҳосилнокии навъҳои гандум дар шароити заминҳои лалмии ноҳияи Данғара. //Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, -№ 1 (1) 2015. –С. 57-62.
5. Мирзоев Х.Э., Музафарзода Д.М., Маҳмадёрзода У.М. Маҳсулнокии навъҳои гандум дар шароити заминҳои лалмии ноҳияи Деваштич. //Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ "Нақши Пешвои миллат дар саноатикунонии соҳаи кишоварзии мамлакат ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин/ – Данғара, – С. 87-92.
6. Маликов, И. А. Динамика производства и реализации животноводческой продукции в рыночных условиях / И. А. Маликов, Ш. К. Бобоев, М. А. Карамова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 9. – С. 135-141. – EDN LXIFSP.

АННОТАЦИЯ

ИЗУЧЕНИЕ СРОКОВ ПОСЕВА СОРТОВ ПШЕНИЦЫ В СВЯЗИ С ИЗМЕНЕНИЕМ КЛИМАТА В БОГАРНЫХ УСЛОВИЯХ ДЕВАШТИЧСКОГО РАЙОНА

В статье рассматривается влияние различных сроков посева (1 и 10 ноября, 5 и 15 декабря, 5 и 20 января, 5 и 20 марта) на рост, развитие и продуктивность сортов мягкой пшеницы в богарных условиях Девашстичского района. Показано преимущество посевов в первой декаде ноября сортов «Иришка» и «Краснодар-99», по сравнению с другими сроками посева, по урожайности зерна пшеницы.

Ключевые слова: *изменение климата, сорт, пшеница, сроки посева, урожайность, продуктивность.*

ANNOTATION

STUDY OF SOWING DATES OF WHEAT VARIETIES IN CONNECTION WITH CLIMATE CHANGE UNDER RAINFED CONDITIONS OF THE ASHTICH DISTRICT

The article considers the influence of different sowing dates (November 1 and 10, December 5 and 15, January 5 and 20, March 5 and 20) on the growth, development and productivity of soft wheat varieties under rainfed conditions of the Devashtich district. The advantage of sowing in the first ten days of november for» Irishka» and «Krasnodar-99» varieties compared to other sowing dates on the yield of wheat grain is shown.

Keywords: *climate change, variety, wheat, sowing dates, yield, productivity*.

Сведения об авторах:

Музафарзода Даврон Махмадшариф – кандидат сельскохозяйственных наук, доцент, первый проректор, проректор по учебной работе Дангаринского государственного университета. 735320, Таджикистан, Данғара, улица Маркази, 25, Tel.: (+992) 907777602; 918285494.

Мирзоев Хусравджон Эраджович – докторант рнD кафедры растениеводства Таджикского аграрного университета имени Ширинхох Шотемур, тел.: (+992) 928743333.

About the authoros:

Muzafarzoda Davron Mahmadsharif – Candidate of Agricultural Sciences, Associate Professor, First Vice–rector, Vice-Rector for Education of Dangara State University. 735320, Tajikistan, Dangara, st. Markasi, 25, Tel.: (+992) 907777602; 918 28 54 94.

Mirzoev Khusravjon Eradzhovich – - doctoral student of the Tajik Agrarian University named after Sh. Shotemur, 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 146, tel.: (+992) 928743333.

ТДУ: 631.895. 633.379

ИСТИФОДАИ НУРИҲО ДАР ПАРВАРИШИ РАСТАНИҲОИ ЛӮБИЁДОНАГӢ ДАР ШАРОИТИ ЗАМИНҲОИ ОБИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ

Раҳмонов Ҳ.Ш.-Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Калимаҳои асосӣ: *нуриҳо, узвӣ, маъданӣ, ҳосилнокӣ, навъ, лӯбиёи маҳаллӣ, лӯбиёи чинӣ, мош, шароит, заминҳои обӣ.*

Барои сабзиши муътадил ва нашъунамои хуб наботот моддаҳои гуногуни ғизоӣ ва унсурҳои муҳитро талаб менамоянд. Пеш аз ҳама унсурҳои зерини ғизоии зерин: нитроген (N), фосфор (P), калий (K), руҳ (Zn), молибден (Mo), манган (Mn), мис (Cu), кобалт (Co), оҳан (Fe), магний (Mg)-ро аз хок мегиранд.

Нуриҳои узвӣ (органикӣ) ва маъданӣ (минералӣ) дар рушду инкишофи наботот ва баланд бардоштани маҳсулнокии растаниҳо нақши муҳим мебозанд. Дар давлатҳои пешрафтаву тараққикардаи дунё то 50 ва 60%-и [6, с. 63] ҳосил аз ҳисоби нуриҳо вобастагӣ доранд [1, с.3].

Дар вақти парвариш кардани растаниҳо нуриҳои узвӣ (пору) ва маъданӣ – нуриҳои нитрогендор, фосфордор ва калийдорро истифода мебаранд. Дар ғизогирии растаниҳо микроэлементҳои Ca, Mg, Fe, B, Zn, Cu, Co, Mn ва дигарҳо низ аҳаммияти калон доранд.

Ба нуриҳои органикӣ пору, саргини парандаҳо, торф, нуриҳои сабз, компостҳо ва ғайраҳо дохил мешаванд. Пору дар байни нуриҳои органикӣ нурии асосиву паҳнгардида ба ҳисоб рафта, дар рушду инкишофи растаниҳо таъсири мусбат расонида, сохтори физикавию химиявии хокро беҳтар менамояд. Меъёри истифода намудани пору гуногун буда, ба растанӣ, пешинакишт ва хусусиятҳои хоку иқлим вобаста мебошад. Миқдори лозимии нуриҳои ба хок воридшуда зиёдшавии ҳосили растаниҳоро таъмин менамояд.

Зироатҳои лӯбиёдонагӣ ба нуриҳо, аз он ҷумла ба нуриҳои узвӣ серталабанд. Нуриҳои минералиро бошад, бо дарназардошти ҳосили тарҳрезишуда ва дараҷаи аз хок баровардани NPK истифода менамоянд. Барои истеҳсол шудани як сентнер ҳосили дон зироати лӯбиё ва зироати мош ва ҳамин миқдор баргу пояҳо аз хок 6 кг N, 1,4 кг P ва 3 кг K-ро меҷаббад [2, с.163].

Барои пайдо шудани як сентнер дони лӯбиёи чинӣ (соя) ва бо ҳамин миқдор баргу поя 7-8 кг нитроген (N), 2,5-3 кг фосфор (P), 6-7 кг калий (K)-ро аз хок меҷаббад. Аз 50 то 60%-и талаботи нитрогени зироатҳои лӯбиёгӣ аз ҳисоби нитрогени биологие, ки аз ҳавои атмосфера дар вақти бавуҷудоии бактерияҳои лӯндашакл қонеъ мегардад [2, с.198].

Яке аз вазифаҳои асосии илми кишоварзӣ гирифтани ҳосили баланди дони зироатҳои лӯбиёӣ (ғилофакдор) бо истифодаи моддаҳои ғизоии растанӣ (нуриҳо) мебошад. Ҳосили дони растаниҳои лӯбиёӣ дар шароити хоку иқлими минтақаи Кӯлоб масъалаи муҳим буда, барои таъмин намудани талаботи халқ бо маводи зарурӣ ва гирифтани даромади хуби иқтисодӣ мебошад.

Таҷрибаҳои илмӣ дар асоси барномаи илмӣ-таҳқиқотӣ давоми солҳои 2022-2024 дар шароити заминҳои обии хоҷагии деҳқонии «Тоҳир-2014»-и шаҳри Кӯлоб дар асоси мавзуи тасдиқгардида бо номи «Таъсири нуриҳои органикию минералӣ ба ҳосилнокии дони зироатҳои лӯбиёӣ ҳангоми кишти такрорӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб» (Влияние органических и минеральных удобрений на продуктивность зернобобовых культур при повторном посеве в условиях Кулябской зоне) дар асоси нақшаи зерин гузаронида шуд (ҷадв. 1).

Мақсади таҳқиқот омӯзиши маҳсулнокии навъҳои зироатҳои лӯбиёӣ (ғилофакдор) дар асоси истифода намудани меъёри гуногуни нуриҳо (узвӣ ва маъданӣ) дар шароити заминҳои обии минтақаи Кӯлоб мебошад. Муайян намудан ва асоснок кардани имкони ба даст овардани ҳосили баланди дони зироатҳои лӯбиёӣ ба воситаи таҳияи меъёри муътадили нуриҳои узвию маъданӣ, шарт ва таносуби истифода намудани нуриҳо дар парвариши навъҳои зироатҳои лӯбиёӣ (лӯбиёи муқаррарӣ – навъҳои “Маҳаллӣ” ва “Фаровон”, мош – навъҳои “Тоҷикӣ-1” ва “Тоҷикӣ-2” ва лӯбиёи чинӣ – навъҳои “Орзу” ва “Ситора”) мебошад.

Дар вақти ба роҳ мондани таҷрибаҳои саҳроӣ аз нуриҳои минералии нитрогенӣ – карбамид (46%N), аз нуриҳои минералии фосфорӣ – суперфосфати дуҷанда (48%P), аз нуриҳои минералии калийгӣ – намаки калий (60% K) ва аз нуриҳои узвӣ – поруи нимпӯсида (дар таркибаш: 0,5% N; 0,3% P; 0,7% K) истифода шуданд.

Ҷадвали 1.-Нақшаи тақсимоти нуриҳои органикиву минералӣ дар қитъаи таҷрибавии зироатҳои лӯбиёӣ вобаста ба вариантҳо ва муҳлати истифодаи онҳо дар шароити минтақаи Кӯлоб (соҳои 2022-2024)

Вариантҳо, кг/га, т/га	Истифодаи нуриҳо пеш аз шудгор ва ҳангоми кишт								Ғизодиҳӣ дар давраи нашъунамо					
	Пору		N		P		K		Давраи якуми ғизодиҳӣ			Давраи дуюми ғизодиҳӣ		
	Пеш аз шудгор	Вақти кишт	Вақти кишт	Вақти кишт	Пеш аз шудгор	Вақти кишт	Пеш аз шудгор	Вақти кишт	N	P	K	N	P	K
Санҷишӣ (контроль) Бе истифодаи нуриҳо	-	-	-	-	-	-	-	-	-	-	-	-	-	-
Пору 30 т/га	30	-	-	-	-	-	-	-	-	-	-	-	-	-
N30; P45; K40	-	-	-	10	45	-	40	-	25	-	-	-	-	-
N45; P55; K50	-	-	-	10	30	-	50	-	35	25	-	-	-	-
N55; P65; K60	-	-	-	10	30	10	30	-	45	25	30	-	-	-
N65; P75; K70	-	-	-	10	40	10	45	-	30	25	25	25	-	-
Пору 20 т/га + N35; P45; K40	20	-	-	10	45	-	40	-	25	-	-	-	-	-

Ҳангоми нашъунамо дар киштзори зироатҳои лӯбиёдонагӣ мушоҳидаҳои фенологӣ гузаронида шуд. Нишондодҳои биометрӣ, муайян намудани сатҳи барг, баҳодиҳӣ ба

маҳсулнокии зироатҳои лӯбиёдонагӣ вобаста ба меъёри гуногуни нуриҳо, баҳодиҳии физиологӣ ва таркиби биохимиявии дон вобаста меъёри гуногуни нуриҳо муайян шуданд.

Таҷрибаҳои саҳроии гузаронидаи мо мувофиқи методикаи Доспехов Б.А. [1985] ба роҳ монда шуда, аз рӯйи таҳлили дисперсионӣ санҷида шудааст [3, с. 151].

Муайян карда шуд, ки истифода намудани нуриҳо (органикиву минералӣ) ба маҳсулнокии навъҳои зироатҳои лӯбиёӣ таъсиркунанда буда, имкони баланд бардоштани ҳосилнокӣ дар асоси таъмини сифати баланди дон шароити мусоидро фароҳам меоранд [4].

Натиҷаи таҳқиқоту мушоҳидаҳои Саидзода Р.А. [2020] нишон додааст, ки шароити хоку иқлими минтақаи Кӯлоб барои парвариши навъу намунаҳои зироатҳои лӯбиёӣ ва самаранок гардонидани масоҳати кишти онҳо мувофиқ мебошад [5, с.156].

Аз ин маълумот бармеояд, ки шароити хоку иқлими минтақаи Кӯлоб барои парвариши зироатҳои ғилофакдор мусоид мебошад.

Дар шароити хоку иқлими минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон имконияти парвариши зироатҳои лӯбиёдонагӣ бо гирифтани ҳосили баланд, зичии қарордошти ниҳолҳо ва меъёри гуногуни нуриҳои органикиву минералӣ дар асоси таҳлили адабиёти гуногуни илмӣ нақшабандӣ шудааст. Таҳқиқоти илмии гузаронидаи мо аҳаммияти муҳим дошта, дар таъмин намудани амнияти озуқавории мамлакат нақши асосӣ мебозад. Солҳои охир бинобар сабаби камқувват шудани заминҳои кишт, зиёд шудани касаливу ҳашароти зараррасон ва алафҳои бегона ҳосили зироатҳои кишоварзӣ, хусусан ҳосилнокии зироатҳои лӯбиёдонагӣ сол то сол кам шуда истодаанд. Бинобар ин, истифодаи нуриҳои органикиву минералиро дар парвариши зироатҳои ғилофакдор мавриди санҷиш қарор додем.

Дар қитъаи таҷрибавӣ мушоҳидаи фенологиро бо мақсади муайян кардани давраҳои нашъунамои зироатҳои лӯбиёӣ гузаронидем. Дар давраҳои сабзиш, муғҷабандӣ, гулкунӣ, ғилофакбандӣ ва пухтарасии ҳосил мушоҳидаҳои фенологии киштзоргузаронида шуд.

Мушоҳидаи фенологӣ ҳангоми истифодаи нуриҳо ва намуду навъи зироатҳои лӯбиёӣ нишон доданд, ки дар байни вариантҳои таҷрибаҳои гузаронидашуда фарқиятҳои чашмрас мушоҳида карда шудаанд (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2.-Мушоҳидаҳои фенологӣ дар киштзори зироатҳои лӯбиёӣ дар асоси меъёр-ҳои гуногуни истифодаи нуриҳо (санаи кишт: 12-уми июн, давоми солҳои 2022-2024)

В последние годы снижается импорт сахара, это связано с тем, что в ближайшей перспективе начнется строительство сахарного завода в Дангаринском районе, который будут получать из сахарной свеклы (сырья) собственного производства, такие сахарозаводы из сахарной свеклы будут возведены в тех регионах, где имеются благоприятные производственные, технические, экономические, организационно-социальные условия. В целом, устойчивое решение продовольственной безопасности республики оказывает влияет и на состояние экспорта товаров (табл. 5).

Таблица 5. –Экспорт основных продуктов питания из Республики Таджикистан, тыс. тонн

Виды продовольствия	Годы				2023/2020, %
	2020	2021	2022	2023	
Мука	0,5	-	6,2	7,1	1,4 раза
Овощи	1811	106,6	66,8	76,4	4,2 раза
Фрукты	46,3	103,7	107,0	112,1	2,42 раза
Мясо и мясные продукты	-	-	0,1	2,6	185,7
Сахар	0,34	-	0,28	0,3	88,2

Источник: *рассчитано автором на основе данных Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. 2024. С. 9*

Как констатируют данные таблицы 5, среди основных экспортных товаров наибольший объем (его реализации) приходится на овощи и фрукты - это обусловлено, тем, что в республике наращивает темпы овощеводство, особенно в закрытом грунте, в регионах и местностях, где наблюдается значительная плотность населения - промышленных центрах, поселках городского типа и пригородных зонах, что способствует круглогодичному использованию земель, и является одним из факторов роста объемов экспорта овощей, фруктов и других сельскохозяйственных товаров их экологическая чистота. Природа республики, географическое расположение горное земледелие, обилие чистой, талой и родниковых вод отсутствие промышленных объектов, загрязняющих воздух, в целом, благоприятно влияют на экологическое состояние возделываемых культур, и конечную продукцию, которая высоко ценится на мировых зарубежных рынках. Относительное снижение колебание экспорта овощей-это результат некоторых ограничений, вводимых зарубежными странами, но они имеют временный характер, и легко устранимы, другая причина роста, это увеличение валового сбора, путем повышения урожайности культур, особенно репчатого лука, некоторые товаропроизводители достигли рекордного количества сбора с единицы площади 900-1100 центнеров.

Наиболее устойчивое увеличение экспорта наблюдается по фруктам, которое, за анализируемый период, возрос почти в 2,5 раза, количественный рост реализации фруктов,

наряду вышеприведенными факторами, состоит в том, что за последнее десятилетие, Правительством республики было принято два Постановления создания новых плантаций плодовых насаждений: первое с 2005 по 2010 гг (от 31 декабря 2004 года № 499), в результате которого введены в сельскохозяйственный оборот 53232,0 га. новых садов и второе с 2015 до 2020 годы, (от 30 декабря 2015 года № 793) позволило дополнительно увеличить 20153 гектаров фруктовых насаждений. Наряду с ростом площадей садов и виноградников, расширилась площади интенсивных и супер интенсивных садов, особенно в горных регионах республики, позволяющий в ранние сроки (плодоношение с 2 года посадки) получать высокий урожай экологически чистой продукции, имеющий большой спрос на зарубежных рынках.

Другим немаловажным источником пополнения казны валютными средствами является экспорт муки. Несмотря на то, что при недостаточном её производстве и удовлетворении собственных нужд этой продукцией в республике созданы условия, позволяющие её экспортировать. Выше, нами было отмечено, что часть закупаемого зерна, которое превышает нашу потребность, перерабатывается в муку и реализуется в соседний Афганистан. В 2023 году объем экспорта в эту страну достиг наибольшего количества (7,1 тыс. тонн), то есть рациональная организация маркетинговой службы, экономически выгодное развитие товарооборота, в обоюдном направлении.

Импорт и экспорт позволят республике обеспечить продовольственную безопасность и достичь устойчивого экономического состояния.

Экспорт в области животноводства, его основных продуктов (мясо, молоко), ее сопутствующие виды промышленно переработанный ассортимент, почти не наблюдается. В целях улучшения данной ситуации, обеспечения продовольственной безопасности, развития экспорта товаров животноводческой отрасли, Правительством республики принят ряд постановлений, разработаны конкретные мероприятия экономического, финансового, технико-технологического и индустриального характера по основным отраслям животноводства, особенно птицеводства и рыбоводства, которые внесли достойную лепту в решение имеющихся проблем, которые, постепенно, улучшили обеспечение населения продуктами, конкретных отраслей животноводства.

В условиях, сложившихся в республике, не столь высокого уровня продуктивности животноводства подъем отрасли должен осуществляться преимущественно на основе интенсификации, внедрения механизации электрификации и автоматизации производственных процессов, особенно в долинных зонах. Ставка на развитие животноводства в зоне самого интенсивного кормопроизводства, преимущественно в составе хлопкового комплекса, не только решает проблему ускоренного развития скотоводства, но и полностью совпадает с принятым в системе принципов наивысшей экономической эффективности отраслевого размещения, которое было доказано в доперестроичный период.

В долинах, где основной производственной отраслью, специализации было хлопководство, одним из элементов земледелия было соблюдение научно-обоснованной системы севооборота. Разработанная и рекомендованная система севооборота была нацелена, на хлопково-люцерновый севооборот, где (от принятого норматива) около 20-25% полей отводилось под люцерну. В масштабе региона, области, района, хозяйство обеспечивало кормами К.Р.С. молочного направления, наряду с этим, создавались крупные животноводческие комплексы для К.Р.С. овцеводства, особенно птицеводства на промышленной основе. Таким образом, в условиях чрезвычайной ограниченности земельных ресурсов, с одной стороны, и прогрессирующей высокой трудоизбыточностью большинства районов республики, с другой стороны, проблема обеспечения продовольственной безопасности повышения экономической эффективности сельскохозяйственного производства должна решаться с позиции организации наибольшей отдачи земли по валовой и чистой продукции, как важнейшей предпосылки для повышения абсолютных значений этих показателей на душу населения.

Перспективные направления перераспределения земельных ресурсов, эффективное развитие сельского хозяйства в рыночных условиях и вытекающие из неё цели, и задачи развития республиканского продовольственного комплекса предъявляют определенные требования к формированию сбалансированной отраслевой структуры сельского хозяй-

ства в направлении создания таких пропорций, которые в полной мере отвечали бы удовлетворению потребностей населения, прежде всего, в продуктах питания, обеспечиваемых на основе соответствующего участия каждого сельскохозяйственного региона в республиканском разделении труда.

ЛИТЕРАТУРА

1. Выдержка из Стратегии повышения материального благосостояния (2013-2015 гг.), «Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года»
2. Закон о продовольственной безопасности от 16 декабря 2010 года
3. Решение о создании Совета по продовольственной безопасности, одобренное 1 августа 2011 года
4. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 31 августа 2018 года, №451
5. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 декабря 2015 года №793. Программе развития садоводства и виноградарства Республики Таджикистан на 2016-2020 г.
6. Программа продовольственной безопасности (2009-2015 гг.) от 2 февраля 2009 года
7. Сборник основных официальных документов о продовольственной безопасности Таджикистан. 2014. -58с.
8. Статистический сборник «Сельское хозяйство» Республики Таджикистана. 2024.
9. Уильям Петти: Трактат о налогах и сборах 1662г. (последующие издания: 1667, 1679, 1685)

АННОТАТСИЯ

РУШДИ КИШОВАРЗӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ ҶУМҲУРӢ

Дар ин мақола мафҳум ва ҷанбаҳои назариявии амнияти озуқаворӣ мухтасар баён шудааст. Муаллифон қайд мекунанд, ки дар натиҷаи тадқиқи пешрафтҳои назариявӣ аз тарафи муҳаққиқон ва олимони маълум гардид, ки ба дараҷаи амнияти озуқавории миллӣ баъзан аз ҷиҳати худтаъминкунии мамлакат бо озуқа, аз ҷумла аз рӯйи навъҳои алоҳидаи озуқаворӣ яктарафа баҳо дода мешавад. Муаллифон бар ин назаранд, ки ин мафҳум дар сатҳи як кишвари мушаххас бояд ҷанбаҳои асосии дар мақола баррасишударо дар бар гирад. Дар асоси маълумоти оморӣ ва таҳлилӣ мавҷудият ва истифодаи замин нишон дода шудааст. Дар баробари кам шудани замин ва афзоиши шумораи аҳолии ҷумҳурӣ дар байни истеҳсолот ва истеъмол, сатҳи истеҳсоли маҳсулоти озуқавории дар дохили кишвар мавҷудбуда, мушкилот ва омилҳои ба онҳо таъсиркунанда ва роҳҳои коҳиш додани онҳо аз рӯйи категорияҳои асосии сабади истеъмолӣ тағйирот ба мушоҳида мерасад. Тахлили истеъмоли қанд шаҳодат медиҳад, ки дар ояндаи наздик иктидорхои нави саноатие, ки аз коркарди лаблабуи канд канд истехсол мекунанд, дар минтацахои хеле фоиданок ва бо назардошти давраи пай дар пай кишт истехсол карда мешаванд, ки ин проблемам мавчударо хал мекунад.

Калимаҳои асосӣ: *амнияти озуқаворӣ, замин, аҳолӣ, меъёрҳои истеъмол, истеҳсолот, саноат, воридот, содирот, даромад, устуворӣ*

ANNOTATION

AGRICULTURAL DEVELOPMENT AS A FACTOR IN ENSURING FOOD SECURITY IN THE REPUBLIC

This article briefly outlines the definition and theoretical aspects of food security. The authors note that a study of theoretical developments by numerous researchers and scholars has revealed that the level of national food security is sometimes assessed rather one-sidedly, in terms of the country's self-sufficiency in food, including for individual types of food. The authors believe that this concept, at the level of a specific country, should encompass the key aspects discussed in the article. Based on statistical and analytical data, the impact of land availability is demonstrated. As land availability declines and the republic's population grows, changes are observed between production and consumption, the level of availability of domestically produced food products, the problems and factors influencing them, and ways to mitigate them across the main categories of the consumer basket.

Key words: *food security, land, population, consumption standards, production, industry, import, export, income, sustainability*

Сведение об авторах:

Насыров Рахимбек – доктор экономических наук, профессор кафедры организации производства на предприятиях АПК, Таджикского аграрного университета имени Шириншо Шотемур. Проспект Рудаки 146. Тел.: - (+992) 88-800-64-56. rakhimbek.nasyrov@mail.ru

Улфатзода Абумуслим Гаюр – кандидат экономических наук, доцент кафедры организации производства на предприятиях АПК, Таджикского аграрного университета имени Шириншо Шотемур. Проспект Рудаки 146. Тел.: - (+992) 91-874-07-20 93-901-09-85. abumuclim@mail.ru

Information about authors:

Nasyrov Rakhimbek - Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of the Organization of Production in Agricultural Enterprises, Tajik Agrarian University named after Shirinsho Shotemur. Тел.:-(+992) 88-800-64-56. rakhimbek.nasyrov@mail.ru

Ulfatzoda Abumuslim Ghayur - assistant Professor in the Department of the Organization of production in the enterprises of the agro-industrial complex, Tajik Agrarian University named after Shirinshoh Shotemur. Tell.: - (+992) 91-874-07-20 93-901-09-85. abumuclim@mail.ru

ТДУ: 631.4(330):338

БАҲОИ ЭКОЛОГӢ-ИҚТИСОДИИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ОБЁРИШАВАНДАИ КИШОВАРЗӢ

Нурализода Э.Н., Абдумухторзода Н.А. - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Калимаҳои асосӣ: *комплекси агросаноатӣ, соҳаи кишоварзӣ, хоҷаги об, низоми мелиоративӣ, баҳои экологӣ-иқтисодӣ, рушди устувори минтақа, захираҳои замин ва об, заминҳои обёришаванда, дастгирии давлатӣ, беҳдошти муҳити зист, самаранокӣ, инфрасохтори бозорӣ.*

Заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ омили муҳимми рушди устувори комплекси агросаноатӣ ба ҳисоб рафта, вай ба ҳосилнокии баланди зироатҳои кишоварзӣ, қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ бо маводҳои ғизоӣ ва корхонаҳои саноатӣ бо ашьёи хоми кишоварзӣ мусоидат менамояд. Дар ин росто, баланд бардоштани самаранокии экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои замин ва об, комплекси хоҷагии об, имконияти сари вақт, ба миқдори кофӣ ва бо сифати хуб таъмини намудани корхонаҳои кишоварзӣ бо захираҳои обӣ зарур мебошад. Аз ин хотир, рушди соҳаи кишоварзӣ ва хоҷагии об ва татбиқи амалии чораҳои дастҷамъонаи экологӣ-иқтисодӣ таввасути механизми иқтисодии истифодаи пулакии захираҳои обӣ дар минтақаҳои обёришавандаи кишоварзӣ ба роҳ монда мешавад.

Таҷриба нишон медиҳад, яке аз сабабҳои асосии истифодаи ғайрисамаранокии захираҳои обӣ дар соҳаи кишоварзӣ ин дуруст амал накардани механизми пулакии истифодаи захираҳои обӣ ба ҳисоб меравад. Ба андешаи Краснощеков В.Н., Кириллов Д.М. «…масъалаи истифодаи пулакии захираҳои обӣ дар соҳаи кишоварзӣ, сарфи назар аз амалкарди механизми иқтисодии идоракунии захираҳои табиӣ ва пардохти пулакии истифодаи захираҳои обӣ то кунун роҳи ҳалли худро наёфтааст…» [6,10]. Аз ин хотир, тақвияти ҳамкориҳои судманди хоҷагии об ва корхонаҳои кишоварзӣ бо назардошти омилҳои ташкилӣ-хоҷагидорӣ, экологӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографии рушди минтақаҳои кишоварзӣ зарур мебошад.

Таҳлили вазъи кунунии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ дар минтақаҳои чумҳурӣ нишон медиҳад, ки бо сабабҳои гуногун ҳамасола қариб 18-20 ҳазор гектар заминҳои обёришаванда аз гардиши кишоварзӣ боз монда, дар ниҳояти кор ба пастшавии ҳосилнокӣ ва бадшавии вазъи экологии онҳо оварда мерасонад. Ба андешаи профессор Шералиев Э.Н. «... дар шароити кунунӣ зиёда 60%-и заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ ба эрозия дучор гардида, дар 90% шӯразанӣ ва дар 23%-и заминҳои кишти обёришаванда баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ ба назар мерасад. Зарари иқтисодӣ аз ҳар як гектар замин бо воҳиди пулӣ, ба ҳисоби миёна ба 1093 сомониро ташкил медиҳад... » [9, 6]. Ин раванд, ба меъёри аз ҳад зиёди обёрикунӣ, куҳна ва фарсудашавии таҷҳизотҳои обтаъминкунӣ ва такмил наёфтани механизми пулакии истифодаи захираҳои обӣ рабт доранд.

Баланд бардоштани самаранокии экологӣ-иқтисодӣ истифодаи заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ дар навбати худ, аз амалӣ намудани чораҳои дастаҷамъонаи нигоҳдорӣ, ҳифз ва такрористеҳсоли васеъи заминҳои обёришаванда, ба мисли: чораҳои агротехникӣ, истифодаи нуриҳои минералӣ ва органикӣ, рушди бахши тухмпарварӣ ва навҳои хуби тухмӣ, коркарди чуқури замин, чораҳои биологӣ ва низоми мутобиқи ландшафти заминдорӣ ва ғайра вобастаги дорад. Ташаккули чунин як механизми хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба дигаргунсозии сохтории заминҳои обёришаванда, баҳои самаранокии экологӣ-иқтисодии

ҳар унсури он, мақоми захираҳои мазкур дар таъмини истиқлолияти озуқаворӣ инъикос меёбад.

Дар ҷадвали 1 маълумотҳо дар бораи вазъи воқеъӣ ва эҳтиёҷот ба маблағгузории чорабиниҳои экологӣ-мелиоративӣ оварда шудааст (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. - Ҳолати воқеъӣ ва заруриати маблағгузориҳо ба таҷдиди низоми обёрикунии кишоварзӣ

Номгӯи чорабиниҳо	Вази воқеӣ, соли 2022	Эҳтиёҷот, соли 2030	Эҳтиёҷот нисбати вазъи воқеӣ, бо	
	Млн/сомонӣ	Млн/сомонӣ	Млн/сомонӣ	%
Сохтмони коллекторҳои кушода ва заҳкашу заҳбурҳо	12,8	42,6	29,8	3,3 мар.
Сохтмони коллекторҳои пушида ва заҳкашу заҳбурҳо	14,9	52,4	37,5	3,5 мар.
Сохтмони заҳбури амудӣ	-	27,5	27,5	-
Хароҷотҳо барои истифодаи шабакаи дохили-хоҷагӣ ва нигоҳдории иншоотҳои гидротехникӣ, ба 1 га замин	1,1	3,2	2,4	2,9 мар.
Тозакунии шабакаҳои кушода	1,5	2,5	1,0	1,7 мар.
Нигоҳдории шабакаи дохилихоҷагӣ (пӯшида)	0,03	1,4	1,37	4,7 мар.
Шустани шурии заминҳо	0,10	1,6	1,50	1,4 мар.
Хароҷотҳои дигар (барои обёрикунӣ, корҳои сохтмонӣ, хариди таҷҳизотҳо ва ғайра)	0,03	0,08	0,05	2,6 мар.

***Сарчашма:** тибқи маълумотҳои Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии обии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ҳисоб карда шудааст.*

Чуноне, ки аз маълумотҳои ҷадвали 1 бар меояд, новобаста аз афзоиши ҳаҷми воқеии маблағҳои буҷетӣ тайи солҳои охир ба азнавсозии низоми обёрикунӣ, эҳтиёҷот (меъёрӣ) онҳо якчанд маротиба камтар шудааст. Масалан, барои нигоҳдории шабакаҳои пушидаи дохилихоҷагӣ дар 1 гектар то 1,4 млн. сомонӣ сарф карда шудааст, ки дар соли 2022 танҳо 300 сомонӣ/га рост меояду халос. Қайд кардан ба маврид аст, ки масъалаи муайян намудани муносибатҳои иқтисодӣ байни идораи низоми обёрикунӣ ва истифодабарандагони обҳо (корхонаҳои кишоварзӣ) дар шароити соҳибистиқлоии кишвар тазодҳо миёни танзими давлатии идоракунии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ ва хоҷагии об, механизми ҳавасмандиҳои иқтисодии истифодаи захираҳои замин ва об, усулҳои пешқадами обёрикунӣ ва ҷуброни ифлоскунии обҳо хеле муҳим мебошад.

Бад шудани вазъи экологии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ, норасоии захираҳои обӣ барои обёрикунӣ, хушк шудани баҳри Арал ва муаммоҳои экологӣ-иқтисодии онҳо дар охири солҳои 80-уми асри XX ба масъалаи хеле доғи руз табдил меёбад. Ташкили муносибатҳои молиявӣ байни иштирокчиёни он, ҳамчун қоида, характери таҷрибавӣ дошта, ба коркарди усули судманди истифодаи пулакии обҳо барои соҳаи кишоварзӣ татбиқ карда шудааст. Охирин тадбирҳо дар ин самт ин шакли эҳтиёткории истифодаи обҳо барои обёрикунӣ буда, ҳамчун чораҳои беҳтар намудани вазъи хоҷагии об ва рушди мелиоратсия дар минтақаи Арал ба ҳисоб рафта, захираҳои обӣ дар он ҳамчун унсури муҳимми рушди соҳаи кишоварзӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиммият ва зарурияти объективии ҷори намудани механизми истифодаи пулакии обхо ва таҷрибаи ҷамъоварии маблағҳои пулӣ дар кишоварзии собиқ СССР (бо фармони Комитети давлатии агросаноатии СССР ва Вазорати хоҷагии оби СССР) дар солҳои 1988-1990 тадбирҳои зарурӣ андешида шудааст. Ҳамчун таҷриба дар шакли пардохти сарфи барзиёдии нақшави обҳо (ҷарима) тайи ду соли аввал дар ду хоҷагии ноҳияи Куйбышев (ҷанубӣ кишвар) ва хоҷагиҳои ноҳияи Матчоҳ (шимоли кишвар) ҷорӣ карда шуда, баъдан аз соли 1990 дар ҳамаи хоҷагиҳои пахтакори ҷумҳурӣ истифода бурда шудааст. Тариф барои ҳар як воҳиди оби обёркунӣ (1м^3) дар асоси хароҷотҳо барои низоми обёркунӣ ва ҳаҷми обҳои тақсимгардида, муайян карда шудааст. Ҳисоби тарифи истифодаи захираҳои обӣ дар асоси баҳои арзиши аслии он аз сарчашмаҳои обёрикунӣ то нуқтаи тақсимкунии он ба хоҷагиҳои кишоварзӣ муайян гардидааст [8, 46].

Дар сатҳи лозима ташаккул наёфтани низоми мелиоративӣ-иррагатсионии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ, диққати камтар ба танзими муносибатҳои молиявии иштирокчиёни он, риоя нагардидани меъёру стандарҳои истифодаи захираҳои обӣ ва ҳавасмандиҳои моддӣ-маънавии онҳо, оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба механизми иқтисодии танзими истифодаи обҳои заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ монеъҳо эҷод намудаанд.

Таваҷҷуҳи камтар ба натиҷаҳои ниҳои соҳаи кишоварзӣ, сатҳи пасти механикунонӣ, ҳиссаи бештари меҳнати дастӣ ҳангоми обёркунӣ ва парвариши зироатҳои кишоварзӣ маҳдудиятҳои хеле ҷиддӣ дар ҷорӣ намудани технологияи нави парвариши зироатҳои кишоварзӣ дода шудааст.

Бар хилофи Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми истифодаи пулакии захираҳои обӣ дар акасарияти кишварҳои хориҷӣ эътироф гардида, ба таври васье истифода бурда шуда, он хароҷотҳои сохтмон, истифода ва нигоҳбунии хоҷагии обро пурра ё қисман аз ҳисоби маблағҳои мазкур мепушонад. Низоми пардохт барои истифодаи захираҳои обӣ ва механизми ҷамъоварии онхо дар кишварҳои хориҷӣ гуногун мебошад. Масалан, ҳиссаи субсидияҳои давлатӣ дар ҷуброни хароҷотҳои интиқоли обҳо барои кишоварзӣ дар Ҷопон ва Испания тақрибан - 60%, дар Ҳиндустон - 54%, дар Малайзия - 50%, дар Италия - 20%-ро ташкил медиҳад [1,12]. Сабаби асосии ин вазъ, пеш аз ҳама, дар ноустувории молиявӣ ва дараҷаи пасти даромаднокии корхонахои кишоварзӣ мебошад. Дар Узбекистон, Қазоқистон ва дигар кишварҳои собиқ Шӯравӣ, ки дар минтақаҳои аридӣ чойгиранд, истифодаи низоми обёрии магистралӣ ва байнихоҷагӣ, ки функсияи ба истеъмолкунандагон расондани обҳо ва обёрикуниро аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар андозаи ночиз роҳандозӣ менамоянд, амал мекард.

Дар аксарияти кишварҳои рушкардаи иқтисодиёти кишоварзӣ, ба мисли Маҷористон, Ҳиндустон, Болгария, Ҷопону Италия ва ғайра тариф барои истифодаи обҳои кишоварзӣ ва тартиби ҷамъоварӣ он тавассути санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дахлдори кишвар қонунӣ гардидааст. Дар Италия, Малайзия, Филиппин ва кишварҳои дигар механизми пардохти истифодаи ҳаққи обҳои кишоварзӣ аз рӯйи ҳаҷми майдони заминҳои обёришаванда ба таври хусусӣ муқаррар гардида, ба ҷуброни хароҷотҳои истифода ва нигоҳдории техника ва таҷҳизотҳои обтаъминкунию обёрикунӣ равона карда мешавад.

Дар Ҳиндустон меъёри тарифии дифференсиалӣ барои ҳар як гектар майдони обёришаванда муқаррар карда шуда, он бевосита ба дараҷаи даромаднокии меъёрӣ зироатҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои обёришаванда вобастагӣ дорад. Дар Маҷористон бошад, шурӯъ аз соли 1980 инҷониб чунин шакли пардохти истифодаи захираҳои обӣ ҷорӣ гардида, тақрибаи мусбии он дар сарфакорона истифода бурдани захираҳои обӣ барои обёрикунӣ мувофиқ мебошад. Пардохти ҳаққи истифодаи обҳо аз рӯйи тарифи ду меъёрӣ (дуставкагӣ) муаяйн гардида, дар он меъёри доимӣ ба ҳар гектар майдони кишт тағйирёбанда буда, вобаста ба миқдори обҳои интиқолкардашуда, пардохт карда мешавад, ки андозаи меъёри доимӣ, нисбати арзиши аслии он 15-20% кам муқаррар карда мешавад. Ҳамин тавр, дар кишварҳои ИДМ ва дигар давлатҳои рушкардаи иқтисодиёти кишоварзӣ шаклу усулҳои гуногуни ҷамъоварии маблағҳо барои истифодаи захираҳои обӣ ба роҳ монда шудааст, ки онҳо аз самаранокии баланди экологӣ-мелиоративӣ ва иқтисодии он гувоҳӣ медиҳад. Ин ҷо, як чиз хеле муҳим аст, ки вай ҳамчун фишанги муҳимми таъмини сарфакоронаи истифодаи захираҳои обӣ ва фаъолияти судманди хочагии об дар минтақаҳои обёришавандаи кишоварзӣ хизмат менамояд. Барои дуруст мувайян намудани меъёри пардохти ҳаққи истифодаи обҳои кишоварзӣ ва мустаҳкам намудани заминаи қонунгузории механизми амалии он пайваста корҳо ба анҷом расонида мешавад.

Бо дарназардошти шумораи зиёди хоҷагиҳои кишоварзӣ дар доираи хизматрасонии хоҷагии об тартиби муайян намудани хаҷми умумии маблағҳои молиявӣ, ки давлат барои ҷуброни хароҷотҳои хоҷагии об ҷудо менамояд, аз меъёри муқаррарнамудаи андозаи ҳаққи ҷуброн барои ҳар як корхонаҳои кишоварзӣ, ки ба хизматрасониҳои хоҷагии об ниёз доранд, оғоз карда мешавад. Муносибати аз нигоҳи илмӣ асосноки услуби баҳои механизми пардохти пулакии захираҳои обӣ, ва дуруст муайян намудани тарифҳои обтаъминкунӣ, фарқияти онҳо аз рӯйи минтақаҳои табиӣ-иқтисодӣ мебошад. Илова бар ин, барои дуруст муайян намудани ҳаққи пардохти истифодаи обҳо бо роҳи шартҳои баробари рушди корхонаҳои кишоварзӣ, ки ба ҳавасмандиҳои истифодаи сарфакоронаи захираҳои обӣ, баҳа пайвастани фаъолияти хоҷагии об ва корхонаҳои кишоварзӣ имкониятҳои васеъ фароҳам оварда, ба баланд бардоштани самаранокии экологӣ-иқтисодӣ соҳаи кишоварзӣ ва рушди устувори минтақаҳо мусоидат менамояд. Ин гуфтаҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки усули мавҷудаи муайян намудани механизми пардохти

истифодаи пулаеии обхо дар минтақаҳои обёришавандаи кишоварзӣ ба принсипҳои рушди устувори минтақаҳои кишвар мувофиқ накарда, он ба такмил ниёз дорад.

Ин ҷо, олимони рус Демин А.П. ва Краснощеков В.Н. чунин менигоранд, ки «… усулҳои муайян намудани ҳаққи пардохти истифодаи захираҳои обӣ ва низоми обёрикунӣ ба талаботи иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯ набуда, бояд аз унсурҳои зерин манша гиранд: баҳодиҳии экологӣ-иқтисодии захираҳои обӣ, манбаҳои обёрикунӣ ё ҳаққи пардохти обҳо ҳамчун захираҳои табиӣ; хароҷотҳои меъёри амалиёти хоҷагии об; андозаи зарари аз таъмини обҳои пастсифат (ифлос) барои обёрикунӣ; фоидаи хоҷагии об аз хаққи пардохтҳои истеъмолкунандагони аввалиндараҷа (андоз аз даромад ва пардохти қарзҳо), таъмини такрористеҳсолкунии васеъи заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ, ҳавасмандии меҳнат ва дигар чорабиниҳои аҳамияти умумиҷамъиятӣ дошта...» [3,23].

Бо назардошти гуфтаҳои боло мо услуби муайян намудани меъёри пардохти ҳаққи истифодаи захираҳои обӣ ва механизми амали намудани онро дар заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ пешниҳод менамоем, ки дар асоси усули хароҷотӣ, яъне вобастагии арзиши обҳо аз сатҳи баландии таъминкунии он, омилҳои табиӣ-иқлмӣ, сифати хок, ташкилӣ-иқтисодӣ ва хусусиятҳои хоси соҳавию минтақавии кишоварзӣ дар баланкӯҳо, водиҳо гуногун вобастагӣ дорад.

Аксарияти муҳаққиони соҳаи мазкур зарурати баҳисобгирии пурраи таъсири обҳои пастсифат ва ҳаҷми пардохти маблағҳоро барои обёрикунӣ якхела баҳогузорӣ менамоянд. Лекин, ин усулҳо арзёбии сохтор ва номукаммалии ҳисоб ва нодуруст баҳисобгирии ҳиссаи зараре, ки аз истифодаи обҳои пастсифат ба вуҷуд меоянд, бахогузорӣ намекунад. Ба андешаи Айдаров И.П. «…чунин муносибат бо асоснок намудани реҷаи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ мувофиқ набуда, дар он омилҳои табиӣ-иқлимӣ аз як қатор унсурҳои бо ҳам алоқаманд, яъне реҷаи об ва ҷараёнҳое манша мегиранд, ки ба фаъолияти ландшафтҳои табиӣ ва тағйир ёфтани онҳо (дар ин маврид реҷаи обӣ) боиси тағйир ёфтани дигар омидҳо мегардад…» [2, 7], ки танҳо ба инобат гирифтани омилҳои экологӣ на он қадар судманд мебошад. Аз ин хотир ҳангоми ҳисоби меъёри обёрикунӣ, ки ба баланси обҳои рӯйизаминӣ ва ҳосилхезии хок асос меёбад, шароитҳои экологӣ-иқтисодӣ дар якҷоягӣ ва сохтори оптималӣ (ҳадди аққал)-и истифодаи обҳо ба назар гирифта шавад. Аз ин ҷо, мо меъёри оптималии обёрикуниро бо назардошти якҷояи омилҳои табиӣ-иқлимӣ ва экологӣ-иқтисодӣ дар заминаи танзими давраҳои биологӣ ва геологию физикии хок пешниҳод менамоем:

$$M_{tj}^{опт} = \min [M_t^n, M_{tj}^{эк}] \qquad (1)$$

дар ин ҷо, $M_{tj}^{опт}$ - меъёри оптималии обёрикуниии j - зироатҳои кишоварзӣ дар соли t - давраи ҳисоботӣ, *м³/га;* M_t^n - меъёри обёрикунии вобаста ба вазъи экологӣ дар соли t-давраи ҳисоботӣ, ки дар асоси талаботи нигоҳдории ҳосилхезии хок, *м³/га;* $M_{tj}^{эк}$ - меъёри обёрикунӣ аз нигоҳи иқтисодӣ судмандӣ j - зироатҳои кишоварзӣ дар соли t- давраи ҳисоботӣ, ки дар асоси шароитҳои мазкур, *м³/га.*

Меъёри обёрикунӣ аз нигоҳи экологӣ тоза дар асоси шартҳои баркароркунии реҷаи гидротерминалӣ дар натиҷаи шудгор кардани заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ, бо назардошти истифодаи пурраи намии хок ва омилҳои табиӣ-иқлимӣ аз ҳисоби истифодаи чораҳои агротехникӣ ва гидромелиоративӣ. Таърифи $M_{tj}^{эк}$ бошад ба ҳадди аққал расонидани фоидаи тағйирёбанда равона мегардад:

$$\Phi_{tj}^{маг}(M_{tj}) = [Д_{tj}(M_{tj}) - X_{tj}^{пер}(M_{tj})] \rightarrow \max_{\{M_{tj}\}} \qquad (2)$$

дар ин ҷо, - $\Phi_{tj}^{маг}(M_{tj})$ - фоидаи тағйирёбанда аз парвариш ва фурӯши маҳсулоти кишоварзии навъи j -ум дар соли t, ки ба ҳаҷми захираҳои обии истеъмолшуда вобаста мебошад; M_{tj}, сомонӣ; $Д_{tj}(M_{tj})$ - даромад аз парвариш ва фурӯши маҳсулоти кишоварзии навъи j -ум дар соли t-ум, сомонӣ; $X_{tj}^{маг}(M_{tj})$ - хароҷотҳои тағйирёбандаи вобаста ба парвариш, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулотҳои кишоварзии навъи j-ум дар соли t, сомонӣ, ки маблағи он аз реҷаи мелиоративии заминҳо ва ҳаҷми сарфи обҳо барои зироатҳои кишоварзӣ вобаста аст (хароҷотҳои тағйирёбанда барои ҷамъоварӣ ва кашонидани зироатҳо, хароҷотҳо барои пардохти қувваи барқ ва истифодаи объектҳои обӣ, хароҷотҳои истифодаи иловагии моддаҳои органикӣ барои чуброни талафоти гумус,

харочоти гач ва шустани заминҳои обёришаванда бо мақсади таъмин намудани реҷаи оптималии намакҳо, харочот барои истифодабарии заҳкашу заҳбурхо, пардохтҳо барои партофтани обҳои ифлос ах объектҳои обтаъминкунӣ ва ғайра).

Барои дуруст муайян намудани ҳаҷми зарар аз обёрикунӣ ва обҳои пастсифат сохтори чузъҳои арзиши заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ аҳамияти махсус дорад. Дар ин ҷода, олими рус Краснощеков В.Н. чунин менигорад,ки «….миқдори зарари экологӣ-иқтисодӣ аз обёрикунии зироатҳои кишоварзӣ бо обҳои сифаташ паст аз ҳисоби элементҳои он ба мисли: зарар аз паст шудани ҳосили кишоварзӣ, ки намакаш аз меъёри муққаргардида зиёд дар таркиби обҳо; харочотҳои иловагӣ барои нигоҳдории ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ; зарар аз паст шудани сифати мҳҳсулотҳои кишоварзӣ ва пеш аз муҳлат фарсудашавии низоми гидромелиоративӣ ба вуқуъ мепайвандад...» [5, 43].

Ҳаҷми зарари экологӣ-иқтисодӣ аз обёрикунии зироатҳои кишоварзӣ бо обҳои сифаташ паст бояд аз ҳисоби чунин унсурҳо, ба мисли: паст шудани ҳосили зироатҳои кишоварзӣ бо обҳое, ки миқдори намак дар он аз ҳадди аққал кам ё зиёд ($У_1$); харочоти иловагӣ барои нигоҳ доштани ҳосилхезии хок ($У_2$); зарар аз паст шудани сифати маҳсулотҳои кишоварзӣ ($У_3$) ва зарар аз бармаҳал фарсуда шудани элементҳои низоми гидромелиоративӣ ($У_4$), ки андозаи $У_1$ бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$У_1 = \sum_{j=1}^{n} (H_j - C_j) \times У_j \times (1 - k_j) \times F \times \alpha_j \text{ ,} \qquad (4)$$

дар ин ҷо, H_j-нархи бозории j-зироатҳои кишоварзӣ, сомонӣ/с; C_j-қисми тағйирёбандаи харочотҳои солонаи вобаста ба ҷамьоварӣ ва фурӯши j-зироатҳои кишоварзӣ, сомонӣ/с; $У_j$-ҳосилнокии j-зироатҳое, ки дар заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ ҳангоми обёрикунӣ бо обҳое, ки миқдори намакашон дар он аз ҳадди аққал қарор дорад, ба даст оварда мешавад, ц/га; k_j- коэффитсиенти паст шудани ҳосилнокии j - зироатҳо вобаста ба минерализатсияи умумӣ ва таркиби обҳо барои обёрикунӣ, таркиби маҳлули хок, шиддати реҷаи обёркунӣ барои обшуии намакҳо тобоварии зироатҳои кишт ва дигар омилҳо тавсифдиҳанда F-майдони заминҳоии обёришавандаи корхонаҳои кишоварзӣ, га; α_j- ҳиссаи майдони ишғолкардаи j-зироатҳо дар низоми киштгардон.

Асоси услуби мазкурро чораҳои дастаҷамъонае ташкил медиҳад, ки ба такрористеҳсоли заминҳои обёришаванда дар якҷоягӣ бо рушди самараноки истеҳсолоти кишоварзӣ дар минтақаҳои кишвар равона гардида, дар оянда самараи экологӣ-иқтисодӣ ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ натиҷагирӣ ва ояндабинӣ гардидааст (ҷадв.2).

Ҷадвали 2. - Самаранокии экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ҳосили пешбинишудаи зироатҳои кишоварзӣ, (то соли 2030).

Нишондиҳандаҳо	Номгуи зироатҳои асосии кишоварзӣ					
	Пахта	Картошка	Пиёз	Помидор	Биринҷ	Тамоку
Майдон, ҳаз. га	310,8	40,1	21,6	30,2	18,6	0,8
Ҳосили потенсиалӣ, с/га	35,2	305,0	320,5	290,7	60,3	27,0
Даромади умумӣ, ҳаз. тонна	1094,0	1220,0	692,3	877,9	112,2	2,2
Харочотҳо барои 1 т/сомонӣ	4904,7	581,0	480,3	516,7	2340,0	2710,0
Нархи фурӯши як т./ҳаз. сомонӣ	1,9	2,5	1,5	2,0	9,0	12,0
Арзиши аслии маҳсулот аз 1 га/ҳаз.сом	66,8	76,2	41,6	83,7	54,3	32,4
Даромади соф, тонна, сомонӣ	1781,6	5085	4807	5814	203,6	530
Дараҷаи даромаднокӣ, %	36,3	87,5	100,1	112, 5	89,6	19,6

Эзоҳ: *Ҳосили потенсиалии зироатҳои кишоварзӣ бо назардошти татбиқи чораҳои мачмуии экологӣ-мелиоративӣ пешбини карда шудааст.*

Сарчашма: *таҳияи муаллифон.*

Маълумотҳои ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки дар мавриди татбиқи тадбирҳои экологӣ-мелиоративӣ бо назардошти омилҳои экологӣ-иқтисодӣ муносибатҳои байни хоҷагии об ва корхонаҳои кишоварзӣ амалӣ гардида, ҳосили потенсиалии зироатҳои кишоварзӣ бо назардошти такмили механизми истифодаи пулакии захираҳои обӣ дар заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ (то соли 2030) таъмин мегардад. Ҳосилнокии зироатҳои асосӣ, ба монадаи: пахта ба-35,2 с/га, картошка-305,0 с/га, помидор-290,7 с\га зиёд мешавад. Дар баробари ин дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо ҷамъоварии умумии пахта-1094,0 ҳаз/т ё

3,2 баробар, картошка-6,6% зиёд мешавад. Дараҷаи даромаднокии истеҳсоли пиёз-100,1%, помидор-112,5%, пахта-36,3%-ро баланд мегардад.

Ҳисобу китобҳои гузаронидашуда самаранокии экологӣ-иқтисодии механизми пулакии истифодаи захираҳои обиро таъмин намуда, вай ҳамчун фишанги муҳим дар заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ танзими ҳифзи экосистемаи минтақавӣ, технологияи сарфакунадаи иқтидори захиравӣ-табиӣ, рушди мелиоратсия ва занҷираи истеҳсолии комплекси агросаноатиро дар қаламравӣ кишвар таъмин менамояд.

АДАБИЁТ

1. Аграрная наука. - 2002. - № 7. - С. 4.
2. Айдаров И.П. Комплексное обустройство земель. - М.: МГУП, 2007. - 208с.
3. Демин А.П. Вопросы учета качества оросительной воды при разработке нормативов платы за воду / Водные ресурсы, 1997. Т. 24. - № 1. - С. 23.
4. Ганиев Т.Б. Эффективность мирового опыта формирования системы устойчивого менеджмента водного хозяйства и рационального водопользования в условиях глобализации мировой экономики. Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, -2018. - №6. Ч.1. - С. 29-36.
5. Краснощеков В.Н. Теория и практика эколого-экономического обоснования комплексных мелиораций в системе адаптивно-ландшафтного земледелия. - М., 2001. - 293 с.
6. Краснощеков В.Н., Кириллов Д.М. и др. Экономический механизм природопользования в орошаемом земледелии. - М. - 2010. - 187 с.
7. Исайнов Х.Р. Эколого - экономические основы повышения эффективности мелиорации в сельском хозяйстве. - М.: ФГОУ РГАУМСХА им. К. А. Тимирязева, 2007. – 223с.
8. Одинаев Х.А. Эколого-экономическое регулирование природопользования в сельском хозяйстве. - М.: МАКС пресс, 2004. - С. 147-148.
9. Шералиев Э.Н. Региональные особенности оценки эффективности аридного землепользования в сельском хозяйстве Таджикистана (Теория, методология и практика). Дисс...на соис.учён.степ. д.э.н. - Душанбе. - 2023. - С. 6.

АННОТАЦИЯ

ЭКОЛОГО-ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ОЦЕНКА ЭФФЕКТИВНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ НА СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ОРОШАЕМЫХ ЗЕМЛЯХ

В статье рассматривается оценка эколого-экономической эффективности использования водных ресурсов в орошаемом земледелии. Анализировано нынешнее состояние сельского хозяйства и использование орошаемого земледелия в регионах страны, дана оценка эколого-экономической эффективности водных ресурсов, состояния водного хозяйства и мелиоративно-ирригационной системы, финансирования для содержания и защиты водных объектов. Предложено совершенствование механизма платного водопользования в сельском хозяйстве, привлечение внебюджетных средств, для решения экологических проблем орошаемого земледелия и защиты региональных экосистем, на основе изучения опыта зарубежных стран.

Ключевые слова: *агропромышленный комплекс, сельское хозяйство, водное хозяйство, мелиоративная система, эколого-экономическая оценка, устойчивое развитие региона, земельно-водные ресурсы, орошамое земледелие, государственная поддержка, охрана окружающей среды, рыночная инфраструктура.*

ANNOTATION

ECOLOGICAL AND ECONOMIC EVALUTION OF THE EFFICIENCY OF WATER RESOURCES USE ON NON-CULTIVATED LANDS

The article examines the assessment of the ecological and economic efficiency of water resources use in irrigated agriculture. The current state of agriculture and the use of irrigated agriculture in the regions of the country are analyzed, an assessment is given of the ecological and economic efficiency of water resources, the state of water management and the melioration and irrigation system, financing the maintenance and protection of water bodies. It is proposed to improve the mechanism of paid water use in agriculture, attract extra-budgetary funds to solve environmental problems of irrigated agriculture and protect regional ecosystems based on a study of the experience of foreign countries.

Key words: *agro-industrial complex, agriculture, water management, melioration system, ecological and economic assessment, sustainable development of the region, land and water resources, irrigated agriculture, government support, environmental protection, market infrastructure.*

Сведения об авторах:

Нуралиzода Эмомали Нурали–доктор экономических наук, профессор кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14, тел: (+992) 935198111, e-mail: emomali68@mail.ru.
Абдумухторзода Нигина Абдумухтор-кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики предприятий и предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимов 64/4, тел: (+992) 971236023.

Authors information:
Nuralizoda E.N. - doctor of economics, professor of the finance department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14, Phone: (+992) 935198111, E-mail: emomali68@mail.ru.
Abdumukhtorzoda N.A. - candidate of economic sciences, senior lecturer at the department of enterprise economics and entrepreneurship of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: (+992) 971236023.

ТДУ: 338.138.(575.3)

МОДЕЛИ ИҚТИСОДИ-РИЁЗИИ НИЗОМИ АРЗЁБИИ СИФАТИ МУҲИТИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Хоҷаев П.Д.[1], Ҳоҷиев А.С.[2] - [1]Донишгоҳи байнилмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон
[2]Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар шаҳри Хуҷанд

Калимаҳои асосӣ: *модели иқтисодӣ-риёзӣ, система, арзёбӣ, сифат, муҳити институтсионалӣ, таҳлили институтсионалӣ, қонунҳо, қоидаҳо.*

Дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти бозорӣ, муҳити институтсионалӣ яке аз мафҳумҳои калидӣ ҳисобида шуда, ба тарзҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Аз ҷумла, А. Аузан чунин меҳисобад, ки «муҳити институтсионалӣ маҷмуи қоидаҳои бунёдии иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодиро ифода намуда, чорчӯбаи муайянкунандаи рафтори инсонро ташкил медиҳанд» [1, С.125]. Муҳити институтсионалӣ дорои унсурҳои муайяне мебошанд, ки ҳар яки онҳо ҳамдигарро пурра мегардонанд (ҷадв. 1).

Ҷадвали 1. - Унсурҳои муҳити институтсионалӣ

Намуди қоидаҳои марбут ба муҳити институтсионалӣ	Шарҳи қоидаҳои марбут ба муҳити институтсионалӣ
Иҷтимоӣ	- Анъанаҳо ва урфу одатҳо - Арзишҳои фарҳангӣ - Низоми муошират ва рафтор
Сиёсӣ	- Сохтори ҳокимият - Ҳизбҳо ва институтҳои сиёсӣ - Механизмҳои қабули қарор
Ҳуқуқӣ	- Қонунҳо ва муқаррароти ҳуқуқӣ - Системаи додгоҳӣ - Ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон
Иқтисодӣ	- Қоидаҳои бозор ва моликият - Сиёсати андоз ва буҷа - Муносибатҳои меҳнатӣ ва молиявӣ

Сарчашма: *муаллиф тартиб додааст.*

Маълумотҳои ҷадвали 1 гувоҳидиҳандаи навъи қоидаҳоеанд, ки якҷоя **муҳити институтсионалиро** ташкил медиҳанд, то рафтори инсонро дар ҷомеа муайян ва танзим кунанд.Бояд қайд кард, ки муҳити институтсионалӣ аз назарияи институтсионалӣ сарчашма мегирад. Назарияи таҳлили институтсионалӣ одатан ба таҳқиқи таъсири тартиботи расмӣ ва ғайрирасмӣ, маҳакҳо, фишангҳои танзимкунанда ва низомҳои идоракунӣ ба рафтори субъектҳои иқтисодӣ робитаи зич дорад. Назарияи таҳлили институтсионалӣ алоқаи байни равишҳои зеринро дарбар мегирад:

- таъсири бевоситаи муносибатҳои иқтисодию иҷтимоии ҷамъиятӣ (назарияи таҳқиқи муносибатҳои ҷамъиятӣ);
- марҳилаҳои таърихии рушди бемайлони бахшҳои институтсионалӣ (таърихи бахшҳои институтсионалӣ);
- таҳқиқи васеи усулҳо ва шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ (назарияи ширкат);
- фишангҳои ҳифзи ҳуқуқи амвол (назарияи ҳуқуқи амвол);

- амалиётҳо оид ба бастани қарордодҳо ва хароҷоти транзаксионӣ (назарияи қарордод, назарияи хароҷоти транзаксионӣ).

Таҳлили муҳити институтсионалӣ зарурати фарқ кардани ду қисмати калидии онро ба миён меорад. С.Г. Кирдина дар чаҳорчӯбаи назарияи матритсаҳои институтсионалӣ [2, С. 102] пешниҳод мекунад, ки қисми бунёдӣ (яъне матритсаҳои институтсионалӣ – "технологияҳои иҷтимоӣ"-и муносибатҳо, ки устуворӣ ва тағйирнопазирӣ дар муддати тӯлонӣ доранд) ва институтҳои мукаммалкунанда (ки бо динамикӣ ва мутобиқшавӣ ба талаботи муосир хосанд) аз ҳам ҷудо карда шаванд. Бо вуҷуди он ки ҳамаи унсурҳои низоми инноватсионии миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон навбунёданд, имкони муайян кардани қисми бунёдии "хеле устувор" аллакай мавҷуд аст.

Мувофиқи маънои васеъ, рушди ниҳодҳо табиати ниҳоят тӯлонӣ дошта, бевосита таъсири урфу одат, анъанаҳои миллӣ ва менталитетро дар бар мегирад. Бинобар ин, таҳқиқи бевositаи рейтингҳои байналмилалӣ, ки ба пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ нигаронида шудааст, ба мақсад мувофиқ аст. Бояд қайд кард, ки ин рейтингҳо бештар хусусиятҳои рушди иқтисодии давлатҳои Аврупоро инъикос менамояд. Ин хусусиятҳо одатан ба консепсияҳои рушди бозорӣ, ғояҳои озодфикрӣ ва афзалияти манфиатҳои шахсӣ бар манфиатҳои коллективӣ такя менамоянд.

Низоми институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар муқоиса ба давлатҳои Осиё ва Амрикои Лотинӣ, аломатҳои муайяни фарққунанда дорад, ки хусусиятҳои хоси миллии онро ифода мекунанд. Ин хусусиятҳоро мо имкон дорем, ки ба матритсаҳои институтсионалии намуди Х ифода намоем, ки бевosita қонунияҳои ба моликияти коллективӣ, робитаҳо, равонагардонии ғайрирасмии муносиби захираҳо ва афзалияти асосии манфиатҳои коллективӣ бар инфиродӣ бударо такя мекунанд, мушоҳида намоем.

Ҳамзамон, соҳибкории инноватсионӣ бахши нисбатан нав буда, ки дар шароити муносибатҳои бозорӣ пайдо гардида, бештар ба моделҳои иқтисодии рушди ғарбӣ мувофиқат мекунад. Дар бисёр ҳолатҳо ақидаҳои ин соҳибкорон аз ақидаҳои соҳибкорони анъанавӣ дар Тоҷикистон ба куллӣ фарқ мекунанд. Таҳқиқи бевositаи фишангҳои иқтисодии аврупоию амрикоӣ заминаҳо барои коркарди равишҳои инноватсионӣ дар ташкили фаъолияти соҳибкорӣ муҳайё месозад. Аз ин лиҳоз, мақсади калидии муҳити институтсионалӣ ташаккули фазои мусоиди фаъолияти соҳибкорӣ ба воситаи фишангҳои ҳамоҳангсозӣ ва ҳавасмандгардонӣ мебошад. Субъекти иқтисодӣ дар ҳалли институтсионалии мушкилоти муайян дорои имкониятҳои гуногун мебошанд.

Одатан ин имкониятҳоро метавон ба шакли математикӣ тавассути истифодаи ниҳодҳо ифода кардан мумкин аст. Миқдори ниҳодҳо одатан бо хусусиятҳои мушоҳида, ангезаҳо ва таъминоти иттилоотӣ маҳдуд шуда метавонанд. Аз ин лиҳоз, новобаста аз пайдоиши ниҳодҳои эҳтимолӣ, танҳо ниҳодҳои воқеӣ бояд аз мадди назар дур монда нашавад.

Инноваторҳо имкон доранд қарорҳои муносибро қабул намоянд, аммо арзёбии амалигардонии онҳо танҳо пас аз иҷроиши амалиёти инноватсионӣ муайян мегардад.Бояд қайд кард, ки субъектҳои иқтисодӣ мустақилона ҳуқуқи интихоби муносибро доранд. Бинобар ин онҳо на ҳамеша ба қоидаҳое, ки давлат ба воситаи муҳити институтсионалӣ амалӣ мегардонад, аҳаммият медиҳанд. Озодии интихоби муносиби қарорҳо бояд дар ду бахш амалӣ карда шавад [3, С. 67]:

1. Дараҷаи риояи қоидаҳои муайян: Мувофиқи ақидаи Эрнандо де Сото, соҳибкор бояд "арзиши риояи қонун" ва "арзиши ғайриқонунӣ"-ро мавриди баррасӣ қарор диҳад. Индикаторҳои самараноки муҳити институтсионалӣ дар ин ҳолат таҳқиқи иқтисоди соярушанро амалӣ намояд.

2. Интихоби муносиби минтақаи маҳаллисозии фаъолияти соҳибкорӣ: Рушди иқтисодиёти рақамӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ боиси хеле осон гаштани амалиётҳо гардида, бақайдгирии электронии андоз ва боиси пайдо кардани ҷойҳои корӣ нав гардад.

Дар шароити муосир ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ ва низоми пешқадами иттилоотӣ, ки ҷамъоварӣ, коркард ва пешниҳоди иттилоотро тақвият мебахшанд, танзими давлатиро дар фаъолияти соҳибкорӣ рушд медиҳад. Давлатҳо дар чаҳорчӯбаи муборизa бо иқтисодиёти соярӯшан ба таъминоти иттилоотӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Ба-

ландшавии сатҳи рушди як кишвар боиси афзоиши "нархи ғайриқонунӣ" низ мегардад. Ҳамзамон, субъектҳои соҳибкорӣ одатан ихтиёри интихоби ҳолати "арзиши риояи қонун"- ро бояд дошта бошанд.

Бояд қайд кард, ки маҷмуи қоидаҳое, ки аз ҷониби давлат пешкаш мегарданд, аз ҷониби соҳибкорон метавонад ҳам мусбӣ ва ҳам манфӣ қабул карда шавад. Агар субъектҳои иқтисодӣ моделҳои пешниҳод гардидаро мавриди қабул бишуморанд, онҳо ҳамчун вариантҳои де-юре (қонунӣ) шуморида шавад. Ҳамзамон, агар вариантҳои дигари барои соҳибкорон ҷолибтар пайдо шаванд, онҳо метавонанд ҳамчун вариантҳои де-факто (воқеӣ) арзёбӣ гарданд. Дар якҷоягӣ истифодабарии ин ду вариантҳо самаранокии синергетикӣ ва баланшавии сифати муҳити институтсионалиро тақвият мебахшад.

Дар асоси таҳлили гузаронидашуда, мо хусусиятҳои хоси сифати муҳити институтсионалиро ошкор намудем (ҷадв.2) [1, С. 67].

Тавре, ки аз ҷадвали 2 бармеояд, муҳити институтсионалӣ маҷмуи қоидаҳо ва институтҳоест, ки рафтори агентҳои иқтисодиро шакл медиҳад ва ба фаъолиятҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ таъсир мерасонад.

Ҷадвали 2. - Хусусиятҳои сифати муҳити институтсионалӣ

Хусусият	Тавсиф
Пойдории институтсионалӣ	Ҳузури қоидаҳои устувор ва расмӣ (матритсаҳои институтсионалии навъи X ва Y) ки дар замони тӯлонӣ тағйир намеёбанд ва рафтори иҷтимоиро муайян мекунанд.
Фарқияти минтақавӣ	Муҳити институтсионалӣ вобаста ба анъана, фарҳанг ва урфу одати минтақавӣ (моликияти коллективӣ дар Осиё ва Лотинӣ нисбат ба инфиродӣ дар Ғарб) тағйирпазир аст.
Инноватсионӣ ва мутобиқшавӣ	Дастгирии моделҳои нав ва равандҳои инноватсионӣ, хусусан дар соҳибкории муосир ва технологияи иттилоотӣ.
Дастрасии агентҳо ба алтернативаҳо	Агентҳои иқтисодӣ метавонанд вариантҳои гуногуни институтсионалиро интихоб кунанд, ки ба эҳтиёҷот ва ангезаҳои онҳо мутобиқ аст.
Сатҳи риояи қоидаҳо	Муайянкунандаи самаранокии муҳит: агар нархи риояи қонун баланд бошад, бозори "сиёҳ" рушд мекунад.
Мобилӣ ва озодии интихоб	Агентҳо метавонанд макони амалӣ кардани фаъолиятро интихоб кунанд (интиқоли тиҷорат, интихоби минтақаи андозсупорӣ ва ғ.).
Таъсири низомҳои идтилоотӣ	Пайдоиши ҳукумати электронӣ ва табодули иттилоот боиси беҳтар шудани назорат ва паст шудани иқтисоди пинҳонӣ мешавад.
Муносибати байни қоидаҳои де-юре ва де-факто	Агар қоидаҳои расмӣ (де-юре) ва амалӣ (де-факто) мувофиқ бошанд, муҳит муассир ва сифати он баланд аст.
Ҳавасмандгардонӣ ва ҳамоҳангсозӣ	Муҳити муассир механизмҳое пешниҳод мекунад, ки амали агентҳоро мутобиқ ва ҳавасманд месозанд.
Динамикӣ будани институтҳои иловагӣ	Институтҳои муосир ва иловагӣ метавонанд ба талаботи бозор ва ҷомеаи муосир ҷавоб диҳанд ва тағйирпазир бошанд.

Сарчашма: *Муаллиф тартиб додааст.*

Маҳз маълумотҳои мазкур хусусияти калидиро фаро мегирад, ки сифат ва самаранокии муҳити институтсионалиро муайян мекунанд. Ба онҳо пойдории институтҳо, фарқияти минтақавӣ, қобилияти мутобиқшавӣ ба навовариҳо, озодии интихоби агентҳо, ҳамоҳангсозии қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, дастрасии иттилоот ва таъсири низомҳои электронӣ шомиланд. Ин хусусиятҳо на танҳо дар ташаккули фазои мусоиди соҳибкорӣ муҳиманд, балки ҳамчун нишондиҳандаҳои самаранокии сиёсати давлатӣ дар соҳаи институтсионалӣ низ хизмат мекунанд. Ҳамзамон, ҳангоми моделсозӣ бояд принсипҳои асосии зерин ба инобат гирифта шаванд [2, С. 67]:

1. Бо назардошти нуқтаи истинод (Reference Point Consideration): Муҳити институтсионалӣ ҳамеша дар якҷоягӣ ва ҳамоҳангӣ бо субъекти иқтисодӣ мавриди амал қарор дода шавад. Масалан, самтҳои институтсионалии пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон барои корхонаҳои бузург ва соҳибкори инфиродӣ, куллан фарқ мекунад, навобаста аз он, ки аз ҳарду ин субъектҳои иқтисодӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ сафарбар гардидаанд. Ин принсип имкон медиҳад, ки таҳлили инфиродӣ ва маҷмуи барои арзёбии таъсири ниҳодҳо дар сатҳи баланд гузаронида шавад.

2. Таъсири қоидаҳо ва сатҳи татбиқи онҳо (Impact of Rules and Enforcement Levels): Ҳангоми моделсозӣ, бояд таъсири "қоидаҳо" ва сатҳи амалигардонии онҳо ба қабули қарорҳои муносиб, сатҳи хароҷоти транзаксионӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Одатан ҳамин қоидаҳо ҳамчун сарчашмаи даромади эҳтимолӣ ё хароҷоти ғайрисамаранок метавонад баромад кунад. Хавфҳои риоя накардани қоидаҳо, инчунин муносибат ба субектҳое, ки ин қоидаҳоро риоя намекунанд низ куллан фарқ мекунанд. Аз ин лиҳоз, гузаронидани SWOT ва PEST таҳлил ба мақсад мувофиқ аст.

3. Ҷустуҷӯи нуқтаи муносиб (Equilibrium Point Search): Ин принсип дарёфти "нуқтаи муносиб"-ро ба воситаи таъсири муҳити институтсионалӣ ба субъекти хоҷагидорӣ инъикос менамояд. Равандҳои рушди муҳити институтсионалӣ хароҷоти муайянро тақозо менамоянд ва самаранокии онҳо аз маҷмӯи омилҳои дохилӣ ва берунӣ вобастагии калон доранд. Дар ҳолати кам ҷамъоварии иттилоот ва рушди омилҳои иҷтимоӣ байни субъектҳои иқтисодӣ ва муҳити институтсионалӣ ихтилофот пайдо мегардад. Ин ҳолатро бояд дар муқоиса ба дарёфти нуқтаи мувозинатӣ мавриди баррасӣ қарор дод: давлат ва субъекти иқтисодӣ самти афзалиятнокеро дарёфт кардани ҳастанд, ки ба манфиати ҳар ду тараф бошад.

4. Бо назардошти омили вақт (Time Lag Consideration): Дар раванди арзёбии табдилдиҳии ниҳодҳо, бояд омили вақт ба инобат гирифта шавад. Давлат ба воситаи даровардани дигаргуниҳо дар қонунҳо, ташаккули низоми пешбурди фаъолияти иттилоотию тарғиботӣ ҳамчун омили калидии рушди муҳити институтсионалӣ эътироф гардад. Ҳамзамон, натиҷаҳои фаъолияти соҳибкорӣ пас аз муддати зиёд амалӣ карда шаванд, зеро фишангҳои ҳавасмандгардонӣ бояд таҷдиди назар карда шаванд, иҷрокунандагон бояд стратегияи фаъолияти худро бо назардошти қоидаҳои тағйирёбанда таҳия кунанд.

5. Арзёбии интегралӣ (Development of an Integrated Assessment): Арзёбии интегралии сифати муҳити институтсионалӣ дар асоси принсипҳои қонеъ кардани мангфиатҳои тарафайн амалӣ карда мешавад. Сифат категорияи нисбӣ буда, ҷавобгӯ буданро ба талаботи мавҷуда нишон медиҳад. Азбаски талаботҳо имрӯз комилан рушд наёфтаанд, арзёбии мувофиқати андазоҳои воқеӣ ва интизорӣ, ки муайян карда мешаванд, метавонанд ҳамчун баҳодиҳии ибтидоӣ истифода шаванд, ки нишондиҳандаи интегралиро ташкил медиҳанд.

Ҳангоми таҳияи модели математикии сифати муҳити институтсионалии соҳибкории инноватсионӣ истифодаи васеи методологияи баҳодиҳии варианти институтсионалии М.В. Подшивалов [3,4] ба мақсад мувофиқ аст. Мувофиқсозии ин методология ба мақсадҳои гузошташуда зарур аст, зеро дар шароити қаблӣ боиси паҳншавии тахминҳои зиёд мегардад. Ҳамзамон, дида баромадани методологияи ҷамъоварии иттилооти аввалин-дараҷа ба мақсад мувофиқ аст. Дар раванди арзёбии коршиносон муайян кардани меъёри эҳтимолияти истифодаи вариантҳои институтсионалӣ душворӣ дорад. Аз ин рӯ, таҳияи равишҳои нави ҷамъоварии маълумот, ки ба ин мушкилот посухгӯ бошанд, ҳатмист.

Модели арзёбии вариантҳои институтсионалӣ (намунаи матритсаӣ) дар зер оварда шудааст [1, С. 124].

1. Тавсифи модели пешниҳодшаванда. Модели пешниҳодшаванда арзёбии сифати муассисаҳои институтсионалиро амалӣ намуда, ду намуди иттилоотро фарқ менамоянд:

- **Талаботи воқеӣ (Q)**-иттилооте, ки истифодабарандагон воқеан татбиқ менамоянд (бо истифода аз коэффисиенти wj);
- **Талаботи меъёрӣ (U)**-иттилооте, ки қонунгузор ё мақомот пешкаш менамояд (бо истифода аз vj).

2. **Қисматҳои модели пешниҳодшаванда.** Матритсаи Sm×n = (sij)

- sij = 1, агар муассисаи j-ум дар пайвандгари (комбинация)-и i-ум мавҷуд бошад.
- sij = 0, агар мавҷуд набошад.
- m = 2^n - 1: шумораи ҳамаи пайвандҳои имконпазир аз n муассиса.

Матритсаи талаботи воқеӣ (Q):

- Qm×n = (qij = sij * wj)
- Wj-ҳиссаи агентҳо, ки воқеан пайванди j-ум-ро истифода мебаранд.

Матритсаи талаботи де-юре (U):

- Um×n = (uij = sij * vj)
- Vj-шиддати/вазни талаботи расмӣ (қонунӣ) барои ҳар як муассисаи j-ум.

Матритсаи номутаносибӣ (R):

Барои арзёбии ҳар як унсури муассисавӣ rij ҳисоб карда мешавад бо формулаи зерин:

$$r_{ij} = \begin{cases} \frac{q_{ij}}{u_{ij}} - 1, & \text{агар } q_{ij} > u_{ij} \quad \text{(камбуд ё зиёдатӣ)} \\ 0, & \text{агар } q_{ij} = u_{ij} \quad \text{(мутобиқат)} \\ -\left(1 - \frac{q_{ij}}{u_{ij}}\right), & \text{агар } q_{ij} < u_{ij} \quad \text{(нобаробарӣ)} \end{cases}$$

rij > 0-талаботи воқеӣ зиёдтар аз расмӣ аст (талаботи расмӣ паст аст);

rij < 0-муассиса аз нигоҳи агентҳо самаранок нест ё расмият аз талаботи воқеӣ бештар аст;

rij = 0-мутобиқати комил байни талаботи де-факто ва де-юре.

3. Татбиқи модели арзёбӣ

Арзёбии муассисаҳои институсионалӣ:

Меъёри умумӣ одатан ҳамчун миёнаи арифметикии ҳамаи rij-ҳо барои ҳар як ниҳод (i) ё муассиса (j) чунин муайян мегардад:

$$R_j^{avg} = \frac{1}{m} \sum_{i=1}^{m} r_{ij}$$

Фаҳмиши навъҳои номувозинӣ имкон медиҳад:

- Институтҳои аз ҳад зиёд бюрократӣ ё номутобиқро муайян кунем.
- Вариантҳои муассир ва мувофиқро барои ислоҳ ё тақвият ҷудо кунем.

4. Схемаи модели тақрибӣ



Ҳамин тариқ, ки модели пешниҳодшуда ба таври системавӣ муносибати байни институтҳои расмӣ ва талаботи амалии субъектҳоро арзёбӣ намуда, нишон медиҳад, ки кадом муассисаҳо де-юре ҳастанд, вале де-факто истифода намешаванд ва дар ин росто имконият медиҳад, ки стратегияҳои беҳсозӣ ва танзими институтсионалӣ таҳия карда шаванд.

АДАБИЁТ

1. Институциональный анализ и экономика России / Ю.В. Крылова и др.; под ред. В.Т. Рязанова. – М.: Экономика, 2012. – 494 с.
2. Кирдина, С.Г. Теория институциональных матриц: в поисках новой парадигмы / С.Г. Кирдина // Журнал социологии и социальной антропологии, 2001. – № 1. – С. 101–115.
3. Подшивалова М.В. Экономико-математическая модель институционального опциона как новый подход к оценке качества институтов // Вестник ЮУрГУ. Серия Экономика и менеджмент», 2019. -Т.13. -№2. - С. 63-69;
4. Подшивалова, М.В. Современное состояние и тенденции развития институциональной среды России / М.В. Подшивалова // Вестник УрФУ: серия «Экономика и управление». – Екатеринбург, 2014. – № 1. - С. 17–26.

АННОТАЦИЯ

ЭКОНОМИКО-МАТЕМАТИЧЕСКАЯ МОДЕЛЬ СИСТЕМЫ ОЦЕНКИ КАЧЕСТВА ИНСТИТУЦИОНАЛЬНОЙ СРЕДЫ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В статье рассматривается экономико-математическая модель системы оценки качества институциональной среды в современных условиях. Институциональная среда представляет собой совокупность правил и институтов, формирующих поведение экономических агентов и влияющих на социальную, политическую, правовую и экономическую деятельность. Именно эти данные фиксируют ключевые характеристики, определяющие качество и эффективность институциональной среды. К ним относятся устойчивость институтов, региональные различия, способность к адаптации к инновациям, свобода выбора агентов, согласованность формальных и неформальных правил, доступность информации и влияние электронных систем. Эти характеристики важны не только для формирования благоприятной деловой среды, но и служат индикаторами эффективности государственной по-

литики в институциональной сфере. Авторы доказывают, что предлагаемая модель системно оценивает взаимосвязь формальных институтов с практическими потребностями субъектов, показывает, какие институты де-юре используются, но де-факто не используются, и в связи с этим позволяет разрабатывать стратегии институционального совершенствования и регулирования.

Ключевые слова: *экономико-математическая модель, система, оценка, качество, институциональная среда, институциональный анализ, законы, нормативные акты.*

ANNOTATION

ECONOMIC AND MATHEMATICAL MODEL OF THE SYSTEM FOR ASSESSING THE QUALITY OF THE INSTITUTIONAL ENVIRONMENT IN MODERN CONDITIONS

The article considers an economic and mathematical model of the system for assessing the quality of the institutional environment in modern conditions. The institutional environment is a set of rules and institutions that shape the behavior of economic agents and influence social, political, legal and economic activities. It is this data that records the key characteristics that determine the quality and effectiveness of the institutional environment. These include the stability of institutions, regional differences, the ability to adapt to innovation, freedom of choice of agents, consistency of formal and informal rules, accessibility of information and the influence of electronic systems. These characteristics are important not only for the formation of a favorable business environment, but also serve as indicators of the effectiveness of public policy in the institutional sphere. The authors prove that the proposed model systematically assesses the relationship between formal institutions and the practical needs of entities, shows which institutions are de jure used, but de facto not used, and in this regard allows for the development of strategies for institutional improvement and regulation.

Key words: *economic and mathematical model, system, assessment, quality, institutional environment, institutional analysis, laws, regulations.*

Сведения об авторах

Ходжаев Парвиз Давронович-доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, 734055, г. Душанбе, ул. Борбад, 48/5, Республика Таджикистан; тел.: (+992) 938607503, hojaev123p@mail.ru

Ходжиев Абдурашид Саидович-соискатель кафедры экономики и предпринимательства Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в г. Худжанде (Таджикистан, Худжанд) х. И. Сомонӣ 169, тел.: (+992) 929103003 *Abdurashid83@mail.ru*

About the authors

Khojaev Parviz Davronovich-Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Theory of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, 734055, Dushanbe, Borbad Street, 48/5, Republic of Tajikistan; Tel.: (+992) 938607503, hojaev123p@mail.ru

Khodjiev Abdurashid Saidovich-assistent of the Department of Economics and Entrepreneurship of the Institute of Economy and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand (Tajikistan, Khujand) I. Somoni 169, tel.: (+992) 929103003 Abdurashid83@mail.ru

ТДУ:336.647.2

АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГӢ ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ БАҲОДИҲИИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВИИ КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

Олимов А.Х.[1], Сафаров А.Ш.[2]–

[1]Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур,

[2]Коллеҷи махсусгардонидашудаи шаҳри Бохтар

Калимаҳои асосӣ: *ҳолати молиявӣ, устуворияти молиявӣ, сармоя хавфи муфлисшавӣ, даромаднокӣ, фоида, пардохтпазирӣ, захираҳои молиявӣ, карзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ, қарзадокунӣ.*

Ҳолати молиявии корхонаҳо, аз он ҷумла корхонаҳои комплекси агросаноатӣ бо маҷмуи нишондиҳандаҳои муайян, ки тартиби ташаккулёбӣ ва самаранокии истифодаи воситаҳо ва захираҳои молиявиро инъикос менамоянд, баҳо дода мешавад. Дар шакли умумӣ, чуноне, ки муҳаққиқи рус Белова Е.Л. қайд менамояд «Ҳолати молиявӣ бо ҳолати ҷойгиркунии воситаҳо ва сарчашмаҳои молиякунонии онҳо дар натиҷаи таъсири байниҳамдигарии ҳамаи омилҳои истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ тавсиф дода мешавад» [5]. Ҳамин тавр, ба ақидаи мо маҳз ҷойгиркунонии воситаҳои пулии корхонаҳо ва сарчашмаи молиякунонии онҳо дар фаъолияти истеҳсолӣ омили асосие ба ҳисоб меравад, ки ба ҳолати молиявии корхона таъсир мерасонад.

Ҳолати молиявии субъектҳои хоҷагидорирo олими рус Науменко Т.С. чунин мешуморад, ки «Ҳолати молиявӣ дар устуворияти молиявии пардохтпазирии он, ки қобилияти дар муҳлати муқарррашуда пардохт карда тавонистани талаботи пардохти таъминкунадагонро вобаста ба шартномаҳои басташуда, инчунин пардохти қарзҳо, пардохти музди меҳнат ва дигар пардохтҳо ба буҷетро ифода мекунад» [8].

Ба назари мо тахлили ҳолати молияви мафхуми васеътар буда, на танҳо бо баҳодиҳии арзёбии пардохтпазирии тавозуни корхона ва бо қобилияти ҳисоббаробаркунии корхона муайян карда мешавад, ки инро муалиф аз мадди назари худ дур мондааст.

Тибқи андешаи Балабанов И.Т. "Корхонае, ки маблағҳои ба дороиҳои худ гузошташударо аз ҳисоби манбаъҳои молиявии дохилии худ мепӯшонад ва қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ ва уҳдадориҳои худро сари вақт пардохт менамояд, устуворӣ молиявӣ ва мустақилият дорад"[4]. Ба андешаи мо, карзи дебитории муҳлаташ гузашта на танҳо ба имконияти молиявии корхона вобаста аст, балки он аз омилхои беруна низ вобаста буда метавонад. Омилҳои беруна низ ба вазъи молиявии корхона таъсир мерасонанд.

Дар таҳқиқотҳои гузаронидаи Шеремет А.Д. ва Негашев Е.В. «Ҳолати молиявӣ ҳамчун сохтори воситаҳо ва дороиҳо ва хусусияти сарчашмаҳои ташаккули сармояи худӣ ва қарзӣ” [11] тавсиф шудааст..

Дар шароити иқтисоди бозорӣ сатҳи ҳолати молиявии субъекти хоҷагидорӣ ин баҳодиҳии натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти он мебошад. Беҳтар намудани ҳолати молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ таҳия ва татбиқи низоми самараноки идоракунии онро бо назардошти хусусиятҳои соҳавии онҳо тақозо мекунад. Ин масъала махсусан барои корхонаҳои кишоварзӣ, ки фаъолияти самараноки онҳо дар шароити норасоии маблағҳои пулӣ вобаста ба шароитҳои таббиӣ ва тағйрёбии иқлим, муҳим аст. Аз самаранокии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ сатҳи таъмини амнияти озуқавории мамлакат ва рушди соҳаи саноат, ки таъминкунандаи мошинолотҳо ва маводҳои модӣ ба ҳисоб меравад, вобаста аст.

Ин мушкилот зарурияти пешгирӣ кардани буҳрони молиявӣ дар корхонахои кишоварзӣ ва истифодаи самараноки идоракунии молиявиро дар асоси тахлили пурраи молиявӣ талаб мекунад. Омӯзиши адабиёти муосири иқтисодӣ нишон медиҳад, ки ба идоракунии молиявии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ҳангоми тартиб додани стратегия ва тактикаи идоракунии ҳолати молиявии корхонаҳои хусусиятҳои соҳаи кишоварзӣ дашта аксар вақт ба инобат гирифта намешаванд.

Ҳолати молиявии корхонаҳои кишоварзӣ зери таъсири омилҳои зиёде қарор доранд, ки таъсири ин омилҳо на танҳо боиси рушди ноустувори корхона мегардад, балки боиси муфлисшавии он мегардад. Новобаста аз омилҳои аз тарафи муҳаққиқону коршиносон эътирофшудаи вазъияти буҳронӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби чунин омилҳо ба миён меояд:

- дараҷаи баланди фарсудашавии фондҳои асосӣ;
- сатҳи пасти пардохтпазирии дороиҳо;
- ноустувории иқтисодиёт;
- махсусгардонии серсоҳаи корхонаҳо ва хоҷагиҳо;
- сатҳи пасти даромаднокӣ;
- ҳиссаи баланди қарзҳои бонкӣ барои молиякунонии истеҳсолот;
- низоми номукамали идоракунии фаъолияти истеҳсолӣ ва фурӯши маҳсулот;
- ҳиссаи зиёди дороиҳои пардохтнашаванда.

Ҳангоми баҳо додан ба фаъолияти молиявии корхонаҳои кишоварзӣ омилҳои дар боло номбаршуда бояд ба назар гирифта шаванд.

Сатҳи баланди устуворӣ молиявӣ омили мусбиест, ки ба фаъолияти корхона таъсир расонида истеҳсолотро бо захираҳои зарурии моддӣ-техникӣ ва молиявӣ таъмин менамояд. Вобата ба ин фаъолияти молиявии корхонаҳои кишоварзӣ пеш аз хама, бояд ба гардиши оқилонаи захираҳои пулӣ, махз ба воридот ва харочоти онҳо нигаронида шавад. Барои таъмини сатҳи баланди устуворӣ молиявӣ корхонаҳо бояд ба раванди пардохт ва ҳисоббаробаркунӣ, ноил шудан ба таносуби оқилонаи сармояи қарзӣ ва худӣ диққати махсус диҳанд.

Чунон ки Трусова Э.О. менависад, ки "Мақсади асосии идоракунии ҳолати молиявии корхона афзоиши сармояи саҳомӣ, таъмини мавқеи устувор дар бозор аст." [10]. Ба фикри мо, муаллиф мақсади идоракунии вазъияти молиявии корхонаро дуруст тавсиф кардааст, зеро натиҷаҳои молиявии корхонаҳои кишоварзӣ, пеш аз ҳама аз фурӯши маҳсулот вобастагии амиқ дорад. Дар баробари ин натиҷаҳои молиявии корхонаҳои кишоварзӣ аз низоми идоракунии дохилӣ вобастаанд. Вобаста ба ин, ба корхонаҳои кишоварзӣ лозим аст, ки ҳамеша қобилияти пардохтпазирӣ ва даромаднокии фаъолияти худро беҳтар намоянд.

Барои беҳтар намудани ҳолати молиявии корхонаҳои кишоварзӣ зарурияти чунин вазифагузорӣ намудан ба миён меояд:

– саривақт, боэътимод таҳлил ва ташхис намудани вазъи молиявӣ, ошкор намудани камбудиҳо ва муайян намудани сабабҳои пайдоиши онҳо;
– ҷустуҷуи захираҳои беҳтар намудани қобилияти пардохтпазирӣ, устувории молиявии корхона ва умуман ҳолати молиявии он;
– таҳияи тадбирҳои мушаххасе, ки ба истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ, таҳкими вазъи молиявии корхона;
– таҳияи моделҳои беҳсозии ҳолати молиявии корхона.

Таҳлили ҳолати молиявии корхонаҳои кишоварзӣ дар ҳолаҳои зерин зарур мегардад:

– арзёбии вазъи молиявии корхона;
– муайян намудани натиҷаҳои воқеии фаъолияти корхона ва пешгӯии онҳо дар даврaҳои оянда;
– тахлили манбаъхои ташаккул ва сохтори сармояи корхона;
– таҳлили ҷойгиркунии сармоя ва арзёбии вазъи амволии корхона;
– арзёбии самаранокӣ ва шиддатнокии истифодаи сармоя:
– таҳлили даромаднокии (зарари) сармоя;
– таҳлили гардиши сармояи муомилот ва сармояи гузошташуда;
– арзёбӣ ва таҳлили устувории молиявӣ ва қобилияти пардохт;
– арзёбии қобилияти қарзӣ ва ташхиси хавфи муфлисшавии корхона.

Вобаста ба гуфтаҳои боло мо модели алоқамандии қисматҳои асосии таҳлили ҳолати молиявии корхонаро пешниҳод менамоем (расми 1).



Расми 1. - Модели алоқамандии қисматҳои асосии таҳлили ҳолати молиявӣ

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳангоми таҳлили ҳолати молиявии корхонаҳои кишоварзӣ ба масъалаҳои ташаккул ва ҷойгиркунии сармоя, баҳодиҳии сифати идоракунии дороиҳо ва пассивҳои он, муайян намудани хавфҳои амалиётӣ ва молиявӣ диққати махсус дода шавад.

Костусенко И.И. қайд менамояд, ки ҳангоми гузаронидани таҳлили ҳолати молиявии корхонаҳои кишоварзӣ, «Самаранокӣ ва шиддатнокии истифодаи сармояро таҳлил карда, фаъолияти ташкилотро оид ба фурӯш таҳлил намуда, хатари паст шудани имиҷи корхона баҳо дода шуда, баъдан тавозуни молиявии байни бахшҳо ва зерфаслҳои алоҳидаи дороиҳо ва уҳдадориҳои тавозунӣ аз рӯйи хусусиятҳо омӯхта ва дараҷаи устувории молиявии корхона баҳогузорӣ карда шавад» [7]. Марҳилаи асосии таҳлил, ки Костусенко И.И.

таъкид мекунад, омӯзиши пардохтпазирии тавозуни корхона аз рӯйи дараҷаи таъхирнопазирӣ, инчунин бақияи гардиши маблағҳои пулии корхона мебошад.

Баҳодиҳии ҷамъбастии ҳолати молиявии корхонаҳои кишоварзӣ аз нуқтаи назари:

• қобилияти пардохтпазирӣ;

• устувории молиявӣ;

• даромаднокӣ;

• эҳтимолияти муфлисшавӣ баҳо дода мешавад.

Дар асоси баҳодиҳии ҷамъбастии ҳолати молиявии корхонаҳои кишоварзӣ нишондиҳандаҳои омӯхташуда барои оянда тартиб дода мешавад.

Мундариҷа ва пайдарҳамии равандҳо вобаста ба мақсади таҳлил ва заминаи иттилоотӣ интихоб карда мешаванд. Аввалан, самтҳои афзалиятноки пайдоиши хавфҳо бояд ба таври оптималӣ муайян карда шаванд. Дар расми 2 мундариҷа ва даврaҳои гузаронидани таҳлили ҳолати молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ пешниҳод карда шудааст.

Давра	Намуди таҳлил	Мазмун
1	Таҳлили ликвиднокӣ ва пардохтпазирӣ	- таҳлили ликвиднокии тавозун и муайянкунии холати он ба ликвиднокии мутлақ; - кооэффитсиенти ликвиднокии ҷорӣ (меъёр > 2); - сармояи гардон; - пардохтпазирии умумии корхона (меъёр >= 2); - коээффитсиенти пушонидани зарар (меъёр > 1).
2	Таҳлили устуворияти молиявӣ	- таҳлили нишондиҳандаҳои мутлақи устуворияти молиявӣ; - кооэффитсиенти тахминнокӣ бо воситаҳои гардони худӣ; - кооэффитсиенти активҳои фаъол ва нофаъол; - кооэффитсиенти сохотори маблағгузории дарозмуддат; - кооэффитсиенти ҷалби маблағгузории дарозмуддат.
3	Таҳлили шиддатнокии фаъолият	- кооэффитсиенти гирдгардиши активҳо, активҳои гардон, воситаҳои пулӣ, маблағгузориҳои кутоҳмуддати молиявӣ, қарзҳои дебиторӣ, гирдгардиши захираҳо; - давомнокии гардиши активҳо, активҳои гардон, воситаҳои пулӣ, маблағгузориҳои кутоҳмуддати молиявӣ, қарзҳои дебиторӣ, захираҳо.
4	Таҳлили шиддатнокии фаъолият	- таҳлили динамикаи натиҷаҳои молиявӣ; - нишондиҳандаи даромаднокии активҳо, сармояи худӣ, сармояи қарзӣ, хароҷотхо барои фаъолияти ҷорӣ, истеҳсолӣ фурӯш, фоидаи умумӣ.
5	Таҳлили сохтори тавозуни корхона	- таҳлили афзоиши моликият; - таҳлили амудии сохтори тавозуни корхона.

Расми 2. – Мундариҷа ва даврaҳои гузаронидни таҳлили ҳолати молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ

Гузаронидани таҳлили вазъи тавозуни корхона бо мақсади баҳодиҳии вазъи молиявии он дар татбиқи вазифаҳои идоракунии молиявӣ аҳаммияти калон дорад. Тавозуни корхона тамоми маълумоти зарурирo барои ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои асосӣ, муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи ҳолати молиявии корхона барои истифода аз ҷониби истифодабарандагони беруна ва дохилӣ дар бар мегирад. Бо интихоби дурусти баҳодиҳии ҷанбаҳои фаъолияти корхона ба самаранокии баланд ва баланд бардоштани иқтидори иқтисодии корхона ноил шудан мумкин аст.

Модели пешниҳоднамудаи Абдураҳмонов Х. [1]. ба фикри мо, мукаммал бошад ҳам, вале дар баробари ин баъзе камбудиҳо низ дорад. Ба андешаи мо, таҳлили сохтори тавозун бояд дар марҳилаи аввали гузаронидани таҳлил анҷом дода шавад, зеро дар навбати аввал гирифтани маълумоти умумӣ дар бораи мавҷудияти моликият дар корхона ва манбаъҳои ташаккулёбии он зарур аст. Дар баробари ин қайд кардан ба маврид аст, ки дар таҳлили тавозун ҷойи муҳимро таҳлили амудӣ ишғол мекунад, ки он баҳодиҳии вазни хос ва тағйироти сохтори ҷузъҳои алоҳидаи дороию пассиви тавозунро таъмин менамояд. Дар натиҷа, шартҳои зерин бояд риоя карда шаванд:

• маблағи тавозунӣ дар охири давра тамоюли афзоиш дошта, суръати афзоиши он аз сатҳи таваррум баланд, вале аз суръати афзоиши даромад камтар бошад;

• афзоиши сармояи муомилот нисбат ба суръати афзоиши пассивҳои кӯтоҳмуддат ва дороиҳои гардон зиёд бошад;

• ҳаҷми манбаъҳои маблағгузории дарозмуддат ва суръати афзоиши онҳо нисбат ба ҳамин гуна нишондиҳандаҳои дороиҳои ғайримуқаррарӣ зиёд бошад;

• сармояи худӣ на камтар аз панҷоҳ фоизи маблағи тавозунро ташкил диҳад.

Дар доираи таҳлили тавозуни корхона бояд таркиб, сохтор ва истифодабарии дороиҳои гардон омӯхта шванд. Баҳодиҳии маъмултарини дороиҳои ҷорӣ ба коэффитсиентҳои гардиш ва нишондиҳандаҳои даромаднокӣ асос ёфтааст.

Усулҳои умумии таҳлили вазъи молиявӣ таҳлили бунёдӣ, таҳлили уфуқӣ ва амудӣ, истифодаи таносуби молиявӣ ва ғайраро дар бар мегиранд.

Таҳлили уфуқӣ маълумоти молиявиро бо гузашти вақт, одатан аз семоҳаҳо ё солҳои гузашта муқоиса мекунад. Таҳлили уфуқӣ тавассути муқоисаи маълумоти молиявӣ аз ҳисоботи пешина анҷом дода мешавад. Бо муқоисаи ин маълумоти гузашта, метавон маълумотҳое пайдо кард, ки даромадҳои корхонаро муайян мекунанд.

Таҳлили амудӣ таҳлили фоизии ҳисоботи молиявӣ мебошад. Ҳар як банди дар ҳисоботи молиявӣ номбаршуда ҳамчун фоиз нисбат ба банди дигар нишон дода мешавад. Таносуби молиявӣ як воситаи асосӣ барои зуд таҳлил намудани ҳисоботи молиявӣ мебошад. Чор категорияи асосии коэффитсиентҳо мавҷуданд: коэффитсиентҳои пардохтпазирӣ, коэффитсиентҳои фоиданокӣ, коэффитсиентҳои фаъолият ва коэффитсиентҳои фишангҳои молиявӣ. Онҳо одатан бо мурури замон ва байни рақибон дар соҳа таҳлил карда мешаванд.

Коэффитсиентҳои пардохтпазирӣ барои муайян кардани он, ки корхона то чӣ андоза метавонад дороиҳои худро ба пули нақд табдил диҳад, агар он ба мушкилоти молиявӣ дучор шавад ё дар хатари муфлисшавӣ қарор гирад, истифода мешавад. Ин аслан як ченаки қобилияти пардохтпазирии корхона дар тиҷорат аст. Индекси пардохтпазирӣ нишон медиҳад, ки дороиҳои ширкат то чӣ андоза зуд ба пули нақд табдил меёбанд.

Коэффитсиентҳои фоиданокӣ меъёрҳое мебошанд, ки то чӣ андоза фоидаовар будани фаъолияти корхонаро нишон медиҳанд. Баъзе коэффитсиентҳои даромаднокӣ фоидаи умумиро нишон медиҳанд. Сармоягузорон одатан кӯшиш мекунанд фаҳманд, ки корхона дар оянда чӣ қадар пули нақд ба даст меорад ва суръати афзоиши фоида дар муқоиса бо ҳаҷми сармояи истифодашуда чӣ қадар аст.

Усулҳои миқдории таҳлили молиявӣ ҳисоб кардани нишондиҳандаи ягонаи интегралии хавфи муфлисшавии корхонаро дар бар мегирад. Онҳоро шартан ба ду гурӯҳи калон тақсим кардан мумкин аст: усулҳои классикии оморӣ ва усулҳои алтернативӣ.

Дар баробари усулҳои миқдорӣ, усулҳои сифатии интихоби лоиҳаи сармоягузории муассир мавҷуданд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои баҳодиҳӣ, ки бо истифода аз ҳама гуна усулҳои сифатӣ анҷом дода шудаанд, хеле субъективӣ мебошанд. Бинобар ин мо барои таҳлили ҳолати молиявии корхонаҳои кишоварзӣ нишондиҳандаҳои баҳодиҳии шиддатнокии фаъолиятро пешниҳод менамоем. Дар ин ҷо хусусият ва тарзи ҳисоби ҳар як нишодиҳандаи шиддатнкии фаъолияти хоҷагидорӣ оварда шудааст:

1.Коэффитсиенти гирдгардиши захираи маводҳо – ин нишондиҳанда ҳаҷми фурӯшро ба 1 сомонӣ захираҳои мавҷудбуда инъикос намуда, бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$К\,г.з. = \frac{ХФ}{З}$$

Дар ин ҷо: $К_{г.з}$ - коэффитсиенти гирдгардиши захираҳо.;

З– ҳаҷми миёнаи захираҳо, ҳаз. сомонӣ;

ҲФ – ҳаҷми фурӯш, ҳаз. сомонӣ.

2.Давраи гирдгардиши захираи маводҳо – ин нишондиҳанда як давраи гардиши захираи маводҳоро инъикос намуда, бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$Д\,г.з. = \frac{Т}{Кг.з}$$

Дар ин ҷо: $Д_{г.з}$ - як давраи гирдгардиши захираҳо, рӯз;

Т– микдори рӯзҳо.

3. Коэффитсиенти гирдгардиши қарзҳои дебиторӣ – ин нишондиҳанда ҳаҷми фурӯшро нисбат ба 1 сомонӣ ҳаҷми миёнаи қарзҳои дебиторӣ тавсиф намуда, бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$К\,г.кд. = \frac{Т}{МКД}$$

Дар ин ҷо: К г. кд.- коэффитсиенти гирдгардиши қарзҳои дебиторӣ;

МҚД – ҳаҷми миёнаи қарзҳои дебиторӣ, ҳазор сомонӣ.

4. Давраи гирдгардиши қарзҳои дебиторӣ - ин нишондиҳанда муддати як гардиши қарзҳои дебиториро тавсиф намуда,и бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$\text{Д г. кд.} = \frac{\text{D}}{\text{Кг. з}}$$

Дар ин ҷо: Д г. кд.- давраи гардиши қарзҳои дебиторӣ;

5. Коэффитсиенти гирдгардиши қарзҳои кредиторӣ – ин нишондиҳанда ҳаҷми фурӯшро нисбат ба 1 сомонӣ ҳаҷми миёнаи қарзҳои кредиторӣ тавсиф намуда, бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$\text{К г. кк.} = \frac{\text{Т}}{\text{МКК}}$$

Дар ин ҷо: К г. кк.- коэффитсиенти гирдгардиши қарзҳои кредиторӣ;

МҚК – ҳаҷми миёнаи қарзҳои кредиторӣ, ҳазор сомонӣ.

6. Давраи гирдгардиши қарзҳои кредиторӣ - ин нишондиҳанда муддати як гардиши қарзҳои кредиториро тавсиф намуда, бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$\text{Д г. кк.} = \frac{\text{D}}{\text{Кг. з}}$$

Дар ин ҷо: Д г. кд.- давраи гардиши қарзҳои кредиторӣ;

7. Коэффитсиенти гирдгардиши сармоя – ин нишондиҳанда таносуби ҳаҷми фурӯшро ба ҳаҷми миёнаи сармоя тавсиф намуда бо воситаи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\text{К г. С.} = \frac{\text{Т}}{\text{ХС}}$$

Дар ин ҷо: К г. С. - коэффитсиенти гардиши сармоя;

ХС – ҳаҷми миёнаи сармоя, ҳазор сомонӣ.

8. Фондбоздеҳӣ – ин нишондиҳанда таносуби ҳаҷми фурӯшро ба 1 сомонӣ ҳаҷми миёнаи фондҳои асосии истеҳсолӣ тавсиф намуда, бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$\text{БФ.} = \frac{\text{ХФ}}{\text{АФА}}$$

Дар ин ҷо: БФ - боздеҳи фондҳо;

ҲФ - ҳаҷми фурӯш, ҳазор сомонӣ;

АФА – арзиши миёнаи фондҳои асосӣ.

9. Давраи амалиётӣ нишондиҳандаест, ки давомнокии гардиши дороиҳои амалиётии корхонаро инъикос менамояд ва бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\text{ДА.} = \text{Дг1} + \text{Дг3} + \text{Дг3} \ldots \ldots + \text{Дгум}$$

10. Даромаднокии фурӯш – нишониҳандаест, ки ҳаҷми даромадро ба 1 сомонӣ фоида аз фурӯш инъикос намуда бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\text{ДФ.} = \frac{\text{ХД}}{\text{Ф}} * 100\%$$

Дар ин ҷо: ДФ – даромаднокии фурӯш, %.;

Ф – фоида аз фурӯш, ҳазор сомонӣ.

11. Даромаднокии маҳсулот, чунин ҳисоб карда мешавад:

$$\text{Дм.} = \frac{\text{Ф}}{\text{Х}} * 100\%$$

Дар ин ҷо: Дм – даромаднокии маҳсулот (хизматҳо), %;

Х – харочот (арзиши аслӣ), хазор сомонӣ.

1.12. Даромаднокии сармояи худӣ – нишондиҳандааст, ки ҳаҷми сармояи худиро нисбати ба 1 сомонӣ фоидаи соф инъикос намуда, ба тарзи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\text{ДСх} = \frac{\text{Ф}}{\text{Сх}} * 100\%$$

Дар ин ҷо: ДСх – даромаднокии сармояи худӣ, %;

Ф – фоидаи соф, ҳазор сомонӣ;

Сх – ҳаҷми сармояи худӣ, ҳазор сомонӣ.

Нишондиҳандаҳои дар боло зикршуда, чун қоида,барои корхонаҳои соҳаҳои гуногуни фаъолият бо усулҳои гуногун ҳисоб карда мешаванд. Ба андешаи мо, дар баҳодиҳии умумии ҳолати молиявии корхонаҳои кишоварзӣ маҳз нишондиҳандаҳои овардашуда

аҳаммияти калон доранд. Ҳамин тариқ, бо назардошти равишҳои асосии таҳлили ҳолати молиявӣ, мо муайян кардем, ки дар давраи таҳлилшуда фаъолияти молиявии ташкилотҳои кишоварзӣ метавонад ба таври назаррас тағйир ёбад, яъне соҳаҳои иловагии истеҳсолот, коркарди маҳсулот ҷорӣ карда шуда, пойгоҳи модӣ-техникӣ нав ва кумаки давлатӣ гирифта шаванд. Дар ин ҳолат омилҳои тағйирёбии нишондиҳандаҳои молиявии корхона ташаккул меёбанд. Умуман, барои ҳар як корхона ё соҳаи фаъолият метавон усули инноватсионӣ ва самарабахши таҳлили ҳолати молиявиро пешниҳод кард, ки бояд танҳо он усулҳоеро дар бар гирад, ки дар доираи хусусиятҳои фаъолияти корхона мувофиқ мебошанд.

Хулоса, самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани устувории молиявӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ инҳоянд: истифодаи самараноки захираҳои замин ва барқарорсозии ҳосилхезии хок дар асоси ҷорӣ намудани технологияи сарфакунандаи захираҳо; оқилона ҷорӣ намудани махсусгардонии истехсолот, зиёд кардани ҳаҷми фоида ва ҳаҷми маҳсулот дар асоси навоварӣ, баланд бардоштани дараҷаи худтаъминкунии корхона бо захирахои молиявии худӣ ва ғайра.

Ба устуворияти молиявӣ ҳамчун падидаи мураккабтарини иқтисодӣ омилҳои гуногуни берунӣ, дохилӣ ва омехта таъсир мерасонанд, ки муайян намудани дараҷаи таъсири онҳо бо назардошти тағирёбӣ ва номуайянии динамикаи онҳо ба таври миқдорӣ ниҳоят душвор аст. Бо дарназардошти он, ки корхонаҳои кишоварзӣ ҳамчун системаи идорашаванда тасниф карда мешаванд, тамоми маҷмуи омилҳоро бо назардошти аҳаммият ва имконияти андозагирии онҳо ба шаш қисм: омилҳои молиявӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва идоракунӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, омилҳои мавқеи маркетингӣ, омилҳои иқтидори инноватсионӣ ва дараҷаи таъсири онҳо ба таври миқдорӣ муайян карда шуд.

Методологияи баҳодиҳии маҷмуии ҳолати молиявии корхонаҳои кишоварзӣ мувофиқи хусусиятҳои ҷойгиркунии ҳудудии онҳо пешниҳод карда шуд, ки ба низоминишондиҳандаҳои фаъолияти молиявӣ, иқтисодӣ ва инноватсионӣ, таъмин бо захираҳо ва самаранокии истифодаи он ва маҷмуи усулҳои гуногуни баҳодиҳии он асос ёфтааст, ки дар айни замон самти устувории молиявии корхонаҳо мебошад.

АДАБИЁТ:

1. Абдурахмонов, Х.А. Инновационный подход к методике анализа финансового состояния предприятия. Научное обеспечение развития АПК в условиях импортозамещения: сборник научных трудов. – Ч. II / СПбГАУ. – СПб., 2018. - С. 3-7.
2. Алферова, О.И. Анализ финансового состояния, как инструмент оценки предприятия. В сборнике: Научное сообщество студентов XXI столетия. Экономические науки Электронный сборник статей по материалам LXIII студенческой международной научно-практической конференции. - 2018. - С. 48-53.
3. Арсланов, Р.Ф. Применение финансовых показателей при анализе финансового состояния коммерческой организации. Молодежный научный форум: общественные и экономические науки. - 2018. - № 1 (53). - С. 44-49.
4. Балабанов, И.Т. Основы финансового менеджмента. Как управлять капиталом? - М.: Финансы и статистика, 2014. - 384 с.
5. Белова, Е.Л. Антикризисный анализ финансового состояния организаций как основного курса повышения экономической устойчивости региона. Вестник Тульского филиала Финуниверситета. Социально-экономическое развитие региона: теория и практика. -Тула: Издательство ТулГУ, 2015. - С.107-108
6. Евстигнеева, И.О. Методика анализа деловой активности организации. Молодой ученый. - 2015. - №10.2. - С. 114-117.
7. Костусенко, И.И. Исследование методики анализа и диагностики финансового состояния организации. Научное обеспечение развития АПК в условиях импортозамещения: сборник научных трудов. – Ч. II / СПбГАУ. – СПб., 2018. - С. 29-31
8. Науменко, Т.С. Учет отраслевых особенностей при разработке приоритетных направлений управления финансовым состоянием сельскохозяйственных предприятий. Вестник Академии знаний. - 2018. №25(2). - С. 294-299
9. Савицкая, Г.В. Комплексный анализ хозяйственной деятельности предприятия. Учебник.–7-е изд., перераб. и доп. –М.:ИНФРА-М,2017. – 608с.
10. Трусова, Е.О. Оценка влияния внешних факторов на выручку организации при помощи эконометрической модели. Сибирская финансовая школа. - 2017. - № 2. - С. 84-86.
11. Шеремет, А.Д., Негашев, Е.В. Методика финансового анализа деятельности коммерческих организаций. Практич. пособие. –2-е изд., перераб. и доп. – М.: ИНФРА-М, 2017. – 208с.

АННОТАЦИЯ
МЕТОДИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ И ПОКАЗАТЕЛИ ОЦЕНКИ ФИНАНСОВОГО СОСТОЯНИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

В условиях рыночной экономики, каждое предприятие, независимо от формы собственности, стремится к поддержанию своей финансовой устойчивости.В этих условиях анализ финансового состояния предприятий играет решающую роль в их конкурентоспособности. В данной статье авторами предложена методика анализа финансового состояния сельскохозяйственных предприятий. Авторами предложен широкий перечень показателей для анализа финансового состояния сельскохозяйственных предприятий, а также представлена модель взаимосвязи основных компонентов анализа финансового состояния с периодами проведения анализа финансового состояния хозяйствующих субъектов.

Ключевые слова: *финансовое состояние, финансовая устойчивость, капитал, риск банкротства, рентабельность, прибыль, ликвидность, финансовые ресурсы, долги, погашение долгов.*

ANNOTATION
METHODOLOGICAL BASES AND INDICATORS OF FINANCIAL CONDITION ASSESSMENT OF AGRICULTURAL ENTERPRISES

In the conditions of market economy, each enterprise, regardless of the form of ownership, strives to maintain its financial stability. In these conditions, the analysis of the financial condition of enterprises plays a decisive role in their competitiveness. In this article, the authors propose a methodology for analyzing the financial condition of agricultural enterprises. The authors propose a wide range of indicators for analyzing the financial condition of agricultural enterprises, and also present a model of the relationship between the main components of the financial condition analysis and the periods of the financial condition analysis of business entities.

Keywords: *financial condition, financial stability, capital, bankruptcy risk, profitability, profit, liquidity, financial resources, debts, debt repayment*.

Сведения об авторах:

Олимов Аловиддин Хайруллоевич-кандидат экономических наук, доцент кафедры финансы и кредит в агропромышленном комплексе Таджикского аграрного университета имени Ш. Шхтемур. 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 146. Тел.: (+992) 917-05-90-90, E-mail: olimov-1976@mail.ru

Сафаров Асумуддин Шамсиддинович-старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета, анализа и контроля Специализированного колледжа города Бохтар. 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Б.Гафурова, 22. Тел.: (+992) 101-00-0-705.

About the authors:

Olimov Aloviddin Khairulloevich-associate professor of the Department of Finance and Credit in the Agro-Industrial Complex of the Tajik Agrarian University named after Sh. Shtemur. 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 146. Tel.: (+992) 917-05-90-90, E-mail: olimov-1976@mail.ru

Safarov Asumuddin Shamsiddinovich-senior lecturer of the Department of Accounting, Analysis and Control of the Specialized College of the city of Bokhtar. 735140, Republic of Tajikistan, the city of Bokhtar, B. Gafurov street, 22. Tel.: (+992) 101-00-0-705.

ТДУ: 632.2

ИСТЕҲСОЛИ ИНТЕНСИВИИ ХӮРОКИ ЧОРВО-ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАҲСУЛНОКИИ ЧОРВО

Мирзоев Б.-Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *истеҳсоли интенсивӣ, чорво,хӯроки чорво, маҳсулнокӣ.*

Вазифаҳои асосие, ки дар назди кишоварзӣ гузошта шудаанд, таъмин намудани афзоиши боэътимод ва устувории баланди истеҳсолоти кишоварзӣ, ҳамаҷониба баланд бардоштани самараи зироаткорӣ ва чорводорӣ, пурратар конеъ гардондани талаботи аҳолии мамлакат - ба маҳсулоти озуқаворӣ, саноат-ба маҳсулоти хом мебошад.

Вазифаи хеле зиёд кардани истеҳсоли маҳсулот ва беҳтар намудани сифати он махсусан тезутунд аст. Дар ин чо соҳаи чорводорӣ аҳаммияти махсусан калон дорад, зеро вай барои одамон маҳсулоти пурқимат - гӯшт, шир, тухм, инчунин ашёи хоми пурқимати саноати коркард - пашм, пӯст ва гайра медихад. Минбаъд ҳам зиёд кардани истеҳсоли гӯшт, шир, тухм, пашм ва дигар навъҳои маҳсулот дар асоси баланд бардоштани маҳсулнокии чорво ва паранда, афзоиши саршумори онҳо, самаранок истифода бурдани хӯроки

чорво, хеле беҳтар намудани шароити нигоҳубини ҳайвонот, механиконидани меҳнат ва чорӣ намудани техникаи прогрессивӣ - ҳамаи ин вазифаҳо аҳаммияти якумдарача ва аҳаммияти умумидавлатӣ доранд.

Ҳалли муваффакиятноки ин вазифаҳо бо туфайли мақсаднок ба амал баровардани роҳи интенсификатсияи кишоварзӣ, такмил додани усулҳои хоҷагидорӣ, ҷо ба ҷо гузоштан, махсусгардонӣ ва консентратсияи истеҳсолот, ки ҳукумат пешбинӣ кардааст, алоқаи зич дорад. Зеро зарурати бо маҳсулоти кишоварзӣ пурратар таъмин намудани мамлакат аз оқилона ва самараноктар истифода бурдани имкониятҳои азими ҳамаи шаклҳои хоҷагиҳо бо роҳи кооператсияи ҳаматарафа махсусгардонӣ ва консентратсияи истеҳсолоти онҳо, барпо намудани иттиҳодияҳои хоҷагиҳо, иттиходияҳои истехсолӣ ва агросаноатӣ талаб мекунад. Ин раванд дар рафти ҳамкории иқтисодии хоҷагиҳои гуногун ва дигар корхонаҳои давлатӣ ба вуҷуд омад ва инкишоф ёфт. Зиёд кардани истеҳсоли хӯроки чорво, беҳтар намудани сифати он, такмил додани техника ва усулҳои нигоҳ доштан ва додани хӯроки чорво проблемаҳои муҳимтарин мебошанд.

Пойгохи сусти ему хошок ва кам хӯрок додани ҳайвонот боиси паст шудани маҳсулнокии онҳо ва дар натиҷа кам шудани бездеҳи маблағгузорӣ ба парвариш, нигоҳубини хӯроки чорво ва паранда, харид, нигоҳ доштан ва коркард мегардад. Дар натиҷа камшавии самаранокии ҳам организми чорво ва ҳам ғизо мушоҳида мешавад ҳамаи ин боиси хеле баланд шудани арзиши аслии маҳсулоти чорво ва паст шудани даромаднокии истеҳсолот мегардад.

Ба муносибати ба асоси саноатӣ гузарондани чорводорӣ аҳаммияти пойгоҳи хӯроки чорво беандоза меафзояд. Ин проблемаҳои муҳимро танхо бо роҳи таъмин намудани дараҷаи баланди илмӣ-техникӣ ва ташкилии истехсолот дар хариди хӯроки чорво, коркард, нигоҳ доштан ва тақсим кардан (хӯрокдиҳӣ) ҳал кардан мумкин аст. Ба ибораи дигар гуем, бо роҳи ба базаи мустаҳками саноатӣ гузарондани озукаворӣ мебошад. Солҳои охир нархи чаканаи маҳсулоти чорво баланд шуд.

Нархи гӯшт дар ҳоли ҳозир ба ҳисоби миёна 70-100 сомониро ташкил медиҳад, яъне, нархҳо 5-6 баробар зиёд шудаанд. Ин вазъият талаб мекунад, ки барои зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти чорво, кам кардани арзиши аслӣ ва пеш аз ҳама дар асоси захираҳои хӯроки истехсоли худӣ чораҳои таъхирнопазир дида шаванд.

Ин вазъият талаб мекунад, ки барои зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти чорво, кам кардани арзиши аслӣ ва пеш аз ҳама дар асоси захираҳои хӯроки истехсоли худӣ чораҳои таъхирнопазир дида шаванд. Истеҳсоли хӯроки чорво бояд назар ба хӯроки харидашуда арзонтар бошад. Аммо бо сабабҳои муайяни объективӣ истеҳсоли хӯроки чорво асосан бесамар буда, арзиши аслии он аз хӯроки харидашуда фарқе надорад. Бинобар ин, сол то сол тамоюли нарасидани хӯроки худӣ мушоҳида мешавад, ки сабаби он кам шудани майдони кишт ва ҳосили зироатҳои хӯроки чорво мебошад (ҷадвали 1,2).

Ҷадвали 1.-Динамикаи кишти майдонҳои зироати хӯроки чово дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои ҷумҳурии Тоҷикистон

Зироат	1991	2010	2020	2021	2022	2023	2023бо% ба 1991
Майдони кишти зироатҳои хӯроки чорво, ҳаз.га	226,6	87,7	105,9	113,9	115,1	115,5	51,0
Аз он чумла: лаблабуи қанд барои хӯроки чорво	2,4	0,23	0,24	0,22	0,26	0,16	6,7
Зироатҳои силосбоб(бе ҷувормакка)	3,1	1,6	6,6	7,8	8,3	8,4	271,0
ҷувормакка барои силос, хӯроки сабз ва тарбеда	42,5	26,1	19,5	20,1	21,5	20,9	49,2
Алафҳои бисёрсолаи беҳимоя	17,9	12,1	14,7	18,2	22,9	18,3	102,2
Алафҳои бисёрсолаи кишти солҳои гузашта	110,0	47,7	64,8	67,6	61,8	67,7	61,5
Дар байни каторҳои богҳо	7,9	4,6	24,4	30,4	36,2	22,2	281,0

Сарчашма: *Кишоварзии ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2024. -24 с.ва ҳисоби муаллиф.*

Чорводорӣ ва гӯсфандпарварӣ, ки ба пойгоҳи истеҳсоли хӯроки чорво асос ёфтааст, ба таври васеъ тараққӣ карда, самараи истеҳсолот паст мешавад.

Яке аз сабабҳои асосии ба амал омадани ин аҳвол дар он аст, ки дар гузашта ва имрӯза ба тайёр кардани хӯроки чорво диққати даркорӣ дода намешавад.

Ҷадвали 2.-Динамикаи ҳосилнокии зироатҳои хӯроки чово дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Зироат	1991	2010	2020	2021	2022	2023	2023 бо % ба 1991
Бехмеваҳои хӯроки чорво	333,0	225,5	250,6	242,1	254,7	256,6	77,1
Лаблабуи қанд барои хӯроки чорво	345,0	166,6	250,6	242,0	257,4	261,5	75,8
Зироатҳои силосбоб(бе чувормакка)	122,0	228,9	116,4	111,6	91,9	103,7	85,0
Чувормакка барои силос, хӯроки сабз ва тарбеда	215,0	143,4	181,1	166,1	176,8	192,8	89,7
Алафҳои бисёрсолаи беҳимоя	57,1	50,3	104,0	116,6	118,4	111,5	195,3
Алафҳои бисёрсолаи кишти солхои гузашта барои хасбеда	67,7	98,4	38,6	65,0	66,6	70,8	104,6
Барои хӯроки сабз, тарбеда, силос ва орди алаф	279,0	129,8	212,4	191,1	183,0	223,2	80,0

Сарчашма: *Кишоварзии ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2024. -24 с.ва ҳисоби муаллиф.*

Истеҳсоли хӯроки чорво умуман бо сабабҳои асосии зерин талаботи чорводориро қонеъ намегардонад:

- нарасидани замин ва афзалияти якказироатии пахта ва дигар соҳаҳои зироат;
- ҳосили пасти майдонҳои хӯроки чорво ва талафи хӯроки чорво дар марҳалаи ҷамъоварӣ, тайёр кардан, нигоҳ доштан ва хӯрок додани чорво;
- бесамар истифода бурдани партовҳои растанипарварӣ, корхонаҳои коркард, хӯроки умумӣ ва ғайра.
- истифодабарии ғайрисистемаи алафзор ва кам кардани иқтидори он;
- дар хоҷагиҳо мавҷуд набудани иқтидорҳои коркарди хӯроки чорво;
- набудани манфиати иқтисодӣ ба истеҳсоли хӯроки чорво ва маҳсулоти чорво.

Дар системаи кишоварзӣ пеш аз ҳама ба соҳаҳои асосии растанипарварӣ - пахтакорӣ ва сабзавоткорӣ диққат дода мешавад. Ин соҳаҳо аз ҷихати таъминоти моддию техникӣ бартарӣ доранд, дар айни ҳол муносибат ба истеҳсоли хӯроки чорво ҳамчун соҳаи дуюмдараҷа аст, ки дар он таъмин намудани захираҳои моддӣ аз рУйи усули боқимонда ба амал бароварда мешавад. Дар оянда ин ба тамоми даврaҳои сикли технологӣ, аз тухмипарварӣ, агротехникаи кишт сар карда, то дар сари вақт ҷамъоварӣ намудани ҳосил таъсири манфӣ мерасонад.

Дар хоҷагиҳо киштгардон аксар вақт вайрон карда мешавад: барои зироатҳои хӯроки чорво кам замин ҷудо карда мешавад, ки аз пештарааш паст аст, микдори оптималӣ ва меъёри нуриҳои маъданӣ риоя карда намешавад, моддаҳои органики кам меандозанд, муҳлати кишт ва меъёри кишт вайрон карда мешавад. ҳамаи омилҳои дар боло зикршуда боиси талафи ҳосил ва арзиши ғизоии хӯроки чорво мегарданд. Аз ин рӯ, даромади ҳақиқии гектари обӣ 4-5 ҳазор тоннаро ташкил медихад. ки ин назар ба нишондиҳандаҳои хоҷагиҳои пешкадам 2-2,5 баробар кам аст. Аз ҳисоби баланд шудани арзиши аслии захираҳои моддию техникӣ дар давоми 15 соли охир 1 в.х. бештар аз 5 баробар афзуд. Ин ба афзоиши арзиши аслии маҳсулоти чорво ва гӯсфандпарварӣ таъсири калон расонд.

Таҷрибаи чорводорӣ нишон дод, ки дар сурати кам хӯрок додан ба модаговхо 10-12 фоиз зиёд ва маҳсулнокии шир ҳамин миқдор кам мешавад, дар ҳоле ки талафи чорво дар фермаҳо ба 30-40 фоиз мерасад. Кам ғизо додан ба давомнокии давраи истеҳсоли модаговҳо (3-4 сол) низ таъсири манфӣ мерасонад ва давраи нашъунамои ҷавонаҳо 1,5-2 баробар дароз мешавад. Он инчунин ба нобудшавии бармаҳал мусоидат мекунад. Мунтазам кам гизо додан ҳар сол аз ҳисоби талафи маҳсулот ва аз ҳад зиёд сарф кардани захираҳои моддӣ ва пулӣ талафоти калон мерасонад. Дар шароити камғизоӣ қисми асосии хӯрок барои нигоҳ доштани функсияҳои ҳаётан муҳим сарф карда мешавад, ки мутаносибан ҳиссаи онро дар ташаккули маҳсулот коҳиш медиҳад. Натиҷаи ҳамин аст, ки дар ҷумҳурӣ ба ҳар воҳиди маҳсулот 2-2,5 баробар зиёд хӯроки чорво сарф мешавад. Аз ин рӯ, барои қонеъ гардондани талаботи ҷумҳурӣ ба маҳсулоти чорво иқтидори базаи хӯрокиро ду баробар зиёд кардан лозим аст. Дурнамои рушд дар самти муносибатҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва кишоварзӣ ғайривоқеист.

Таркиби ғайриқаноатбахши пойгоҳи хӯроки чорво, паст будани биологии он устувор гардид. Таркиби ратсиони хӯроки чорво дар бисёр хоҷагиҳо ба стандартҳои муфассал мувофиқ нест. Мувофиқи ҳисобҳои мо дар сурати беҳтар истифода бурдани саршумори чорвои мавҷуда, ба таври бояду шояд хӯрок додан маҳсули чорворо 2-2,5 баробар зиёд

кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, дар ояндаи наздик шарти муҳимми интенсификатсияи чорводорӣ оптималӣ гардондани саршумори чорво ва бо хӯроки пурра таъмин намудани он мебошад.

Барои бартараф намудани ҳодисаҳои асосии манфии истеҳсоли маҳсулоти чорво кори тайёр кардани хӯроки чорворо дар асоси принсипҳои мустақилӣ ташкил кардан лозим аст. Он риояи принсипҳои зеринро талаб мекунад:

-дар хоҷагиҳо ташкил намудани бригадаҳои аз ҷиҳати қонунӣ мустақили хӯроки чорво, ки муносибатҳои онҳо бо чорводорӣ дар асоси шартномаи хариду фурӯш барпо карда шаванд;

-додани имтиёзҳои андоз ва моддӣ ба бригадаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки чорво, имконияти зиёда аз нақша фурӯхтани маҳсулот; бастани шартнома бо салоҳдиди худ ва истисно кардани чораҳои зарурӣ нисбат ба даромади соҳибкорӣ;

-таъмини бозхаридани воситаҳои истеҳсолот бо арзиши боқимонда.

Ин шароит барои тараққӣ додани звеноҳои махсуси хӯроки чорво, ки аз рӯйи принсипҳои ҳисоби хоҷагӣ кор мекунанд, зарур аст. Шуъбаҳои байниҳамдигарӣ ташкил кардан низ мувофиқи мақсад аст, ки дар як вақт бо истеҳсоли хӯроки чорво ва маҳсулоти чорво машғул шаванд. Дар асоси ҳамин принсипҳо кооперативҳои хурди парвариш ва фарбеҳ кардани ҳайвонот ташкил кардан мумкин аст. Равандҳои истеҳсол ва истифодаи хӯрокӣ бо ҳам алоқаманд буда, дараҷаи интенсивии соҳаи чорводориро муайян мекунанд. Аммо дар аксар хоҷагиҳо ин алоқа вайрон карда шудааст.

Таҳқиқоти бисёрсола нишон медиҳад, ки барои таҳлил намудани пойгоҳи мавҷудаи хӯроки чорво ва ба нақша гирифтани он нишондиҳандаҳои зеринро ба комплекс дохил кардан лозим аст: моддаи хушк, сафедаи хом, нахи хом, қанд, энергияи крахмал. Дараҷаи маҳсулнокии ҳайвонот ба таносуби моддаҳои ғизоии боло вобаста аст. Он аз намуди чорво, синну сол, самтҳои маҳсулнокии он, давраи сол, системаи хӯрокдихӣ ва ғайра вобаста аст. Яъне ҳар як гурӯҳи истеҳсолии ҳайвонот комбинатсияи оптималии моддаҳои ғизоро ва истеҳсоли хӯроки мутаносибро талаб мекунад. Бинобар ин, дар фермаҳо истеҳсоли хӯроки чорво бояд дар асоси талаботи чорводорӣ бо нишон додани навъҳои он ба накша гирифта шавад.

Маълумоти оперативӣ оид ба сифати хӯроки чорво имконият медиҳад, ки барои бартараф намудани номутаносибӣ ва дигар талафот сари вақт чораҳо дида шаванд. Ин маълумотҳо инчунин барои ҳисоббаробаркунии байни истеҳсолкунандагони хӯроки чорво ва чорводорон хизмат карда, барои ғизои мутаносиб шароит фароҳам меоранд. Мисоли равшани ин гузаштан ба технологияи ҷамъоварии хӯроки чорво мебошад, ки дар ҳар гектар микдори моддаҳои ғизоӣ зиёд мешавад.

Бисёр мамлакатҳо дар бобати рӯёндани ҷуворимакка ва лӯбиё муваффақиятҳои калон ба даст оварданд. Якум иқтидори истеҳсоли хӯроки энергетикӣ дорад, дуюмӣ аз ҷихати таркиби сафеда ва пуррагӣ рақиб надорад. Хӯроки серэнергетикии ҷуворимакка бо хӯроки серпротеини лубиё барои ҳамаи намудҳои ҳайвонот хӯроки самарабахштарин мебошад. Бинобар ин, барои зироатҳои силосбоб майдони зарурӣ ҷудо карда, вақти ба даст овардани дони ҷуворимакка дар давраи пухта расидани он ва бо ҳамин иқтидори ҳосилотро хеле зиёд кардан лозим аст.

Барои парвариши ин зироатҳо комплексҳои махсуси мошинаҳои тухмипошак, таҷҳизоти коркарди хӯроки чорво, гербитсидҳои махсус ва ғайра лозиманд. Бинобар ин, дар айни замон захираҳои инвеститсиониро ба тараққиёти истехсоли хӯроки чорво ҳарчи бештар равона кардан лозим аст, ки бе он қафомонӣ дар чорводорӣ мисли солҳои гузашта ногузир аст.

Барои самаранок истифода бурдани хӯроки чорво ва тараққӣ додани хоҷагии устувори чорво таҷрибаи мамлакатхои ғарбро дар бобати истеҳсол кардан ва бо аминокислотаҳои бойшуда, намакҳо, марганетс ва руҳ, витаминҳо ва дигар иловаҳо таъмин намудани чорво васеъ истифода бурдан зарур аст; дар ҳар як минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истеҳсоли иловаҳои сафеда ва витаминӣ, премиксҳо ва ғайра корхонаҳои махсуси хӯроки чорво таъсис дода, механизмҳои бозории танзими истеъмоли захираҳо - андоз, аморти-затсия, механизми нархгузорӣ, нав кардани қисми фаъоли фондҳои асосиро истифода ба-

ранд. Бояд гуфт, ки барои гузаштан ба истеҳсоли интенсивии хӯроки чорво масъалаи пойгоҳи моддию техникиро ҳал кардан, инчунин таҳҷизоти аз ҷиҳати чисмонӣ куҳнашударо иваз кардан лозим аст. Барои ҳалли ин проблемаи муҳим системаи фондҳои молиявии ғайридавлатиро ташкил кардан лозим аст, ки онҳо ҳамчун муассисаҳои кредитию молиявии мустақил амал мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Коваленко Н. Я. Экономика сельского хозяйства. -М., ЮРАЙТ, 2017. – 406 с.
2. Мирзоев Б. Экономическая эффективность интенсификации кормопроизводства. – Душанбе, Ирфон, 2016 - С. 272.
3. Сорокин В.С. Экономика сельского хозяйства. -М., 2009. – 120 с.
4. Статистический ежегодник Республики Таджикистан, -Душанбе, 2024. – 479 с.
5. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ, -Душанбе, 2024. – 368 с.

АННОТАЦИЯ

ИНТЕНСИВНОЕ ПРОИЗВОДСТВО КОРМОВ ДЛЯ ЖИВОТНЫХ - ФАКТОР ПОВЫШЕНИЯ ПРОДУКТИВНОСТИ СКОТА

В статье рассматривается одно из важнейших условий дальнейшего увеличения производства мяса, молока, яиц, шерсти и других видов продукции на основе повышения продуктивности скота и птицы, увеличения их поголовья, эффективного использования кормов, значительного улучшения условий содержания животных, механизации труда и внедрения прогрессивной техники-все эти задачи имеют первостепенное и общегосударственное значение. Успешное решение этих задач тесно связано с целью реализации пути интенсификации сельского хозяйства, совершенствования методов хозяйствования, размещения, специализации и концентрации производства. Наиболее актуальными проблемами являются увеличение производства кормов, улучшение их качества, совершенствование техники и методов хранения и выдачи кормов.

Ключевые слова: *интенсивное производство, скот. корм для животных, производительность*

ANNOTATION

INTENSIVE PRODUCTION OF ANIMAL FEED IS A FACTOR INCREASING LIVESTOCK PRODUCTIVITY

The article considers one of the most important conditions for further increasing the production of meat, milk, eggs, wool and other types of products based on increasing the productivity of livestock and poultry, increasing their number, effective use of feed, significant improvement of animal husbandry, mechanization of labor and the introduction of advanced technology - all these tasks are of paramount and national importance. The successful solution of these tasks is closely linked to the goal of implementing the path of agricultural intensification, improving management methods, location, specialization and concentration of production. The most pressing issues are increasing feed production, improving feed quality, and improving techniques and methods for storing and dispensing feed.

Keywords: *intensive production, cattle. animal feed, performance.*

Сведения об авторе:

Мирзоев Бобо–кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики АПК Таджикского аграрного университета им. Ш. Шотемур, 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. Тел.: (+992) 919-02-88-48, bobojon.1954@mail.ru

Author Information:

Mirzoev Bobo-Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economics of the Agro-Industrial Complex of the Tajik Agrarian University named after Sh. Shotemur, 734003, Republic of Tapjikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 146. Tel.: (+ 992) 919-02-88-48, bobojon.1954@mail.ru

ТДУ 331.556.4 (575.3)

ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ ҲАМЧУН МАНБАИ ТАШАККУЛЁБИИ ДАРОМАДИ БУҶЕТИ ХОНАВОДА

Кабирзода С.Ҷ.-Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтесур

Калимаҳои асосӣ: *иқтисодиёт, иҷтимоиёт, интиқоли маблағ, муҳоҷират, бекорӣ, даромад, хароҷот, хонавода, меҳнат, сабабҳои муҳоҷират.*

Аз оғози солҳои 90 дар ҳудуди ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) равандҳои ҳиҷрати аҳолӣ ба хориҷи кишвар авҷ гирифт ва он дар шароити тағйир ёфтани вазъи сиёсӣ ва иқтисодӣ нисбат ба даҳсолаҳои гузашта ташаккул меёбад.

Самтҳои ҳаракати муҳоҷират ва шиддатёбии онҳо дар Иттиҳоди Шуравӣ мустақиман вобаста ба сиёсати давлат дар давраи мушахасси таърихӣ қарор гирифта буданд.

Қашшоқӣ ва камбизоатӣ, набудани имкони таъмини хонавода дар Тоҷикистон бо ҷойи кор ва пораи нон шаҳрвандони онро маҷбур намуд ба хориҷа раванд.

Арзёбии миқёси ҳиҷрат аз Тоҷикистон гуногун аст, вале ҳама хусусияти оммавии онро тасдиқ мекунанд, ҳол он ки дар мамлакат зиёда аз 10 миллион нафар аҳолӣ истиқомат мекунанд.

Ҳолати муосири иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистонро бе раванди ҳиҷрати меҳнатӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Он дар давраи муосир барои Тоҷикистон зуҳуроти бузургтарини иҷтимоӣ мебошад. Муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон асосан хусусияти мавсимӣ дорад, аз ин рӯ, бисёре аз муҳоҷирон дар оғози баҳор ва тобистон ба ҳиҷрат мераванд. Аз рӯйи маълумотҳои Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии ҷумҳурӣ 75-85%-и муҳоҷирон дар тирамоҳу зимистон ба Ватан бармегарданд. Дар рафти ҳиҷрат муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон ба фарҳангу анъаноти дигар мамлакатҳо ва халқҳо одат мекунанд ва забонҳои хориҷиро меомӯзанд, технологияҳои навро аз худ мекунанд ва малакаю маҳорати касбиро соҳиб мешаванд, муносибату робитаҳои нави инсонӣ барқарор менамоянд.

Самараи асосии мусбат аз ҳиҷрат дар интиқоли пул тавассути муҳоҷирон ба мамлакат зоҳир мешавад. Ҳаҷми маблағҳое, ки ба мамлакат ворид гардад, сол ба сол меафзояд ва қисми бештари он аз Русия ворид мешавад. Аз рӯйи ҳиссаи интиқоли пулӣ ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ Тоҷикистон дар байни мамлакатҳои ИДМ мақоми аввалро ишғол менамояд. Афзоиш ёфтани дохилшавии асъори хориҷӣ ба бозори дохилӣ дар ҳимояи асъори миллӣ мусоидат мекунад. Даромадҳои пулӣ имконият медиҳанд, ки муътадилии иҷтимоӣ дар мамлакат нигоҳ дошта шавад. Ҳиҷрат ба сохтори иҷтимоии Тоҷикистон таъсири мусбат мерасонад, шумораи синфи миёнаро зиёд мекунад.

Зимнан ҳиҷрат аз Тоҷикистон ба таври табиӣ пеш меравад ва аз тарафи давлат ба танзим дароварда намешавад. Мутаассифона, дар Тоҷикистон таҳлилу таҳқиқоти илмӣ ва воқеӣ оид ба муҳоҷират вуҷуд надорад, то сохторҳои давлатӣ онро ба танзим дароранд. Зимнан, ба таври умум масъалаҳои ҳалталаб оид ба танзим даровардани муҳоҷирати меҳнатӣ ҷиддӣ боқӣ мемонад. Таҳлили маълумотҳо дар бораи рафтори муҳоҷирон дар марҳилаҳои гуногуни ҳиҷрат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо асосан бо роҳҳои ғайрирасмӣ ва алоқаҳои ғайрирасми чӣ барои дарёфт кардани иттилоот дар бораи ҷойҳои кори чӣ оид ба кор даромадан амалӣ мешаванд.

Ба танзим даровардани муҳоҷирати муваққатии меҳнатӣ бо сабаби мавҷуд набудани заминаҳои методологӣ барои қабули қарори иҷтимоӣ ва бо мақсади паст кардани хавфу хатарҳои молиявӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва демографӣ заруранд. Ба ин муносибат омӯхтани ҷиҳатҳои иқтисодии муҳоҷират аз Тоҷикистон ба Русия ба худ аҳаммияти махсусро мегирад, зеро барои самаранок истифода бурдани иқтидори муҳоҷирати берунии меҳнатӣ механизмҳои танзиму идоракунии ин равандҳо, махсусан дар шароитҳои муосири номуътадилии молиявӣ ва иқтисодӣ лозиманд.

Ҳам барои Тоҷикистон ва ҳам барои ҷумҳуриҳои ҳамсоя дар ҳалли масъалаҳои муҳоҷират дар чорчӯбаи мамлакатҳои ИДМ ҳамгироӣ зарур аст.

Дар Тоҷикистон баъди омӯхтани таҷрибаи ҷаҳонӣ қарори махсуси Ҳукумат боҷи 3,0%-ро, ки аз интиқоли пулҳо ситонда мешуд барҳам дод, ҷорӣ намудани интиқолро бе боз кардани суратҳисоби ҷорӣ, инчунин ҳадди фоизро барои хизматрасонӣ аз 3 то ба 1,5 баробар кам кард. Тамоми низомҳои интиқоли пулҳо ва институтҳои молиявӣ, ки хизматҳои интиқоли маблағҳои пулиро пешниҳод менамоянд, шаффофанд. Иттилоот дар бораи низомҳо, фоизҳо, шароитҳои оварда расонидан аз марказҳои хизматрасонӣ ба таври мунтазам ба назар мерасад.

Таҳлили ҷараёнҳои воситаҳои интиқоли пул, ки аз тарафи муҳоҷирони Тоҷикистон сурат мегирад, дар асоси иттилооте, ки аз муассисаҳо гирифта мешавад, камбудиҳои ҷиддӣ дорад, зеро ин иттилоот имкон намедиҳад вазъияти иҷтимоӣ-демографии муҳоҷирони меҳнатӣ, ҷойи зисти онҳо, ба таври афзалиятнок ба кучо равона карда шудани пул, таъсири он ба сатҳи камбизоатӣ ва нобаробарии даромадҳои аҳолӣ дар мамлакати қабулкунанда омӯхта шавад.

Аз рӯйи иттилооти Хадамоти Федералии Муҳоҷирати (ХФМ)–и Федератсияи Русия имрӯз дар ин мамлакат беш аз як миллион шаҳрванди Тоҷикистон дар муҳоҷирати меҳнатӣ аст. Аз ин шумора, аз рӯйи маълумоти ХФМ, танҳо 3%-и тоҷикистониён дар он ҷо аз рӯйи ихтисосашон кор мекунанд, боқимонда 97% ҳамчун кормандони тахассусашон паст истифода бурда мешаванд [1].

Динамикаи шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои кор мустақилона ба дигар мамлакатҳо мераванд, дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои кор мустақилона ба дигар мамлакатҳо рафтаанд (нафар)

Солҳо	Ҳамагӣ	Синну сол							
		то 18		18-29		30-59		60 ва калонсолтар	
Ҳар ду ҷинс									
2013	793447	23681	3,0	314684	39,7	450778	56,8	4304	0,5
2014	669090	2129	0,3	259973	38,8	406626	60,8	362	0,05
2015	551728	324	0,06	214043	38,8	337116	61,1	245	0,04
2016	517308	1101	0,2	208157	40,2	308002	59,5	48	0,009
2017	487757	101	0,2	190544	39,1	297112	60,9	-	-
2018	484176	61	0,01	194036	40,07	290079	59,91	-	-
2019	530883	36	0,01	219782	41,40	311065	58,59	-	-
2020	129807	178	0,14	53596	41,29	76033	58,57	-	-
2021	373773	1416	0,37	137277	36,72	234729	62,80	351	0,09
2022	775578	292	0,04	308782	39,81	468504	60,41	-	-
2022/2018 бо %	97,74	1,23	-	98,12	100,27	103,93	106,35	-	-
Мардҳо									
2013	693355	18276	2,6	279114	40,3	392876	56,7	3087	0,4
2014	562990	1850	0,3	213500	37,9	347305	61,7	335	0,05
2015	487137	304	0,06	188430	38,7	298217	61,2	186	0,04
2016	435457	723	0,16	174500	40,1	260196	59,8	38	0,009
2017	419721	101	0,02	163008	38,8	256612	61,1	-	-
2018	419664	61	0,01	168802	40,22	250801	59,76	-	-
2019	453870	36	0,01	188488	41,52	265346	58,46	-	-
2020	112927	178	0,16	46732	41,38	66017	58,46	-	-
2021	324599	1408	0,43	118464	36,49	204380	62,96	347	0,10
2022	654416	278	0,04	259030	39,58	395108	60,37	-	-
2022/2018 бо %	94,38	1,52	1,54	92,80	98,21	100,57	106,48	-	-
Занҳо									
2013	100094	5405	5,4	35570	35,5	57902	57,8	1217	1,2
2014	106100	279	0,3	46473	43,8	59321	55,9	27	0,02
2015	64591	20	0,03	25613	39,6	38899	60,2	59	0,09
2016	81851	378	0,5	33657	41,1	47806	58,4	10	0,01
2017	68038	-	-	27536	40,5	40500	59,5	-	-
2018	64512	-	-	25234	39,11	39278	60,88	-	-
2019	77013	-	-	31294	40,63	45719	59,36	-	-
2020	16880	-	-	6864	40,66	10016	59,33	-	-
2021	49174	8	0,02	18813	38,26	30349	61,71	4	0,01
2022	121162	14	0,01	49752	41,06	71396	58,92	-	-
2022/2018 бо %	121,05	0,26	0,18	139,87	115,66	123,30	101,93	-	-

Манбаъ: *Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бозори меҳнат да Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2023. - Саҳ. 113-114.*

Дар солҳои 2013-2022 синну соли категорияҳои муҳоҷирон дар ҳоли тағйирёбӣ қарор доранд. Агар дар соли 2013 ҷавонони аз 18 то 29 - сола то 39,7%-и муҳоҷирони меҳнатиро ташкил дода бошанд, ин категорияи синну соли муҳоҷирон дар соли 2019 зиёд шуда, 41,4%-и шумораи муҳоҷиронро ташкил дод. Баъдан баъзе камшавии ин категорияи синну сол (ҷавонони аз 18 то 29 - сола) дар соли 2022 то 39,81 фоиз мушоҳида шуд. Ҳамин тариқ, агар дар соли 2019 афзоиши ҷавонони муҳоҷир шуда нисбат ба соли 2013 - 1,7 банди фоиз афзоиш ёфта бошад, дар соли 2022 нисбат ба соли 2019 -1,59 банди коҳиш ёфтааст. Ин дар бораи то андозае камтар шудани муҳоҷирати ҷавонон гувоҳӣ медиҳад.

Яъне, имрӯз ҷавонони меҳнатии муҳоҷир аз рӯйи синну сол калонтар буда, баъзеашон ихтисосҳо доранд. Акнун эҳтимоли бозгашти муҳоҷирони меҳнатӣ меафзояд. Мувофиқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022

муҳоҷирати меҳнатӣ 775578 нафарро ташкил кард, ки 14,2%-и захираҳои меҳнатии мамлакатро ташкил медиҳад (ҷадв. 2).

Ҷадвали 2. Динамикаи захираҳои меҳнатӣ ва муҳоҷирати меҳнатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон [2]

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					
	2018	2019	2020	2021	2022	2022/2018 бо %
Муҳоҷирони меҳнатӣ, (нафар)	484176	530883	129807	373773	775578	160,18
Суръати афзоиш нисбат ба соли гузашта (маротиб)	0,99	1,28	0,24	2,87	2,07	209,09
Захираҳои меҳнатӣ (ҳаз. нафар)	5427	5521	5585	5653	5754	105,99
Суръати афзоиш нисбат ба соли гузашта (бо фоиз)	100,0	101,73	101,16	101,21	101,79	-
Ҳиссаи муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат ба захираҳои меҳнатӣ (бо фоиз)	8,92	9,61	2,32	6,61	13,47	-

Манбаъ: ***Ҳисоби муаллиф аз рӯйи маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. - С. 113-114., Омори солона 2023. - С. 85.***

Қайд кардан лозим аст, ки занҳо дар байни онҳо қариб 121,1 ҳазор нафаранд. Аз муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон, ки ба хориҷи мамлакат мераванд; зиёда аз 627 ҳазор нафарашон (соли 2023) [3] Русияро интихоб кардаанд, ки 6,27 фоизи муҳоҷиронро дар Федератсияи Россия ташкил менамоянд.

Тавре ки маълумотҳо нишон медиҳанд, шумораи муҳоҷироне, ки дар соли 2018 дар хориҷ кор кардаанд 484176 нафар буданд ва дар соли 2022 - 775578 нафарро ташкил карданд, яъне 291402 нафар ва ё 160% зиёд шуданд (ҷадв. 3.).

Ҷадвали 3. Динамикаи афзоиши захираҳои меҳнатӣ ва муҳоҷирати меҳнатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					
	2018	2019	2020	2021	2022	2022/2018 бо %
Муҳоҷирони меҳнатӣ (нафар)	484176	530883	129807	373773	775578	160,18
5и маблағҳои пулӣ аз муҳоҷирати меҳнатӣ, млрд/дол. ИМА	2,5	2,9	1,741	1,8	3,2[4]	128,00
Ба як муҳоҷир, доллар	5163,41	5462,60	13412,22	4815,76	4125,96	80,0
Суръати афзоиш (камшавӣ) нис-бат ба соли гузашта (бо фоиз)	100,00	105,79	254,52	35,90	85,67	-
Ба ҳар сари аҳолӣ, доллари ИМА	273,92	311,36	179,17	182,00	317,51	115,91
Суръати афзоиш нисбат ба соли гузашта (бо фоиз)	100,00	113,67	57,54	101,58	174,45	

Манбаъ: ***Ҳисоби муаллиф аз рӯйи маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. - С. 113-114., Омори солона 2023. - С. 11.***

Сабаби каму зиёд шудани шумораи муҳоҷирон, хусусияти мавсимии кор ва таъсири манфии бухрони биологӣ (КОВИД-19), бухрони молиявии ҷаҳонӣ, бухрони сиёсӣ ва таҳримҳо нисбат ба Русия мебошад.

Дар пурра кардани буҷети хонаводаҳо ҷойи муҳимро даромад аз муҳоҷирони меҳнатӣ ишғол менамояд. Қайд кардан мумкин аст, ки нишондиҳандаҳои суръати зиёдшавии муҳоҷирони меҳнатӣ дар солҳои 2018-2022 ба 160,18% баробар буда, афзоиши воситаҳои пулӣ аз муҳоҷирати меҳнатӣ ба 128,0% баробар аст. Чунон ки аз ҷадвали 3 бар меояд, дохилшавии маблағҳои пулӣ аз муҳоҷирати меҳнатӣ тавассути бонк дар соли 2022 - 3,2 млрд. доллари ИМА-ро ташкил карда, ки нисбат ба давраи соли 2018 - 1,28 баробар зиёд аст.Дар ин давра зиёдшавии интиқол ба дигар мамлакатҳои ҳамсоя низ дахл кардааст. Масалан, дар Қирғизистон соли 2022 аз Русия 2,730 млрд. доллар ворид шуда буд (ба ҳар сари аҳолӣ, 391,40 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад), ки ин нишондиҳанда дар соли 2021 - 2,517 млрд. долларро ташкил карда буд [5].

Агар дар соли 2018 Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД) ба як нафар аҳолӣ 860,0 доллари ИМА (7870,2 сомонӣ)-ро ташкил дода бошад [6], дар он сурат маблағе, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ ворид шуда буд, ба як нафар муҳоҷири меҳнатӣ 5163,41 сомониро ташкил дода буд ва ба ҳар нафар аҳолӣ 273,92 доллари ИМА рост меомад. Дар солҳои минбаъда интиқоли пул ба як нафар муҳоҷир тамоюл ба камшавӣ дошт. Аз рӯйи ҷамъбасти соли 2022 ММД ба ҳар нафар аҳолӣ 1070,9 доллари ИМА (11808,0 сомонӣ), маблағи воридшуда аз муҳоҷирати меҳнатӣ 4125,96 доллари ИМА-ро ташкил дода буд ва ба ҳар нафар аҳолӣ 317,51 доллари ИМА рост меояд (диаграмма).

Аз рӯйи таҳлилҳои анҷомдодашуда дар 10 соли охир (солҳои 2013-2022) дар намуди интиқоли пулии муҳоҷирон ба ҷумҳурӣ зиёда аз 26 миллиард доллар ворид шудааст (замима).



Диаграмма.- Шумораи муҳоҷирон ва интиқоли пулӣ ба як нафар муҳоҷир (доллар).

Аз рӯйи таҳлилҳои анҷомдодашуда дар 10 соли охир (солҳои 2013-2022) дар намуди интиқоли пулии муҳоҷирон ба ҷумҳурӣ зиёда аз 26 миллиард доллар ворид шудааст (замима). Сабаби кам шудани муҳоҷирон дар соли 2020 ба вуҷуд омадани бухрони биологии КОВИД-19 мебошад.

Далелҳо нишон медиҳанд, ки сафар кардан барои дарёфти маблағ ба Русия оҳиста-оҳиста паст мешавад. Барои пешгирии оқибатҳои манфии иҷтимоӣ-иқтисодии ин равандҳо пешгӯйиҳои комилан аниқ заруранд, ки то чӣ андоза сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат тағйир меёбад, зеро зиндагии бештари мардум ба воридшавии маблағҳои пулии муҳоҷирон вобаста аст. Дар айни замон, мо бояд онро таъқиб кунем, ки дар ҷомеаи Русия чӣ воқеа рух медиҳад, дар оянда ин ва дигар омилҳо ба даромадҳои пулии муҳоҷирони меҳнатии мо чӣ гуна таъсир мерасонанд?

Дар соли 2022 нисбат ба соли 2021 шумораи ба хориҷ рафтани муҳоҷирони тоҷик 2,1 маротиб зиёд шудааст. Аз рӯйи ҷамъбасти соли 2022 интиқоли пулӣ аз ҳисоби муҳоҷирон 3200,0 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Албатта интиқоли пулӣ мустақиман даромадҳои буҷетии давлатро зиёд намекунанд, вале ба пасандозҳои миллӣ ва захираҳои асъорӣ ҳисса мегузоранд. Ҳаҷми афзояндаи интиқоли маблағ ба рушду муттаҳид намудани низоми бонкии мамлакат фоида мерасонад. Интиқоли пул имкон медиҳад, ки муътадилӣ дар ҷамъият таъмин карда шавад ва шиддатнокии иҷтимоӣ коҳиш ёбад. Ҳамин тавр, дохилшавии маблағҳои пулӣ аз муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути бонкҳо дар соли 2022 - 3,2 миллиард доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат бадавраи соли 2018 - 0,7 миллиард доллари ИМА зиёд ва нисбат ба соли 2013 - 0,9 миллиард доллари ИМА кам аст.

Агар шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 2018 аз 775,6 ҳазор нафар то 484,2 ҳазор нафар 291,4 ҳазор нафар кам шуда бошад, пас дохилшавии маблағҳои пулӣ аз муҳоҷирони меҳнатӣ ба воситаи низомҳои бонкӣ ба як нафар муҳоҷир мутобиқан 5163,41 (дар соли 2018) ва 4125,96 доллари ИМА-ро ташкил доданд, ки 20,1% кам аст. Асосан ин бо сабаби паст шудани қурби асъори Русия нисбат ба доллари ИМА, бухронҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва муҷозоти иқтисодӣ ба муқобили Русия рух додааст.

АДАБИЁТ

1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли соли 2018 «Меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмолии маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолии кишвар» Рӯзномаи «Минбари халқ» 6.02.2019, № (1195) с/12.
2. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солона, соли 2023.
3. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бозори меҳнат да Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2023.
4. Ашуров И.С., Кабиров С.Ҷ. Такмили истифодаи даромади буҷети хонаводаи аҳолии деҳот (Монография). – Душанбе: Аршам, 2024 - 154с.
5. Ашуров И.С., Кабиров С.Дж. Проблемы формирования и использования доходов сельского населения (Монография). - Душанбе: Эр-граф - 2019. - 152с.
6. Кабиров С.Дж., Мардонаева С.Т., Қаламфурова А., Ашуров Ш.А Последствие Ковид-19. Ее влия-ние на малый и средний бизнес в ГБАО (на английском языке) // Материалы XVII Международной научно – практической конференции. Полша, г. Поланд, 15.03.2023 г. (ISSN 1561-6908).
7. Министерство труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан, 2016.
8. Агентии маълумотии regnum (Москва, 21 марти соли 2018).
9. ИА Авест, 13 октября 2014 года.
10. ИА Азия-Плюс. 21 марта 2017 года.

11. https://www.google.com/search?q.
12. https://e-cis.info/news/566/106478/.

АННОТАЦИЯ

ДЕНЕЖНЫЕ ПЕРЕВОДЫ ТРУДОВЫХ МИГРАНТОВ КАК ИСТОЧНИК ПОВЫШЕНИЯ ДОХОДОВ ДОХОДНОГО БЮДЖЕТА СЕЛЬСКОГО НАСЕЛЕНИЯ

Данная статья посвящена исследованию перемещения денежных средств трудовых мигрантов, как источника формирования доходов в бюджете сельских домохозяйств, в условиях рыночной экономики. Направления миграционного движения и их активизация после распада Советского Союза были напрямую связаны с государственной политикой, в конкретный исторический период. Невозможно представить современную социально-экономическую ситуацию Таджикистана без процесса трудовой миграции. Это крупнейшее социальное явление для Таджикистана в современную эпоху.

Ключевые слова: *экономика, общество, денежные переводы, миграция, безработица, доходы, расходы, домохозяйство, труд, причины миграции.*

ANNOTATION

MONEY TRANSFERS OF LABOR MIGRANTES AS A SOURCE OF INCREASING REVENUES OF THE REVENUE BUDGET OF THE RURAL POPULATION

This article is devoted to the study of the movement of fuds labor migrants as a source of budget income for rural households in a market economy. The directions of migration movement and their activation after the collapse the Soviet Union were directly related to state policy in a specific historical period. It is impossible to imagine the current socio-economic situation in Tajikistan without the process of labor migration. This is the largest social phenomenon for Tajikistan in the modern era.

Key words: *economy, society, remittances, migration, unemployment, income, expenses, household, labor, reasons for migration.*

Сведения об авторе:

Кабирзода Самариддин Джумъа-кандидат экономических наук, доцент кафедры экономической теории Таджикский аграрный университет имени Ш.Шотемур. 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. Телефон: (+992) 908.00.33.75., E-mail: s.23.02.90@mail.ru

Author information:

Kabirzoda Samariddin Dzhuma-Ph.D., Associate Professor, Department of Economic Theory Tajik Agrarian University named after S. Shotemur. 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 146. Telephone: (+ 992) 908.00.33.75., E-mail: s.23.02.90@mail.ru

ТДУ: 338.43:332.1

ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ ОМИЛИ МУҲИМИ РУШДИ УСТУВОРИ СОҲА

Раҳимов С.Д. – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *дастгирии давлат, кооператсия, рушди шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, инноватсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, захираҳои замин, рушди устувори иқтисодӣ.*

Дар шароити рақобатпазирии тақвиятёбанда, дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ, ҳамгироӣ, муаммои равонасозии самти иқтисодӣ ба роҳи инноватсионии рушд мубрамии назариявӣ ва амалиро касб менамояд.

Соҳаи кишоварзӣ соҳаи муҳимтарини хоҷагии халқи Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти озуқаворӣ, ки таъминкунандаи амнияти озуқаворӣ ва миллӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он 24,3% маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ҷумҳурӣ истеҳсол карда мешавад. Ҳалли муаммои амнияти озуқаворӣ ва миллӣ аз бисёр ҷиҳат аз ҷоннокгардонии суръати рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ дар умум вобастагӣ калон дорад, ки истифодабарии самараноки ҳамаи захираҳои истеҳсолӣ омили муҳими истеҳсолот, мустаҳкамнамоии базаи моддӣ техникии корхона, ҷоринамоии дастовардҳои пешрафтаи илмӣ-техникӣ,фаъолияти инноватсионӣ-сармоягузории худӣ соҳаро пешбинӣ менамояд.

Давлат ва бозор дар муддати дуру дароз ҳамчун ду мафҳуми воқеъии муштарак шарҳ дода мешуданд. Гузариш ба муносибатҳои нави бозорӣ, бисёриҳо ин фаҳмишро оид ба зарурияти даст кашидани давлат аз саҳми идоракунандаи он дар иқтисодиёти миллӣ бедор сохт. Чунин пешбинӣ мегардид, ки ҳамаи комплекси хоҷагидорӣ, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ, ба иродаи амалии бесарусомонии қувваҳои бозорӣ дода мешаванд, ки гӯё имкон дорад, то ҳамаи номуттаносибиятҳои хоҷагии халқро ба доираи муайян медарорад.

Маълум аст, ки давлат дар ҷамъият вазифаҳои зиёдеро иҷро намуда, вале аз ҳама муҳиммтаринаш-иқтисодиёти миллӣ мебошад. Вазифаҳои муҳиммтарини иқтисодии давлат, дар якҷоягӣ бо коркарди қонунгузории иқтисодӣ, таъмини санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва муҳити махсусе, ки ба амалнамоии самаранокии иқтисодиёти бозоргонӣ мусоидат менамояд, дастгирии рақобатпазирӣ ва таъмини нигоҳдории омилҳои муҳими бозоргонӣ ба ҳисоб меравад. Як қатор олимон мафҳумҳои ба он монандро ба мисли «Танзимнамоии давлатӣ», «Идоракунии давлатӣ» ва «Дастгирии давлатӣ» -ро шарҳ ва пешкаш менамоянд. Ба андешаи А.В. Перфилева, таҳти мафҳуми танзимнамоии давлатии истеҳсолоти агросаноатӣ ҷоиз аст, то «...вазифаҳои идоракунии давлати»-ро бифаҳмем, ки моҳияти он дар таъсири давлат дар ҳайсияти мақомотҳои ҷудогонаи ҳокимияти давлатӣ ба муносибатҳо ва алоқаҳои ҷамъиятӣ баён мегардад, ки бо фаъолнокии баланди иштирокчиён, хусусияти бисёрҷанба,муҳиммияти баланди ҷамъиятӣ ва мавҷуд набудани механизмҳои таъсиррасони ҳавасмандгардонӣ тавассути муқаррарнамоӣ, манъ, корректировкаи қоидаҳо ва доираи рафтори иштирокчиёни ишорагардидаи муносибатҳо тавсиф карда мешавад».

Шарифов З.Р. қайд мекунад, ки «танзимнамоии давлатиро ҳамчун «таъсири иқтисодии давлат ба истеҳсолот, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, ашё ва озуқаворӣ ва инчунин ба таъминсозии истеҳсолӣ-техникии истеҳсолоти агросаноатӣ аз назар мегузаронад» [5, с.61-444].

Дар шароити иқтисодиёти бозоргонии хоҷагидорӣ фаъолияти самаранокии шаклҳои гуногуни моликият бе идоракунӣ ва банақшагирии фаъолияти он, фароҳам овардани шароити мусоид дар сатҳи гуногуни идоракунӣ ғайриимкон аст [5, с.444].

Ин тафовутҳо дар шарҳи категорияи танзимнамоии давлатии кишоварзӣ на танҳо бо бисёрҷанбагӣ ва мавҷудияти шаклҳои гуногуни амалисозии он, балки инчунин бо тағйиротҳои он дар вақт алоқаманд мебошад.

Зарурияти истифодабарии чораҳои танзимнамоии давлатӣ пеш аз ҳама бо инҳо алоқамандӣ дорад: якум, мутобиқати бозорӣ, чи тавре, ки таҷриба нишон медиҳад, таъмин намесозад то захираҳо самаранок истифода бурда шаванд. Бо ибораи дигар посух ба чунин суолҳо: чӣ? чӣ тавр? ва барои кӣ? истеҳсол намоем, ки низоми худтанзимшавандаи бозорӣ медиҳад, баъд аз ин ба талаботҳои воқеии ҷамъият ҷавобгӯ намебошанд. Сабаби асоситарини он – тамоюли монополикунонии ба бозор хос мебошад, ки давраи дуюми рушди он баъди давраи рушди рақобати озод мебошад. Ин давра рақобати озодро ҳамчун шароити нисбатан пурра ошкорсозии вазифаҳои танзимшавандаи бозорӣ вайрон месозад. Ҳамчунин, инихоби бозорӣ ба муаммоҳои адолат ва баробарӣ «кӯр» мебошад.

Адолат аз нуқтаи назари қонунҳои бозорӣ, тақсимнамоии бозории номаҳдуд ба дифференсиатсияи фаврии даромадҳо, ноҳимоягии иҷтимоӣ мубаддал мегардад, ки ба задухӯрдҳои ҷиддии иҷтимоӣ меорад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки агар дар соҳаи истеҳсолот нақши давлат коҳиш ёбад, он гоҳ дигар соҳаҳои ӯ тамоюл ба афзоишёбиро дорад. Махсусан дар соҳаи тақсимнамоӣ ва аз бисёр ҷиҳат, ташкилнамоии сиёсати иқтисодӣ.

Низоми хоҷагидории бозории иҷтимоӣ он гоҳ устувор ва самаранок мегардад, ки агар муносбатҳои рақобатпазир дар сатҳи макро аз ҷониби давлат пурра танзим карда шаванд. Ӯ на танҳо манфитаҳои муайяни ҷамъиятро таъмин месозад, балки инчунин тартиби рақобатро дар умум дастгирӣ менамояд. Яъне, муносибатҳои рақобатии субъектҳои хусусӣ дар доираи муайян, ҳангоми саҳми ҳалкунандаи давлат, ки ба идоракунии самараноки ҷанбаҳои (молиявӣ, иҷтимоӣ) макроиқтисодии хоҷагидорӣ кӯшиш менамояд, муқаррар карда мешаванд. Рақобат наметавонад сатҳӣ амалӣ намояд. Барои ташкили самараноки он самти пурраи сиёсати давлатӣ зарур мебошад. Дар мамлакатҳои рушдкардаи иқтисодӣ давлат қоидаҳои дахлдорро таъсис дода, иниститутҳои заруриеро, ки дар натиҷа ҳамчун кафолати рақобатпзирӣ баромад менамоянд, таъсис медиҳад. Маҳз тариқи рақобат аз бисёр ҷиҳат амалнамоии самараноки субъектҳои иқтисодиро таъмин намуда, ҳамин тавр ба ҳалли як қатор муаммоҳои ҳалталаби иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Бозори озоди самаранок, рушди озоди инсон ва боадолатии иҷтимоӣ тавассути «принсипҳои сарқонунии тартиби рақобат» амалӣ карда мешаванд, ки асоситарини онҳо муътадилии мубодилаи пулӣ, бозорҳои озод, моликияти шахсӣ, озодии шартномаҳо, масъулияти амволӣ ва мунтазамии сиёсати иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд.

Мамлакатҳои пешрафта маҷбуранд ба танзимнамоии иқтисодӣ рӯ оранд, аз он сабаб, ки қуввaҳои истеҳсолкунандаи муосир аз ҳар як давру замон дида, бештар – идоракунии марказонидашударо талаб менамояд.

Таҳвиятёбии таъсиррасонии давлат ба ҷараёни такрористеҳсолӣ, ноилгардии тавозунии рушд ва марзи иқтисодиёти миллӣ ва имкониятҳои воқеии танзимнамоӣ ба захираҳои бахши давлатӣ ва воситаҳои молиявии дар давлат мавҷуд будае, ки барои мубаддалгардонии низоми даромадҳо ва харoҷотҳои давлатӣ ба воситаи фаъоли сиёсати иқтисодӣ зарур мебошанд, такя менамояд.

Нисбат ба онҳо давлат чунин сиёсатро амалӣ месозад, ки ба тавaҷуҳи онҳо ҷавобгӯ мебошад. Чунин роҳпаймоии давлат вазифаи танзимгардидаро иҷро мекунад. Ин пеш аз ҳама дар танзими нарх, бо мақсади даромаднок шудани хоҷагиҳои хурд аст. Бо маҳсулоти истеҳсолкардаи хоҷагиҳои хурд ҳукумати мамлакатҳои ғарб сиёсати муайянкардаи нархҳои кафолатнок, ҳимояи гумрукӣ, маблағҷудокунӣ, харид ва нигоҳдории маҳсулоти давлатӣ, маҳсулоти кишоварзӣ васеъ истифода карда мешавад. Ҳамаи ин бо мақсади барҳам додани буҳрони иқтисодии истеҳсолот ва ба он алоқаманд будани пастравии нарх ва касодии хоҷагиҳои хурд, боҷи калон гирифтан аз моли воридот кардашуда мебошад.

Зарурияти танзимнамоии давлатии соҳаи кишоварзиро қайд намудан ҷоиз аст, ки он набояд бозорро иваз намуда ба модели маъмурӣ, гурӯҳӣ мубаддал гардад. Таъсиррасонии давлатӣ бояд ҳуқуқҳои баробарро ба ҳамаи иштирокчиёни ҷараёни бозорӣ ва рақобати озоди молистеҳсолкунандагонро таъмин созад.

Соҳаи кишоварзии иқтисодиёти мамлакат – ин механизми муҳиме, мебошад, ки ба шароитҳои тағйирёбандаи мунтазами иқтисодӣ ва технологии муосир суст мутобиқ мегардад. Барқарорсозии идоракунии давлатӣ ва назорати он – яке аз вазифаҳои асосии баландбардории самаранокии он, ҳам молистеҳсолкунандагони алоҳида ва ҳам соҳа дар умум ба ҳисоб меравад. Шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, ки мустақиман аз омилҳои берунӣ (қонунгузории андозӣ, буҷетикунонӣ, суғуртанамоӣ ва қарздиҳӣ) вобаста мебошанд бо муаммоҳои муайяне рӯ ба рӯ мешаванд, ки метавонанд ба камшавии назарраси ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва даромад оварада расонад.

Соҳаи кишоварзӣ алалхусус шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, дар мувофиқа бо хусусиятҳои хоси худ наметавонад дар рақобатпазирӣ иштирок намоянд, чунки аз омилҳои муҳими табиат вобаста буда, хусусияти возеҳи мавсимӣ, ҷараёни истеҳсолотро доро мебошанд. Инчунин аз ҷиҳати технологӣ нисбатан қафомонда буда, сармояҳои худӣ гузошташударо дар муқоиса бо соҳаҳои саноат, нақлиёт, алоқа ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт баъдтар боздеҳ буда, ба як қатор чораҳои суғуртанамоии хавфҳо ва инчунин ба низоми имтиёзноки қарздиҳӣ, лизинг, ипотека ва субсидиякунонӣ эҳтиёҷ доранд.

Дар ИМА муддати бист сол танзимнамоии пурраи соҳаи кишоварзӣ амалӣ карда шудааст. Давлат ба соҳа дастгирии назаррасро мерасонад: 28.0 % арзиши маҳсулоти умумии соҳа – ин дотатсия, субсидияҳои давлат, агролизинг, ипотека ва дигар қарзҳо ба фермерҳо аз рӯйи 0,5% то 1,5% солона дода шуда, содирот ва нигоҳдорӣ маҳсулоти озуқаворӣ аз тарафи давлат дастгирӣ карда мешавад.

Мутобиқати давлат ва молистеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ, ки мустақилияти максималии молистеҳсолкунандагонро, бо иқтисодиёти миллӣ муттавозуни соҳаҳои комплексӣ агросаноатиро таъмин месозад, тавассути омилҳои муҳими идоракунӣ ва ҳавасмандгардонии иқтисодиёти миллӣ ва роҳҳои амалнамоии онҳо аз ҷониби давлат дастгирии мегардад. Бо назардошти ин, пешниҳод карда мешавад, ки дар низоми андозбандии истеҳсолку-нандагони маҳсулоти хурокворӣ вобаста ба ҳаҷмашони истеҳсолот бояд коэффитсиентҳои тафриқавӣ ҷори карда шавад. Масалан, корхонаҳои калон ва миёна коэффитсиентҳои ис-лоҳкунандаи зиёда 1-ро қабул кунанд, хоҷагиҳои хурд бошад-коэффитсиентҳои аз 1 хурд-ро истифода баранд. Дар ин ҳолат, андозаи умумии пардохтҳои андозӣ дигаргун гардида, танҳо байни хоҷагиҳои як минтақа, масалан ноҳия ё вилоят тафриқа мегарданд. Дар нав-бати худ, коэффитсиентҳои тафриқакунадаро бо роҳҳои гуногун метавон ҳосил намуд. Масалан, ба ҳайси коэффитсиенти ислоҳкунӣ коэффитсиенти интегралиеро истифода бурдан мумкин аст, ки ҳамчун қиммати миёнаи коэффитсиентҳои таъминнокии хоҷагиҳо бо миқдори замин, захираҳои меҳнатӣ,

захираҳои моддӣ-техникӣ, захираҳои молиявӣ, иқтидори истеҳсолӣ, сарфи меҳнат ба як воҳиди маҳсулот бо воситаҳои асосии истеҳсолӣ ҳисоб шудааст.

Вазифаи муҳимтарини танзимнамоии давлатии соҳаи кишоварзӣ ин коркарди низоми нишондиҳандаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад, ки дар миёни онҳо нисбатан бештар-саҳми азхудкунии хароҷотҳои давлатӣ ба соҳа, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва ба чорабиниҳои зиддибуҳронӣ дар даромадҳои буҷет, саҳми маблағгузориҳои давлатӣ ва маҳдудиятҳои ғайритарифӣ, саҳми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ назаррас мебошад.

Усулҳои иқтисодии танзимнамоии давлатӣ бояд пеш аз ҳама, ба ҳимояи бозори озуқаворию ватанӣ аз воридот ва инчунин соҳаи кишоварзиро аз соҳаҳои монополия-кардашуда, ки воситаҳои истеҳсолиро барои соҳаи кишоварзӣ ва хариди маҳсулотҳои он истеҳсол менамоянд, равона карда шавад. Ба рушди комплекси агросаноатӣ инчунин ба таври фаъолона танзимнамоии қарзӣ ва андозӣ, ипотека, маблағгузории буҷетӣ, танзимнамоии шароитҳо ва сатҳи пардохти музди меҳнат, рушди иҷтимоӣ аҳолӣ деҳот таъсир мерасонад. Ба рушди устувори бозори маҳсулоти хурокворӣ саҳми назаррасро нархгузории озод дар мувофиқа бо танзимнамоии давлатии нархҳо, муқаррарнамоии сатҳи давлатии нархҳо оид ба хариди супоришҳои давлатӣ, ташкилнамоии нархҳои гуногун дар мувофиқа бо талабот ва пешниҳод ҳангоми маҳдудияти нисбатан ҷиддии тамоюл ба монополиякунонии онҳо мебозад. Ҳамин тавр, дар шароити иқтисодиёти бозорӣ рушди устувори бозорҳои маҳсулоти хурокворӣ танҳо ҳангоми мувофиққунноии принсипҳои бозорӣ ва давлатии таъсиррасонӣ ба онҳо имконпазир мебошад.

Истеҳсолкунандаи маҳсулоти хурокворӣ на танҳо қоби-лияти таъминотӣ аҳолии мамлакатро доро мебошад, балки инчунин қобилият дорад, ки қисмати назарраси онро ба давлатҳои хориҷи содирот намояд. Он дар шакли дастгирии давлатӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти хурокворӣ дар шакли ҳавасманди ё тафриқавӣ ва фаҳмо зарур мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мамлакати аграрӣ мебошад. Дар маҳаллҳои деҳоти мамлакат 73,4 % аҳолӣ зиндагӣ намуда, 67,5%-и аҳолии аз ҷиҳати фаъоли иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ кор ва фаъолият менамоянд. Саҳми маҷмӯи маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ 24,3% ё ,ки 63028,4 ҳазор соминӣ дар таркиби маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мамлакатро ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва беҳтарсозии сатҳ ва сифати ҳаёти аҳолӣ деҳот ва ҷумҳурӣ аз рушди устувори иқтисодии динамикии иқтидори истеҳсолӣ соҳаи кишоварзӣ ва бахши кишоварзӣ дар умум вобастагӣ дорад.

Фаъолиятии бетанаффуз ва самараноки шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар шароти ҷаҳонишавии хоҷагидорӣ метавонад, танҳо ҳангоми дастгирии давлатии муттавозун, илман асосноки давлатии иқтисодии дар соҳаи кишоварзӣ таъмин карда шавад. Танзимнамоии раванди иқтисодиёт ва истеҳсолот вазифаи муҳими давлат дар шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад. Муаммои такмилдиҳии танзимнамоии давлатии соҳаи кишоварзӣ нисбатан бештар хусусияти актуалӣ ва муҳиммияти илмӣ ва амалиро касб намуда истодааст, ки махсусан ба он соҳаҳое тааллуқ дорад, ки ба таъминсозии бехатарии хурокворию мамлакат нигаронида шудаанд.

Шаклҳои асосӣ ва самтҳои батанзимдарори ё дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ инҳо ба ҳисоб мераванд:

- танзимнамоии нархҳои озод;
- субсидиякунонии мустақим дар соҳа;
- таъминоти молиявӣ-қарзӣ, ипотека;
- такмилдиҳии инфрасохтори истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ;
- танзимнамоии раванди андозӣ;
- танзимнамоии муносибатҳои заминӣ.

Иқтисодчии олмонӣ П. Козловски чунин меҳисобад, ки «низоми нархҳо ниҳоди ҷамъиятӣ буда, барои баҳогузорӣ на танҳо аз мавқеи мубодилаи одилона фаро гирифта мешавад, ки ба адолатии нархҳои одилона тааллуқ дорад, балки аз мавқеи тақсимнамоӣ низ, ки алоқа бо ҳуқуқҳои иштирокчиёни алоҳидаи ҷараёни иқтисодиро доро мебошад [2, с.38]. Ин принсип мувофиқасозии танзимнамоии давлатӣ ва конюктураи бозориро ҳангоми истеҳсоли сармояи моддӣ-истеҳсолӣ ва захираҳои инсонӣ пешбинӣ менамояд.

Дар раванди нишондиҳандаҳои асосӣ дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ кате-горияи пардохтҳо доираи васъеи намудҳои гуногунро фаро мегирад, ки таъсири гуно-гунро ба шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ мерасонанд: пардохтҳои ҷубронӣ; субсидияҳо ба 1 га майдони кишт ё ба як сар чорвои калони шохдор; пардохтҳои суғуртавӣ ва ҷубронӣ ба 1 га шудгор, чорво, зироат; пардохт дар намуди маблағгузории асосӣ барои хариди захираҳои истеҳсолот ба воҳиди замин ва ғайраҳо.

Масалан сатҳи дастгирӣ ба ҳисоби як гектар майдони кишт дар Ҷопон-473 доллари ИМА ва дар мамлакатҳои ИА-300, доллари ИМА-324, доллар дар Канада ва Тоҷикистон танҳоӣ 17 доллар ё ки дастгирии давлатӣ дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдкарда 32,0%-и арзиши маҳсулоти умумиро ташкил дода, дар мамлакатҳои ИА-35 доллар, мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ 5,0% ва дар Тоҷикистон бошад 2,9% ташкил медиҳад [15, с.38].

Дастгирии давлатии захираҳои молиявии корхонаҳои кишоварзӣ ин омили муҳим-тарин, ки таъсири давлат ба воситаи фишангҳои моддӣ-молияви ба соҳаи кишоварзӣ ме-бошад, ки он бо хусусиятҳои хоси соҳаи мазкур алоқаманд мебошад: норасоии захираҳои озоди молиявӣ: мувофиқанамоии муҳлати ҷараёни амалиётҳои хароҷоти истеҳсолот ва ба даст овардани даромадҳо; сармояғунҷоиши зиёд ва сармоябоздеҳи ками соҳа. Ҳамаи ин нишондиҳандаҳо зарурияти пешниҳодии равиши махсуси ҷараёни истеҳсолотро ба низо-ми дастгирии молиявии давлатӣ соҳа пешбинӣ менамояд.

Саҳмии муҳимро дар таъмини бехатарии молиявии соҳаи кишоварзӣ бонкҳо, ташкилотҳои молиявӣ мебозанд. Масалан, дар Фаронса ҳамаи кормандони соҳаи кишоварзӣ саҳмдорон, иҷорадиҳандагон дорои ҳуқуқи қарзгирии имтиёзнок мебошанд. Барои фермерҳои ҷавон қарзҳо то синни 40 солагӣ ва бо доштани таҷрибаи панҷсола бо имтиёзҳои махсус ҷудо карда мешаванд [2, с.38].

Таъсири давлатӣ оид ба ташкилнамоии инфраструктураи истеҳсолӣ- иҷтимоӣ пеш аз ҳама ба амалисозии лоиҳаҳои калонҳаҷми мелиоративӣ, таъсисдиҳии рекултиватсияи (коркарди байни қатор) заминӣ кишт ва дигар намудҳои фаъолият тааллуқ дорад. [3, с.89-112].

Муносибатҳои заминӣ (доштан,истифода намудан,фурӯхтан, ба иҷора додан) дар мамлакатҳои хориҷӣ аз бисёр ҷиҳат аз рӯйи ҳуқуқи моликияти хусусӣ, давлатӣ, омехта барпо карда мешаванд. Ҳамчунин саҳми муҳимро танзимнамоии давлатӣ мебозад, ки истифодабарии самаранокии захираҳои заминро дар мувофиқа бо манфиатҳои бехатарии иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъмин месозад.

Сохтор ва шакли заминистифодабарӣ мунтазам такмил ва тайғир меёбанд. Дар ин ҷа-раён мувофиқасозии омилҳои муҳими бозоргонӣ бо дахолати давлат ба миён меояд. Давлат муносибатҳои иҷоравиро танзим намуда, истифодабарандагонии заминро назорат намуда, нобаробарии манфиатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологиро пайгирӣ менамояд.

Чи тавре ки таҷрибаи мамлкатҳои хориҷӣ нишон медиҳад мувофиқасозии муносиби омилҳои бозоргонӣ ва давлатӣ ба муътадилгардонӣ ва рушди самараноки ояндаи соҳаи кишоварзӣ мусоидат намуда, амнияти миллӣ ва давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди иқтисодӣ, баландбардории рақобатпазирии молҳои ватаниро дар бозори дохилӣ хӯро-кворӣ таъмин месозад.

Дар айни замон яке аз масъалаҳои калидӣ барои қисми зиёди мамлакатҳо, аз ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъминсозии аҳолӣ бо маҳсулотҳои ғизоӣ аз ҷиҳати экологӣ тоза мебошад. Соҳаи соҳаи кишоварзӣ бошад, ки намудҳои асосии маҳсулотҳои ғизоиро истеҳсол менамояд, ки дар гузашта ва ҳам имрӯз дар стратегияи умумии рушди устувори ҷумҳурӣ мавқеи афзалиятнокро ишғол менамояд.

Дар шароити ҷаҳонишавии гузариш бп саноатикунонии миллӣ давраи нав – ҷаҳиши устувор, - ҷоннокгардии рушди устувор, амнияти иқтисодиро дар умум, ғанигардонии бозори дохилиро бо маҳсулотҳои баландсифат аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсолоти худӣ таъмин бехатарии мамлакатро кафолат дода, афзалиятҳои рақобатпазирии маҳуслоти ватаниро дар бозори дохилӣ ва берунӣ ҷоннок мегардонад.

Новобаста аз ҷорисозии навгониҳои ташкилӣ, моддӣ-техникӣ ва агротехникии дар солҳои охир дар соҳаи кишоварзӣ, то ҳол таъминсозии аҳолии ҷумҳурӣ бо маҳсулоти

худӣ қонеъкунанда набуда,муаммои таъминоти хӯрокворирo, ки бо суръати баланди рушди аҳолӣ алоқаманд мебошад, ҷоннок гардонид.

Дар шароити иқтисодиёти бисёруклада корхонаҳои кишоварзие, ки аз рӯйи моликияти шахсӣ таъсис ёфтаанд, қобилияти ошносозии сирҳои технологӣ, ташкилӣ ва дигар сирҳои дастовардро миёни якдигар доро намебошанд. Ба ғайр аз ин, қисми зиёди корхонаҳои соҳа имконияти коркард ё нигоҳдорӣ, фӯруши маҳсулот, ҷустуҷӯи усулҳои нави ҷараёни хоҷагидорирo соҳиб намебошанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки беш аз 65-68% афзоиши ММД ва истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ тавассути ҷорисозии инноватсия таъмин карда мешавад. Пеш аз ҳама маҳз аз ҳисоби онҳо дар 40 соли охир Хитой ҳаҷми истеҳсолоти гандумро ба 5,5 маротиба (аз 91 млн/т то 505 млн/т) афзоиш дод [6, с.81].

Истеҳсолкунандагони кишоварзии олмон, ки аз хизматрасониҳои хусусии хадамотҳои машваратӣ истифода менамоянд, барои он 30-90 евроро дар як соат сарф менамоянд. Барои ҳавасмандгардонии истифоданамоӣ аз рӯйи онҳо, аз ҷониби давлат барои рӯйпӯшнамоии хароҷотҳо ҷубронҳо пардохт карда мешаванд: ба фермерҳо 250-500 евро, ба ташкилотҳо то 2500 евро (ҳангоми шароите, ки шартнома бо машваратчиён мавҷуд бошад) ин ҷубронҳо то 50,0% ва беш аз онро рӯйпӯш менамоянд.

Дар ИМА рушди кооператсияҳои кишоварзӣ «Қонуни Кон пера – Волетеда» аз соли 1992 кооперативҳоро аз марзи амали қонунҳои федералии зиддиинҳисорӣ берун оварда, онҳоро аз андоз аз даромад раҳонид, чунки даромади кооперативҳо дивидент шуморида мешавад, ки дар охир миёни аъзоёни онҳо тақсим карда мешавад; дар натиҷа фермерҳо кооперативҳоро оид ба коркард ва фурӯши маҳсулот, бо таъмин намудани захираҳо шурӯъ намуда, ИМА бошад яке аз пешсафи қудратманди ҷаҳон ҳам дар он давра ҳам то имрӯз боқӣ монданд. Бе амалисозии ҷаҳиши инноватсионӣ Тоҷикистон ҳамеша аз мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон қафо мемонад. Дар ИМА ва Ҷопон ғояҳои инноватсионӣ ва лоиҳаҳо муттаносибан 62,0% ва 95,0% истифода карда мешаванд.

Қисми нисбатан заиф дар рушди инноватсионии соҳаи кишоварзии Тоҷикистон механизми расонидани инноватсия аз коркардкунандагон то истеъмолкунандагон ба ҳисоб меравад, ки бо ду сабаб алоқаманд мебошад.

Якум, вазъи номусоиди иқтисодии қисмати зиёди корхонаҳои давлатӣ, дар навбати худ, иқтисодиёти заифи хоҷагӣ натиҷаи ҷорисозии нокофояи инноватсия ба ҳисоб меравад.

Сабаби дуюм, бо дарки сардорони хоҷагӣ алоқамандӣ дорад, ки бисёрии онҳо аз ҷиҳати равонӣ ба бозор мутобиқ нагардидаанд. Таҷрибаи мамлакатҳои тараққикарда нишон медиҳад, ки бе иштироки давлат ҳалли муаммоҳои зерин ғайриимкон мебошанд.

Интиқоли соҳаи кишоварзӣ ба «роҳ»-и инноватсионӣ ва дар ин асос таҷдиднамоии он, танҳо ҳангоме, ки «бозингар»-и асосӣ дар захираҳои замин давлат мегардад.

Барои ҳалли вазифаи гузариш ба роҳи инноватсионии рушд низоми идоракунӣ бояд ба ҷорисозии шиддатноки иқтидорҳои нав, истифодабарии мошинҳои нав ва механизмҳое, ки сатҳи нисбатан баланди техникии истеҳсолоти кишоварзӣ равона карда шавад.

Дар ҳамаи мамлакатҳои иқтисоди бозоргонӣ рушдёфта соҳаи кишоварзӣ дар асоси субсидияҳо, дотатсияҳо, агролизинг, ипотека ва дигар намудҳои дастгирии давлатӣ амал менамояд, ки бе он дар шароити ҷаҳоишавии таъминсозии рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ғайриимкон мебошад [1, с.13-25] (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.-Саҳми дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ

Нишондиҳандаҳо	**2005**	**2010**	**2011**	**2012**	**2013**	**2014**	**2015**	**2020**	**2023**
Ҳиссаҷудокуниҳои буҷетии соҳаи кишоварзӣ млн. сом	37,7	92,6	95,4	112,3	122,3	117,6	106,4	201,7	216,1
Бо % аз қисмати хароҷоти буҷет	2,7	1,4	2,2	2,1	2,3	1,9	1,4	0,8	0,5
Бо % аз арзиши маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ	1,4	1,0	0,6	0,7	0,6	0,6	0,5	0,5	0,3

Сарчашма: *Маҷмӯаи ҳарсолаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2024, с.468.*

Чи тавре ки аз маълумотҳои ҷадвали 1 бармеояд, бо чунин дастгирии рушди инноватсионии соҳаи кишоварзӣ, ки таъминкунандаи рақобатпазирии соҳа мебошад, имконнопазир аст.

Барои таъминсозии рушди инноватсионии соҳаи кишоварзӣ, таъсисдиҳии соҳаи кишоварзии рақобатпазир, мустаҳкамгардонии амнияти озуқаворӣ ва миллии мамлакат, давлат бояд дар деҳот механизми иқтисодиеро, ки ба давлат имкон медиҳад, то муътадил рушд намояд, зарур мебошад. Ин бояд ба стретегияи давлатии рушди муосири инфрасохтори бозори маҳсулоти кишоварзӣ бо қонунҳои пешрафта, қоидаҳо ва хизматрасониҳои мусоид ва нархҳо аз рӯйи маҳсулоти кишоварзӣ такя менамояд.

Ҳамин тавр, афзалиятнок бояд чораҳое гарданд, ки даромаднокии истеҳсолоти кишоварзӣ, афзоиши иқтидорҳо оид ба нигоҳдории маҳсулот кафолат медиҳанд. Ҳамчунин зарур аст, то низоми иттилоотии фаврии молистеҳсолкунандагони тоҷик аз рӯйи ҳамаи масъалаҳои таъминсозандаи илмӣ-техникӣ ва технологии комплекси агросаноатӣ барои пешбарии технологияҳои муосир, шиносоӣ бо тачрибаи амалисозии ҷаҳонӣ ва ватанӣ таъсис дода шавад, вагарна ҳангоми сатҳи кунунии мусаллаҳгардонии техникӣ-технологии соҳаи кишоварзии Тоҷикистон наметавонад рақобатпазир буда, амнияти озуқавории мамлакатро таъмин созад.

Ҳамин тавр, иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ метавонад инноватсионӣ буда, дар баробари ин, то он андоза рақобатпазир бошад, ки низоми идоракунии давлатии КАС ба самти инноватсионӣ нигаронида шуда бошад. Барои интиқоли соҳаи кишоварзии Тоҷикистон ба самти инноватсионии рушд, дастгирии амалкунандаи молиявӣ, методӣ, иттилоотӣ ва машваратии давлатӣ нокофӣ мебошанд. Аз як ҷониб, зарур аст, то намудҳои номбаргардидаи кумакро ҷоннок гардонида, аз дигар ҷониб – васеъ намудани самти дастгирии давлатӣ дар соҳаи рушди инноватсионии соҳа.

Аҳаммияти ташкилотчигӣ, ба ҳам пайвастакунӣ ва давлатӣ дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ бо сабаби мураккаб гаштани тамоми равандҳои ҷамъиятӣ, пурра гаштани онҳо мазмунҳои бозорӣ сифати баланд мегиранд. Дастгирии давлатии хоҷагиҳои хурд бояд дар асоси коркарди чорабиниҳои иқтисодӣ, ки таъмин кардани шароити рушди онҳо равона карда шудааст, бояд таъмин карда шавад.

Ба фикри мо:- самти асосии сиёсати аграрии давлат дар шароити имрӯза якҷо кардани ислоҳоти бозоргонӣ бо омилҳои муҳим дастгирии давлатӣ ва танзими давлатӣ мебошад. Яъне вазифаҳои муҳими давлат ин–дастгирии устувории иҷтимоии ҷамъият, рушди устувори аҳолӣ деҳот, рушди инфраструктураи деҳот, ки дар баъзе мавридҳо дар мадди аввал таваҷуҳи давлат меистад.

Тараққиёти муносибатҳои бозоргонӣ консепсияи нави рушди системаи қарзӣ–молиявӣ, агролизинг-ипотека, ки асоси он ташкил кардани сохтори нави бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ дар бахши аграрӣ хизматкунанда, рушди шаклҳои нави қарздиҳӣ, ташаккулёбии бозори дохилӣ захираҳои замин ба рушди устувории соҳаро таъмин мекунанд, талаб мекунад.

АДАБИЁТ

1. Алтухов А.И. Мировой продовольственный кризис: причины возникновения и проблемы преодоления//АПК:Экономика, управление.Москва, 2010,- №2, -С 13-25
2. Ефимов А.Б. Организационно-экономические аспекты достижения продовольственной безопасности России. Автореферат диссертации. – Воронеж, 2009. - С.38
3. Козлов В.В. Какой видится стратегия инновационного развития российского сельского хозяйства // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий.Мосева, 2010 ,- №4. -С.89-112
4. Попцов А. Г. Роль государства на рынке продовольствия развитых стран // АПК: Экономика, управления,Москва, 2011,-№, 11 -С 79-83
5. Шарофов З.Р. Основы рыничной экономики и формирования хозяйственного механизма АПК. Монография. Д:. Ирфон 2008 г.- С.444
6. Шарофов У., Раҳимов С.Д. Рушди шаклҳои хурди хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон . Монография.-Душанбе,- 2021. -С.142

АННОТАЦИЯ

ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПОДДЕРЖКА – ВАЖНЫЙ ФАКТОР УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ОТРАСЛИ

В статье утверждается, чтогосударственная подержка национальной экономики играет ключевую роль в реализации экономического развития и стратегических целей страны. Эффективное использование земельных ресурсов, развитие различных форм хозяйствования при поддержке государства повысит конкурентоспособность сельскохозяйственного производства, решит многие социально-экономические проблемы в сельской местности, укрепит экологическую безопастность и продовольственную безопастность.

Ключевые слова: *государственная подержка, кооператция, рост различных форм хозяйствования, инновации сельском хозяйстве, устойчивый экономический рост*

ANNATATION

GOVERNMENT SUPPORT IS AN IMPORTANT FACTOR IN THE SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE INDUSTRY.

In this article confirms, that the rapid industrialization of the national economy plays a key role in the implementation of the country's economic development and strategic goals. The efficient use of land resources, the development of various forms of management with the support of the state will increase the competitiveness of agricultural production, high employment, increase the income of the population as a whole, solve many socio-economic problems in rural areas, strengthen environmental and food security.

Keywords: *cooperation, growth of various forms of management, innovation in agriculture, sustainable economic growth*

Сведение об авторе:

Раҳимов Сарабек Давлатович – кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики АПК Таджикского аграрного университета имени Шириншох Шотемур. 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки, 146. E-mail-sarabek.83@mail.ru тел: (+992) 93-514-90-00

Information about the author:

Rakhimov Sarabek Davlatobich - Senior teacher of the department of economics of the Agro industrial Complex of the Tajik Agrarian University named after Shirinsho Shotemur. 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Ave., 146. E-mail-sarabek.83@mail.ru tel: (+992) 93-514-90-00

ТДУ: 330.3:338.242

НАҚШИ ПАВЛОВИЯ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ “САБЗ” ВА ГУЗАШТАН БА КИШВАРИ “САБЗ”

Рустамҷони Саидуллои Қузратзода-Маркази таҳқиқотии стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Калимаҳои асосӣ: *иқтисодиёти “сабз”, кишвари “сабз”, стратегия, барномаҳо, воридотивазкунанда, парвариш, ташакул, технологияи муосир, инноватсия, павловия.*

Мусаллам аст, ки иқтисодиёти “сабз” ва манфиати иқтисодию иҷтимоии он беш аз ҳама дар кишвари мо зиёд мебошад. Ин раванд имкон медиҳад, ки натанҳо ба ҳадафҳои стратегии кишвар ноил гардем, балки дар оянда ба яке аз кишварҳои пешсаф дар самти тағйирёбии иқлим ва кам кардани казҳои гулхонаи ба отмосфера дар ҷойи аввал бошем. Аз ин хотир, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як баромади худ доир ба ин самт таъкид менамоянд, аз ҷумла дар Паёми навбатӣ низ чунин ироа намуданд: “Ҳукумати мамлакат бо мақсади расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва дар ин замина, таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ бо истифода аз ҳамаи имконияту сарчашмаҳои мавҷуда, хусусан манбаъҳои рушди «энергияи сабз» мунтазам чораҷӯйӣ карда истодааст” [1].

Имрӯзҳо барои ҷомеаи мо аз нав тафсир додани моҳияти “иқтисоди сабз” он қадар мураккаб наменамояд. Худи истилоҳи он ҳам, ки аз соли 1989 мавриди истифода ва омӯзиш қарор гирифт, акнун он имрӯз барои моделсозӣ рушди иқтисодиёти кишварҳо гардид. Агар ба ҳадафҳои рушди СММ назар афканем, дар он, пеш аз ҳама, бештаре аз равандҳои рушди он ба иқтисоди “сабз” алоқамандӣ дорад. Аз ин лиҳоз, баҳри ҳифзи экологӣ, оби тозаи ошомидани ва инчунин, маводҳои ғизоии аз ҷиҳати экологӣ тоза пешниҳод намоем. Бинобар ин, ҳам дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи дигаре гузошта шуда буд, ки истеҳсоли маҳсулот дар заминаи “неруи сабз” дар кишвар истеҳсол карда шавад. Ҳамчунон бо ширкатҳои байналмилалие, ки бештар дар самти “иқтисодиёти сабз” талош меварзанд, ҳамкорӣ намоянд, ки дар бозори байналмилалии ҷаҳони имрӯза талабгор дошта бошанд [3. С.83].

Рушди иқтисодиёти “сабз” ва табдил ёфтан ба “кишвари сабз” натанҳо ба мамлакати мо боду ҳавои мусоиду зебогии манзараҳо меорад, балки он имкон медиҳад рушди босуботи иҷтимоию иқтисодии кишвар таъмин шавад. Бо ин мақсадҳо Ҳукумати кишвар пайваста талош меварзад, ки сатҳи зиндагонӣ ва саломатии мардум беҳтар шуда, рушди устувори иқтисодӣ таъмин гардад. Барои расидан ба ин мақсад бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.09.2022, №482 «Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037» ва “Барномаи миллии «Кишвари сабз»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027”, ки самтҳои асосии рушди устувори ҷомеаро таъмин менамоянд [4], қабул гардидаанд.

Стратегияи мазкур бо мақсади амалӣ намудани банди 12 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва сархати 4 банди 2-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2022, №2 «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 ва вазифаҳо барои соли 2022» таҳия гардидааст.

Ҳамзамон, мақсади стратегия барои тадбирҳои гузаронидани ислоҳоти институтисионалӣ, истифодаи самараноки сармояи табиӣ, ҷалби сармоягузорӣ, роҳандозии технологияи муосиру инноватсионӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти иқтисоди «сабз» нигаронида шудааст.

Ҳукумати кишвар баҳри расидан ба ҳадафҳои дар стратегияи мазкур пешбинӣ гардида корҳои зиёдеро анҷом дода ғайр аз иқтисоди «сабз» бештар ба буҳронҳои иқлимӣ, экологӣ, озуқаворӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ, ки солҳои охир ба онҳо рӯ ба рӯ шуда истодааст, марбут мебошад. Мақсади асосӣ аз он иборат мебошад, ки се ҷанбаҳои рушди (иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ) дар банди 18-уми стратегия оварда шудааст марбут буда метавонад, дар оянда яке аз мушкилоти асосиро ҳал кунад (воридоти чубу тахтаро). Ин ҳам бошад ба роҳ мондани дарахти павловния дар шакли васеъ бо мақсади «сабз» намудани истеҳсолот ва бозор (банди 17-и стратегияи мазкур, дар бораи “самтҳои афзалиятноки таъмини болоравии иқтисодиёти муосир дар доираи иқтисоди «сабз»”) мебошад, мавриди таҳлил қарор гирифта аст [2].

Павловния (Paulownia) ин растании гармидӯсти баргрезанда, аз ҷинси павловия мебошад, ки дар ҷаҳон ба қатори се дарахти босуръат афзоянда маҳсуб меёбад. Дар ҷаҳон ин дарахтро бо мақсади иҷрои корҳои ороишӣ ва ба даст овардани чӯбу тахтаи сифати беназирдошта парвариш менамоянд. Он бештар имкониятҳои рӯёйиданро дар табиати кишварҳои Ҷопон, Ҷумҳурии мардумии Чин ва дигар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дорад. Аз ин лиҳоз, дар асри 19 олими олмонӣ ба Ҷопон сафар карда, аз зеҳоии дарахти экзотикӣ ба ҳайрат афтода тухмии ин растаниро ба Ҳолланд овард ва тавонист якчанд нусхаро парвариш кунад.

Тавсифи ин дарахт. Павловнияи анъанавӣ як дарахти борик бо танаи ҳамвор аст, аммо баъзан он ба бутта низ табдил меёбад. Навдаҳо аз гулҳои калон, навдаи gloxinia ҷамъ карда мешаванд, ки рангашон аз сафед то кабудранг мегардад. Барги дарахти ҷавон калон буда, 50-70 см-ро ташкил медиҳад ва вобаста ба синну солаш, андозаи онҳо кам мешаванд. Дар дунё тақрибан 20 навъи павловия мавҷуд аст, ки маъмултаринашон инҳо мебошанд:

1) Павловнияи томентос (tomentosa) навъҳои маъмултарин аст, ки барои тобоварӣ ва осонии нигоҳубини худ қадр карда мешавад. Вай ба сармоҳои то -25°С хеле мутобиқ аст ва навъҳои гибридашон аз ин миқдор сардӣ зиёдтарро тоб оварда метавонад. Баландии як пауловнияи калонсол дар минтақаҳои иқлими мулоим ба 15-20 метр мерасад, он дар як сол 3-4 метр мерӯяд.

2) Павловнияи сапфировӣ (kawakamii) ва ин номро барои ранги мавҷудбудаи ин дарахт, кабуд-бунафш доштан номгузорӣ намудаанд. Баландии дарахт дар ҳудуди 16-22 метр баланд гардида, муқовимати сарди миёнаи зимистонро то -17°С осон таҳаммул мекунад.

3) Павловнияи Фаргеза (фаргесия)-ин дарахти то 20 м баландӣ бо тоҷи конус ё паҳноидошта иборат буда, дар 4-5 соли аввал зуд месабзад, баъд суръаташ суст мешавад. Асосан чӯби онро дар саноат кам истифода мебаранд, чунки он асосан барои зебогияш истифода гардида дар хушксолии то +50°С ва сармо то -10°С инкишоф ёфта метавонанд.

4) Павловния дароз (elongate)-ин навъи дарахт баргҳои дароз дорад (то 15-25 метр ва аз ин ҳам зиёд қад мекашад), аз ин рӯ он номи худро гирифтааст.

Бинобар ин, барои парвариш дар шароити кишвари мо низ чунин дарахтро тавсия медиҳем, зеро парвариши ин навъ мутобиқ мебошад ва гулҳояш бошад асосан сафед бо ранги зард мебошанд. Муқовимат ба шабнам муътадил аст, намунаҳои калонсолон метавонанд то -16 ° С, намунаҳои ҷавон то -10 ° С бидуни паноҳгоҳ тобовар бошанд.

Павловния ба осонӣ реша мегирад, аммо имконияти беҳтарини худро дар иқлими гарм ва намнок нишон медиҳад. Дар арзҳои шимолӣ суръати афзоиш ва гулкунӣ тағйир меёбад, аммо сифати ороишии намудҳо аз ин зарар намебинад. Онро бо тухмиҳо, инчунин бо решакан кардани навдаҳои реша ва навдаҳо паҳн карда мешавад. Аввалҳои моҳи феврал вақти беҳтарин барои кишти пауловния дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Нигоҳубини павловния заҳмати зиёдро талаб накарда он ба иқлими минтақаҳои гуногун нағз мутобиқ мешавад ва аз хушксолию гармии тӯлонӣ хушк намегардад. Давраи оптималии ҳарорат барои рушди бароҳати пауловния +24-+30°С буда оҳиста оҳиста намии миёна-муътадил 35 дарсад бардошта мешавад.Чунки бо вуҷуди оне, ки ин дарахт ба хушксолӣ тобовар бошад ҳам, вай бо обёрии мунтазам фаъолона реша мегирад ва тезтар месабзад.

Дар оғози асри XXI омилҳои иқтисодӣ ва муҳитию иқлимӣ ба шиддатнок гардидани буҳрони озуқа дар ҷаҳон мусоидат намуданд. Афзоиши табиии аҳолии сайёра, зиёд гардидани талабот ба озуқа дар ҷаҳон, дар бисёр давлатҳо аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ таъмин нагардидани аҳолӣ бо озуқаи асосӣ дар сатҳи меъёрҳои муносиби илман асоснок, дар 30 соли охир кам шудани захираҳои ҷаҳонии ғалладона то сатҳи буҳронӣ, норасогии захираҳои энергетикӣ, вайрон шудани баробарии муҳити саёра дар натиҷаи фаъолияти техногении инсоният дар 50 соли охир (гарм шудани ҳарорат дар сайёра) ва дигар омилҳо барои таъмини кафолати дастёбии воқеӣ ба озуқа таъсири манфии худро расонида истодааст. Дар натиҷаи чораҳои амалигардида ва заҳмати мардуми шарифи Тоҷикистон солҳои охир афзоиши маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ таъмин гардида, аз ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ, ки дар соли 2023 истеҳсол шудааст, ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ 9,8 фоиз, деҳқонӣ 41,1 фоиз ва хоҷагиҳои аҳолӣ 49,1 фоизро ташкил кард.

Ҷадвал.-Ҳосилнокӣ ва ҷамъоварии умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ)

№	Намуди зироат	Ҳосилнокӣ с/га			Ҷамъоварии умумӣ, ҳаз.тонна		
		2021	2022	2023	2021	2022	2023
1	Зироатҳои ғалладонагӣ	30,7	33,3	31,3	1586,3	1756,3	1754,9
2	аз он ҷумла: - гандум	31,9	34,5	31,3	876,2	934,3	860,5
3	- Пахта	21,4	22,3	21,1	388,8	404,7	344,3
4	-Картошка	181,4	191,1	198,3	1041,3	1094,4	1144,9
5	- Сабзавот	280,5	286,1	309,9	2597,6	2714,8	3026,2

Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвал бармеояд, ки дар соли 2023-ум дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилнокӣ истеҳсоли картошка ва сабзавот афзун гардонида шуда, истеҳсоли гандум, пахта кам гардидааст. Масалан, ҳосилнокии картошка аз 181,4 ба 198,3 сентнер расонида шуда, 1754,9 ҳаз/т ғалладонагӣ, 344,3 ҳаз/т пахта, 1144,9 ҳаз/т картошка, 3026,2 ҳаз/т сабзавот, 1009,9 ҳазор тонна полизӣ, 664,3 ҳаз/т мевагиҳо, 190,4 ҳаз/т ангур, 398,0 ҳаз/т гӯшти чорво ва паранда (бо вазни зинда), 1118,5 ҳаз/т шир, 1223,7 млн/дона тухм, 8755,0 тонна пашм, 223,0 тонна пилла, 4697,0 тонна асал истеҳсол шудааст. Масалан, ҳосилнокии картошка аз 181,4 ба 198,3 сентнер расонида шуд. Саршумори чорвои калони шохдор дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ дар охири соли 2023-ум 2685,9 ҳазор сарро ташкил намуд.Афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ бо афзоиши содироти зироат пайвастагӣ дорад. Ҳаҷми умумии содироти сабзавоту меваҷот дар соли 2023 наздики 290 ҳаз/т-ро ташкил намуд, ки нисбат ба соли гузашта 43% афзоиш ёфтааст. Маҳсулот ба Россия, Украина, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Хитой, ҷумҳуриҳои исломии Эрону Покистон, Афғонистон ва чандин кишварҳои дигари ҷаҳон ба фурӯш бароварда шудааст. Дар соҳаи аграрӣ пахтакорӣ, ғаллакорӣ, картошкапарварӣ, сабзавотпарварӣ, маҳсулоти полезӣ, боғу токпарварӣ ва

истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ аз самтҳои асосӣ маҳсуб мешаванд. Ҳоло соҳаҳои занбӯриасалпарварӣ, парандапарварӣ ва моҳипарварӣ бо суръати баланд рушд меёбанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои пешин бо содироти меваи хушк, ангур ва мевагиҳои тару тоза машҳур буд. Дар солҳои охир зироатҳои офтобпараст, донадор ва мевагиҳои субтропикӣ, ки ҳамчун маҳсулоти парҳезӣ ва доруворӣ истифода мешаванд, рушд меёбанд. Ба ин шароити иқлими минтақа мусоидат намуда, ин меваҷот аз меваҳои кишварҳои дигар бо сифати баланд фарқ мекунанд. Имкониятҳои кишвар дар зиёд намудани содироти ин намуди маҳсулоти кишоварзӣ ҳанӯз хеле фаровон мебошанд. Барои таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ лозим аст, ки соҳаи чорводорӣ рушд дода шавад. Дар соли 2023 саршумори чорвои калони шохдор дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ 2685,9 ҳаз/сар, чорвои майда ба 6785,9. ҳаз/сар, ҳамаи намуди парандаҳо 10646,8 ҳаз/сар. ва асп 88,5 ҳазор сарро ташкил намуд. Навъи зотҳои хос ва беназири гӯсфанди Тоҷикистон ба рӯйхати генофонди гӯсфандпарварии ҷаҳон дохил карда шуда, онҳо ҳамзамон барои беҳтар гардонидани сифати зотҳои маҳаллӣ истифода мешаванд. Масалан, гӯсфанди зоти ҳисорӣ дар бозори ҷаҳонӣ навъи аз ҳама фарбеҳ ва зудафзоишёбанда дар минтақаҳои Тоҷикистон шинохта шудааст. Бинобар мусоид будани иқлими Помир кишвари мо ба қатори давлатҳои қӯтоспарвари ҷаҳон дохил гардидааст. Тоҷикистон метавонад минбаъд аз ҳисоби содироти қутос ва гӯшти он соҳиби манбаи даромади иловагӣ гардад.

Соҳаи парандапарварӣ дар давоми се соли охир, пас аз қабули барномаи дахлдори давлатӣ аз нав барқарор мешавад. То имрӯз 222 корхонаи парандапарварӣ аз нав бунёд ё барқарор карда шуда, аз он ҷумла 100 корхона барои истеҳсоли тухм 108 корхона барои истеҳсоли гушти паранда 8 корхона барои истеҳсоли тухм ва гӯшти паранда ва 6 корхона барои истеҳсоли тухми инкубаторӣ ва тухми истеъмолӣ машғуланд, онҳо қариб ба пуррагӣ мардуми кишварро бо маҳсулоти соҳа таъмин менамоянд.

Амнияти озуқаворӣ аз ҷузъҳои ба дараҷаи кофӣ дастраси воқеӣ будани озуқаи бехавфу ғизонок, дастрасии иқтисодии ҳамаи табақаҳои аҳолӣ ба ҳаҷму сифати зарурии озуқа, инчунин мустақилияти давлат дар таъмини амнияти озуқаворӣ, истифодаи имкониятҳо барои паст намудани таъсири мавсимии истеҳсоли озуқа, иқлим ва дигар тағйирёбиҳо ба таъминоти аҳолии мамлакат иборат мебошад.

Беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ ба маҳсулоти хӯрока вазифаи асосии иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳар кишвар мебошад. Амнияти озуқаворӣ пеш аз ҳама вазъи иқтисодӣ, мақсади сиёсати аграрӣ ва иқтисодии давлат мебошад, ки аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ бехатарии озуқавории кишвар таъмин мегардад. Мафҳуми “амнияти озуқаворӣ”, пеш аз ҳама, имкониятҳои номаҳдуди давлату ҷамъиятро дар таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ ифода менамояд. Амнияти хӯрокворӣ ҳамон вақт таъмин ҳисобида мешавад, ки агар хӯрокворияи мувофиқ (аз нуқтаи назари миқдор, сифат, бехатар будан) мавҷуд ва дастрас бошад, чунин хӯрокворияро ҳамаи табақаҳои ҷомеа барои таъмини ҳаёти фаъол ва солим доимо истеъмол намоянд Амнияти озуқаворӣ ҳадафи ягона ва сиёсати аграриву иқтисодии давлат, ҳолати иҷтимоие, ки дар ҳар лаҳзаи он тамоми қишрҳои ҷомеа имконияти воқеӣ ва иқтисодии дастрас намудани хӯрокворияи безарарро барои таъмини зиндагии солим доро мебошад,

Таъмини бехатарии озуқаворӣ дар баробари бехатарии энергетикии кишвар, яке аз масъалаҳои муҳимми ҳалталаби сиёсати имрӯзаи давлат, он вақт дар амал татбиқ мегардад, ки агар ба таври кофӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ афзун гардад. Дар баробари ин зимнан бояд сатҳи камбизоатии мардум паст гардида, қобилияти харидории қисми зиёди аҳолии кишвар боло равад. Бо назардошти он, ки дастрайи ба озуқа бо сатҳи даромади хонавода алоқаманд аст, аз ин нуқтаи назар бозори меҳнат низ дар ҷумҳурӣ таҳлил карда мешавад. Ба ғайр аз ин, омилҳои дигар ҳамчун дастраси ба озуқа, тағйирёбии иқлим ва маҳдудшавии захираҳои табиӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ғизои бехатар донистани вазъи бехавфии озуқаи истеъмолшаванда ба саломатӣ, меъёри солими ғизо ва килокалория зеро рӯзмаррагии онҳо ҳамеша афзун мегардад. Маълумотҳои умумии таҳлили ва афзалятҳо дар ин самт нигаронидашуда ба муовозинии меъёри ғизо ва гуногунии онро дар назар дорад.

Устуворӣ доимо мавҷуд ва дастрас будани ғизо барои истеъмол ва бартараф намуда-

ни норасоии доимӣ ё муваққатии озуқаворӣ. Барои расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии давлат-таъмини амнияти озуқаворӣ самаранок истифода намудани захираҳои мавҷудаи соҳаи кишоварзии мамлакатро дар асоси ба талаботи иқтисодиёти бозорӣ мутобиқ намудани сохтори он талаб менамояд.Аз ин лиҳоз, ташаккули соҳаҳои озуқа истеҳ-солкунандаи мамлакат бояд дар Нақшаи ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои коркарди маҳсулоти соҳа равона карда шавад. Дар асоси принсипҳои ташкили хоҷагиҳои калонҳаҷм, ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ сатҳи зарурии таъмини амнияти озуқаворӣ дар сатҳи меъёрҳои илман муайянкардашудаи ғизо таъмин мегардад.Аз ҳама омили муҳимми ба рушди устувор таъсиррасонанда ин бо самараи иқтисодӣ фаъолият намудани соҳаи аграрӣ дар шароити иқтисоди бозор мебошад.

АДАБИЁТ

1. Абалкин Л. Эффективность производства, как ее повысить. М.: Профиздат, 1971. -М.,- 2005. -С.365.
2. Омӯзиши вазъият ва шароитҳои татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҳисоботи таҳлилӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ). – Душанбе, 2021. – 95 с.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.01.2021.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2024.
5. Пиризода Ҷ.С.(бо муалл.) Иқтисоди кишоварзӣ (воситаи таълимӣ) Душанбе: Матбааи ДМТ, 2024, -392 с.
6. ПиризодаҶ.С. Пешрафти инноватсионии КАС-и Тоҷикистон дар доираи Стратегияи миллии рушд то соли 2030/Инноватсия – омили самарабахши алоқаи илм ва истеҳсолот. Душанбе, ТАУ, 2019, -С.5-7.
7. Кудратов Р.Р. Формирование продовольственной безопасности в условиях малоземелья и трудоизбыточности: вопросы теории, методологии и практики: дис…док.экон.наук. –Душанбе, 2005.-260 с.
8. Шоазизова М.Д. Амириов Н.И. Амнияти озӯқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо. Кишоварз, 2021, №4 (93). -С.191-194

АННОТАЦИЯ

УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ КАК ФАКТОР ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ (факторы и предложения)

Эта статья содержит информацию о строительстве производственных предприятий, разработке технологий переработки сельскохозяйственной продукции, выведение новых сортов растений, борьбе с вредителями, развитии садоводства и виноградарства, животноводства и т.д.,импорт сельскохозяйственной техники, направления, которые могут быть реализованы в сотрудничестве с развитыми странами. Результатом этого должен стать удовлетворительный уровень сельскохозяйственного производства в целом. Глава государства четко обозначил этот момент в своем Послании Верховному Собранию республики: «Обеспечить продовольственную безопасность страны мы сможем только в том случае, если максимально увеличим производство собственной сельскохозяйственной продукции». «Мы должны больше расти и меньше зависеть от импортного продовольствия». Действительно, во многих случаях обеспечение продовольственной безопасности страны зависит от эффективности и результативности развития сельского хозяйства.

Ключевые слова: *продовольствие, продовольственная безопасность, сельскохозяйственная техника, эффективность*,

ANNOTATION

SUSTAINABLE DEVELOPMENT AS A FACTOR OF FOOD SECURITY (factors and proposals)

This article contains, in particular, the construction of manufacturing plants, the development of technologies for processing agricultural products, the development of new plant varieties, pest control, the development of horticulture and viticulture, animal husbandry, etc. import of agricultural machinery in areas that can be implemented in cooperation with developed countries. The result of this should be a satisfactory level of agricultural production as a whole. The head of state clearly outlined this point in his Address to the Supreme Assembly of the Republic: “We will be able to ensure food security for the country only if we maximally increase the production of our own agricultural products.” “We must grow more and waste less depend on imported food.” Indeed, in many cases, ensuring food security for a country depends on the efficiency and effectiveness of agricultural development

Key words: *food, food security, agricultural machinery, efficiency*,

Сведения об авторах:
Шоазизова Махбуба Дусмуродовна-кандидат экономических наук, ведущий научный сотрудник отдела исследований и мониторинга продовольственной безопасности Института экономики и системных исследований развития сельского хозяйства Академии наук Республики Таджикистан. Тел.(+992) 900027200.
Хуррамова Мадина Фарходовна-научный сотрудник отдела исследований и мониторинга продовольственной безопасности Института экономики и системного анализа развития сельского хозяйства Таджикской академии сельскохозяйственных наук. Республики Таджикистан, г.Душанбе, улица Хаёти нав, 360, Тел. +(992) 712727272
Одилов Фируз Джумахонович-доктор PhD 2 курса Института экономики и системного анализа развития сельского хозяйства Таджикской академии сельскохозяйственных наук. Республики Таджикистан, г.Душанбе, улица Хаёти нав, 360 Тел.: (+992)-917-03-17-03
About authors:
Shoyazizova Makhbuba Dusmurodovna, Candidate of Economic Sciences, Leading Researcher, Department of Research and Monitoring of Food Security, Institute of Economics and System Research for Agricultural Development, Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. Tel. + (992) 900-02-72-00.
Khurramova Madina Farkhodovna, Researcher, Food Security Research and Monitoring Department, Institute of Economics and Systems Analysis of Agricultural Development, Tajik Academy of Agricultural Sciences. 360 Hayoti nav street, Dushanbe, Tajikistan Tel. + (992) 712-72-72-72
Odilov Firuz Dzhumakhonovich-Doctor PhD 2 courses of the Institute of Economics and System Analysis of Agricultural Development of the Tajik Academy of Agricultural Sciences. 360 Khayeti nav Street, Dushanbe, Republic of Tajikistan. Tel.: (+ 992) - 917-03-17-03

ТДУ: 631.11

ОМИЛҲОИ БА РУШДИ УСТУВОРИ КИШОВАРЗӢ ТАЪСИРРАСОНАНДА

Мирзон Некрӯз Мирзон-Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ

Калимаҳои асосӣ*: рушди устувори кишоварзӣ, соҳаи кишоварзӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, рақамикунонии кишоварзӣ, омилҳои таъсиррасон, озуқаворӣ, ғизо, стратегия*

Ҳукумати мамлакат рушди устувори кишоварзии мамлакатро дар “Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян намуда, ин воситаро омили муҳимми расидан ба таъмини амнияти озуқаворӣ маҳсуб дониста, ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъо-лияти пурсамари соҳаи кишоварзӣ бо истифода аз иқтидорҳои мавҷуда, чи дар самти илму технология, иқтисоду иҷтимоиёт ва табиию экологӣ пайваста тадбирҳои судманд меандешад [1].

Таҳқиқот нишон додааст, ки рушди устувори кишоварзӣ - ин самти муайяни фаъолият ва пешбурди истеҳсолоти кишоварзӣ буда, ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва экологию ҳифзи муҳити зистро дар назар дошта, ба таъмини амнияти озуқаворӣ, ҳифзу нигаҳдорӣ ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, беҳтар гардонидан ва нигоҳ доштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва пешгирии раванди муҳоҷират дар деҳот нигаронида шудааст. Таъмини рушди устувори кишоварзӣ аз омилҳои зерин, аз қабили табиӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ вобаста буда, ин омилҳо метавонанд ба рушди устувори кишоварзии мамлакат таъсири мусбат расонанд (расми 1).Албатта, ба гурӯҳи омилҳои табиӣ, вазъи иқлим ва экология ва инчунин обу хок дохил мегарданд ва ин омилҳо метавонанд тамоюли асосии рушди соҳаи кишоварзӣ бошанд.

Дуруст аст, ки вазъи табиии оламу наботот, боришотҳои мавсимӣ вобаста ба фасли худ, ҳарорати офтоб, сохтори замин ва сифати он дастрасии об дар мавсими кишту кор, ҳолати гуногунии биологӣ вобаста ба ҳашаротҳои зараррасон ва дигар вазъу ҳолат метавонанд ба баландшавии ҳосилнокии меҳнат, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии замин, муқовимат намудан ба ҳар гуна ҳашаротҳои зараррасон таъсири мусбат расонанд.

Омилҳои иқтисодӣ бошанд, ин дастгирии давлатӣ ва бахши хусусӣ ва инчунин раванди сармоягузорӣ ва лоиҳаҳои хориҷиро дар назар дошта, омили асосии рушддиҳандаи соҳаи кишоварзӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ба ҳисоб мераванд. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ бисёр муҳим ва зарур аст, ки соҳаи кишоварзӣ барои таъмини рушди устувор бояд дастрасӣ ба қарз, субсидияҳо, сармоягузориҳо, маблағгузориҳо, имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ, мавҷудияти бозорҳои осони фурӯш, марказҳои логистикӣ ва лизингӣ, нигоҳдории маҳсулотҳо дар сардхонаҳо, гармхонаҳо ва дигар омилҳое, ки ба рушди устувори кишоварзӣ оварда мерасонад, дошта бошанд [4].



Расми 1.- Омилҳое, ки ба рушди устувори кишоварзӣ таъсир мерасонанд. Таҳияи муаллиф.

Омилҳои иҷтимоӣ бошанд, ба монанди дастрасии аҳолӣ ба таҳсили босифат, солимии аҳолӣ ва ташаккули инфрасохтори иҷтимоӣ дар назар дошта, ин омилҳо метавонанд бо тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, аз ҷиҳати тандурустӣ солим ва аз ҷиҳати инфрасохторӣ ташаккулёфта ба рушди соҳа таъсири мусбат расонанд.

Ба ақидаи мо, дар ҳама давру замон нақш ва саҳми мутахассисони баландихтисос, аз лиҳози донишҳои муосир ташаккулёфта ва аз лиҳози рӯҳия солиму тандуруст ва инчунин аз лиҳози фарҳанг бомаърифат дар рушди иқтисоди кишвар бориз аст. Албатта, мутахассис муҳаррики пешбарандаи иқтисодиёт маҳсуб дониста, метавонад роҳҳои самараноку самарбахши соҳаро бо усулҳои муосири идоракунӣ ва бо натиҷаҳои судбахш пайдо намояд. Бинобар ин, ба омодасозии кадрҳои босифат ва арзанда дар муассисаҳои олии касбӣ таваҷҷуҳи бештар додан ба маврид ва саривақтист.

Омилҳои технологӣ онро дар назар дошта шудааст, ки бе фарҳанги техникӣ ва бе истифодаи технологияи инноватсионӣ ва идоракунӣ, соҳаи мазкур наметавонад ба рақамикунонии соҳа ва самаранокии кори худ тадбирҳои судманд андешад ва инчунин бе истифодаи усулҳои муосири технологияҳои нав ворид шудан ба бозор, хусусан ба бозорҳои нав, чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷи мамлакат, албатта ба муаммоҳо рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Татбиқи технологияҳои нав дар истеҳсолот, коркард ва парвариши навъҳои серҳосили тухмиҳои мутобиқ дар шароити тағйирёбандаи иқлим ва тобовар ба ҳашаротҳои зараррасон, таъмин намудани хоҷагиҳои кишоварзӣ бо техникаҳои муосири кишоварзӣ дар заминаи ташкили марказҳои лизингӣ, автоматикунонӣ ва фаъолнокӣ дар истифодаи захираҳои иттиллотии интернетӣ метавонад ба баланд бардоштани самаранокии меҳнат, кам кардани хароҷотҳои иловагӣ ва эмин мондан аз ҳолатҳои табиӣ ва таъсири экологӣ мусоидат намояд.

Аз таснифоти омилҳои номбурда ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар натиҷаи комилан мавҷуд будани омилҳои номбурда дар кишвар ва самараноку мақсаднок истифода бурдан ва баҳра гирифтан аз онҳо имкони пурра таъмини рушди устувор дар мамлакат пайдо мегардад, маърифати экологӣ баланд мешавад, ҳосилнокӣ зиёд мегардад, дар заминаи ҳосилнокии баланд даромаднокии кишоварзон хуб гардида, инфрасохтори истеҳсолӣ дар ҳудудҳои деҳот ташаккул меёбанд, аҳолӣ бо ҷойи корӣ таъмин мешаванд, сатҳи муҳоҷират паст мегардад, дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ беҳ гашта, фарҳанги техникӣ ва тасаввуротҳои технологӣ баланд мешавад ва ҳадафан рушди устувори кишоварзӣ дар мамлакат таъмин хоҳад шуд.

Маврид ба зикр аст, ки рушди устувори кишоварзӣ муносибати ҳамгироёна ва ҳамбастагии омилҳои номбурдаро тақозо намуда, дар шароити дигаргуншавӣ ва

тағйирёбандаи иқлим ва бо назардошти тамоюлҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, саривақт мутобиқ шуданро ва дастгирии ҳамдигарро дар ин самт талаб менамояд.

Қобили зикр аст, ки бо назардошти омилҳои номбурда, ки метавонанд ба иқтисоди кишвар, рушди кишоварзӣ ва ё сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири мусбат ё манфӣ расонанд, ҳаст ҳолатҳои объективие, ки метавонанд ҳолати тамоюли рушди иқтисодию иҷтимоии кишварро ба косташавӣ расонанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин ҳолат хорӣ нест.

Бо ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар натиҷаи пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ, рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро як чанд омилҳое пайдо гардиданд, ки дар натиҷа ба паст гардидани сатҳи сифати зиндагии мардум омада расид, ки инҳоянд: якум - яку якбора гузаштан аз сохти иҷтимоӣ ба сохти иқтисоди бозоргонӣ, ки иқтисоди кишвар ва хоҷагиҳои хонаводагӣ омодаи ин сохт набуданд.

Албатта, ки ҳар сохти ҷамъиятӣ дорои қонуниятҳои хоси худ мебошад; дуюм - бо оғози ҷанги шаҳрвандӣ соҳаҳои мазкур, пеш аз ҳама сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, демографӣ ва дигар соҳаҳо дар вазъияти бисёр муташанниҷ қарор доштан, имкони дар оянда ба муътадил даровардан соҳаҳо ва пешгӯии рушди давлат комилан набуд. Дар натиҷа чунин вазъи сиёсӣ ба ҳама бахшу қишрҳои ҷомеа, маориф, фарҳанг, тандурустӣ, хизматрасониҳои манзилию коммуналӣ, истеҳсолот, савдою хизматрасонии маишӣ, роҳу нақлиёт ва иртиботу ахборот таъсири манфӣ расонида, ба рушди муътадили давлат мушкилоти ҷиддӣ ва монеаҳои дуру дарози бартарафкунанда расонид. Хушбахтона, бо таҳаммулпазирӣ, иродаҳои мутаҳакам ва қадамҳои устувори миллату давлат кишвар тавонист, ки дар муддати кӯтоҳ вазъи сиёсиро ба ҳолати муътадил дарорад. Пас аз хотима додани ҷанги шаҳрвандӣ зарурияти қабули қонунҳои миллӣ ва барномаву стратегияҳои давлатӣ дар бораи ба танзим даровардани соҳаҳо ва рушди онҳо ба миён омад, ки муҳимтарин аз ин санадҳо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Стратегияи мазкур дар ду марҳала, барои давраи то соли 2015 ва то соли 2030 қабул гардида, дар ин стратегия рушди ҳамаи соҳаҳо, алалхусус соҳаи муҳимми иқтисодиёт, яъне соҳаи кишоварзӣ, дар заминаи ҳадафи сеюми мамлакат, яъне таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ бо ғизои хушсифат ва барномаву консепсияҳои давлатӣ, ба таври возеҳ ва ҳамаҷониба нишон дода шуда, баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ ва афзоиши ҳиссаи он дар таъмини амнияти озуқаворӣ, аз ҷумла ғизои комил яке аз талаботҳои ин санад мебошад [1].

Як нуқтаро бояд қайд намуд, ки ҳудуди аз се ду (2/3) ҳиссаи корхонаҳои истеҳсолии фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корхонаҳои агросаноатӣ тааллуқ доранд. Дар соҳаи кишоварзӣ тавассути тадбирҳои андешидашуда, аз ҷумла аз худ кардани заминҳои нав, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида, беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминҳо, зиёд кардани майдони боғу токзорҳо ва ислоҳоти соҳа, бахусус ҳалли қарзи хоҷагиҳои деҳқонӣ, фаровонии маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳифзи амнияти озуқавории мардуми кишвар ба маротиб беҳтар шуда истодааст.

Суръати афзоиши миёнасолонаи маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ дар давоми татбиқи ин санад 8,6 фоизро ташкил дода, дар соли 2023 бахши аграрӣ ҳамчун пайванди комплекси агросаноатӣ 24,3 фоизи ҳиссаи ММД-и кишварро тавлид намуд [5]. Солҳои охир дар соҳаи кишоварзӣ диверсификатсияи истеҳсолот тавассути ташкили кишти такрорӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва сердаромади содиротӣ, васеъгардонии майдони кишти сабзавот ва бунёди боғу токзорҳои серҳосил ба назар мерасад.

Соҳаи кишоварзӣ яке аз бахшҳои муҳимми пешбарандаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ маҳсуб ёфта, солҳои охир новобаста аз таъсири офатҳои табиӣ ва омилҳои буҳрони дар сатҳи рушд ёфтан қарор дорад. Соҳаи мазкур ба ҳисоби миёна 18-24% ММД-ро таъмин менамояд ва дар амалигардии яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар - таъмини амнияти озуқаворӣ нақши бориз дорад [5]. Яке аз бахшҳои афзалиятдори мамлакат ин иқтисодиёти кишоварзӣ буда, дорои низоми васеъ мебошад ва ҳамчун сарчашмаи ягонаи манбаи ғизоӣ ба шумор меравад.

Профессор Самандаров И.Ҳ. қайд менамояд, ки “...тадбирҳои муназзами аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба рушди устувори кишоварзӣ андешидашуда ба ҳаҷми маҳсулоти умумӣ таъсири мусбат расонида, аз соли 1998 инҷониб он дар сурати афзоянда қарор дорад” [3].

Дар айни замон дар ин соҳаи муҳимми иқтисодиёт, ба истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ 181444 хоҷагиҳои калон, миёна ва хурд, аз онҳо 158 хоҷагиҳои давлатӣ, 59 ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, 3641 хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ, 414 ҷамъияти саҳомӣ ва ҶДММ, 598 хоҷагиҳои ёрирасон дар назди корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ ва 176524 хоҷагиҳои деҳқонӣ машғул буда, дар ин хоҷагиҳо 1 млн 471 ҳазор нафар ба фаъолият машғул мебошанд, ки дар рушди иқтисоди миллӣ нақши калидӣ доранд. Динамикаи маҳсулоти умумии кишоварзӣ (бо нархҳои муқоисавии соли 2022) (млн.сомонӣ) барои солҳои 2019-2023 оварда шудааст.

Аз таҳлили ҷадвали 1 собит гардидааст, ки ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар соли 2023 - ум 63028,4 млн. сомониро ташкил намуд, аз ҷумла дар соҳаи растанипарварӣ 43365,7 млн. сомонӣ ва чорвопарварӣ 19662,7 млн. сомонӣ ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ 9,8 фоиз, деҳқонӣ 41,1 фоиз ва хоҷагиҳои аҳолӣ 49,1 фоизро ташкил кард. Дар ин давра саҳми соҳаи кишоварзӣ дар ММД-и кишвар дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо нисбат ба соли 2019-10961 миллион сомонӣ ё 38,0 фоиз афзудааст. Ин тамоюли мусбат ҳам дар растанипарварӣ ва ҳам дар чорводорӣ қайд карда мешавад. Мувофиқи таҳлили маълумоти давраи омӯхташуда, афзоиши маҳсулоти умумии растанипарварӣ 72,3%-ро ташкил дода, чорводорӣ бошад 27,7%. Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар ММД дар соли 2023-24,3 фоизро ташкил медиҳад, ки нақши муассир дар рушди иқтисоди миллӣ мебошад [5].

Академик Ҷ.Пиризода қайд намудааст, ки “....рушди устувори кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ, барои таъмини амнияти озуқаворӣ заминаи асосӣ буда, комилан ба рақамикунонии кишоварзӣ оварда мерасонад

Ҷадвали 1.-Динамикаи маҳсулоти умумии кишоварзӣ (бо нархҳои муқоисавии соли 2022) (млн.сомонӣ) [5]

	С О Л Ҳ О				
	2019	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ					
Ҳамагӣ-аз он ҷумла,	**46140,7**	**50225,7**	**53576,2**	**57841,7**	**63028,4**
Растанипарварӣ	32902,2	35597,5	37715,0	40607,1	43365,7
Чорвопарварӣ	13238,5	14628,2	15861,2	17234,5	19662,7
Бахши ҷамъиятӣ					
Ҳамагӣ-аз он ҷумла,	3422,9	4508,4	5834,4	6324,8	6159,8
Растанипарварӣ	2478,9	2802,7	3445,6	3853,7	3540,9
Чорвопарварӣ	944,0	1705,6	2288,7	2471,0	2618,9
Хоҷагиҳои аҳолӣ					
Ҳамагӣ-аз он ҷумла,	23639,1	25044,1	25888233,9	28039,8	30962,4
Растанипарварӣ	11888,8	12584,5	128244,7	14099,5	15044,7
Чорвопарварӣ	11750,4	12459,6	12999,2	13940,3	15917,7
Хоҷагиҳои деҳқонӣ					
Ҳамагӣ-аз он ҷумла,	19078,7	20673,2	219917,9	23477,1	25906,3
Растанипарварӣ	18534,5	20210,3	21344,7	22653,9	24780,1
Чорвопарварӣ	448,2	544,2	462,9	573,2	823,2

Сарчашма: ***Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маҷмуаи оморӣ). -Душанбе, 2024.-16 с.***

. Рушди устувори кишоварзӣ ба масъалаҳои зиёд, аз қабили беҳтар намудани ҳолати агротехникии заминҳои кишт, афзоиши додани маҳсулоти босифати кишоварзӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ, таъмини дастрасии озуқаворӣ ба аҳолӣ бо ғизои хушсифат, коҳиш додани вобастагӣ аз воридот, беҳтар намудани сатҳи зиндагии кишоварзон, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина коҳиш додани раванди муҳоҷират мусоидат хоҳад кард” [2].

Дар ин ҷода метавон гуфт, ки омилҳои афзалиятноке мавҷуданд, ки ба рушди кишоварзии устувор нигаронида шудаанд:

Рушди инфрасохтор: *Сохтмони роҳҳои нав, таъмири роҳҳои мавҷуда ва таъмини обёрӣ барои беҳтар намудани фаъолияти кишоварзӣ.*

Технологияҳои нав: *Истифодаи технологияҳои пешрафта дар кишоварзӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва самаранокии истеҳсолот.*

Ҳамкории байналмилалӣ: *Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва ҳамкорӣ бо дигар кишварҳо барои рушди бахши кишоварзӣ.*

Омӯзиш ва таҳсилот: *Таъмини омӯзиш ва таҳсилоти муосир барои кишоварзон ва кормандони соҳа.*

Дастгирии молиявӣ: *Таъмини дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок ва дигар шаклҳои дастгирии молиявӣ барои кишоварзон.*

Масъалаҳои экологӣ: *Риояи принсипҳои рушди устувори экологӣ ва ҳифзи захираҳои табиӣ.*

Хулоса.Ҳамин тавр, дар маҷмуъ рушди устувори кишоварзӣ дар Тоҷикистон як раванди мураккабест, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд. Пешниҳод карда мешавад, ки бо назардошти омилҳои номбурда, ки метавонанд ба иқтисоди ҷумҳурӣ, рушди кишоварзӣ ва ё сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири мусбат ё манфӣ расонанд, ҳаст ҳолатҳои объективие, ки метавонанд ҳолати тамоюли руш-ди иқтисодию иҷтимоии кишварро ба косташавӣ расонанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин ҳолат холӣ нест.

Бинобар ин, барои расидан ба ҳолати рушди устувори кишоварзӣ, лозим аст манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ дар ҳамоҳангӣ бо сиёсати давлатӣ таъмин гардад ва роҳҳои дастгирии илмӣ-техникӣ ва молиявӣ дар соҳа ташаккул ёбад. Умуман ба хулосае омадан мумкин аст, ки рушди устувори кишоварзӣ танҳо дар шароити ҳамгироии омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, табиию экологӣ ва технологӣ ва инчунин дар асоси тадбиқи сиёсати созгори аграрӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо имконпазир хоҳад шуд.

АДАБИЁТ:

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
2. Самандарзода И.Х., Халикова М.Н. // Устойчивое развитие сельского хозяйства Республики Таджикистан. Инновационная экономика. -Душанбе.-2023. -№2. -С.28-34.
3. Пиризода Ҷ.С. Самтҳои рушди кишоварзии мамлакат дар ҷодаи таъмини амнияти озуқаворӣ. [Матн] // Пиризода Ҷ.С. // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Маркази таҳқиқотии стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, -2020.- №2(70).- С. 153-161.
4. Файзуллаева К.Н. Омилҳои таъсиррасон ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот //Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ) - 2022. №3/42. Душанбе - 2022, -С. 115-119.
5. Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.Маҷмуа омори Кишоварзӣ.Душанбе.2024.-16 с.

АННОТАЦИЯ

ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА

В данной статье рассматривается устойчивое развитие сельского хозяйства и определенные факторы, которые положительно влияют на его развитие. Исследованием установлено и научно обосновано, что устойчивое развитие сельского хозяйства в период независимости, его реальное состояние и социально-экономическое значение в стране были рассмотрены на основе Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, государственных концепций и программ направленных на устойчивое развитие сельского хозяйства.

Ключевые слова: *устойчивое развитие сельского хозяйства, сельское хозяйство, обеспечение продовольственной безопасности, цифровизация сельского хозяйства, влияющие факторы, еда, питание, стратегия.*

ANNOTATION

FACTORS INFLUENCING THE SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF AGRICULTURE

The article describes the sustainable development of agriculture and certain factors that positively influence its development. In addition, the sustainable development of agriculture during the period of independence, the real state of the agricultural sector, its socio-economic importance in the country, and the development of the industry were considered on the basis of the national development strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030, state concepts and programs aimed at sustainable agricultural development.

Keywords: *sustainable development of agriculture, agriculture, food security, digitalization of agriculture, influencing factors, food, nutrition, strategy*.

Сведения об авторе:

Мирзон Некруз Мирзон-кандидат экономических наук, и.о. доцента, заведующий отделом изучение кластерного процесса в агропромышленном комплексе Института экономики и системного анализа развития сельского хозяйства

Таджикской академии сельскохозяйственных наук. Республики Таджикистан, г.Душанбе, улица Хаёти нав, 360, телефон:+992555755500. E-mail:Nekruzjon1989@mail.ru,.

Information about the author:

Mirzon Nekruz Mirzon is a Candidate of Economics, Acting Associate Professor, Head of the Department for Studying the cluster process in the Agro-industrial complex at the Institute of Economics and System Analysis of Agricultural Development of the Tajik Academy of Agricultural Sciences. 360 Khayeti nav Street, Dushanbe, Republic of Tajikistan, phone: +992555755500. E-mail: Nekruzjon1989@mail.ru.ш

ТДУ:338.250.1.

ЗАРУРИЯТИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРИИ САБЗ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ахмедов Д.Ҳ.[1], Ғуломова Х.А.[2]

[1] Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ

[2]Донишгоҳи давлатии Данғара

Калимаҳои асосӣ: *сармоягузориҳои сабз, иқтисод, амнияти озуқаворӣ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, сармоя, молия, дастгирии давлатӣ, кишоварзӣ, муҳити зист.*

Соҳаи кишоварзӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳимми иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ки натанҳо таъмини амнияти озуқавориро таъмин менамояд, инчунин бо муҳити зист, иқлим ва захираҳои табиӣ вобастагӣ доранд. Аммо ба роҳмонии истифодаи захираҳо, аз ҷумла замин, об ва нуриҳо метавонад ба муҳити зист зарари ҷиддӣ расонанд. Бояд қайд намоем, ки соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои асосӣ ва ниҳоят муҳимми иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафта, дар бисёре аз мамлакатҳо махсусан Тоҷикистон қисми зиёди аҳолии кишвар маҳз ба соҳаи кишоварзӣ машғул мебошанд. Вобаста ба ин, сармоягузории сабз ҳамчун як усули муоссири гузариш ба кишоварзии нав ва устувор ба ҳисоб меравад.

Сармоягузории сабз дар соҳаи кишоварзӣ нақши муҳим мебозад, барои ҳифзи муҳити зист, истеҳсоли маҳсулоти солим, истифодаи оқилонаи захираҳо (замин, об, нуриҳо) ва таъмин намудани амнияти озуқаворӣ, ки метавонад ба рушди устувори иқтисод ва ҳифзи муҳити зист мусоидат намояд. Сармоягузории сабз дар иқтисодиёти кишоварзӣ ҳамчун яке аз омилҳои рушддиҳанда ва саривақтӣ мебошад, ки бо масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, рушди устувор ва хубтару беҳтар намудани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ вобастагӣ доранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон имконятҳои захираҳои табиии қаъри замин, экологӣ, саёҳӣ, кишоварзӣ, обию энергетикӣ ва ғайраҳоро доро мебошад. Дар ин радиф бевосита баҳри рушди соҳаҳои мазкур ва инчунин рушди иқтисодиёт бевосита аз сармоягузории сабз алоқамандии ногусастанӣ дорад. Аз ин лиҳоз, бароҳмони ва ҷалби сармоягузории сабзро ҳамчун яке аз омилҳои рушдиҳандаи иқтисодиёти миллӣ ва кишоварзӣ зарур шуморидан лозим мебошад. Дар ин ҷода як қатор омилҳои манфие ҳастанд, ки баҳри ҷалби сармоягузории сабз дар соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа эҷод менамоянд. Дар ҳақиқат ташаккули иқлими мусоиди сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ ба ояндаи рушди босуботи кишоварзии мамлакат оварда мерасонад.

Сармоягузории сабз ҳамчун омили баланд бардоштани ҷалби сармоя дар соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шароити ҷаҳони муосир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, ёдовар мешавем, ки дастгирии давлатии сармоягузорӣ яке аз механизмҳои асосии рушди иқтисодиёти комплекси агросаноати ба ҳисоб рафта, барои ноил гардидан ба дастовардҳои арзандаи соҳа нақши ҳалкунанда дорад. Инчунин, қайд менамоем, ки барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба комплекси агросаноатии татбиқи натиҷаҳои илмӣ вобаста ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо ҳамкории ташкилотҳои молиявии байнанхалқӣ ва сармоягузории дохилии Тоҷикистон ҷалб карда шуда, ин ба он оварда мерасонад, ки дар дохили ҷумҳурӣ маҳсулотҳои худӣ бештар истеҳсол гардида, ҷойҳои иловагии корӣ таъмин карда мешаванд.

Сармоягузории сабз ин равандест, ки маблағгузорӣ ба соҳаҳо, лоиҳаҳо ва технологияҳое ба роҳ монда мешавад, ки таъсири мусбии худро ба ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор таъмин мекунанд.

Дар самти кишоварзӣ мо метавонем сарсоягузории сабзро бо чунин роҳ ва воситаҳо роҳандозӣ намоем:

- ба роҳ мондани технологияҳои нави соҳаи кишоварзӣ;
- истифодаи захираҳои барқароршавандаи энергия (офтобӣ, шамолӣ ва ғайра);
- ҳифз намудани замин, об ва ҳаво ва коҳиш додан аз партовҳо ва ифлосшавиҳо;
- самаранок истифода бурдани об ва нуриҳо;
- ҳифз намудани гуногуншаклии биологӣ ва ғайраҳо.

Аҳммияти сармоягузории сабз дар соҳаи кишоварзӣ ин пеш аз ҳама ба беҳтаршавии муҳити зист зарари кам мерасонад ва устувории истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзиро барои солҳои тӯлони нигоҳ медорад.

Бояд қайд намоем, ки бисёру аз бозорҳои хориҷӣ талаб менамоянд, ки маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯйи меъёрҳои экологи истеҳсол карда шаванд. Дар ин ҷода зарурияти ҷалб ва бавуҷудоии сармоягузории сабзро дар соҳаи кишоварзӣ зарур мешуморем.

Дар соҳаи кишоварзӣ чунин намудҳои сармоягузории сабзро метавонем ба роҳ монем:

- *системаҳои обёрии қатрагӣ* – кам кардани истифодаи об ва баланд бардоштани самарнокии маҳсулот;
- *паҳн кардани энергияи офтобӣ* - барои обкашӣ гармкунии гармхонаҳо ва ғайра;
- *кишоварзии органикӣ* - истеҳсоли маҳсулот бенуриҳои кимиёвӣ ва пестиситҳо;
- *гузариш ба зироатҳои устувор* - зироатҳое, ки об кам мехоҳанд ё ба иқлим мувофиқан;
- *гузариш ба агроэкология* - ба роҳмонии усулҳои илмии кишоварзӣ бо ҳифзи муҳити зист.

Яъне мо метавонем бо чунин шакл ва усулҳо дар соҳаи кишоварзӣ сармоягузории сабзро ба роҳ монем. Инчунин, мушкилоте мавҷуд аст, ки дар соҳаи кишоварзӣ (нарасидани об, хоки камҳосил, норасоии технологияи сабз ва ғайраҳо), ки метавонад ба рушди соҳаи кишоварзӣ монеа эҷод намоянд.

Аммо дар кишварҳои ру ба тараққӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, сармоягузории сабз дар кишоварзӣ қариб вуҷуд надорад, ё хеле маҳдуд мебошад. Мо метавонем сабабҳои амалӣ нагаштани сармоягузории сабзро дар соҳаи кишоварзӣ чунин шарҳ диҳем:

а) аксари кишоварзон ва соҳибкорон дар бораи усулҳои “сабз" ва фоидаи дарозмуддати он маълумоти кофӣ надоранд;

б) дастрас набудани маблағҳои пулӣ ва бароҳмонии маблағҳои молиявӣ дар соҳаи кишоварзии сабз;

в) норасоии сиёсати давлатӣ ва ҳавасманкунӣ;

г) қонунгузорӣ ва стратегияи кишоварзӣ рӯшан сармоягузории сабзро пуштибонӣ намекунад;

д) ҳавасмандсозӣ ба монанди имтиёзҳои андозӣ вуҷуд надоранд;

е) камбудии инфрасохторӣ;

ж) технологияҳои сабз (системаи обёрии қатрагии гурӯҳҳои органикӣ, таҷҳизоти кам масраф) гаронанд дасрас нестанл.

Паёмадҳои набудани сармоягузории сабз ба чунин мушкилиҳо оварда мерасонад: таъсири манфӣ ба муҳити зист, биёбоншавии замин, ифлосшавии обу хок ва ғайраҳо. Метавонем чун иброз намоем, ки истифодаи аз ҳад зиёди нуриҳои кимиёвӣ саломатии аҳолиро зери хатар мегузорад, инчунин ба бемориҳои гуногун оварда мерасонад.

Бояд қайд намоем, ки сустшавии рақобатпазири маҳсулотҳои ғайрисабз дар бозори ҷаҳонӣ талабот надорад, чӣ бояд кард: ҷорӣ намудани стратегия ва барномаҳои давлатӣ барои дастгирии сармоягузории сабз, ташкили фондҳои махсус ё кредити сабз, бо фоизи паст барои лоиҳаҳои органикӣ ва технологияҳои тоза ва нав ба роҳ мондани қарз аз тарафи бонкҳо, баланд бардоштани маърифати сармоягузории сабз дар соҳаи кишоварзӣ, омӯзишҳои амалӣ барои кишоварзон дар бораи фондҳои кишоварзии сабз, ҷалби сармояи хориҷӣ аз ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар донорҳо, сатҳи пасти дониш ва омӯзиш дар байни деҳқонон, равон кардани грантҳо ва қарзҳои имтиёзнок барои фермерҳо, ташкили курсҳо ва омӯзишҳои амалӣ бароҳмонии сармоягузории сабз, ҳавасмандгардонии андозӣ барои сармоягузорони сабз, ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ, ҳавасманлгардонӣ аз тарафи давлат, мушкилоти техникӣ (камбудӣ дастгоҳҳои обёрии қатрагӣ ва ғайра).

Дар ҳолате, ки мушкилӣ ва камбудиҳои дар боло овардашударо мо бартараф намуда, он имтиёзҳою дастгириҳое, ки пешниҳод гардидааст амалӣ намоем, фикр менамоям, ки маҳсулотҳои кишоварзӣ аз лиҳози сифат дар бозорҳои ҷаҳонӣ рақобатпазир мегардад.

Хулоса, роҳандозӣ нагардидани сармоягузории сабз дар иқтисодиёти кишоварзӣ як монеаи ҷиддӣ барои рушди устувори соҳа мебошад. Ба роҳ мондани сармоягузории сабзро дар соҳаи кишоварзӣ натанҳо барои рушди иқтисоди деҳот ва инчунин беҳтар кардани зиндагии мардум, балки барои ҳифз ва нигоҳдошти муҳити зист ва наҷоти наслҳои оянда нақши калидӣ мебозад. Бо истифода ва ба роҳ мондани сиёсати дуруст, инчунин дастгирии молиявӣ ва ба роҳ мондани таҷрибаҳои муосир Тоҷикистон метавонад ба кишоварзии устувор ва самарабахш, инчунин иқлимпазир гузариш кунад. Бинобар он, барои таъмини аниятӣ озуқаворӣ, ҳифзи муҳити зист ва рушди иқтисодиёти сабз, Тоҷикистон бояд шароити беҳтар барои чунин сармоягузорӣ фароҳам намояд.

АДАБИЁТ

1. Қудратова Ф.Р. Самаранокии иқтисодии сармоягузори дар соҳаи кишоварзӣ.Афтореф.-Душанбе, 2020.
2. Ахмедов Д.Ҳ. Сармоягузорӣ ҳамчун омили баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти боғдорӣ. -Душанбе, -2022, -№4/2. (44). -129 с.
3. Ахмедов Д.Ҳ. Сармоягузори омили рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кишоварз, 2021, №1(90).
4. Базаров Ш.Ш., Эргашев А. Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи сармоягузориҳо дар соҳаи кишоварзӣ.- Душанбе: НАСИП-КАС, 2009.
5. Старик Д.Э. Как рассчитать эффективность инвестиций. - М.: АО «Финстатинформ, 1996.
6. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – С. 27.
7. Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037. - Душанбе, 2022.
8. Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар. -Душанбе. 10.05.2019. -С.1.
9. Қудратзода П.Қ., Д.Ҳ. Ахмедов. Хавфҳои сармоягузорӣ ва роҳҳои ҳалли он дар кишоварзӣ. Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – №. 3(42). – С. 436-443.
10. Зувайдуллоева Г.Х. Такмили механизми идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ. Афтореферат- Душанбе. – 2021.
11. Комилов Н.Б. Тадбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти заминҳои кишоварзии ноҳияи Кӯлоб:мушкилот ва дурнамо. Маҷаллаи илмии Маркази тадқиқоти сатратегии ҶТ. «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз»–Душабе,-2018. -№2(61). -С.182-189.

АННОТАЦИЯ

НЕОБХОДИМОСТЬ ЗЕЛЕНЫХ ИНВЕСТИЦИОННЫХ ПРОЕКТОВ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье отмечено, что зеленые инвестиции в сельское хозяйство играют важную роль в защите окружающей среды, производстве здоровой продукции, рациональном использовании ресурсов (земли, воды, удобрений) и обеспечении продовольственной безопасности, что может способствовать устойчивому экономическому развитию и охране окружающей среды. Зеленые инвестиции в аграрную экономику рассматриваются как один из развивающихся и актуальных факторов, связанных с охраной окружающей среды, устойчивым и более эффективным развитием, а также повышением эффективности сельскохозяйственного производства. В связи с этим, представляется необходимым предоставление государственной поддержки и льгот отечественным и иностранным прямым инвесторам.

Ключевые слова: *зеленые инвестиции, экономика, продовольственная безопасность, инвестиционные проекты, капитал, финансы, государственная поддержка, сельское хозяйство, окружающая среда.*

ANNOTATION

THE NEED FOR GREEN INVESTMENT PROJECTS IN THE AGRICULTURAL SECTOR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, green investment in agriculture plays an important role in protecting the environment, producing healthy products, rational use of resources (land, water, fertilizers) and ensuring food security, which can contribute to sustainable economic development and environmental protection. Green investment in the agricultural economy is considered one of the developing and timely factors related to environmental protection, sustainable and better development, and improving the efficiency of agricultural production. For this reason, it is considered

necessary to provide the state with beneficial support and privileges for domestic and foreign direct investors.

Keywords: *green investment, economy, food security, investment projects, capital, finance, state support, agriculture, environment*.

Сведения об авторах:

Ахмедов Давлатали Хайталиевич – кадидат экономических наук, дотцент зав.отделом изучение и мониторинг инвестиции в АПК Института экономики и системного анализа развития сельского хозяйства ТАСХН. 734049, г. Душанбе ул Хаёти-Нав 306. Телефон: (+992) 93 171 11 99. E-mail: davlat_1118@mail.ru;

Гулямова Хуршеда Амонуллоевна - старший преподаватель кафедры экономика и управления Дангаринского государственного университета. 735320, Республика Таджикистан, район Дангара, улица Центральная. Тел: (+992) 010200286.

About the authors:

Akhmedov Davlatali Haytalievich - candidate of economic sciences, docent, head of the department of study and investment monitoring at IAS of the Institute of Economics and Systematic Research of Agricultural Development of Tajik Academy of Agricultural Sciences: Dushanbe city, Hayoti Nav 306: tel: 918-68-49-05.

Gulomova Khursheda Amonulloevna – Senior Lecturer, Department of economic, Dangara State University. 735320, Republic of Tajikistan, region Dangara, Central street. Tel: 010200286.

ТДУ 332.37.1

РУШДИ БОЗОРИ МИНТАҚАВИИ ГӮШТ ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР БОЗОРИ ОЗУҚАВОРИИ МАМЛАКАТ

Абдуллоев А.Х.-Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калимаҳои асосӣ: *бозори озуқаворӣ, маҳсулоти озуқаворӣ, ашёи хом, бозори гӯшт, соҳаи кишоварзӣ,*

Рушди бозори озуқаворӣ дар сатҳи минтақа, ба мисли сатҳи умумидавлатӣ, бе таваҷҷуҳи муносиб ба масъалаҳои назорати рафти ислоҳоти равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар комплекси аграрию озуқавории кишвар ғайри мумкин аст.

Танҳо низоми хуб назорати ҷараёни тағйироти вазъи бозори минтақавӣ имкон медиҳад, ки заминаи қонунгузорӣ ва самтҳои стратегии рушди КАС сари вақт тасҳеҳ шаванд. Назорати муташаккилонаи ҷараёну хосияти тағйироти сифатии иқтисодро мониторинги вазъи иҷтимоию иқтисодӣ меноманд. Мушоҳидаи динамикаи раванди ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақа аҳамияти бузурги амалӣ дорад, зеро мониторинг нисфи оғози системаи таҳлилию омодасозии расидан ба амалҳои матлуби тараққиёти бозор мансуб аст.

Мафҳуми мониторинг дар адабиёт ҳамчун усулҳои таҳқиқи системаи васеъю мухталифи объектҳо дар асоси мушоҳидасозии даврии маҷмӯи хосиятҳои низом, арзёбии сифатӣ ва миқдории хосиятҳои мунтахаб, ҳисоби замони ҳар хосият ва ояндабинӣ дар асоси маълумоти оид ба тағйири муҳлати гузариши сифатӣ аз як ҳолати баробар ба ҳолати дигар маънидод карда мешавад. Маънои «monitoring» аз калимаи англисии гирифта шуда маънояш "раванди пайгирии рӯйдодҳо, мушоҳида ва бақайдгирии воқеи аён»-ро маънидод менамояд. Монито-рингро инсоҳо мегузаронанд, зерро хоҳиш доранд, ки донад кадоме аз қонуният хоси марҳилаи муайяни фаъолият ё бахши ҳаёти ҷамъиятӣ, ҷараёни технологӣю вазъи сиёсӣ мебошанд.Барои тамоми менеҷерҳо бошад принсипи баргузории мониторинг зарур аст масалан барои ҳуқуқдонҳову бозоршиносон, обуҳавошиносону сиёсатшиносон, кормандони тиб якхела аст, танҳо тафовуту ҷузъиёт дорад.

Системаи мониторинг дар ҷудонамоии обектҳо зарур аст зерро ба сифати онҳо бошад дар бозорҳои минтақавии маҳсулотҳоии аграрӣ истеҳсолкунандаи кишоварзон, ташкилоту корхонаҳои коркарднамудани номгуи маҳсулотҳои кишоварзӣ, таркиби корхонаҳо ва зерсохтори бозори аграрию озуқаворӣ ва инчунин субъектони мониторинг, яъне корхонаву, ташкилотҳо, ҷараёнҳои бахшҳои истеҳсолот ва идораҳои мушоҳидавӣ, истеъмолу мубодилаи маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқавории бозори минтақавӣ баромад мекунанд. Мушоҳидаҳо дар мониторинг фарогиру даврӣ мебошанд.

Объекти мониторинг тамоми иқтисод, ҳадафаш танзими равандҳои давраи гузариш мебошад. Аз гуфтаҳои дар боло зикргардида хулоса бароварда мешавад, ки хусусиятҳои вобаста ба обект аз се принсипи асосии мониторинг иборат мебошад:

Якум-объект бо системаи мониторинг алоқамандаст. Мониторинг бошад ба объекти таҳқиқ ва хусусиятҳои ба он алоқаманд асос ёфтааст.

Дувуми - мониторинг ва ташкили он аз ягонагии муҳити иқтисодӣ ҳамчун объекти мушоҳида намудан бармеояд. Тамоми объектҳои мавриди мушоҳида қарор гирифта, аз ҷумлаи он дар дараҷаи ҳудудию минтақавӣ, бояд дар ростои ҷараёни нишондиҳандаҳои умумии бахши иқтисодӣ мушоҳида шаванд.

Сеюм-ин маҷмуият аст. Ин намуди принсип дар мушоҳида намудани бозор ҳамчун системаи васеъро ба инобат мегирад.

Субъектони бозори минтақавии маҳсулоти гӯшт ва мониторинги он аз унсурҳои зеринро фарогир мебошад:

-ҳудуди ҷуғрофӣ ва расмиёти муқаррарнамоии он бо маҳсулотии бозор;

-муайяннамоии ҳайати фурӯшандагону харидорон дар бозор;

-ҳаҷми мавҷудаи ҷараёни истеҳсол ва омӯзиши он;

-индикаторҳои шиддати рақобатнокӣ ва ҳисоби индикаторҳои сифати он;

-дуруст муайянсозии хусусиятҳои тараққиёти бозор.

Бо мақсади оне, ки маълумотҳои мониторинги самаранок бошанд онро бо тарзи васеъ баррасӣ хоҳад кард. Дурустии ҳар маълумоти мониторинг ҳатман асоснокии он дуруст санҷида шавад. Бе барномаҳои бозрасӣ таъмин кардани мувофиқати ҳаққонии воқеият ва маълумоти монитроингии ба иҷрокунандагон додашуда душвор аст.

Ҳудуди замонии мониторинг ҳам муҳим аст. Албатта, мониторинг бояд фарогири самараи ҳарчӣ бештари мустақиму кӯтоҳмуддат бошад [9]. Мониторинг раванди доимист, дар ҳолати идалӣ қисми ҷудонопазири иҷрои барнома ё лоиҳа мешавад. Арзёбӣ, ки худ рӯйдоди даврӣ дар мавриди лаҳзаҳои калидӣ ҳангоми иҷроиши барнома мебошад, чун унсури раванди давомдор дар асоси маълумоти мониторинг баҳри таъмини маълумоти саривақтии иловагӣ дар бораи фаъолияти гузашта ва тавсияҳо барои оянда баррасӣ кардан мумкин аст.Мониторинги бозори аграрии минтақа пеш аз ҳама расмиёти ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот дар бораи аҳволи бозорро дар бар мегирад, яъне дар он нишондиҳандаҳои таносуб: ҳаҷми тақозову арза, тағйирёбии нарх, аҳволи тамоми ширкаткунандагони бозор мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Иҷрои мониторинг ва нишондиҳандаҳои онро мушоҳида бояд кард, зерро ҳайати субъектони мониторингро муайян мекунад. Миёни онҳо бошад гурӯҳҳои асосиро байни ҳамдигар ҷудо намудан лозим аст: мақомотҳои давлатии дар соҳаи мониторинг, ташкилоти тиҷоратие, ки танҳо ва самти корхонаҳо дар бозор амалкунанда мебошад. Фаъолияти мониторингӣ, пеш аз ҳама, бо ҷамъоварӣ ва паҳнкунии маълумоти бозор иртибот дорад.

Субъектони мониторинги бозори аграрӣ ва ҳайати онро дар расми 1 чунин шарҳ дода шудааст. Аксарият олимони соҳаи иқтисодиёт бар он ақидаанд, ки аҳамияти ҳақиқии ташкил намудани хадамоти махсуси иттилооти бозориро таъкид мекунанд.Масалан, Клюкач В.А. пешниҳод мекунад, ки низоми интишори иттилооти бозорӣ ва мониторинги вазъи бозорҳои аграрӣ дар КАС ташкил карда шавад (расми 2). Сарчашмаҳои асосии иттилоот дар низоми пешниҳодшуда нишондиҳандаҳои мақомоти идораи давлатӣ хоҳанд буд. Маълумоти заруриро аз ташкилоти минтақавии гуногун, агентиҳо, бозорҳои яклухти озуқаворӣ, иттиҳодияи агросаноатӣ, корхонаҳои коркард гирифтан мумкин аст.



Расми 1. -Бозори аграрӣ ва субъектҳои мониторинги он

Интишори иттилоот ва усулҳои ҷамъоварии он дар бораи вазъи бозор мухталифанд, зерро талаботҳои муҳим нисбати мониторинги бозори минтақавии маҳсулоти озуқаворӣ ҷараён гирифтани маълумот аст. Хусусан шабакаи компютерии Интернет дар рушди додани технологияҳои муосири иттилоотӣ имкони дар як лаҳза додану гирифтани маълумоти лозимаро ба тарафҳои манфиатдор муҳайё мекунад

Ояндабинии густариши ҷараёни фаъолияти мониторингӣ боиси он мегардад, ки фаъолият оиди тарақиёти технологияҳои интернетӣ дар бахши кишоварзӣ ҳамчун ҷараёни афзалиятнок дар нақшаи ояндабинии тарақиёти комплекси аграрии озуқавориро муайян менамояд. Чунин аҳвол ташкили шабакаҳои иттилоотиро металабад, ки ба субъектони мухталифи иқтисодӣ имкони мубодилаи иттилоотро бе нақзи ҳуқуқи ҳифзи сирри тиҷоратӣ таъмин намояд.



Расми 2. -Иттилооти бозорӣ ва ҳаракати он дар КАС

Рушди мубодилаи иттилоотӣ ва самти имконпазири он байни субъектони бозори аграрии минтақа, ҷорисозии системаи шабакаҳои интишори иттилоотӣ мебошад, ки он имконияти гирифтани маълумотҳои зарурироро барои таҳияи намудани стратегияи рафтори корхонаро дар бозор муҳайё менамояд. Гузариш ба механизми бозории идораи иқтисод ва демонополизатсияи марбути он ногузир боиси сегментатсияи бозори мешаванд. Сегментатсияи соҳаи истеҳсол қабати якуму аз ҳама аёни тағйироти дар иқтисод рӯйдиҳанда мебошад. Дар шароити муосири имрӯза омори расмӣ исботи он аст, ки корхонаҳо, ташкилотҳо мустақил ҳисоби хоҷагии худро ба ҳисоб гирифта, кооперативҳову корхонаҳои давлатӣ, кооператсияҳо амалкунанда дар соҳаи матлубот ва инчунин корхонаҳои хурду алоҳидаро фарогир мебошад.

4. Chepurin A. “Branded technical service in AIC”. Современные принципы организации техсервиса в АПК. openknowledge.fao.org
5. Kokieva G. “The role and improvement of technical services in agriculture”. Комплекс функций РТО (диагностика, ремонт, запчасти, ИС учета).

АННОТАТСИЯ

НАҚШИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКЕТИНГӢ ДАР ТАҲКИМ БАХШИДАНИ ХИЗМАТРАСОНИИ ТАЪМИРИВУ ТЕХНИКӢ

Мақола ба таҳлили нақши фаъолияти маркетингӣ дар таҳким бахшидани хизматрасонии таъмириву техникӣ бахшида шудааст. Дар он аҳаммияти маркетинг ҳамчун абзори муҳимми мутобиқ намудани корхонаҳои хизматрасонӣ ба шароити тағйирёбандаи бозор нишон дода мешавад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ, платформаҳои CRM ва системаҳои таҳлилӣ имкон медиҳанд, ки идоракунии муносибатҳои муштариён самараноктар гардад, маҷмуи хизматрасониҳо оптимизатсия шавад ва садоқати дарозмуддати истеҳсолкунандагон ташаккул ёбад. Муаллиф зарурати як равиши комплексиро асоснок менамояд, ки таҳқиқи бозор, сегментатсияи истеъмолкунандагон, пешгӯии талабот ва таҳияи стратегияҳои нархгузориро дар бар мегирад. Ба масъалаи ташаккули нархи иқтисодии асоснок ва рушди механизмҳои иҷораи техника, ки ба кам кардани хароҷот ва баланд бардоштани устувории соҳаи кишоварзӣ мусоидат мекунанд, таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Ҳамгироии абзорҳои маркетингӣ ва технологияҳои рақамӣ барои корхонаҳои хизматрасонӣ бартарии рақобатии устувор фароҳам оварда, ба баланд шудани самаранокии маҷмуи агросаноатӣ мусоидат менамояд.

Калимаҳои асосӣ: *таъмир, фаъолияти маркетингӣ, хизматрасонии таъмириву техникӣ, бозор, сегментатсия, рақамикунонӣ, пешгӯӣ, банақшагирӣ, нархгузорӣ, талабот, пешниҳод.*

ANNOTATION

THE ROLE OF MARKETING ACTIVITIES IN STRENGTHENING REPAIR AND TECHNICAL SERVICES

The article examines the role of marketing activities in strengthening repair and technical services for agricultural machinery. Marketing is highlighted as a key tool for adapting service enterprises to dynamic market conditions. The study emphasizes the importance of integrating digital technologies, CRM platforms, and analytical systems to enhance customer relationship management, optimize service portfolios, and foster long-term client loyalty. The author substantiates the need for a comprehensive approach that includes market research, consumer segmentation, demand forecasting, and pricing strategy development. Special attention is given to the formation of economically justified prices and the expansion of machinery rental mechanisms, which reduce costs and increase the resilience of the agricultural sector. The paper concludes that the integration of marketing tools and digital technologies provides service enterprises with sustainable competitive advantages and contributes to the overall efficiency of the agro-industrial complex.

Keywords: *repair, marketing activity, repair and technical service, market, segmentation, digitalization, forecasting, pricing, demand, supply, service.*

Сведения об авторе

Анваров Икром Масъудович – старший преподаватель кафедры организации производства на предприятиях АПК, Таджикского аграрного университета имени Шириншох Шотемур. ikromau@mail.ru. Тел.(+992) 883883635

Information about author

Anvarov Ikrom Masudovich - senior teacher in the department of organization production in agricultural enterprises AIC, Tajik agrarian University named after Shirinsho Shotemur. Tel- (+992) 883883635. ikromau@mail.ru.

ТДУ 332.12

БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ТАНЗИМИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Абдуллоев С.И.-Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Калимаҳои асосӣ: *соҳибкории хурду миёна, танзими давлатӣ, танзими институсионалӣ, соҳаи кишоварзӣ, агробизнес, муносибатҳои бозаргонӣ, амнияти озуқаворӣ, кишоварзӣ, дастгирии давлатӣ, самаранокии иқтисодӣ.*

Дар мақола танзими асосҳои институтсионлии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақш ва мақоми асосҳои институсионалӣ дар комплекси агросаноатии кишвар дар шароити иқтисоди бозорӣ мавриди баррасӣ қарор мегарад. Қайд карда мешавад, ки дар шароити муосир рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар, аз ҷумла инкишофи соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ ба омилҳои таъсиррасон вобастагии зиёд дорад.

Диққати асосӣ ба шарҳи хусусиятҳои танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳаи кишоварзӣ ва татбиқи вариантҳои имконпазир равона карда мешавад. Хусусияти танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили рушди тамоми маҷмааи агросаноатӣ баррасӣ карда мешавад.

Такмил додани масъалаҳои танзими давлатӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти хоҷагидории кишвар дар самти рушди агробизнес, пеш аз ҳама дар шакли дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна дар шароити кунунӣ ба шумор меравад. Нақш ва мақоми соҳибкории хурду миёнаро дар рушди иқтисодӣ ин ё он давлат кам арзёбӣ кардан душвор аст. Афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аз мавҷудияти корхонаҳои хурду миёна ба даст меояд. Азбаски давлат ба афзоиши ин нишондиҳандаҳо, беҳбуди сифати зиндагӣ, рушди фаъолияти хоҷагидорӣ, соҳаҳои нави саноативу аграрӣ манфиатдор аст, вазифаи он аз дастгирии соҳибкорӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозаргонӣ ва гуногуншаклии молкият иборат мебошад. Бояд қайд кард, ки давлат ва бозор таърихан дар муддати тӯлонӣ ҳамчун ду мафҳуми воқеан номувофиқ муносибат мекарданд. Дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ дар бораи зарурати даст кашидан аз нақши танзимкунандаи давлат дар иқтисодиёт ақидаҳои зиёде вуҷуд доранд.

Таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки дар назария ду намуди бозор вуҷуд дорад: бозори озод ва воқеӣ. Аввалин бор идеяҳои либерализми иқтисодиро, ки ба муносибатҳои бозаргонӣ созгор меоянд, А.Смит пурра асоснок карда буд. Мувофиқи тафсири ӯ, низоми бозор қобилияти худтанзимкуниро дорад, ки ба «дасти ноаён» - манфиати шахсии марбут ба майли фоида, қувваи асосии пешбарандаи рушди иқтисодиёт асос ёфтааст. Ба ақидаи А.Смит, иқтисодиёт тибқи қонуниятҳои бозор самарабахштар кор мекунад ва танзими он аз тарафи давлат аз байн меравад. Идеяи ӯро Д. Рикардо, Ҷ. Сай, Д. Миллер, А. Маршал инкишоф доданд. Аммо дар шароити нави иқтисодӣ ҳукумат барои вазъи иқтисодии кишвар масъул аст, яъне ба дасти ноаён бояд дасти намоёни давлат илова шавад [7,106].

Мавҷудияти иқтисодиёти гуногун, мутаносибан дараҷаҳои мухталифи фаъолияти танзими давлатиро муайян мекунад. Бояд гуфт, ки чун қоида, дар давраи буҳрон танзими давлатӣ фаъолтар ва баръакс, дар давраи рушди устувори иқтисодӣ камтар фаъол мешавад. Самтҳои танзими давлатӣ тавассути сиёсати сармоягузорӣ ва лоиҳаҳои соҳибкорӣ амалӣ карда мешаванд. Объектҳои асосии танзими давлатӣ, ки ба маблағгузориҳои дохилӣ ба моликияти ҷамъиятӣ вобастаанд, соҳаҳои ҳифзи саломатӣ, бехатарии меҳнат, рушди кадрҳо ва ғайра мебошанд [5,93].

Аз ин лиҳоз танзими давлатии соҳибкории хурду миёна, бахусус дар соҳаи кишоварзӣ дар шароити имрӯза аҳаммияти боз ҳам дучандро пайдо мекунад. Дуруст дарк кардан лозим аст, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи рушд қарор дорад, ташаккулёбии соҳибкории муосир ҳамчун шарти муҳими пешрафти фаъолияти хоҷагидории кишвар басо муҳим арзёбӣ мегардад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар шароити муосир нақши соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёт зиёд шуда истодааст, зеро он на

танҳо воситаи ба даст овардани даромад барои қишри муҳимми аҳолӣ, балки яке аз омилҳои асосии рушди муносибатҳои бозаргонӣ ба шумор меравад.

Ҷанбаи муҳими аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии ташаккул ва рушди соҳибкории хурду миёна омилҳои зерин мебошанд:

• паст кардани сатҳи бекорӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ дар ҷомеа;

• қонеъ гардонидани талаботи аҳолии кишвар ба маҳсулот ва хизматрасониҳои босифат;

• Баланд бардоштани дараҷаи тараққии иқтисодиёти мамлакат аз хисоби баланд бар доштани хосилнокии меҳнат ва ғайра [3,29].

Ҷадвали 1. - Таносуби ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши кишоварзӣ (млн. сомонӣ)

Нишондиҳанда	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**
ММД	50977,8	54790,3	64434,3	71059,2	79109,8	83958,3	98910,7
Соҳаи хоҷагии қишлоқ	11006,4	11427,6	13069,4	14049,8	16507,9	19050,5	23883,4
Таносуб бо %	22%	21%	20%	20%	21%	23%	24%

Сарчашма. *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. –216 с.*

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки паст кардани сатҳи бекорӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ, қонеъ гардонидани талаботи аҳолии кишвар ба маҳсулоти кишоварзӣ ва бардоштани дараҷаи тараққиёти иқтисоди агросаноатӣ аз рушди босуботи соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ вобастагии калон дорад. Рушди соҳаи мазкур дар навбати худ барои ташаккулёбии ММД ва таъмини бехатарии озуқаворӣ заминаи устувор мегузорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 74 дарсади аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунад ва 67,5 дарсади аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар соҳаи кишоварзӣ кор мекунанд. Маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2021, тавре ки аз ҷадвал бармеояд, 24 дарсади ММД-ро ташкил дод. Аз ин рӯ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ ба рушди устувори соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ вобаста мебошад. Бояд қайд кард, ки рушди афзоиши нишондиҳандаи мазкур бевосита ба танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар шакли пешниҳоди имтиёзҳо ва таъсиси иқлими мусоид барои фаъолияти хоҷагидорӣ алоқамандӣ дорад.

Бо иртибот ба ин масъала академик Н. Қаюмов қайд мекунад, ки рушди соҳибкории хурду миёна дахолати фаъоли давлатро тақозо мекунад. Бидуни ҳимоя ва дастгирии бевоситаи давлатӣ, бе кам кардани гаронии андоз, додани қарзҳои имтиёзнок, омодасозии кадрҳо, бе эҷоди инфрасохтори иттилоотӣ, паҳн намудани таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, ҳифзи ҳуқуқии соҳибкорон рушди соҳибкории хурду миёна имконнопазир мебошад. Набудани бисёре аз ин шароит дар давраи гузариш монеи табдили ин сохтор ба як бахши самараноки иқтисоди Тоҷикистон мешавад [2,116].

Вобаста ба ин бояд қайд кард, ки моҳияти танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар шароити кунунӣ маҳз дар ташкили чунин шароитҳо ифода мегадад. Аз ин лиҳоз, мукаммалгардонии танзими давлатии агробизнес яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодии кишвар ба шумор меравад.

Татбиқи тадбирҳо оид ба беҳтар намудани шароити рушди соҳибкории хурду миёна тавассути маҷмӯи меъёру қоидаҳо сурат гирифта, дар сатҳи рушди муҳити институтсионалӣ ифода меёбад. Барои такмил додани танзими фаъолияти соҳибкорӣ тадбирҳои зерин, ки дар ҷадвали 2. оварда шудаанд муайян карда мешаванд.

Тавре ки аз ҷадвали 2 мушоҳида мешавад, танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ механизмҳои гуногуни таъсиррасонро доро буда, дар таъмини рушди устувори соҳа яке аз мавқеъи аввалиндараҷаро ишғол менамояд.

Додани субсидия ва грантҳо ба корхонаҳои хурду миёна барои рушд ва навсозии истеҳсолот, қарзҳои имтиёзнок ва қарзҳои фоизии паст барои деҳқонон ва корхонаҳои хурди кишоварзӣ, муқаррар намудани низоми махсуси андозбандӣ барои кишоварзӣ ва агробизнес, кам кардани сарбории андози соҳибкорон дар ин самт, озод кардан аз андоз аз даромад ё молу мулк барои категорияҳои алоҳидаи агробизнес тадбирҳои мусоидаткунандаи рушди соҳа ба шумор меравад.

Ҷадвали 2. - Тадбирҳои мусоидаткунандаи танзими рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ

Тадбирҳои иқтисодӣ	Тадбирҳои институтсионалӣ	Тадбирҳои маъмурӣ
Таҳияи механизмҳои нархгузории бозорӣ дар асоси рақобат ва вобастагии талабот ва пешниҳод; рушди бозори хизматрасониҳои молиявӣ ва таъмини дастрасии захираҳои молиявӣ барои субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ, таъмини шароит барои устувории дарозмуддат ва мувозинати буҷет тавассути татбики стратегияи буҷети ташаккули низоми оптималии танзими андози фаъолияти соҳибкорӣ, такмили низоми иқтисодии дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ; таъмини ҳамкории самарабахш бо ниҳодҳои давлатӣ оид ба рушди иқтисодӣ ва навсозӣ ва ғайра.	Рушди рақобат; баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ; ташаккул ва инкишоф додани системаи перспективии банақшагири барои амалӣ гардондани мақсадҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ; баланд бардоштани сатҳи омодагии касбӣ ва таъмини фаъолияти самараноки бозори меҳнат; фароҳам овардани шароит барои рушди инфрасохтори технологӣ; баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти ватанӣ; арзёбии таъсири санад-ҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда ба пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ;	Аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ гирифтани иҷозат барои сохтмони иншооти сохтмони асосӣ; таъмини пайвасти технологии субъектҳои соҳибкорӣ ба манбаъҳои таъмини энергия; аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ бақайдгирии ҳуқуқи моликият ба амволе, ки дар доираи фаъолия-ти хоҷагидорӣ таъсис дода шудааст;муносибсозии расмиёти маъмурияти гумрукӣ ҳангоми амали намудани фаъолияти тиҷорати хориҷӣ; ба тартиб даровардани амалигардонии тадбирҳои назорат ва назорат нисбат ба субъектҳои соҳибкорӣ; муносибсозии маъмурияти андоз ва тартиби баҳисобгирии муҳосибӣ.

Дар баробари ин рушди иншооти инфрасохтори деҳот, ба монанди таъмири роҳҳо, анборҳо, сардхонаҳо ва системаҳои обёрӣ барои беҳтар кардани логистика ва бехатарии маҳсулоти кишоварзӣ, маблағгузории хароҷот барои истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, аз қабили об ва энергия, муқаррар намудани нархҳои минималии маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ барои таъмини даромади устувори деҳқонон ва мониторинг ва танзими бозорҳои кишоварзӣ барои пешгирии инҳисор ва норасоии маҳсулот низ аз механизмҳои муҳими танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар КАС-и кишвар маҳсуб мешаванд.

Бояд қайд кард, ки дар шароити рушди илму техника омӯзиш ва маслиҳатдиҳӣ ба соҳибкорони агробизнес барои такмили ихтисос ва дониши онҳо, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии корҳои таҳқиқотӣ ва конструкторӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ҳавасмандгардонии қабули технологияҳои муосир ва навовариҳои кишоварзӣ, аз қабили автоматика, имконоти интернет ва биотехнология аз қабили усулҳои дастгирии давлатии соҳа мебошад. Ҷанбаи муҳими танзими давлатии соҳа дар баробари механизмҳои зикршуда ҷорӣ намудани стандартҳо ва қоидаҳои экологӣ барои соҳаи кишоварзӣ бо мақсади кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист ва инчунин дастгирии содироти маҳсулоти кишоварзӣ ва пешбурди молҳои маҳаллӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ ба шумор меравад.

Танзими давлатии тиҷорати хурду миёна бояд хусусиятҳои минтақа ва кишоварзиро ба инобат гирифта, инчунин барои фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ дар ин соҳа чораҷӯӣ намояд.

Таҷрибаи дастгирии соҳибкорӣ дар давлатҳои хориҷиро таҳлил намуда, қайд кардан зарур аст, ки механизми самарабахши идоракунии соҳибкорӣ ба субъекти хоҷагидорӣ имкон медиҳад, ки ҳамчун организми ҳамоҳангшуда амал кунад, ки дар натиҷа даромаднокии баланди он ба даст оварда мешавад. Тадбирҳои фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ҷузъи муҳимтарини сиёсати иқтисодӣ мебошанд [6,79].

Нақши пешбарандаи давлат дар шароити ҳозира бо он муайян карда мешавад, ки давлат ҳамчун институти асосии сиёсӣ вазифаҳои барои худ хосро иҷро мекунад. Давлат ҳамчун қисми асосии системаи иқтисодӣ ва сиёсӣ баромад карда, мақсадҳои асосӣ, афзалиятҳои тараққиёти ҷамъиятро муайян менамояд ва фазои ягонаи иқтисодиро дар ҳудуди кишвар ташкил медиҳад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки такмили механизми қарзи молиявӣ тавассути пешниҳоди субсидияҳо ба рушди соҳибкорӣ, қарздиҳии имтиёзнок, суғуртаи хавфҳо, амвол ва пасандозҳои бонкии соҳибкорон сурат мегирад.

Ба ақидаи Соҳибназаров Ғ.Х., дар доираи Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани вазъи соҳибкории хурд ва дастёбии соҳибкории хурд ба манбаъҳои молиявӣ бояд тадбирҳои зерини механизмҳои иқтисодии дастгирии молиявии давлатӣ дохил шаванд:

1) пешниҳоди гарав барои иҷрои уҳдадориҳои онҳо дар назди соҳибкорони хурд аз рӯи қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ;

2) додани қарзҳои инвестисионӣ ба корхонаҳои хурде, ки истеҳсоли мол ва хизматрасониро ба роҳ мондаанд. Дастгирии молиявии ин механизмро бо истифода аз маблағҳои буҷети давлатӣ ва грантҳои давлатӣ амалӣ кардан мумкин аст;

3) рушди системаи маблағгузории хурд тавассути созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили Бунёди Оғахон, USAID, Агентии рушди Ҷопон, Барномаи рушди СММ ва ғайра;

4) инкишофи лизинг барои аз нав мусаллаҳшавии техникии истеҳсолот;

4) инкишофи лизинг барои таҷҳизи техникии истеҳсолот;

5) субсидияи давлатии меъёри фоизи қарзҳои бонк ба соҳибкории хурду миёна;

6) мусоидат ба тартиб ва технологияи қарздиҳӣ ба соҳибкории хурд;

7) кам кардани талабот нисбати суғурта ва гарави қарз;

8) ҷорӣ намудани имтиёзҳои сармоягузорӣ оид ба андоз аз даромад;

9) то андозаи мутамаддин кам кардани бори андозҳои тиҷорати хурд;

10) такмили маъмурияти андоз, аз ҷумла содагардонии низоми ҳисобдорӣ ва гузаштан аз ҳисоботи семоҳа ба солонаи соҳибкорони инфиродӣ [9,110].

Албатта, татбиқи чунин чораҳо на фақат барои рушди соҳибкории хурду миёна, балки барои таъмини устувории фаъолияти хоҷагидории кишвар басо муҳим арзёбӣ мегардад. Инчунин барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ дар КАС-и кишвар истифодаи усулҳои мухталифи дастгирии давлатии соҳа зарур меояд.

Усулҳои пешбинишуда дар шароити кунунӣ аз ҷиҳати мазмун якхела буда, барои ҷалб ва татбиқи як қатор тадбирҳои мушаххаси дастгирии давлатӣ барои таъмин намудани иштирокчиёни бозор ва инчунин корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ бо маълумоти зарурӣ ҳамаи имкониятҳоро доранд.

Дар баробари омилҳои зиёди таъсиррасон ба рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаи агробизнес, тавре ки дар боло қайд кардем, мушкилоти зиёд низ вуҷуд доранд.

Мувофиқи таҳлилҳо дар комплекси агросаноатӣ мушкилоте ба монанди механизми заифи дастгирии давлатии молиявии корхонаҳои КАС, монеаҳо барои муттаҳидсозии қитъаҳои замин, ки барои сармоягузорӣ дар бунёди корхонаҳои азими кишоварзӣ мушкилӣ эҷод мекунанд, номукаммал будани механизми танзими муносибатҳои истифодаи замин дар бахши аграрӣ, таназзулёбии ҳосилхезии хок ва бадшавии ҳолати мелиоративии замин, истифодаи ғайрисамараноки чарогоҳҳо бо бад шудани ҳолати экологии онҳо, номувофиқ будани идоракунии захираҳои об дар КАС, боқӣ мондани вобастагии назарраси иқтисодиёти кишвар аз воридоти маҳсулоти озуқа, таҷҳизот, ҷузъиёт, сӯзишворию органикӣ, чӯбу тахта ва ғайра, таҳдидҳои назаррас барои рушди КАС дар робита бо тағйирёбиҳои глобалии иқлим дар ояндаи дарозмуҳлат, таназзули захираҳои замину об, пеш аз ҳама заминҳои корам дар натиҷаи харобшавӣ (эрозия), ифлосшавӣ, шӯршавӣ, ботлоқшавӣ, баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ, кам шудани ҳудуди ҷангалзорҳо, аз гардиши кишоварзӣ баровардани заминҳо, инчунин омилҳои тағйирёбии иқлим мавҷуд мебошанд.

Пешгирии чунин хавфҳо яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии кишвар дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ ба шумор меравад. Соҳибкории хурду миёна дар низоми КАС-и кишвар бошад барои бартараф намудани муаммоҳо ва татбиқи афзалиятҳои рушди агробизнес нақши муҳимро дар шароити кунунӣ ишғол менамояд.

Ба афзалиятҳои махсус дар комплекси агросаноатӣ мувофиқи барномаҳои иқтисодӣ тавсеа додани дастрасӣ ва саҳм дар таъмини фаровони маҳсулоти озуқа, сифат ва бехатарии он дар асоси гузариш ба дараҷаи баланди саноатикунонӣ ва рушди босуботи пешгирикунандаи бахши аграрӣ, дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замину об ва инсонӣ дар асоси беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва таъмини шуғли пурмаҳсул барои аҳолии деҳот, таҷдид ва барқарор намудани инфрасохтори обёрӣ ва ҷорӣ кардани технологияи обёрии муосири сарфакунандаи неруи барқ дохил мешаванд [10,71].

Бояд қайд кард, ки татбиқи афзалиятҳои соҳа маҳз ба воситаи мукаммалнамоии танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ имконпазир мегардад.

Ҳамин тариқ, татбиқи ин тадбирҳо метавонад барои коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ ва беҳтар намудани шароит барои рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаи агробизнес мусоидат намояд. Маҷмӯи самараноки ин тадбирҳо шароити тараққиёт ва рушди соҳибкории хурду миёнаро беҳтар намуда, ба рушди иқтисодӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат мекунад. Муҳим аст, ки чораҳои дастгирӣ ба эҳтиёҷоти мушаххаси корхонаҳои хурду миёна ва вокуниш ба шароити тағйирёбанда барои таъмини рушди бомуваффақияти дарозмуддати онҳо дар муҳити муосири иқтисодӣ таъмин гардад.

Таъмини дастрасӣ ба иттилоот як қадами муҳим барои дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ буда, ба онҳо дар қабули қарорҳои оқилона ва мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбанда кӯмак мекунад. Барои таъмини рушди бомуваффақияти онҳо ва дастрасӣ ба бозорҳои нав, ва мутобиқати онҳо ба ниёзҳо ва хусусиятҳои мушаххаси корхонаҳои хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ мутобиқ кардани тадбирҳои дастгирӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Пешбурди корхонаҳои хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ на танҳо ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад, балки барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори деҳот шарти муҳим арзёбӣ мегардад.

АДАБИЁТ

1. Абдуллоева, Ш. Ф. Масъалаҳои назариявии ташаккулёбии бозори меҳнат дар шароити муосир / Ш. Ф. Абдуллоева // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 2-1(41). – P. 158-164.
2. Каюмов Н.К. Приоритеты и меры по стимулированию экономического развития РТ в переходный период. Экономика Таджикистана: стратегия развития. Душанбе, 2001. - с.116-117.
3. Мочалова Я.В. «Механизм повышения социально-экономической эффективности малого предпринимательства в России»// Я.В Мочалова . Серия «Экономические исследования» Выпуск № 2 / 2014. стр.27-34
4. Муллоев, П. Н. Стимулирование развития экспортно-ориентированного малого и среднего предпринимательства в современных условиях Республики Таджикистан / П. Н. Муллоев // Финансово-экономический вестник. – 2024. – № 1(40). – С. 204-210.
5. Наджмидинов Ф.М. Особенности функционирования и развития малых форм предпринимательской деятельности в сфере услуг (на материалах Согдийской области Республики Таджикистан). Ф.М. Наджмидинов. дисс...к.э.н. 08.00.05. Душанбе 2016. С. 93
6. Обатуров А.А. Совершенствование системы государственного регулирования и поддержки малого и среднего предпринимательства в Санкт-Петербурге. А.А. Обатуров. дисс...к.э.н. 08.00.05. Санкт-Петербург-2015. С.79.
7. Пирназаров Ш.М. Повышение конкурентоспособности производства продукции сельского хозяйства (на материалах Республики Таджикистан). Ш. М. Пирназаров. дисс...кэ.н. 08.00.05. Душанбе 2019. С.106.
8. Содиқов, М. С. Таҷрибаи ҷаҳонии танзими давлатии соҳибкории хурду миёна / М. С. Содиқов, С. И. Абдуллоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 1(25). – P. 80-86.
9. Сохибназаров Г.Х. Обеспечение эффективного развития предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан. Г.Х. Сохибназаров. дисс...к.э.н. 08.00.01. Душанбе 2019. С. 110-111.
10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. С. 71.

АННОТАЦИЯ

НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В АГРАРНОМ СЕКТОРЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются особенности государственного регулирования малого и среднего предпринимательства в аграрном секторе в системе АПК страны в рыночных условиях. Отмечается, что в современных условиях развитие экономической деятельности страны, в том числе развитие малого и среднего предпринимательства в сфере сельского хозяйства, находится в сильной зависимости от различных влияющих факторов. Основное внимание уделяется раскрытию особенностей государственного регулирования малого и среднего предпринимательства аграрного сектора Республики Таджикистан в сфере сельского хозяйства и реализации возможных вариантов. Специфика государственного регулирования малого и среднего бизнеса в аграрном секторе Республики Таджикистан оценивается как фактор агропромышленного развития в целом.

Ключевые слова: *малый и средний бизнес, государственное регулирование, институциональное регулирование, сельское хозяйство, агробизнес, рыночные отношения, продовольственная безопасность, государственная поддержка, экономическая эффективность*.

ANNOTATION
SOME ASPECTS OF INSTITUTIONAL REGULATION OF SMALL AND MEDIUM ENTREPRENEURSHIP IN THE AGRICULTURAL SECTOR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article examines the features of state regulation of small and medium-sized businesses in the agricultural sector in the country's agro-industrial complex in market conditions. It is noted that in modern conditions, the development of economic activity in the country, including the development of small and medium-sized businesses in the agricultural sector, is highly dependent on various influencing factors. The main attention is paid to the disclosure of the features of state regulation of small and medium-sized businesses in the agricultural sector of the Republic of Tajikistan in the field of agriculture and the implementation of possible options. The specifics of state regulation of small and medium businesses in the agricultural sector of the Republic of Tajikistan is assessed as a factor in agro-industrial development in general.

Key words: *small and medium business, government regulation, institutional regulation, agriculture, agribusiness, market relations, food security, government support, economic efficiency.*

Сведение об авторе:
Абдуллоев Сулаймон Исмонович – старший преподаватель кафедры таможенного дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел: (+992) 918 726370, E-mail: abdulloevsulaimon443@gmail.com.

About the author:
Abdulloev Sulaymon Ismonovich – senior lecturer of the Department of Customs Affairs of the Tajik State University of Finance and Economics. 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. E-mail: abdulloevsulaimon443@gmail.com. Tel: (+992) 918726370,

ТДУ 331.03

ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲОИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Иброҳимов Д.Н. - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Калимаҳои асосӣ: *инноватсия, соҳаи кишоварзӣ, кортҳои пардохтӣ, комплекси агросаноатӣ, рушди иҷтимоӣ, рушди иқтисодӣ, сармоягузорӣ, қарздиҳии бонкӣ.*

Гузариш ба низоми нави иқтисодии комплекси агросаноатиро ба самти рушди инноватсионӣ-технологӣ, танҳо дар асоси ба ҳисоб гирифтани имкониятҳои иқтисодӣ ва хусусиятҳои ташаккули иқтисоди бозорӣ ба амал баровардан мумкин аст. Мазмуни асосии сиёсати инноватсионии давлат дар ин давра аз он иборат аст, ки бояд аз як тараф то ҳадди имкон неруи илмӣ-техникии ҷамъшуда нигоҳ дошта шавад, аз тарафи дигар, инфрасохтори зарурироро рушд дода, механизмҳое бояд таҳия шаванд, ки на танҳо рушди раванди инноватсиониро ҳавасманд кунад, балки ҳадди ақал имкони фаъолгардонии азхудкунии натиҷаҳои онҳоро низ дорад.

Вазифаҳои идоракунии оперативии татбиқи барномаро комиссияи доимо амалкунанда ичро карда метавонад: ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани маълумотҳои оморӣ ва таҳлилӣ оид ба татбиқи чорабиниҳои барномавӣ, ташкили ташхис дар тамоми марҳилаҳои татбиқи чорабиниҳои барномавӣ, ташкили баҳодиҳии мустақили натиҷаҳо ва самаранокии чорабиниҳои барномавӣ ва мутобиқати онҳо ба нишондиҳандаҳои мақсаднок.

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 пешбинӣ мекунад: «рушди иқтисоди миллӣ гузариши марҳилавии аз модели агросаноатӣ ба модели рушди индустриалӣ-аграрӣ, бо дарназардошти истифодаи маҷмуии иқтидори соҳаҳои саноат, дар асоси васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, ки рақобатпазирии иқтисодиёти кишварро таъмин мекунанд, дар назар дорад»[2]. Ин самтҳо дар асоси натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ, таҳлил ва умумикунонии амалия, баҳогузорӣ ва моделсозии равандҳои ҷамъиятию истеҳсолӣ ва ғайра ташаккул ёфтаанд.

Дар асоси натиҷаҳои баҳодиҳӣ, аз нав дида баромадани таркиби миқдорӣ ва сифатии захираҳое, ки барои татбиқи чорабиниҳои барномавӣ заруранд ва дар ин асос, тадбирҳои ислоҳсозиро таҳия кардан, ки ноил шудан ба нишондиҳандаҳои мақсаднокро таъмин мекунанд. Дар ҳолати вуҷуд доштани омилҳои объективӣ барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои мақсаднок, баррасии чорабиниҳои барномавӣ амалӣ карда мешавад.

Раванди мазкур то амалӣ шудани тамоми чорабиниҳои барномавӣ такрор карда мешавад. Дар марҳилаи ниҳоӣ самаранокии татбиқи барнома бо истифода аз арзёбии маҷмуӣ баҳогузорӣ карда мешавад, ки дар раванди натиҷаҳои мобайнӣ ва ниҳоӣ, дараҷаи ноил шудан ба нишондиҳандаҳои пешбининамудаи барнома ба даст омадаанд ва самтҳои барномаи минбаъдаи татбиқи Консепсия муайян карда мешаванд. Ба андешаи мо, рушди сектори аграрии иқтисодиёт бояд ҳамчун мақсади стратегии сиёсати давлат муайян карда шавад, ки барои ноил шудан ба он бояд номгӯи вазифаҳо дар сатҳи давлатӣ ва маҳаллӣ тасдиқ карда шаванд. Ҳалли маҷмуии мушкилот тавассути таҳия, қабул ва татбиқи "Барномаи мақсадноки давлатии рушди соҳаи кишоварзии иқтисодиёти вилояти Хатлон барои давраи то соли 2030" имконпазир аст.

Мақсади Барнома ин фароҳам овардани шароитҳои ташкилӣ-иқтисодӣ барои рушди босамари ба самти иҷтимоӣ нигаронидашудаи соҳаи кишоварзии вилоят, таъмини устувори аҳолии вилоят бо маҳсулоти хушсифату бехатари ватании соҳаи кишоварзӣ, таъмини саноат бо ашёи хоми кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти бо арзиши баланди иловагӣ, афзоиши ҳаҷм дар бозорҳои ҷумҳуриявӣ ва ҷаҳонии маҳсулот ва озукавории соҳаи кишоварзӣ, муайян кардани роҳи беҳтари ҳалли масъалаҳо дар асоси таҳлили муқоисавии вариантҳои имконпазир, ба ҳисоб меравад.

Ворид намудани раванди инноватсионӣ ба соҳаи кишоварзӣ барои рушди соҳаи мазкур ва умуман иқтисодиёти кишвар аҳаммияти басо бузург дорад. Аммо як қатор сабабҳое низ вуҷуд доранд, ки рушди раванди инноватсиониро дар кишоварзӣ ва махсусан дар соҳаи хизматрасонии техникии аграрӣ, монеа мешаванд. Соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои асосии хоҷагии халқи кишвар ба ҳисоб рафта, корхонаҳои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқро бо ашёи хом, аҳолиро бошад бо озуқаворӣ таъмин мекунад [1].

Ҳамин тариқ, рушди сектори аграрии иқтисодиёти вилоят бо ду роҳ амалӣ шуда метавонад. Варианти якум бо маблағгузории нокифояи рушди бахши кишоварзӣ, бо эъломияи чорабиниҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ, дар сурати мавҷуд набудани механизмҳои воқеии татбиқи онҳо тавсиф мешавад. Ҳангоми татбиқи чунин вариант мушкилоти асосии рушди истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла ба фазои ҷаҳонии иқтисодӣ ҳамгиро шудани он, ташаккули бахши самарабахши ба самти иҷтимоӣ нигаронидашудаи иқтисодиёти давлат ва ғ., ҳалли худро ёфта наметавонанд ва равандҳои харобиовари инфрасохтори иҷтимоӣ дар соҳаи кишоварзӣ давом меёбанд.

Варианти дуюм муайян, таҳия ва амалӣ намудани самтҳои рушди соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар асоси беҳтаргардонии инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоии он, баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ, зиёд кардани ҳаҷми он, баланд бардоштани сифат ва бехатарии маҳсулоти кишоварзӣ, ҳифзи муҳити зист ва афзун гардондани захираҳои табиӣ, баланд бардоштани сатҳи бо кор таъмин намудани аҳолии деҳот, ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави корӣ ва ғ-ро. дар назар дорад. Ба фикри мо, варианти дуюм хубтар аст, он имкон медиҳад, ки бахши кишоварзии иқтисодиёти минтақа аз ҳисоби содироти устувори маҳсулоти кишоварзӣ ва маҳсулоти коркарди амиқи он, эҳтиёҷоти бозори дохилиро қонеъ гардонида, мавқеи пешсафро дар сатҳи ҷаҳонӣ таъмин намояд. Мо роҳу воситаҳои ҳалли ин масъаларо комилан тарафдорӣ мекунем. Иҷрои барнома дар солҳои 2022-2030 пешбинӣ мешавад. Дар марҳилаи аввал (соли 2022) таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав ва тағйири санадҳои амалкунанда ҷиҳати рушди бахши кишоварзии иқтисодиёт пешбинӣ шудааст. Дар марҳилаи дуюм (солҳои 2023-2030) гузаронидани таҳлил оид ба иҷрои чорабиниҳои марҳилаи якум, тасҳеҳи онҳо ва татбиқи минбаъдаи чорабиниҳои Барномаро дар назар дорад.

Натиҷаҳои пешбинишудаи иҷрои Барнома имкон медиҳад инро таъмин намояд:

- зиёд намудани истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзии ниёзии аввал бо назардошти фаъолнокии хоҷагиҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои хонавода;

- қатъ намудани истифодаи иқтисодии қитъаҳои замини аз ҷиҳати экологӣ хатарнок ва аз ҷиҳати иқтисодӣ бесамар ба муҳлати муайян ва ё ҷангалзоркунонии онҳо;

- ташкили низоми минтақавии тухмипарварӣ бо иқтидори самарабахши содиротӣ;

- таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти витаминдор ва маҳсулоти аз рӯйи меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки истеъмолӣ;

- беҳтар намудани сифатҳои зотӣ ва маҳсулнокии ҳайвонот;

- ташкили феҳристи давлатии ҳайвоноти соҳаи кишоварзӣ;

- зиёд намудани ҳаҷми истеъмоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба 3-7%;

- таъмини истифодаи самараноки обанборҳои моҳипарварӣ барои парвариши моҳӣ, расонидани истеҳсоли умумии моҳӣ ва дигар захираҳои биологии обӣ то ба 130 ҳазор тонна солона;

- зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ то ба 6-8%, аз ҷумла хӯроки бачагона то ба 9%;

- кам кардани сарфи захираҳои анъанавии энергетикӣ аз ҷониби соҳа то ба 8-10%;

- васеъ намудани заминаи ташаккули захираҳои молиявии худӣ ва беҳтар намудани шароити дастрасӣ ба манбаъҳои беруна, ки дар натиҷа ҳаҷми захираҳои молиявӣ 5-7% зиёд шуда, арзиши онҳо то ба 2,5-3 банди фоиз кам мешавад;

- такмили низоми дастгирии давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ, таъмини шаффофияти он;

- афзоиши ҳиссаи хонаводаҳои деҳот, ки дар занҷираҳои фаъоли арзиши иловашуда дар бахши корпоративӣ иштирок мекунанд;

- зиёд намудани шумораи хоҷагиҳои бо ҳаҷми солонаи фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳаҷми муодили 1 ҳазор доллари ИМА;

- пур кардани бозори дохилӣ бо маҳсулоти хушсифати кишоварзӣ бо нархҳои дастрас;

- ташкили низоми самараноки иттилоотӣ-маркетингӣ;

- зиёд намудани ҳаҷми музди меҳнати миёнаи коргарони соҳаи кишоварзӣ то ба сатҳи миёнаи соҳаҳои иқтисодиёт;

- афзоиши ҳаҷми солонаи содироти маҳсулоти ватании кишоварзӣ то ба 3-4%;

- зиёд намудани имкониятҳои содиротии саноати хӯрокворӣ ва коркарди Тоҷикистон аз ҳисоби маҳсулоти коркарди амиқ, бо истифода аз нишондодҳои охирини инноватсионӣ, то ба 5-7%.

Бояд хотиррасон кард, ки барои иҷрои Барнома ҳудуди 101,0 миллиард сомонӣ маблағ зарур аст ва аз ин шумораи маблағ, 716,0 миллион сомонӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ мебошад. Ҳаҷми мушаххаси захираҳои молиявӣ, моддӣ, техникӣ ва меҳнатӣ барои рушди бахши кишоварзии иқтисодиёт ҳангоми таҳияи вазифаҳо ва чорабиниҳо оид ба татбиқи Барнома, муайян карда мешаванд. Маблағгузории Барнома аз ҳисоби буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ, сармоягузориҳои хусусӣ ва дигар манбаъҳое, ки бо қонун манъ карда нашудааст, амалӣ карда мешавад. Барои татбиқи Барнома, инчунин кумаки байналмилалии техникӣ ва молиявӣ ҷалб карда мешавад.

Ба андешаи мо, дастгирии давлатиро бояд ба маблағгузории барномаҳои мақсадноки инноватсионӣ дар хоҷагиҳои таҷрибавӣ-истеҳсолӣ равона кард, ки дар онҳо санҷиши истифодаи амалии коркардҳои илмӣ-техникӣ дар шароитҳои мушаххас гузаронида мешавад. Дар вилояти Хатлон зарурияти баланд бардоштани нақши ташкилотҳои соҳавӣ ва байнисоҳавӣ дар соҳаи кишоварзӣ, инчунин танзими қонунии иштироки онҳо дар ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии кишоварзӣ тақозо дорад. Дар шароити ноустуворӣ ва ғайринизомӣ будани дигаргунсозиҳои макроиқтисодӣ, аҳаммияти махсусро равиши консептуалии ба таври оптималӣ интихобшуда, барои асосноккунии самтҳои рушди танзими равандҳои инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ пайдо мекунад.

Дар сохтори умумии консепсия ҳадафҳо, вазифаҳои ноил шудан ба онҳо, механизми иҷро ва мушкилоти фаъолсозии равандҳои инноватсионӣ, таъмини молиявии онҳо муайян карда мешаванд. Ҳамин тариқ, ҳадафи ташкили консепсияи сиёсати сармоягузории рушди бахши аграрӣ таҳияи механизмҳои низомии танзим мебошад, ки ба тағйиротҳои эҳтимолии вазъи ҷомеа метавонанд зуд ҷавоб диҳанд. Консепсияи рушди инноватсионии комплекси агросаноатии вилояти Хатлон бояд тасаввуроти умумии ҳадафҳо ва афзалиятҳои стратегӣ, сиёсати иқтисодии давлат ва самтҳои муҳимтарини он, воситаҳои ноил шудан ба ҳадафҳои муайянро дар бар гирад.

Вобаста ба ин Консепсияи муосири сиёсати инноватсионӣ дар КАС бояд ба ташаккули сохтори сифатан нави иқтисодиёт, ки усулҳои сафарбар намудани сиёсати умумимиллии инноватсионӣро таъмин намояд, нигаронида шавад ва онро дар расми 1 мушоҳида кардан мумкин аст.

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф.*

Расми 1.-Фишангҳои ташкилӣ-иқтисодии фаъолгардонии фаъолияти консепсияи муосири сиёсати инноватсионӣ дар КАС

Ин раванд мувозинати сохторӣ-технологии истеҳсолоти кишоварзиро таъмин намуда, барои бартараф намудани номутаносибии рушди маҷмуаҳои байнисоҳавӣ, байниминтақавӣ ва соҳаҳои алоҳида ёрӣ мерасонад. Омӯзиши равишҳои гуногуни назариявӣ ба рушди равандҳои инноватсионӣ, ташхиси фаъолияти комплекси агросаноатӣ, ҳолати кунунии он ва мушкилоти соҳа имкон дод, ки асосҳои консептуалии ташаккули механизми иқтисодии танзими равандҳои инноватсионӣ дар соҳа асоснок карда шаванд, иқтидори сармоягузорӣ ва инноватсионии он барқарор шавад (расми 2).

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф.*

Расми 2. -Нақшаи консептуалии ташаккули механизми иқтисодии танзими равандҳои инноватсионии комплекси агросаноатӣ бо таъмини сармоягузорӣ.

Бар асари падидаҳои буҳронӣ, зиёдшавии равандҳои харобиовар дар соҳаи кишоварзии кишвар ва коҳишёбии самаранокӣ ба мушоҳида мерасад, ки ин ба таври боварибахш зарурати таҳияи самтҳои стратегии азнавсозии куллии соҳаҳои он, дар асоси истифодаи низоми лоиҳаҳои инноватсионӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои заминӣ, пойгоҳи моддию техникӣ, қувваи кории деҳот ва ғ. тақозо мекунад.

Вазифаи аввалин-дараҷа ин таъмини ҳуқуқии гузариши истеҳсолоти соҳа ба низоми дастгирии дотатсионӣ аз ҳисоби буҷети давлат дониста мешавад, ки ин дар амалияи ҷаҳонӣ анъана шудааст.

Дар асоси омӯзиши шаклу усулҳои гуногуни таъмини модели инноватсионии рушди иқтисодии низомҳои гуногуни иқтисодӣ метавон ба хулоса омад, ки: модели инноватсионии рушди иқтисодӣ мақсади асосии ҳар як давлат ва омили муҳимтарини муваффақияти кишвар дар даврaҳои миёна ва дуру дарози рушди худ ва яке аз омилҳои асосии таъмини ин раванд сармояи венчурӣ ба ҳисоб меравад; шарикии бизнеси венчурӣ, ҳукумат ва ҷомеа дар равандҳои танзим, ҳавасмандгардонӣ ва ҳамоҳангсозии таъмини модели инноватсионии рушди иқтисоди ватанӣ дар тамоми сатҳҳои он, инкишоф дода шавад.

Мушкилоти калидӣ дар Тоҷикистон ин фосилаи байни ҳадафҳои сиёсии зикршуда ва татбиқи воқеии тадбирҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Изҳороти расмӣ дар бобати эҳтиёҷ ба рушди инноватсионӣ бо тадбирҳои муфассали тарҳрезишуда ва махсусан механизмҳо, барномаҳо ва шароитҳои мувофиқ, дастгирӣ намешаванд. Зарурати таваҷҷуҳ додан ба ҳадафҳои технологии ватанӣ ва соҳавӣ ба миён омадааст, чи тавре ки дар “Барномаи нави рушди фаъолияти сармоягузорӣ ва инноватсионии Тоҷикистон” оварда шудааст. Аммо барои амалӣ намудани ин афзалият зарур аст, ки дар баробари сохтори қавии ҳамоҳангсоз, барномаҳои махсуси кумаки давлатӣ ва воситаҳо оид ба дастгирии инноватсияҳо таҳия карда шаванд.

Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба дастгирии молиявии равандҳои инноватсионии комплекси агросаноатии вилояти Хатлон мо пешниҳод менамоем:

1. Васеъ намудани доираи манбаъҳои берунии маблағгузорӣ барои фаъолияти инноватсионии корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон, ҷиҳати рушди (ислоҳоти) механизмҳои ватании маблағгузории венчурӣ, мутобиқи таҷрибаи аврупоӣ. Барои ин бояд як муассисаи дахлдори давлатие таъсис дода шавад, ки ба арзёбии бозори дохилии сармояи венчурӣ, таҳияи қонунгузорӣ оид ба фондҳои сармояи венчурӣ, ҷалби сармояи хориҷии венчурӣ ва ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ (ба монанди ЕИФ-Хазинаи сармоягузории Аврупо) масъул бошад. Чунин фондҳо метавонанд инҳоро дар бар гиранд: фондҳои венчурии рушди ибтидоӣ барои дастгирии корхонаҳои инноватсионӣ, аз ҷумла, фондҳои рушди инноватсионӣ; фондҳои афзоиши венчурӣ, ки мақсади асосии онҳо ин афзоиши сармояи дарозмуддат, рушди корхонаҳои мавҷуда, ҷалби маблағҳои сармоягузорӣ барои лоиҳаҳои инноватсионӣ мебошад. Фаъолияти фондҳои венчурӣ дастгирӣ шаванд, тавассути татбиқи барномаҳои давлатии дастгирии молиявии маблағгузории венчурӣ; ҷуброни як қисми хароҷоти онҳо барои татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои инноватсионӣ; имтиёзҳои андоз, ё иштироки бевосита дар сармояи оинномавии фондҳо.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда дар бораи соҳибкорони пешсафи ватанӣ метавон гуфт, ки дар кишвари мо рушди сармоягузорони хусусӣ аз ҳама муҳим ва ояндадор арзёбӣ мегардад, чунки он мушкилоти рушди на танҳо бахши тиҷоратиро ҳал мекунад, балки фаъолияти сармоягузории давлатро низ фаъол мегардонад.

2. Фонди дастгирии корхонаҳои нави инноватсионӣ барои пешниҳоди сармояи ибтидоӣ дар шакли қарз дар асоси озмун таъсис дода шавад. Қарзҳо метавонанд барои сармоягузорӣ ба мошину таҷҳизот, сармояи муомилот, дигар корхонаҳои нав ё тавсеаи лоиҳаҳои инноватсионӣ истифода шаванд.

3. Барномаҳои алоҳидаи соҳавӣ ё технологии таъмини маблағгузории давлатии корхонаҳои токпарварӣ ва машруботӣ дар асоси озмун тавассути механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ таҳия карда шаванд. Тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ бо роҳи зиёд намудани фоизи маблағгузорӣ, бо назардошти ҳамкории корхонаҳои соҳа бо муассисаҳои

илмӣ-таҳқиқотӣ, истеҳсоли маҳсулоти навоваронаю хушсифат ва афзоиш додани содирот, ҷорӣ карда шаванд.

4. Барномаҳои мусоидат ба байналмилаликунонии корхонаҳо дар соҳа таҳия шаванд, ки метавонанд дар худ иштироки корхонаҳоро дар шабакаҳои байналмилалии тиҷоратӣ, чорабиниҳои байналмилалӣ ва намоишгоҳҳо дар мавзуъҳои инноватсионӣ, инчунин ҷустуҷӯи бозорҳои нав дар хориҷа дар бар гиранд.

Чунин мешуморем, ки дар сурати ба амал баровардани тадбирҳои пешниҳодшуда, иқтисодиёти минтақа метавонад натиҷаҳои зеринро ба даст оварад:

1. Дастгирии қарзии фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои соҳа, ҳавасмандкунии татбиқи лоиҳаҳои инноватсиониро таъмин менамояд. Дар натиҷа шумораи корхонаҳои инноватсионӣ, ҳаҷми умумии хароҷотҳо ба навовариҳо, азнавсозии таҷҳизот ва технологияҳо, таъминоти барномавии корхонаҳо меафзояд.

2. Андозбандии имтиёзноки даромади корхонаҳои навтаъсиси илмталаб метавонад ба якбора зиёд шудани шумораи корхонаҳои инноватсионӣ, ҳаҷми истеҳсоли технологияҳои баланд, содироти маҳсулоти дорои технологияҳои баланд, азнавсозии технологияҳо ва ҳавасмандкунии фаъолияти ихтироъкории ватанӣ мусоидат кунад. Ҷорӣ намудани ҳавасмандкунии андозӣ барои таҳқиқотҳо ва коркардҳои инноватсионӣ дар шакли кам кардани андоз аз даромад ба маблағи баробар ба як қисми муайяни хароҷоти корҳои таҳқиқотӣ ва коркардҳо дар давоми соли молиявӣ, захираҳои молиявии корхонаҳоро афзун намуда, барои ширкатҳои инноватсионӣ барои гузаронидани таҳқиқотҳо ҳавасмандӣ ба вуҷуд меорад.

3. Мутобиқ намудани стандартҳои ватанӣ бо стандартҳои байналмилалӣ ба ҷорӣ намудани маҳсулот ва хизматрасониҳои нав имкон дода, дар ниҳояти кор ба ҳаҷми инноватсияҳо дар корхонаҳо таъсир мерасонад ва ба фаъолияти инноватсионии онҳо мусоидат мекунад. Стандартҳои байналмилалӣ барои рафъи монеаҳои мавҷуда, ки ба содироти маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон монеа мешаванд ва ба корхонаҳо барои ба бозорҳои байналмилалӣ баромадан мусоидат мекунанд.

4. Дастгирии давлатии нақшаҳои самараноки молиявии сармояи венчурӣ, доираи захираҳои беруниро барои маблағгузории фаъолияти инноватсионии корхонаҳои соҳа васеъ менамояд.

5. Барномаҳои давлатии маблағгузории озмунии давлатӣ барои корхонаҳои бахшҳои афзалиятнок, ба онҳо дар бартараф намудани маҳдудиятҳои захиравии вобаста ба ҳаҷм, дар талошҳои онҳо барои рушд ва рақобатпазир шудан, на аз ҳисоби нархи паст, балки тавассути истеҳсоли маҳсулот ва хидматҳои инноватсионӣ кумак хоҳад кард.

6. Маблағгузории давлатии фаъолияти якҷояи корхонаҳо ва муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, захираҳои маблағгузории таҳқиқотҳои илмӣ ва коркардҳои ватаниро диверсификатсия мекунад.

7. Барномаҳои мусоидат ба байналмилаликунонии корхонаҳо ба фарҳанги умумии инноватсия ва соҳибкорӣ дар кишвар таъсир мерасонад. Соҳибкорон аз ширкат дар чорабиниҳои байналмилалии бизнес ва инноватсияҳо баҳра бурда, бо ин таҷрибаи шарикони худро аз кишварҳои пешрафтаи иқтисодӣ азхуд намуда, робитаҳои кориро барқарор намуда, маҳсулот ва хидматрасониҳои худро пешкаш мекунанд.

8. Дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва барномаҳои таълимии инноватсионӣ ба салоҳият ва малакаи идоракунии соҳибкорон, баланд бардоштани сифати идоракунии ширкатҳо таъсири мусбат мерасонад.

9. Бешубҳа, шахсоне вуҷуд доранд, ки сармояи зиёд доранд ва мехоҳанд як қисми онро ба тиҷорате сармоягузорӣ кунанд, ки фоидаи зиёде меорад. Аммо дар шароити ҳозира, қисмати ками соҳибкорони ватанӣ розӣ мешаванд, ки 90% ҳиссаи маблағҳои худро ба бизнес диҳанд, дар навбати худ, дигаре аз соҳибкорони бузург инро бо хатарҳои хеле баланд асоснок мекунанд. Барои ҳамкориҳои мутақобила аз ҷониби давлат кафолати ба ҳадди ақал кам кардани хавфҳо бояд дода шавад, вагарна лоиҳаҳои зиёде амалӣ нашуда мемонанд, ки боз ҳам монеи рушди фаъолияти инноватсионӣ ва соҳибкорӣ дар Тоҷикистон мегардад.

Нуқтаи махсус ин дастгирии омилҳои асосии макроиқтисодӣ, муҳити иҷтимоӣ бо сиёсат, суръати афзоиши истеҳсолот, ММД, таъсиси ҷойҳои корӣ, афзоиши даромади аҳолӣ, таҳияи заминаи дахлдори меъёрӣ, барномаҳои дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ, танзими давлатӣ ва ҳавасмандгардонӣ сармоягузорони хусусӣ ва ғайра ба ҳисоб меравад, ки ҳамаи ин ба афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ дар Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ, самаранокии фаъолияти низомҳои миллии инноватсионӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи пешрафти илмӣ-техникӣ, аҳамияти бештарро пайдо мекунад, ки на танҳо сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшуда ва давлатро умуман муайян мекунад, балки барои таъмини амнияти миллии кишвар замина ба вуҷуд меоварад.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва афзоиши рақобат дар бозорҳои байналмилалӣ, дар иқтисоди ҷаҳонӣ дигаргуниҳои назарраси сохторӣ ба амал меоянд [3].Дар асоси гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки ба давлат нақши созмондиҳанда ва ҳамоҳангсози тағйиротҳои сохториро дар соҳаи фаъолгардонии рушди инноватсионии комплекси агросаноатӣ дар шароити муосир вогузор шудааст.

АДАБИЁТ

1. Наимов Д.М. Инновационные процессы в аграрном секторе Республики Таджикистан: сущность и проблема развития. «Научно-практический электронный журнал Аллея Науки» №1(28) 2019 Alley-science.ru
2. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года // Утверждено Постановлением Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 1 декабря 2016 года, №636. - Душанбе, 2016. - С.88.
3. Шарофов У. Модернизация в АПК и продовольственная безопасность Таджикистана. Кишоварз, ТАУ им. Ш. Шотемур. Душанбе. -2014. №1. С.52-55.

АННОТАЦИЯ

ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПОДДЕРЖКА ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРЕДПРИЯТИЙ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

Основой современной эпохи развития агропромышленного комплекса (АПК)является необходимость ускорения научно-технического прогресса, базирующегося на инновационных процессах. Инновационное развитие агропромышленного комплекса предполагает комплексное использование научных факторов производства и технологий, организации экономики и управления, обеспечивающих устойчивость выпуска конкуренто-способной продукции на внутреннем и внешнем рынках. Поиск новых путей развития инновационных процессов в сфере сельского хозяйства и управления им, в условиях рыночной экономики, является одной из первоочередных проблем в сфере АПК. Благодаря этому, доходы аграрного сектора обеспечиваются на необходимом уровне, за счет инновационных процессов. По этой причине, анализ данной темы имеет особое значение для развития аграрного сектора. В заключении статьи, автором сделаны конкретные предложения по развитию инновационных процессов, которые можно считать целесообразными для их реализации на практике.

Ключевые слова: *инновация, сельское хозяйство, платежные карты, АПК, социальное развитие, экономическое развитие, инвестиция, банковское кредитование.*

ANNOTATION

STATE SUPPORT FOR THE ACTIVITIES OF AGRO-INDUSTRIAL COMPLEX ENTERPRISES IN KHATLON REGION

The basis of the modern period of development of the agro-industrial complex (AIC) is the need to accelerate scientific and technical progress, based on innovative processes. Innovative development of the agricultural complex implies the integrated use of scientific factors of production and technology, economic organization and management to ensure the sustainability of competitive products in domestic and foreign markets. Finding new ways to develop innovative processes in the field of agriculture and its management in the conditions of the market economy is one of the primary problems in the field of agriculture. Due to this, the income of the agricultural sector is ensured at the required level due to innovative processes. For this reason, the analysis of this topic is of special importance for the development of the agricultural sector. In the conclusion of the article, the author made specific suggestions on the development of innovative processes, which can be considered appropriate for their implementation in practice.

Keywords: *innovation, agriculture, payment cards, agro-industrial complex, social development, economic development, investment, bank lending.*

Сведения об авторе:
Иброхимов Давлат Нодирхонович - старший преподаватель кафедры финансы Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова, 64/14. Телефон: +992985 90 74 74. E-mail: ibrokhimov 85@mail.ru.

Information the author:
Ibrohimov Davlat Nodirhonovich - Art. Lecturer of the banking department of Tajik state university of finance and tconomics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: +992 985 90 74 74. E-mail: ibrokhimov 85@mail.ru.

ТДУ:332,33 (575-3)

ТАҲЛИЛИ ОМИЛИ ГУСТАРИШИ ТАХРИБИ ЗАХИРАИ ЗАМИНИ КИШОВАРЗӢ ДАР КИШВАР

Ҳусайнов С.М.-Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Калимаҳои асосӣ: *бахши кишоварзӣ, амнияти озуқаворӣ, захираҳои замин, деградатсияи замин, аз ҷумла шӯршавӣ, эрозияи бодӣ ва обӣ, камшавии моддаҳои органикӣ.*

Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бахши кишоварзӣ яке аз сутунҳои асосии иқтисоди миллӣ ва амнияти озуқаворӣ маҳсуб мешавад, масъалаи истифодаи устувори захираҳои заминӣ аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо намудааст. Бо вуҷуди он ки кишоварзӣ зиёда аз нисфи аҳолии фаъолро ба шуғл фаро мегирад ва ҳиссаи назаррас дар ММД ва содироти кишварро ташкил медиҳад, тамоюли афзояндаи тахриби заминҳои кишоварзӣ, ки бо мафҳуми деградатсияи замин ифода меёбад, яке аз таҳдидҳои ҷиддӣ ба рушди устувори соҳа ба шумор меравад.

Деградатсияи замин ҳамчун раванд, пастшавии қобилияти хокро дар таъмини истеҳсоли устувор ва дарозмуддат инъикос мекунад. Ин падида дар Тоҷикистон бо шаклҳои гуногун зоҳир мегардад-аз ҷумла шӯршавӣ, эрозияи бодӣ ва обӣ, камшавии моддаҳои органикӣ, сахтшавии хок, фурӯ рафтани биомасса ва дигар ҳолатҳое, ки қобилияти истеҳсолиро маҳдуд месозанд. Аз рӯйи арзёбиҳои созмонҳои миллӣ ва байналмилалӣ, қариб нисфи заминҳои кишоварзии кишвар то андозае нишонаҳои деградатсия доранд.

Зарурати омӯзиши амиқи сабабҳо ва нишонаҳои деградатсия, инчунин муайян кардани минтақаҳои аз ҳама осебпазир, барои таҳияи тадбирҳои муассири сиёсию иқтисодӣ ва гузариш ба модели устувори идоракунии замин ниҳоят муҳим мебошад. Бештар аз ин, ин раванд на танҳо ба самаранокии истеҳсол, балки ба сатҳи даромади аҳолии деҳот, муҳофизати экологии аҳолӣ ва амнияти озуқаворӣ таъсир мерасонад.

Ба андешаи Б.Ҳ. Холов ва З.Е. Ҳайдаров: “Муаллифони зиёде дар мавриди коҳишёбии ҳосилхезии табии заминҳои кишоварзии ҷаҳон, аз ҷумла заминҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сарчашмаҳои илмӣ маълумот дода қайд менамояд, ки бинобар сабаби мураккабии релеф, гуногунии иқлимӣ, ки аз иқлими хушки субтропикӣ бо тобистони тӯлонию гарм, зимистони кӯтоҳу нарм ва боришоти кам (150-200 мм) оғоз ёфта, минбаъд, иқлими хушки континентӣ - бо тобистони гарм, зимистони хунук ва боришоти миёна (350-700 мм), иқлими муътадил бо тобистони нарм (салқин), зимистони хунук ва боришоти нисбатан зиёд (то 1500 мм), иқлими баландкӯҳию биёбонӣ бо доштани зимистони сарди тӯлонӣ, тобистони кӯтоҳи хушк ва боришоти кам (60-100 мм) ба ҳам омехта, гуногунии олами набототи маҳалро ба вуҷуд овардаанд, бо сабабҳои нодуруст истифодашавӣ боиси коҳишёбии ҳосилхезии табиии хок гардидаанд” [1].

Ба андешаи А.Б. Мирсаидов ва С.К. Шарифов, яке аз сабабҳои асосии афзоиши деградатсияи заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаклгирии ғайримақсадноки муносибатҳои заминдорӣ, хусусигардонии зуд ва беасоси замин, инчунин камбудиҳои идоракунии давлатӣ ва нокифоя будани механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи истифодабарандагон рабт дорад. Онҳо таъкид менамоянд, ки набудани низоми ягонаи назорат ва истифодаи самараноки замин боиси камсамар гаштани кишоварзӣ ва зиёдшавии заминҳои партов гардидааст.

Муаллифон бар онанд, ки набудани ҳавасмандии иқтисодӣ барои хоҷагиҳои хурд ҷиҳати нигоҳдории қобилияти истеҳсолии хок ва набудани дастгирии институсионалӣ боиси васеъшавии равандҳои деградатсионӣ мегардад. Бо такя ба таҳлили ҳолатҳои

воқеии минтақаҳои кишвар, онҳо зарурати бозбинӣ ва ислоҳоти амиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои заминро иброз медоранд. Аз ҷумла, пешниҳод мегардад, ки низоми мукаммали баҳисобгирии захираҳои заминӣ, назорати муҳити зист ва таҳкими шаклҳои мусоидати давлат ба хоҷагиҳои хурд ҷорӣ карда шавад[2].

Ба андешаи Б.А. Абдуалимов, яке аз ҷанбаҳои муҳимми деградатсияи замин дар кишвар-фурӯпошии системаи анъанавии чарогоҳдорӣ ва бенизомии чарониши чорво мебошад. Аз ҷумла, ӯ қайд мекунад, ки истифодаи ғайриҳадафмандонаи чарогоҳҳо, чаронидани чорво бе риояи меъёрҳои агроэкологӣ, набудани тақсимоти мавсимӣ (яйлоқ, тирамоҳӣ, зимистона, баҳорӣ), инчунин фишори барзиёди аҳолӣ ба заминҳои чарогоҳӣ, боиси аз даст рафтани қобилияти табиии худбарқароршавии ин заминҳо гардидааст[3]. Абдуалимов Б. бар ин назар аст, ки набудани низоми ҳуқуқии муайян ҷиҳати танзими чарогоҳҳо, набудани кадастри мукаммал ва маблағгузории барномаҳои барқарорсозӣ, инчунин истифодаи таҷҳизоти нокифоя ва набудани инфрасохтори хизматрасонӣ дар минтақаҳои чарогоҳдорӣ, ҳама дар якҷоягӣ омилҳои решавии таназзули чарогоҳҳоро ташкил медиҳанд. Ҳамин тавр, андешаҳои Б.А. Абдуалимов равшан нишон медиҳанд, ки чарогоҳҳо на танҳо захираҳои стратегӣ, балки нишондиҳандаи дараҷаи устувории экологӣ ва иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар кишвар ба ҳисоб мераванд. Барои устувор нигоҳ доштани ин захираҳо, зарур аст стратегияи мукаммали миллӣ дар асоси таҳлили илмӣ ва назорати мунтазам роҳандозӣ гардад. Ғайр аз ин, масъалаи татбиқи стратегияи миллии рушди устувори кишоварзӣ бо назардошти муҳофизати заминҳо нокифоя боқӣ мондааст. Ба андешаи муаллиф, дар сурати набудани дастгири институсионалӣ ва маблағгузории ҳадафнок барои ҷорӣ намудани технологияҳои устувор, имконияти коҳиши паҳншавии заминҳои харобшуда маҳдуд боқӣ мемонад. Дар ин замина, зарурати такмили сиёсати истифодаи замин, таҳкими низоми мониторинги ҳолати захираҳои хокӣ ва ҷорӣ намудани механизмҳои ҳавасмандгардонии истифодабарандагони замин ба миён меояд.

Ҳамчунин бояд ба назар гирифт, ки яке аз мушкилоти ҷиддии рушди устувори соҳаи кишоварзии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ – набудани асосҳои методии мукаммали баҳодиҳии замин аст. Дар замони гузашта, махсусан то соли 2000, усулҳои баҳодиҳӣ ба талаботи иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯ набуданд. Воқеияти имрӯзии кишвар тақозо дорад, ки ҳар як вақаб замин арзиши воқеии иқтисодии худро дошта бошад, зеро аз рӯйи он на танҳо андозу иҷора ҳисоб карда мешавад, балки асоси тамоми муносибатҳои заминиро ташкил медиҳад.

Тибқи таҳлили коршиносон, баҳодиҳии замин барои муқаррар кардани нархи меъёрии он бо ҳадафи андозбандии воқеӣ, пардохти иҷора, истифодаи самаранок, муҳофизат ва баланд бардоштани ҳосилнокии замин анҷом дода мешавад. Аммо корҳо дар ин самт хеле маҳдуданд. Ҳанӯз ҳам аксари ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз баҳодиҳии дақиқи заминҳои худ маҳруманд, ки ин боиси мушкилоти зиёде мегардад: муайян нашудани андоз аз рӯйи сифати хок, имкони ҳисоб кардани талафоти истеҳсолот ҳангоми гирифтани замин барои эҳтиёҷоти ғайрикишоварзӣ, мушкилоти муомилот ва ғайра.

Дар шароити феълӣ зарур аст, ки ба арзиши заминҳо ҷанбаҳои воқеии агрономӣ, технологӣ, ҷойгиршавӣ ва мелиоративӣ ба инобат гирифта шаванд. Масалан, коэффитсиентҳои махсус барои дараҷаи таъмини об, сифати хок, хароҷоти воқеии истифодабарӣ бояд дар меъёри андоз ислоҳ карда шаванд. Ҳамин тавр, заминҳои обӣ бо сифати баланд метавонанд нархи баланд дошта бошанд, аммо дар баробари ин дар минтақаҳои дурдаст бо хароҷоти зиёд–нархи пасттар ва андози коҳишёфта.Мутаассифона, дар шароити имрӯза фақат ба заминҳои дорои сифат ва инфрасохтори хуб такя кардан барои таъмини амнияти озуқаворӣ кифоя нест. Аз ин лиҳоз, системаи баҳодиҳии дақиқ бояд заминистифодабарандагонро ба истифодаи самараноки заминҳои сифати паст, заминҳои партов ва пастмавқеъ низ ҳавасманд гардонад.

Баҳодиҳии иқтисодии замин дар баробари андозбандӣ, инчунин метавонад воситаи идоракунии самараноки захираҳои замин ва омили коҳиши тахриби он гардад. Он на танҳо шаффофияти иқтисодиро таъмин менамояд, балки ба пешгирии холимонии заминҳо, танзими нархи маҳсулоти кишоварзӣ, беҳсозии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ҳифзи

муҳити зист мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки механизми баҳогузории иқтисодии ҳар як қитъаи замин дар миқёси ҷумҳурӣ ҷорӣ гардида, дар асоси он сиёсати андозбандӣ ва истифодаи замин таҳия шавад [4].

Бо дарназардошти ин воқеият, дар қисми зерин кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки нишонаҳои асосии деградатсияи замин, омилҳои тавлидкунандаи он, хусусиятҳои минтақавии паҳншавӣ ва оқибатҳои эҳтимолии иқтисодиву экологӣ мавриди таҳлили муфассал қарор дода шаванд.

Феълан сохтори захираҳои замин дар ҶТ дар ҳолати зерин аст (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1 сохтори захираҳои заминии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҳолати соли 2023 инъикос мекунад ва дар навбати аввал нишон медиҳад, ки бо вуҷуди он ки масоҳати умумии замини кишвар 14 211 ҳазор гектарро ташкил медиҳад, танҳо 29,1 фоизи он ба заминҳои кишоварзӣ рост меояд. Аз ҷумла, заминҳои корам 768,8 ҳазор га ва заминҳои обӣ ҳамагӣ 487,2 ҳазор га мебошанд, ки мутаносибан 5,4 ва 3,4 фоизи замини умумиро ташкил медиҳанд. Ин нишондиҳандаҳо маҳдуд будани захираҳои воқеии истеҳсолии соҳаи кишоварзиро собит месозанд. Чунин вазъ дар ҳолест, ки тақрибан 22,2% заминҳоро чарогоҳҳо ташкил медиҳанд, ки дар шароити афзоиши шумораи чорво истифодаи устувори онҳо аҳаммияти калидӣ пайдо мекунад. Аммо маҳз дар ҳамин бахш аломатҳои деградатсия - ба монанди эрозия, камшавии растанигии табиӣ ва фишори аз ҳад зиёди чаронидан - бештар мушоҳида мешаванд.

Ҷадвали 1. - Сохтори захираҳои замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ҳолати соли 2023)

Намуди замин	Масоҳат (ҳаз. га)	Дар %
Масоҳати умумии заминҳои ҶТ	14137,9	100%
Масоҳати умумии заминҳои истифодашаванда	14 350,1	100,%
Аз он ҷумла: берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ	95,8	0,66%
аз ҷумла: - Ӯзбекистон	6,6	6,8%
- Қирғизистон	89,2	93,11%
Заминҳои истифодабарии хоҷагиҳои кишоварзӣ	6 987	48,7%
аз ҷумла: - заминҳои обёришаванда	683,5	9,78%
Заминҳои маҳалҳои аҳолинишин	149,3	1,04%
аз ҷумла: - заминҳои обӣ	50,6	33,89%
Заминҳои саноат, нақлиёт, алоқа, мудофиа ва ғ.	181,0	1,26%
аз ҷумла: - заминҳои обӣ	4,4	2,43%
Заминҳои табиӣ, таърихӣ, рекреатсионӣ ва ҳифзи муҳити зист	2 685,5	18,7%
аз ҷумла: - заминҳои обӣ	0,3	0,01%
Заминҳои ҷангал	1 194,1	8,32%
аз ҷумла: - заминҳои обӣ	4,3	0,36%
Заминҳои зерсохторҳои гидротехникӣ ва об	39,7	0,27%
аз ҷумла: - заминҳои обӣ	0,9	2,26%
Заминҳои фонди давлатии захиравӣ	3 018,2	21,0%
аз ҷумла: - заминҳои обӣ	4,3	0,03%

Сарчашма: *Фонди захираи замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023.*

Таваҷҷуҳ бояд ба он зоҳир шавад, ки қисми бузурги заминҳо - 6 071,2 ҳазор га ё 42,6% - ба фонди давлатии захиравӣ тааллуқ доранд, ки самаранокии истифодаи онҳо ва эҳтимоли ҷалб ба гардиши кишоварзӣ метавонад ба беҳсозии дастрасии умум ба замин таъсир расонад. Ҳамзамон, дар кишвар заминҳои саноатӣ, нақлиёт, мудофиа ва дигар - 3,2%, захираҳои обӣ 4,0%, заминҳои ҷангалӣ 3,8% ва маҳалҳои аҳолинишин 3% масоҳати умумиро дар бар мегиранд. Ҳиссаи начандон калони ин гурӯҳҳо нишон медиҳад, ки захираҳои табиии ғайрикишоварзӣ низ маҳдуд буда, ниёз ба ҳифз ва идоракунии оқилонаро бештар мекунад. Дар маҷмуъ, таҳлили ҷадвали мазкур бори дигар нишон медиҳад, ки замин ҳамчун захираи стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маҳдудият ва нобаробарӣ дар сохтор истифода мешавад. Дар пасманзари афзоиши нишонаҳои деградатсия, масъалаи танзими оқилонаи захираҳо, пешгирии талафот ва баланд бардоштани ҳосилнокии замин аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалиро касб мекунад.

Ба андешаи Б. Ҳ. Холов ва З. Е. Ҳайдаров мушкилоти асосии деградатсияи замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи афзоиши сарбории антропогенӣ ба замин, норасоии истифодаи тадбирҳои агротехникии ҳифзкунанда ва костагии фарҳанги заминдорӣ ба миён омадаанд.

Муаллифон таъкид мекунанд, ки афзоиши фишори деҳқонон барои ба даст овардани ҳосили зуд, бе риояи мувозинати гардиши зироатҳо ва истифодаи оқилонаи нуриҳо, боиси сустшавии қобилияти истеҳсолии хок мегардад. Онҳо ҳамзамон зарурати гузариш ба моделҳои устувори истифодаи заминро таъкид намуда, истифодаи васеи пору органикӣ, кишти зироатҳои хокбоб ва таҷдиди технологияи кишоварзиро яке аз самтҳои асосии коҳиши деградатсия медонанд [5].

Мутаассифона, солҳои охир динамикаи аз гардиши кишоварзӣ баромадани заминҳо дар ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли начандон умедбахшро нишон медиҳад (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2.- Динамикаи аз гардиши кишоварзӣ баромадани заминҳо дар ноҳияҳои ҶТ, га

Минтақаҳо	С О Л Ҳ О										+ - 2023/2018
	2017		2018		2019		2020		2023		
	I	II	I	II	I	II	I	II	I	II	
Ҷумҳурӣ	10543	8823	9615	8139	6644	6190	4994	4566	4866	4508	- 5677
Хатлон	5199	4255	4653	3863	2277	2110	1314	1314	889	889	- 4310
Суғд	3967	1706	3248	3119	2296	2191	1954	1688	2970	2684	- 997
ВМКБ	-	-	192	192	735	735	324	324	53	53	+ 53
НТҶ	1377	862	1522	965	1336	1154	1402	1240	954	882	- 423
Эзоҳ: I – ҳамагӣ; II - аз ҷумла обёришаванда.											

Сарчашма: *Фонди замини Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2024. - С. 9.*

Тибқи маълумоти ҷадвали 2, дар давраи солҳои 2018 то 2023 аз гардиши кишоварзӣ хориҷ шудани заминҳо ба таври назаррас афзоиш ёфта, ин раванд асосан дар вилоятҳои Хатлон ва Суғд зоҳир гардидааст. Масоҳати умумии заминҳое, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ аз гардиши кишоварзӣ хориҷ шудаанд, дар соли 2018 - 9615 га-ро ташкил медод, дар ҳоле ки ин нишондиҳанда то соли 2023 ба 4749 га коҳиш ёфтааст. Ин маънои онро дорад, ки беш аз 5 677 гектар замин дигар ба гардиши кишоварзӣ баргардонида нашудааст, ё истифодаи онҳо қатъ шудааст.

Дар вилояти Хатлон, ки яке аз минтақаҳои асосии аграрии кишвар ба шумор меравад, коҳиши шадиди дастрасӣ ба заминҳои кишоварзӣ мушоҳида мешавад: аз 4653 га дар соли 2018 то ҳамагӣ 889 га дар соли 2023. Яъне, 3764 гектар замин аз гардиш берун рафтааст. Ин раванд, эҳтимолан, натиҷаи омилҳои деградатсионӣ ба мисли шӯршавии дуюмдараҷа, эрозияи обӣ ва бодӣ, инчунин норасоии механизмҳои мелиоративӣ мебошад.

Дар вилояти Суғд низ коҳиш назаррас аст: аз 3248 га то 2 970 га, ки дар маҷмуъ 278 га-ро ташкил медиҳад. Гарчанде ин коҳиш нисбатан камтар аст, аммо дар назар бояд дошт, ки заминҳои зироатии вилояти Суғд бештар обёришаванда ва самаранок мебошанд ва аз даст додани ҳар гектар дар ин минтақа таъсири назаррас дорад.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки танҳо дар ВМКБ афзоиши воридшавии заминҳо ба гардиши кишоварзӣ ба қайд гирифта шудааст - аз 0 ба 53 га дар соли 2023, ки ин метавонад ба иҷрои барномаҳои рушди деҳот ва ҷалби заминҳои нав марбут бошад.

Ин маълумот гувоҳи он аст, ки яке аз сабабҳои асосии деградатсияи замин ва пастшавии ҳосилнокии кишоварзӣ - маҳз аз гардиш хориҷ шудани заминҳо мебошад. Омилҳои асосии ин раванд метавонанд чунин бошанд: шӯршавӣ ва ботлокшавии замин, камшавии қобилияти мелиоративии системаҳои обёрӣ ва дренажӣ, инчунин истифодаи нодурусти агротехника. Ҳамзамон, зиёдшавии фишори демографӣ ва тақсими зиёди заминҳои хурд низ ба ин раванд таъсир мегузоранд.

Дар маҷмуъ, таҳлили ҷадвали 2, зарурати таҳияи механизмҳои муассири барқарорсозии заминҳои аз гардиш баромадаро таъкид мекунад. Инчунин, таҳкими назорати давлатӣ, гузариши тадриҷӣ ба усулҳои устувори кишоварзӣ ва истифодаи технологияи муосири мелиоративӣ метавонад ба коҳиш додани ин раванд мусоидат намояд.

Дар ин миён омили муҳимтарини ҳифзи замин аз тахриб – истифодаи пору органикӣ дар заминҳои кишт тамоюли начандон хуб дорад (ҷадвали 3).

Таҳлили ҷадвали 3 гувоҳи он аст, ки яке аз омилҳои муҳимми пешгирии деградатсияи замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳанӯз истифодаи пору органикӣ - дар чанд даҳсолаи охир дар сатҳи зарурӣ амалӣ намегардад.

Ҷадвали 3. - Истифодаи пору органикӣ ба 1 гектар кишти зироатҳои кишоварзӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, тонна

С О Л Ҳ О						
Нишондиҳандаҳо	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**
Пору органикӣ андохта шуд.Ҳамагӣ	2,3	4,1	3,7	2,6	3,9	3,9
аз ҷумла:						
ба зироатҳои ғалладонагӣ	5,6	3,6	4,1	3,8	4,0	3,1
ба зироатҳои техникӣ	0,4	1,3	1,3	1,1	1,5	1,6
ба картошка	4,4	8,9	8,5	4,2	9,4	9,7
ба сабзавот	3,8	4,9	4,1	2,0	2,9	3,5
ба зироатҳои полизӣ	0,4	3,0	1,6	0,9	1,3	3,8
ба зироати хӯроки чорво	5,2	7,6	6,9	5,0	3,8	2,2

Сарчашма: *Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон//Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2024. - С.-31.*

Дар соли 2018, дар як гектар миёнасолона 2,3 тонна пору органикӣ истифода мешуд, ки дар шароити хокҳои камҳосили кишвар нисбатан нишондиҳандаи қобили қабул ҳисоб меёфт. Аммо баъдан, бо вуҷуди тағйироти номунтазам, ин рақам дар соли 2023 ҳамагӣ 3,9 тоннаро ташкил дод, ки мутаносибан пешравии назаррасро нишон намедиҳад. Ҳамзамон, истифодаи пору дар баъзе навъҳои зироат тамоюли коҳишро таҷассум мекунад. Аз ҷумла, барои зироатҳои ғалладонагӣ истифода аз 5,6 тонна дар соли 2018 то 3,1 тонна дар соли 2023 коҳиш ёфтааст, ки бешубҳа, метавонад ба пастравии сифати хок ва ҳосилнокии зироатҳо таъсири манфӣ расонад.

Нишондиҳандаҳо дар бахши зироатҳои техникӣ низ нигаронкунандаанд – 0,4 тонна дар соли 2018 то ҳамагӣ 1,6 тонна дар соли 2023. Ин коҳиш аз он шаҳодат медиҳад, ки истифодаи пору дар ин самт заиф боқӣ монда, метавонад ба сабаби камсамар шудани истеҳсолот табдил ёбад. Махсусан нигаронкунанда аст, коҳиши шадиди истифодаи пору дар зироатҳои сабзавотӣ ва полизӣ.

Дар соли 2018, барои сабзавот 3,8т ва барои зироатҳои полизӣ 0,4 т пору истифода мешуд. Аммо дар соли 2023 ин нишондодҳо ба таври назаррас коҳиш ёфтаанд – мутаносибан то 3,5 ва 3,8 тонна. Ин коҳиш дар шароити афзоиши талабот ба маҳсулоти сабзавотӣ ва солимии маҳсулот метавонанд оқибатҳои иқтисодӣ ва экологии ҷиддӣ дошта бошанд. Дар баробари ин, истифодаи пору барои зироатҳои хӯроки чорво низ тамоюли пастшавиро нишон медиҳад - аз 5,2 тонна дар соли 2018 то ҳамагӣ 2,2 тонна дар соли 2023. Ин нишондодҳо метавонад боиси коҳиши арзиши ғизоӣ ва ҳаҷми умумии истеҳсоли хӯроки чорво гардад.Муқоисаи истифодаи пору органикӣ дар Тоҷикистон бо нишондиҳандаҳои миёнаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои пешрафта гувоҳи ақибмонии назарраси кишвар дар ин самт аст, ки метавонад боиси шиддат гирифтани раванди деградатсияи хок гардад.

Тибқи ҷадвали 3, дар соли 2023 истифодаи пору органикӣ ба 1 гектар замин дар миёнаи ҷумҳурӣ 3,9 тоннаро ташкил дод. Барои зироатҳои ғалладонагӣ ва техникӣ - 3,1 ва 1,6 тонна ва барои сабзавот ва полизӣ - 3,5 ва 3,8 тонна пору истифода шудааст.

Дар муқоиса бо ин, мутобиқи маълумоти ФАО ва дигар манбаъҳои байналмилалӣ, миёнаи ҷаҳонӣ тақрибан 10–11 тонна пору органикӣ ба 1 га дар як солро ташкил медиҳад. Дар ИМА ин нишондод то 15–20 тонна, дар Нидерландия ва Олмон - то 25 тонна ва дар баъзе минтақаҳои кишоварзии Чин - зиёда аз 30 тонна мерасад. Ҳатто дар Ҳиндустон, бо шароити тақрибан шабеҳ ба Тоҷикистон, ин нишондиҳандаҳо ба 6–7 тонна мерасад.

Ҷадвали 4. – Муқоисаи истифодаи пору органикӣ дар ҷаҳон

Кишвар / минтақа	Истифодаи пору органикӣ (т/га)
Тоҷикистон (2023)	3,9
Миёнаи ҷаҳонӣ	10–11
ИМА	15–20
Олмон / Ҳолланд	20–25
Чин (минтақаҳои сабзавоткор)	30+
Ҳиндустон	6–7

Сарчашма: *Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон//Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2024. - С.30-31; ФАО. Преобразование агропродовольственных систем по всему миру / Food and Agriculture Organization of the United Nations. - Режим доступа: https://www.fao.org/news/countries-good-practices/ru/, свободный.*

Ин маънои онро дорад, ки Тоҷикистон аз рӯйи истифодаи поруи органикӣ дар байни кишварҳои ҷаҳон дар зинаи поён қарор дорад. Ин нишондод метавонад ба таври мустақим ба пастравии ҳосилнокӣ, камшавии моддаҳои органикӣ дар хок ва вусъати раванди деградатсия оварда расонад. Барои бартараф намудани ин камбуд, ниёзи ҷиддӣ ба ташвиқи истифодаи пору дар заминҳои корам, рушди системаҳои коркарди пору, омӯзиш ва таблиғи агротехнологияҳои органикӣ ва дастгирии давлатии хоҷагиҳои хурд дар хариди пору вуҷуд дорад.

Ин раванд, дар маҷмуъ, гувоҳи он аст, ки заминҳои кишоварзии кишвар дар муқобили фишори деҳқонӣ, камсамарии агротехника ва истифодаи ками моддаҳои органикӣ ба таври рӯзафзун ба деградатсия рӯ ба рӯ мешаванд. Дар сурати идома ёфтани чунин ҳолат, натиҷаи манфии он метавонад дар шакли пастшавии ҳосилнокӣ, шӯршавӣ ва сахтшавии хок ва ниҳоят талафи қобилияти истеҳсолии замин зоҳир гардад.

М. Ҳ. Аминов, М. М. Шарипова қайд менмоянд, ки “қариб дар ҳамаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи гумус дар хокҳо кам шуда истодааст. Яке аз сабабҳои асосии коҳиши гумус дар хокҳо, ба таври васеъ истифодабарии нуриҳои минералӣ, инчунин маводҳои кимиёвӣ ба монанди пестисидҳо, фунгисидҳо, гербисидҳо ва ғайраҳо мебошад. Дар хоҷагиҳои кишоварзӣ истифода набурдани поруҳои органикӣ ва нурии сабз, яъне сидератҳо ба назар мерасад, ки ин боиси кам гардидани микроорганизмҳои фаъоли хок мегардад ва ба паст шудани ҳосилхезии онҳо оварда мерасонад [6].

Аз ин рӯ, гузариш ба истифодаи васеъ ва мақсадноки поруи органикӣ, тарғиби таҷрибаи кишоварзии органикӣ ва дастгирии механизми субсидиякунии поруи табиӣ бояд дар маркази сиёсати давлатии заминдорӣ қарор дошта бошад.

Дар ин замина, ба зарурати зироаткории сарфакунандаи иқтидори заминҳои кишоварзӣ бояд таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки идоракунии самараноки захираҳои хокӣ танҳо тавассути истифодаи нуриҳои минералӣ ва захираҳои беруна ба таври устувор ҳал намешавад. Баръакс, маҷмуи тадбирҳои агроэкологӣ, ки бо мафҳуми “зироаткории сарфакунанда” иртибот мегиранд, метавонанд ҳамчун воситаи асосии нигоҳдории қобилияти истеҳсолии хок амал намоянд.

Зироаткории сарфакунанда мафҳуме мебошад, ки ба истифодаи оқилона, мутавозин ва эҳтиёткоронаи иқтидори истеҳсолии заминҳо ишора мекунад. Ин усул ҳадаф дорад, ки тавоноии биологии хок, моддаҳои органикӣ, микроэлементҳо ва иқтидори микроорганизмҳои хокӣ ба таври табиӣ нигоҳ дошта шавад. Ба ибораи дигар, зироаткории сарфакунанда кӯшиш мекунад, ки замин на танҳо ҳамчун захираи истисморшаванда, балки ҳамчун амонат ба наслҳои оянда нигоҳ дошта шавад.

Дар шароити Тоҷикистон, ки бештари заминҳои кишоварзӣ дар шароити релефи мураккаб, иқлими нимбиёбонӣ ва норасоии об қарор доранд, татбиқи чунин равиш махсусан муҳим мебошад. Афзоиши майдонҳои заминҳои шӯр, камшавии қабати ҳосилхез, норасоии моддаҳои органикӣ ва биологӣ – ҳамаи ин аз зарурати иваз кардани модели ҳозираи истифодабарии замин дарак медиҳанд.

Зироаткории сарфакунанда, аз ҷумла, иборат аст аз:

– кишти зироатҳои сидератӣ (бартарӣ додан ба зироатҳое, ки хокро бой мегардонанд);
– риояи мувозинати гардиши зироатҳо;
– истифодаи васеи поруи органикӣ ва компост;
– беҳсозии таркиби механикӣ ва биологии хок тавассути парвариши зироатҳои хокобоб;
– истифодаи технологияҳои сарфаи об ва мутобиқ ба иқлим.

Татбиқи чунин усулҳо на танҳо боиси нигоҳ доштани қобилияти истеҳсолии замин мешаванд, балки дар ҳосилнокиро дарозмуддат зиёд намуда, сатҳи хароҷоти истеҳсолиро коҳиш медиҳад. Дар айни ҳол, истифодаи онҳо метавонад яке аз роҳҳои самараноки коҳиши раванди тахриби хок ва фаромадани заминҳои кишоварзӣ аз гардиш гардад.

Дар ин замина, ниёз ба сиёсати давлатӣ, ки ба рушди зироаткории сарфакунанда, таблиғи усулҳои органикӣ ва дастгирии хоҷагиҳои хурд равона шудааст, рӯз то рӯз афзоиш меёбад. Татбиқи барномаҳои пилотӣ дар ноҳияҳои осебдида, ворид намудани таҷрибаи

кишварҳои пешрафта, ва густариши барномаҳои омӯзишӣ барои деҳқонон метавонанд дар самти вусъати ин усулҳо натиҷаҳои мусбат диҳанд.

Аз ҷониби дигар, бо техникаи муосир таъмин намудани соҳаи кишоварзӣ низ аз омилҳои муҳимми ҳифзи замин ва коҳиши тахриби он ба шумор меравад. Дар шароити Тоҷикистон, ки заминҳои корам асосан дар минтақаҳои нишеб ва серосеб ҷойгиранд, истифодаи технологияҳои куҳнашуда ва дастӣ, бешубҳа, боиси афзоиши фишори физикӣ ба хок, шикастани таркиби он ва афзоиши хатари эрозия мегардад.

Машаққати зиёди меҳнатӣ, беэҳтиётӣ дар коркарди замин ва истифодаи васеи воситаҳои ғайриаҳлӣ, аз ҷумла техникаи фарсуда, ба шиддат гирифтани деградатсияи хок мусоидат мекунад.

АДАБИЁТҲО

1. Холов, Б. Ҳ. Истифодаи нурии органикӣ-омили беҳгардонии сифати хок / Б. Ҳ. Холов, З. Е. Ҳайдаров // Илм ва фановарӣ. - 2024. - №. 1. - С. 217-225.
2. Мирсаидов, А. Б. Муносибатҳои назариявӣ доир ба моҳият ва арзёбии иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ / А. Б. Мирсаидов, С. К. Шарифов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. – No. 1(51).
3. Абдуалимов, Б.А. Заминистифодабарии устувор–асоси таъмини бехатарии озуқавории мамлакат / Б. А. Абдуалимов. – Душанбе: Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, 2024. – 202 с.
4. Тураев, А. Роҳҳои амалигардонии баҳои замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А. Тураев // Кишоварз. – 2019. – №. 3. – С. 247-250.
5. Холов, Б. Ҳ. Истифодаи нурии органикӣ-омили беҳгардонии сифати хок / Б. Ҳ. Холов, З. Е. Ҳайдаров // Илм ва фановарӣ. - 2024. - №. 1. - С. 217-225.
6. Аминов, М.Ҳ. Усулҳои муосири тайёр намудани нуриҳои органикӣ ва аҳаммияти он дар баланд бардош-тани ҳосилнокии хок / М. Ҳ. Аминов, М. М. Шарипова // Илм ва фановарӣ. – 2024. – №. 2. – С. 180-187.
7. Абдуалимов, Б. А. Заминистифодабарии устувор – асоси таъмини бехатарии озуқавории мамлакат. – Душанбе: Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, 2024. – 202 с.
8. Паймони, Ҷ. Механизмҳои такмили менеҷменти ҷалб ва истифодаи заминҳои корам дар хоҷагиҳои кишоварзӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – No. 10-2. – P. 86-91.

АННОТАЦИЯ

СИСТЕМАТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ФАКТОРОВ РАСШИРЕНИЯ ДЕГРАДАЦИИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ УГОДИЙ В СТРАНЕ

В данной статье рассматриваются основные вопросы устойчивого землепользования и деградации земель. В современных условиях Республики Таджикистан, где аграрный сектор считается одним из основных столпов национальной экономики и продовольственной безопасности, вопрос устойчивого использования земельных ресурсов приобрел первостепенное значение. Хотя в сельском хозяйстве занято более половины активного населения и на него приходится значительная доля ВВП, и экспорта страны, растущая тенденция уничтожения сельскохозяйственных угодий, выраженная в концепции деградации земель, является одной из серьезных угроз устойчивому развитию сектора.

Ключевые слова: *аграрный сектор, продовольственная безопасность, земельные ресурсы, деградация земель, включая засоление, ветровую и водную эрозию, истощение органических веществ.*

ANNOTATION

STATISTIC ANALYSIS OF FACTORS OF INCREASED DEGRADATION OF AGRICULTURAL LAND IN THE COUNTRY

This article considers the main issues of sustainable land use and land degradation. In the modern conditions of the Republic of Tajikistan, where the agricultural sector is considered one of the main pillars of the national economy and food security, the issue of sustainable use of land resources has acquired paramount importance. Although agriculture employs more than half of the active population and accounts for a significant share of the country's GDP and exports, the growing trend of destruction of agricultural lands, expressed in the concept of land degradation, is one of the serious threats to the sustainable development of the sector.

Keywords: *agricultural sector, food security, land resources, land degradation, including salinization, wind and water erosion, depletion of organic matter.*

Сведения об авторе:

Хусайнов Сафарали Мирзомуродович - ассистент кафедры бухгалтерского учета, анализа и аудита Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни, 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: (+992) 987309495. E-mail: mfahim@mail.ru

Information about the author:

Khusainov Safarali Mirzomurodovich - Avicenna Tajik State Pedagogical University Sadriddina Aini, Assistant of the Department of Accounting, Analysis and Audit. 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 121. Phone: (+992) 987309495. E-mail: mfahim@mail.ru

ТДУ: 332.336

АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГӢ ВА НАЗАРИЯВИИ МУАЙЯН КАРДАНИ АФЗАЛИЯТҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР РАВАНДИ КЛАСТЕРИКУНОНИИ СОҲАИ ЧОРВОДОРӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Давлатов Г.П,- Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ

Калимаҳои асосӣ: *афзалиятҳои сармоягузорӣ, кластерикунон, соҳаи чорводорӣ, рушди минтақавӣ, вилояти Хатлон.*

Дар шароити иқтисодиёти муосир, ки бо афзоиши рақобат ва зарурати истифодаи самараноки захираҳои маҳдуд тавсиф мешавад, ҷустуҷӯи равишҳои нав барои рушди соҳаҳои асосӣ вазифаи аввалиндараҷа мегардад [4, с.551]. Чорводорӣ, ки дар таъмини амнияти озуқаворӣ, ташаккули даромади аҳолии деҳот ва рушди ҳудудҳои деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим мебозад, таваҷҷуҳ ва дастгирии махсусро талаб мекунад. Дар робита ба ин, ташаккули афзалиятҳои минтақавии сармоягузорӣ дар асоси кластерикунонӣ соҳаи чорводорӣ самти ояндадор ба назар мерасад, ки қодир аст ба рушди ин соҳа такони нав бахшад.

Мубрамии мавзуи интихобшуда бо як қатор омилҳо вобаста аст. Якум, равиши кластерӣ имкон медиҳад, ки маблағҳои буҷетӣ самараноктар истифода бурда, дастгирии давлатиро ба рушди корхонаҳои ба ҳам алоқаманд равона кунанд, ки ин дар муқоиса бо дастгирии субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ таъсири фузунсози (мултипликативии) бештарро таъмин мекунад.

Дуюм, кластерикунгонӣ ба баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаи чорводорӣ тавассути тамаркузи захираҳо, салоҳиятҳо ва ташаккули давраи пурраи истеҳсолӣ аз истеҳсоли хӯрок то коркарди маҳсулоти тайер мусоидат мекунад. Ин боиси кам шудани хароҷот, баланд шудани сифати маҳсулот ва афзоиши дастрасӣ ба бозорҳои фурӯш мегардад.

Сеюм, кластерҳо барои ҷалби ҳам сармоягузориҳои дохилӣ ва ҳам хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меоранд, зеро сармоягузорон бо омодагӣ ба лоиҳаҳое сармоягузорӣ мекунанд, ки дорои иқтидори афзоиш ва даромаднокии устувор мебошанд, ки аз ҷониби синергияи иштирокчиёни кластер таъмин карда мешаванд.

Илова бар ин, рушди кластерҳо мубодилаи дониш ва таҷриба, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсиониро ҳавасманд мекунад, ки ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, беҳтар кардани сифати маҳсулот ва коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити зист мусоидат мекунад. Ҷанбаи муҳим аҳамияти иҷтимоии кластерикунони чорводорӣ мебошад, ки ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар деҳот, баланд бардоштани даромади аҳолӣ ва рушди инфрасохтори деҳот мусоидат мекунад. Ниҳоят, муносибати кластерӣ ба тамоюлҳои ҷаҳонии рушди иқтисодиёт мувофиқат мекунад, ки дар он кластерҳо ҳамчун воситаи самараноки баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаҳои гуногун эътироф карда мешаванд.

Ташаккули афзалиятҳои минтақавии сармоягузорӣ дар асоси кластерикунгонӣ чорводорӣ як қадами муҳим дар самти таъмини амнияти озуқаворию кишвар, коҳиш додани вобастагӣ аз воридот ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти босифати озуқаворию истеҳсоли ватанӣ мебошад. Рушди кластерҳои чорводорӣ инчунин соҳаҳои ҳамҷавори иқтисодиётро, ба монанди истеҳсоли хӯрокворӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва мошинсозӣ барои чорводорӣ ҳавасманд мекунад. Дар доираи кластер имкониятҳо барои ҷорӣ кардани технологияҳои тоза ва усулҳои истеҳсолот, инчунин истифодаи самараноки партовҳо, ки ба принсипҳои рушди устувор мувофиқат мекунанд, кушода мешаванд. Мутамарказонидани захираҳо ва салоҳиятҳо дар кластер имкон медиҳад, ки маҳсулоте истеҳсол карда шавад, ки на танҳо дар бозори дохилӣ, балки дар бозори ҷаҳонӣ низ рақобатпазир бошад.

Таърихи омӯзиши масъалаи мавриди назар. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон дод, ки масъалаҳои рушди соҳаи чорводорӣ ва ташаккули афзалиятҳои сармоягузорӣ мавзуи таҳқиқоти мутаадиди олимони иқтисоддони ватанӣ мебошанд. Дар байни корҳои муҳимтарини ин радиф бояд таълифоти Г.С.Абдусамадов, А.Х.Авезов, Ҷ.С. Пиризода, И.М. Гулов, З.У. Асроров, Ҳ.Н. Фақеров, С.Ҳ. Ҳабибов, Х.У. Умаров, А.А. Байматов, Д.Д. Бобоҷонов, М.М.Шарипов, М.М.Исмоилов, У.С.Асроров, С.Ҷ.Комилов, А.Б.Мирсаидов, А.А.

Назаров, Р.К. Раҳимов, З.С. Султонов, Х.Қ. Ҷумабоев, Н.Т. Садрид-динов, М. Ҷам-шедов, С.С. Ҳабибова, З.Н. Самадова, Н.Я. Якубова, М.Х. Исаева ва дигар муаллифонро ёдрас шавем. Дар асарҳои онҳо ҷанбаҳои гуногуни рушди комплекси агросаноатӣ, масъалаҳои фаъолияти сармоягузорӣ ва иқтисодиёти минтақавӣ баррасӣ карда мешаванд.

Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз саҳми назарраси олимони ватанӣ дар омӯзиши проблемаҳои рушди чорводорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ, масъалаи ташаккули афзалиятҳои минтақавии сармоягузорӣ дар асоси кластерикунонии соҳаи чорводорӣ дар маводҳои вилоятҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон, то ба имрӯз ба таври муносиб таҳқиқоти мукаммал нагирифтааст. Ҳамин тариқ, ин таҳқиқот дорои навгониҳои илмӣ мебошад ва ба пур кардани холигии мавҷуда дар илми иқтисодӣ равона шудааст.

Ташаккули афзалиятҳои минтақавии сармоягузорӣ дар асоси кластерикунонии соҳаи чорводорӣ вазифаи муҳим ва ояндадор мебошад, ки ҳалли он ба рушди ҳамаҷонибаи вилояти Хатлон, баланд бардоштани рақобатпазирии чорводории минтақавӣ ва таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард. Таҳлили дараҷаи омӯзиши мавзуъ аз нокифоя будани ин масъала дар заминаи минтақаи мушаххас шаҳодат медиҳад, ки аҳаммияти илмӣ ва саривақтии таҳқиқоти мазкурро таъкид мекунад. Омӯзиши минбаъдаи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии кластерикунони чорводорӣ дар вилояти Хатлон имкон медиҳад, ки тавсияҳои илмӣ оид ба ташаккули афзалиятҳои самараноки сармоягузории минтақавӣ таҳия карда шаванд.

Соҳаи чорводорӣ дар иқтисодиёти Вилояти Хатлон нақши калидӣ мебозад, ки шуғли аҳолӣ, амнияти озуқавории минтақаро таъмин мекунад ва манбаи муҳими иқтидори содиротӣ мебошад. Аммо, дар шароити афзоиши рақобат ва зарурати навсозии истеҳсолот, зарурати равишҳои нав ба рушди соҳа ба миён меояд.

Кластерикунонӣ ҳамчун шакли ташкили корхонаҳо ва ташкилотҳои ба ҳам алоқаманд воситаи ояндадор барои баланд бардоштани рақобатпазирии чорводорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ мебошад. Ташаккули афзалиятҳои возеҳи сармоягузорӣ дар доираи модели кластерӣ имкон медиҳад, ки захираҳо самараноктар равона карда шаванд ва рушди устувори соҳа дар вилояти Хатлон ҳавасманд карда шавад.Яъне, дар ин самт зарурати ҷустуҷӯи механизмҳои самараноки ҷалби сармоягузорӣ ба чорводории вилояти Хатлон вуҷуд дорад.

Равиши кластерӣ, бо муттаҳид кардани кӯшишҳои иштирокчиёни гуногуни занҷираи истеҳсолӣ, таъсири синергетикӣ ба вуҷуд меорад, хароҷоти амалиётро коҳиш медиҳад ва ҷолибияти сармоя-гузории лоиҳаҳоро баланд мебардорад. Муайян кардани афзалиятҳои сармоягузорӣ дар доираи кластерҳои ташаккулёбанда имкон медиҳад, ки захираҳо ба самтҳои ояндадори рушд равона карда шаванд, ки ба навсозии заминаи истеҳсолӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва баланд бардоштани сифати маҳсулот мусоидат мекунанд.

Асосҳои методологии муайян кардани афзалиятҳои сармоягузорӣ дар раванди кластерикунонии соҳаи чорводорӣ. Таҳқиқот бояд ба муносибати комплексӣ асос ёбад, ки усулҳои умумиилмӣ ва махсуси донишро барои ноил шудан ба мақсади ташаккули асосҳои методологии муайян кардани афзалиятҳои сармоягузорӣ дар заминаи кластерикунонии соҳаи чорводории вилояти Хатлон муттаҳид мекунад.

Аз нигоҳи пажӯҳиши илмӣ усулҳои умумифалсафӣ ва умумиилмӣ вуҷуд доранд: усули диалектикӣ, равиши системавӣ, таҳлили сохторӣ-функсионалӣ, усули таърихӣ, усули мантиқӣ, таҳлил ва синтез, муқоиса, абстраксия ва идеализатсия ва ғ.

Баррасии раванди кластеркунӣ ва муайян кардани афзалиятҳои сармоягузорӣ дар динамика, дар робита ва вобастагии омилҳо ва унсурҳои гуногун имкон медиҳад, ки зиддиятҳо ва қувваҳои пешбарандаи рушди равандҳои таҳқиқотӣ ба назар гирифта шаванд. Муаррифии соҳаи чорводории вилояти Хатлон ҳамчун системаи мураккаб, ки зерсистемаҳои гуногунро дар бар мегирад (истеҳсол, коркард, инфрасохтор, муҳити институтсионалӣ ва ғайра) ва кластеркунонӣ ҳамчун раванди ташаккули алоқаҳои нави

системавӣ барои муайян кардани афзалиятҳои сармоягузорӣ ҳамчун унсури идоракунии ин система мусоидат менамояд.

Барои ин муайян кардани унсурҳо ва сохторҳои асосии соҳаи чорводории вилоят, вазифаҳо ва робитаҳои байниҳамдигарии онҳо дар заминаи кластерикунони эҳтимолӣ, нуқтаҳои рушд ва самтҳои эҳтимолии сармоягузориро муайян кардан лозим меояд. Ҳамзамон, барои равшан шудани манзараи таърихии ташаккули чорводорӣ дар вилоят омӯзиши таҳаввулоти соҳаи чорводорӣ дар вилояти Хатлон, таҳлили кӯшишҳои пештараи кооператсия дар замони шуравӣ ва ташаббусҳои сармоягузорӣ, ошкор кардани тамоюлҳо ва қонуниятҳои рушд муҳим ба назар мерасад.

Истифодаи дедуксия (гузариш аз муқаррароти умумии назариявӣ ба хулосаҳои хусусӣ дар бораи вижагиҳои соҳа) ва индуксия (ҷамъбасти маълумоти эмпирикӣ барои ташаккули хулосаҳои назариявӣ), таҷзияи падидаи омӯхташуда ба қисмҳои таркибӣ (таҳлил) ва муттаҳидсозии минбаъдаи донишҳои гирифташуда барои ташаккули тасаввуроти яклухт дар бораи асосҳои назариявии муайян кардани афзалиятҳои сармоягузорӣ (синтез) низ барои баровардани хулосаҳои илман асоснок кумак мекунад.

Муқоисаи равишҳои назариявӣ нисбат ба кластеркунонӣ ва афзалиятҳои сармоягузорӣ, таҳлили таҷрибаи дигар минтақаҳо ва кишварҳо дар рушди кластериҳои чорводорӣ, ҷудо кардани хусусиятҳои муҳими равандҳои тадқиқшаванда ва сохтани моделҳои назариявӣ, абстраксия аз ҷузъиёти ғайримуҳим асосҳои методологии таҳқиқот дар ин самтро ташкил медиҳанд. Дар қисмати дигар як даста **усулҳои махсуси таҳқиқот**, аз қабили таҳлили назариявии адабиёти илмӣ, таҳлили иқтисодию оморӣ, арзёбии коршиносон ва моделсозӣ, харитасозӣ, SWOT-таҳлил ва монанди онро истифода бурдан мумкин аст, ки барои тақвияти асосҳои методологӣ кумак мекунанд.

Омӯзиш ва ҷамъбасти консепсияҳои мавҷудаи назариявии кластерикунонӣ, афзалиятҳои сармоягузорӣ, рушди минтақавӣ, иқтисоди инноватсионӣ ва иқтисоди аграрӣ имкон медиҳад, ки заминаи назариявии таҳқиқот ташкил карда шавад ва дараҷаи омӯзиши муаммо муайян карда шавад. Ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти оморӣ, ки вазъи соҳаи чорводории вилояти Хатлонро (истеҳсол, саршумор, сармоягузорӣ, шуғл, амалиёти содиротӣ-воридотӣ ва ғайра) тавсиф мекунанд имкон медиҳанд, ки тамоюлҳои рушд, ҷойҳои заиф ва нуқтаҳои эҳтимолии афзоишро муайян кунанд.

Гузаронидани пурсишҳо, мусоҳиба бо коршиносони калидӣ дар соҳаи чорводорӣ, иқтисоди минтақавӣ, сармоягузорӣ ва намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон барои фароҳам омадани маълумоти муътамад дар бораи хусусиятҳои минтақа, мушкилоти мавҷуда ва самтҳои эҳтимолии рушд ва сармоягузории кластерӣ имкон медиҳад.

Таҳияи моделҳои назариявӣ, ки муносибати байни кластерикунони соҳаи чорводорӣ ва муайян кардани афзалиятҳои сармоягузориро инъикос мекунанд, метавонад сохтани схемаҳои ҳамкории иштирокчиёни кластер, матритсаҳои имкониятҳои сармоягузорӣ ва хавфҳо, инчунин моделҳои пешбинишударо дар бар гирад.

Аз тарафи дигар визуализатсияи ҷойгиршавии фазоии корхонаҳои соҳаи чорводорӣ, иқтидорҳои коркард, объектҳои инфрасохторӣ ва дигар иштирокчиёни эҳтимолии кластер дар қаламрави вилоят имкон медиҳад, ки ядроҳои эҳтимолии кластерҳо муайян карда шаванд ва хусусиятҳои ҷуғрофии афзалиятҳои сармоягузорӣ муайян карда шаванд. Муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи соҳаи чорводории вилояти Хатлон, инчунин имкониятҳо ва таҳдидҳои марбут ба раванди кластерӣ ва ҷалби сармоягузорӣ тавассути усули SWOT-таҳлил омилҳои асосии ташаккули афзалиятҳои сармоягузориро муайян мекунад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки гузаронидани таҳқиқот марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад (расми 1).

1. Марҳилаи омодагӣ (муайян кардани мақсад ва вазифаҳои омӯзиш, ташаккули фарзияи корӣ, муайян кардани заминаи методологӣ ва интихоби усулҳои таҳқиқот, таҳияи нақшаи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва омӯзиши адабиёти назариявӣ ва ғ.).

2. Марҳилаи асосӣ (ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти оморӣ, ки соҳаи чорводории вилояти Хатлонро тавсиф мекунад, гузаронидани пурсишҳои коршиносон ва мусоҳибаҳо

бо роҳбарияти кластерҳои калидӣ, таҳлили иттилооти ҷамъоваришуда бо истифода аз усулҳои интихобшуда, таҳияи моделҳо ва схемаҳои назариявӣ, гузаронидани SWOT-таҳлили соҳаи чорводории вилояти Хатлон дар заминаи кластерикунон, муайян кардани афзалиятҳои эҳтимолии сармоягузорӣ дар асоси таҳлили гузаронидашуда).

3. Марҳилаи ниҳоӣ (ҷамъбаст ва систематизатсияи натиҷаҳои бадастомада, таҳияи хулосаҳои назариявӣ дар бораи асосҳои муайян кардани афзалиятҳои сармоягузорӣ дар раванди кластерикунони соҳаи чорводории Вилояти Хатлон, ба расмият даровардани натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли мақолаи илмӣ, таҳияи тавсияҳои амалӣ (агар дар вазифаҳои таҳқиқот пешбинӣ шуда бошад) ва ғ.



Расм.- Марҳилаҳои таҳқиқи афзалиятҳои сармоягузорӣ ба раванди кластерикунонии соҳаи чорводорӣ. Таҳияи муаллиф

Истифодаи ин асосҳо ва усулҳои методологии таҳқиқот имкон медиҳад, ки омӯзиши ҳамаҷониба ва дақиқназаронаи ҷанбаҳои назариявии муайян кардани афзалиятҳои сармоягузорӣ дар заминаи кластерикунонии соҳаи чорводории вилояти Хатлон таъмин карда шавад, ки ба рушди заминаи назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати сармоягузорӣ дар минтақа мусоидат хоҳад кард.

Асосҳои назариявии кластерикунонӣ ва афзалиятҳои сармоягузорӣ. Кластер як гурӯҳи аз ҷиҳати ҷуғрофӣ мутамаркази ширкатҳои ба ҳам алоқаманд, таъминкунандагони махсус, провайдерҳои хизматрасон, ширкатҳо дар соҳаҳои марбута ва инчунин ташкилотҳои ба онҳо алоқаманд (масалан, донишгоҳҳо, агентиҳои стандартизатсия, ассотсиатсияҳои савдо) мебошад, ки дар соҳаҳои муайян рақобат мекунанд, аммо ҳамзамон ҳамкорӣ мекунанд [1,С.77-90].

Кластерҳо ба баланд бардоштани рақобатпазирӣ тавассути таъсири миқёс, тахассус, мубодилаи дониш ва технология ва кам кардани харочоти транзаксия мусоидат мекунанд [2, С.225-232].

Афзалиятҳои сармоягузорӣ ҳамчун самтҳои муҳимтарини сармоягузории сармоя муайян карда мешаванд, ки таъсири максималии иҷтимоию иқтисодиро таъмин мекунанд ва ба ҳадафҳои стратегии рушди соҳа ё минтақа мувофиқат мекунанд [3, С.2-7]. Ташаккули афзалиятҳои сармоягузорӣ ба назар гирифтани омилҳои гуногун, аз ҷумла потенсиали рушд, вазъи бозор, заминаи захираҳо, имкониятҳои технологӣ ва сиёсати давлатиро талаб мекунад.

Дар заминаи кластерикунонии соҳаи чорводорӣ, афзалиятҳои сармоягузорӣ бояд ба таҳкими робитаҳои байни иштирокчиёни кластер, навсозии равандҳои истеҳсолӣ, рушди инфрасохтор ва баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолшуда равона карда шаванд.

Вазъи кунунии соҳаи чорводории вилояти Хатлон ва заминаҳои кластерӣ. Соҳаи чорводорӣ соҳаи муҳимми хоҷагии қишлоқи вилояти Хатлон мебошад. Минтақа барои рушди самтҳои гуногуни чорводорӣ, аз ҷумла чорвои калон, чорвои хурд, парандапарварӣ ва ғайра иқтидори назаррас дорад. Аммо, саноат бо як қатор мушкилот, ба монанди заминаи кӯҳнаи моддӣ-техникӣ, сатҳи нокифояи коркарди маҳсулот, дастрасии маҳдуд ба технологияҳои муосир ва бозорҳои фурӯш рӯ ба рӯ мешавад.

Дар вилояти Хатлон барои ташаккули кластерҳои чорводорӣ шароит фароҳам оварда шудааст. Дар минтақа корхонаҳои кишоварзӣ, иқтидорҳои коркард, таъминкунандагони хӯрок ва хизматрасониҳои байторӣ мавҷуданд. Ташаккули сохторҳои кластерӣ имкон медиҳад, ки кӯшишҳои ин иштирокчиён муттаҳид карда шаванд, самаранокии ҳамкорӣ баланд бардошта шавад ва барои ҷалби сармоягузорӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Афзалиятҳои сармоягузорӣ дар раванди кластерикунонии соҳаи чорводории вилояти Хатлон. Дар асоси таҳлили ҳолати муосири соҳаи чорводории вилояти Хатлон ва иқтидори рушди кластерӣ, афзалиятҳои асосии сармоягузории зеринро ҷудо кардан мумкин аст (ҷадвали 1).

Ҷадвал. - Афзалиятҳо ва механизмҳои татбиқи афзалиятҳои сармоягузорӣ дар раванди кластерикунонии соҳаи чорводории вилояти Хатлон

Афзалиятҳои сармоягузорӣ	**Тавзеҳот**	**Механизми татбиқ**	**Тавзеҳот**
Навсозии пойгоҳи истеҳсолӣ	Сармоягузорӣ ба хариди таҷҳизоти муосир, ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта дар чорводорӣ, системаҳои дақиқи кишварзӣ барои истеҳсоли хӯрокворӣ, системаҳои автоматикунонидашудаи нигоҳдории ҳайвонот ва ғ.	**Таҳияи барномаи минтақавии рушди кластерии чорводорӣ**	Фарогири ҳадафҳо, вазифаҳо, механизмҳои дастгирӣ ва натиҷаҳои пешбинишудаи кластерикунони соҳа
Рушди инфрасохтори коркард ва нигоҳдорӣ	Таъсис ва навсозии корхонаҳои коркарди шир, гӯшт, пашм ва дигар маҳсулоти чорводорӣ, сохтмони анборҳои муосир ва марказҳои логистикӣ	**Фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ**	Пешниҳоди имтиёзҳои андоз, субсидияҳо,кафолатҳо ва дигар шаклҳои дастгирии давлатӣ ба сармоягузорон
Такмили пойгоҳи хӯрокворӣ	Сармоягузорӣ ба рушди истеҳсоли хӯроки баландсифат ва мутавозин, аз ҷумла парвариши зироатҳои хӯрокворӣ, бунёди корхонаҳои хӯроки омехта ва рушди системаи нигоҳдории хӯрок	**Мусоидат ба ҳамкорӣ ва ҳамгироии байни иштирокчиёни кластер**	Ташкили платформа-ҳои иттилоотӣ, гузаронидани чорабиниҳои муштарак, дастгирии ташкили лоиҳаҳои муштарак
Рушди корхои зотпарварӣ ва нигоҳубини байторӣ	Сармоягузорӣ ба таъсис ва рушди хоҷагиҳои зотпарварӣ, хариди чорвои зотпарварии сермаҳсул ва таҳкими системаи нигоҳубини байторӣ ва пешгирии бемориҳои ҳайвонот	**Ҷалби институтҳои молиявӣ**	Таҳияи механизмҳои қарздиҳии имтиёзнок ва лизинг барои корхонаҳои соҳаи чорводории аъзои кластер
Рушди маркетинг ва каналҳои фурӯш	Сармоягузорӣ ба таҳқиқоти илмӣ ва рушд дар соҳаи чорводорӣ, омӯзиш ва такмили ихтисоси мутахассисон, таъсиси марказҳои интиқоли технология		
Дастгирии инноватсия ва интиқоли технология	Сармоягузорӣ ба таҳқиқоти ил-мӣ ва рушд дар соҳаи чорводорӣ, омӯзиш ва такмили ихтисоси мутахассисон, инчунин таъсиси марказҳои интиқоли технология	**Рушди хизматрасониҳои таълимӣ ва машваратӣ**	Омодасозии кадрҳои баландихтисос барои соҳа, дастгирии машваратӣ оид ба татбиқи технологияҳои нав ва идоракунии тиҷорат
Рушди агротуризм	Ҳамгироии хоҷагиҳои чорводо-рӣ бо фаъолияти сайёҳӣ ҳамчун манбаи иловагии даромад ва маъруфияти маҳсулоти минтақавӣ		

Сарчашма: таҳияи муаллиф

1. *Навсозии пойгоҳи истеҳсолӣ:* Сармоягузорӣ ба хариди таҷҳизоти муосир, ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта дар чорводорӣ (масалан, системаҳои дақиқи кишоварзӣ барои истеҳсоли хӯрокворӣ, системаҳои автоматикунонидашудаи нигоҳдории

ҳайвонот) ба баланд бардоштани ҳосилнокӣ, кам кардани хароҷот ва беҳтар кардани сифати маҳсулот имкон медиҳад.

2. *Рушди инфрасохтори коркард ва нигоҳдорӣ:* Таъсис ва навсозии корхонаҳои коркарди шир, гӯшт, пашм ва дигар маҳсулоти чорводорӣ, инчунин сохтмони анборҳои муосир ва марказҳои логистикӣ имкон медиҳад, ки арзиши иловашудаи маҳсулот зиёд карда шавад ва талафот кам карда шавад.

3. *Такмили пойгоҳи хӯрокворӣ:* Сармоягузорӣ ба рушди истеҳсоли хӯроки баландсифат ва мутавозин, аз ҷумла парвариши зироатҳои хӯрокворӣ, бунёди корхонаҳои хӯроки омехта ва рушди системаи нигоҳдории хӯрок, калиди баланд бардоштани маҳсулнокии чорво ва паст кардани арзиши маҳсулот мебошад.

4. *Рушди корҳои зотпарварӣ ва нигоҳубини байторӣ:* Сармоягузорӣ ба таъсис ва рушди хоҷагиҳои зотпарварӣ, хариди чорвои зотпарварии сермаҳсул ва таҳкими системаи нигоҳубини байторӣ ва пешгирии бемориҳои ҳайвонот ба беҳтар шудани потенсиали генетикии рама ва коҳиш додани хатарҳо мусоидат мекунад.

5. *Рушди маркетинг ва каналҳои фурӯш:* Сармоягузорӣ ба таъсиси брендҳои минтақавии маҳсулоти чорводорӣ, рушди кооператсия дар соҳаи фурӯш, иштирок дар намоишгоҳҳо ва ярмаркаҳо, инчунин азхудкунии бозорҳои нави фурӯш (аз ҷумла содиротӣ) имкон медиҳад, ки эътирофи маҳсулот ва имкониятҳои бозорро васеъ кунанд.

6. *Дастгирии инноватсия ва интиқоли технология:* Сармоягузорӣ ба таҳқиқоти илмӣ ва рушд дар соҳаи чорводорӣ, омӯзиш ва такмили ихтисоси мутахассисон, инчунин таъсиси марказҳои интиқоли технология ба татбиқи таҷрибаи пешқадам ва баланд бардоштани фаъолияти инноватсионӣ дар соҳа мусоидат хоҳад кард.

7. *Рушди агротуризм:* Ҳамгироии хоҷагиҳои чорводорӣ бо фаъолияти сайёҳӣ метавонад манбаи иловагии даромад гардад ва ба маъруфияти маҳсулоти минтақавӣ мусоидат кунад.

Механизмҳои татбиқи афзалиятҳои сармоягузорӣ. Татбиқи афзалиятҳои ҷудошудаи сармоягузорӣ муносибати ҳамаҷонибаро талаб мекунад, аз ҷумла:

• **Таҳияи барномаи минтақавии рушди кластерии чорводорӣ:** Барнома бояд ҳадафҳо, вазифаҳо, механизмҳои дастгирӣ ва натиҷаҳои пешбинишудаи кластерикунонии соҳаро муайян кунад.

• **Фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ:** Пешниҳоди имтиёзҳои андоз, субсидияҳо, кафолатҳо ва дигар шаклҳои дастгирии давлатӣ барои сармоягузороне, ки барои рушди лоиҳаҳои кластерӣ сармоягузорӣ мекунанд.

• **Мусоидат ба ҳамкорӣ ва ҳамгироии байни иштирокчиёни кластер**: Ташкили платформаҳои иттилоотӣ, гузаронидани чорабиниҳои муштарак, дастгирии ташкили лоиҳаҳои муштарак.

• **Ҷалби институтҳои молиявӣ:** Таҳияи механизмҳои қарздиҳии имтиезнок ва лизинг барои корхонаҳои соҳаи чорводорӣ, ки ба кластерҳо дохил мешаванд.

* **Рушди хизматрасониҳои таълимӣ ва машваратӣ:** Тайёр кардани кадрҳои баландихтисос барои соҳаи чорводорӣ ва пешниҳоди дастгирии машваратӣ оид ба татбиқи технологияҳои нав ва идоракунии тиҷорат.

Хулоса. Ташаккули афзалиятҳои сармоягузорӣ дар раванди кластерикунонии соҳаи чорводорӣ воситаи муҳимми баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва рушди устувори ин соҳа дар вилояти Хатлон мебошад.

Тамаркузи сармоягузорӣ ба навсозии пойгоҳи истеҳсолӣ, рушди инфрасохтор, такмили заминаи хӯрокворӣ, зотпарварӣ, маркетинг ва навоварӣ имкон медиҳад, ки кластерҳои муассир ва рақобатпазир таъсис дода шаванд, ки метавонанд амнияти озуқавории минтақаро таъмин кунанд ва сатҳи зиндагии аҳолии деҳотро баланд бардоранд.

Татбиқи механизмҳои пешниҳодшудаи дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ба кластерикунонии бомуваффақияти соҳаи чорводорӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда мусоидат хоҳад кард.

АДАБИЁТ

1. Porter, M. E. (1998). Clusters and the new economics of competition. *Harvard business review*, *76*(6), 77-90.

2. Rosenfeld, R.A. (1995). Business clusters: The enterprise development approach to economic growth. *Journal of business venturing*, *10*(3), 225-232.
3. Боговиз, А.В. (2010). Инвестиционные приоритеты регионального развития. *Региональная экономика: теория и практика*, (3), 2-7.
4. Убайдуллоев, Ф.К. Тазодҳои муосири ҷаҳонишавии молиявӣ: номувофиқатии манфиатҳои кишварҳои постиндустриалӣ ва тоиндустриалӣ. Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2024. – No. 1-4(128). – P. 551-557. – EDN LNGGLF.
5. Солеҳзода, А.А., Саидов Қ.Т. Ҷанбаҳои назариявӣ ва тамоюлоти асосии ҳаракати байналмилалии сармоя. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №. 1. – С. 53-62.
6. Содиқов, М.С., Сафаров А.А. Таҷрибаи Ҷаҳонии ташаккулёбӣ ва рушди сармоягузории мустақими хориҷӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – No. 9. – P. 228-233. – EDN QBPOJA.
7. Шарипов, А.Ф. Проблемы радикальных преобразований. Кишоварз. – Душанбе, 1998. - № 2. - С.12-16.
8. Пиризода Д.С., Хусайнов М.Н. Теоретические основы территориальной организации производства и региональной кластерной политики / Д.С. Пиризода, М.Н. Хусайнов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. - № 5-1. - С. 66 -71.
9. Раҳимова Н.Ш. Хусусиятҳо ва сохтори механизми амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ. Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2019. - № 1 (78). – С. 84-94.
10. Обидов Ф.Ф. Анализ состояния инвестиционных проектов Хатлонской области: новые реалии и перспективы. Вестник Таджикского национального университета. Серия социально- экономических и общественных наук. - 20 20. - № 10 /2 . – С. 203 - 209.

АННОТАЦИЯ

МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ И ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОПРЕДЕЛЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННЫХ ПРИОРИТЕТОВ В ПРОЦЕССЕ КЛАСТЕРИЗАЦИИ ЖИВОТНОВОДЧЕСКОЙ ОТРАСЛИ В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

В статье рассматривается актуальность формирования региональных инвестиционных приоритетов на основе кластеризации животноводческой отрасли. Особое внимание уделяется потенциалу кластерного подхода, для повышения эффективности использования бюджетных средств, роста конкурентоспособности отрасли, привлечения инвестиций и обеспечения продовольственной безопасности. На основе анализа степени изученности темы обосновывается научная новизна исследования, заключающаяся в комплексном изучении данного вопроса на материалах Хатлонской области Республики Таджикистан. Определены объект и предмет исследования.

Ключевые слова: *инвестиционные приоритеты, кластеризация, животноводческая отрасль, региональное развитие, Хатлонская область.*

ANNOTATION:

METHODOLOGICAL AND THEORETICAL FOUNDATIONS FOR DETERMINING INVESTMENT PRIORITIES IN THE CLUSTERIZATION OF THE LIVESTOCK INDUSTRY IN KHATLON REGION

The article considers the relevance of the formation of regional investment priorities based on clusterization of the livestock industry. Special attention is paid to the potential of the cluster approach to increase the efficiency of using budget funds, increase the competitiveness of the industry, attract investment and ensure food security. Based on the analysis of the degree of study of the topic, the scientific novelty of the study is substantiated, which consists in a comprehensive study of this issue based on the materials of the Khatlon region of the Republic of Tajikistan. The object and subject of the study are defined.

Keywords: *investment priorities, clusterization, livestock industry, regional development, Khatlon region.*

Сведения об авторе:

Давлатов Гулахмад Пирахмадович - старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета и аудита Кулябского государственного университета имени Абуабдулох Рудаки. 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16, Email: Gulahmad_ddk@ mail.ru.тел: (+992) 985-07-82-07.

Information about the author:

Davlatov Gulakhmad Pirahmadovich – Senior teacher, Department of Accounting and Auditing, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S.Safarov Street 16, E-mail: Gulahmad_ddk@mail.ru tel: (+992) 985-07-82-07.

ТДУ.339.16

МОДЕЛИ ҶОРӢ НАМУДАНИ ШАКЛҲОИ БОЗОРИИ ҲАВАСМАНДГАРДОНӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

Курбонова Ф.К. - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *корхонаи кишоварзӣ, модел, ҳавасмандгардонӣ, механизми ташкилию иқтисодӣ, маркетинг, баҳои иқтисодии замин, технологияи инноватсионӣ, марказҳои агрологистикӣ, технологияи рақамӣ.*

Имрӯз барои корхонаҳои кишоварзӣ таъмин намудани аҳолии мамлакат бо маҳсулоти озуқаворӣ, саноат бо ашёи хом, афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии аз нигоҳи экологӣ тозаю рақобатпазир, коркарди маҳсулоти кишоварзии ба талаботҳои меъёри стандартии ҷаҳонӣ ҷавобгӯ, ба содирот баровардани маҳсулоти кишоварзию коркардшуда ва мустаҳкам намудани мавқеи худ дар бозорҳои дохилию хориҷӣ, ки онҳо заминаи асосии рушди самараноки онҳоро ташкил медиҳанд, масъалаи аввалиндараҷаи фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ бо шароити табиию иқлимӣ ва хавфҳо зич вобаста буда, дараҷаи хавф дар он нисбат ба дигар соҳаҳо баландтар мебошад ва ба хавфҳои маъмултарин хавфҳои шароити обу ҳаво ва иқлим, рақобат дар бозор, хавфҳои молиявӣ, технологӣ, хавфи ба фурӯш нарафтани маҳсулот ва дигарҳо шомил мебошанд. Ҳалли ин масъалаҳо бо масъалаи ҷорӣ намудани шаклҳои бозории ҳавасмандгардонӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ вобаста мебошад.



**Таҳияи муаллиф*

Расм. - Модели ҷорӣ намудани шаклҳои бозории ҳавасмандгардонӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ

Хусусияти муҳимми ҷорӣ намудани шаклҳои бозории ҳавасмандгардонӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ аз он иборат аст, ки имрӯз дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйироти куллӣ дар бозори ҷаҳонӣ рақобат шиддат гирифта истодааст ва ҷорӣ намудани

шаклҳои бозории ҳавасмандгардонӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ самараноктарин воситаи рақобат мебошад, зеро он боиси коҳишёбии арзиши аслии маҳсулот, афзоиши ҳаҷм ва зиёд шудани самараи истеҳсолоти кишоварзӣ мегардад, ки ин дар навбати худ ба ҷалби сармоя таъсир мерасонад.

Самаранокии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, пеш аз ҳама, бо ҷорӣ намудани шаклҳои бозории ҳавасмандгардонӣ дар фаъолияти онҳо вобаста мебошад. Аз ин лиҳоз, ҷорӣ намудани шаклҳои бозории ҳавасмандгардонӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, ки мақсади он беҳтар кардани шароити муфиди иқтисодӣ барои фаъолияти самараноки корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси такмили механизми ташкилию иқтисодӣ мебошад, яке аз масъалаи рӯзмарра ба ҳисоб меравад ва муаллиф модели онро таҳия намудааст, ки вай дар расм нишон дода шудааст.

Механизми ҷорӣ намудани шаклҳои бозории ҳавасмандгардонӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ механизми ташкилию иқтисодӣ буда, он барои расидан ба мақсади гузошта шуда мусоидат менамояд. Барои ҷорӣ намудани шаклҳои бозории ҳавасмандгардонӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ нақши асосиро роҳҳои амалисозии модели мазкур мебозад, зеро ин роҳҳо барои расидан ба мақсади гузошта шуда мусоидат намуда, барои рушди самараноки фаъолияти онҳо заминаи мусоид мегузорад.

Идома додани баҳои иқтисодии заминҳои кишоварзӣ яке аз роҳҳои амалисозии модели мазкур буда, мақсади асосии он муайян намудани арзиши воқеии заминҳои кишоварзӣ вобаста ба баҳои сифатии хок ва хусусиятҳои технологии он, самаранокии хароҷот, минтақаи ҷойгиршавии он, шароитҳои табии-иқлимӣ ва таъминоти замин бо об ва ғайраҳо мебошад.

Он барои муайян намудани нишондиҳандаҳои дақиқи омории ҳосилнокӣ, маҳсулнокии замин, хароҷотҳо барои истифодабарии он ва даромади фоиданокии ҳисобӣ, ки шароити хоку иқлимию иқтисодӣ ва қонуниятҳои территориявии минтақаҳои кадастрӣ имконият додааст, асос мегардад.

Нишондиҳандаҳои баҳои иқтисодии заминҳои кишоварзӣ, шароити ҳақиқии истифода намудани заминро дар корхонаҳои кишоварзии шаҳру ноҳияҳо ифода карда, ҳамчун пойгоҳи меъёрӣ барои баҳо додан ба ҳолати заминҳои кишоварзию муайян кардани андозбандии заминҳои кишоварзӣ истифода бурда мешавад.

Он аз маълумотҳои ҳисобӣ ба монанди ҳосилнокии баҳодиҳӣ, ки дар асоси арзиши баҳои сифатии хок (с/балл), маҳсулнокии баҳодиҳии як гектар замини кишоварзӣ, хароҷотҳои як гектар ва нархи фурӯши як сентнер маҳсулоти растанипарварӣ ва хусусиятҳои технологии хоки минтақаи кадастрии шаҳру ноҳияҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ асос меёбад.

Баҳои иқтисодии заминҳои кишоварзӣ имконияти муайян намудани арзиши воқеии заминҳои истифодашавандаро вобаста аз ҳосилхезӣ, хусусияти технологии хок ва самаранокии хароҷот фароҳам оварда, имконият медиҳад, ки барномаи тақсими оқилонаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ байни истифодабарандагони он таҳия карда шуда, меъёри андози соддакардашуда барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз заминҳои кишоварзӣ муайян карда шавад. Дар натиҷа, ҳавасмандӣ ва масъулияти истифодабарандагони заминҳои кишоварзӣ баланд гардида, шароити мусоид барои нигоҳдорӣ, баланд бардоштани ҳосилхезии онҳо муҳайё мегардад, ки он ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ оварда мерасонад ва самаранокии истифодабарии он таъмин карда мешавад.

Дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ роҳи дигари амалисозии ин модел вусъат додани истифодаи технологияи инноватсионӣ мебошад, ки вай яке аз воситаи асосии баланд гаштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзию ба тағйирёбии муҳити иҷтимоию иқтисодӣ, экологӣ мутобиқшавии корхонаҳои кишоварзӣ мебошад, ки барои афзуншавии маҳсулнокии меҳнат, истифодаи самараноки иқтидорҳои меҳнатию техникӣ ва фаъолияти босамари корхонаҳои кишоварзӣ шароити мусоидро таъмин менамояд ва дар натиҷа истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ афзун гардида, ниёзи аҳолии кишвар бо маҳсулоти

кишоварзию маҳсулоти аз коркарди онҳо пайдо гардида, соҳаи саноати сабук бо ашёи хоми хушсифат иҷро мегардад.

Роҳи дигари амалисозии модели мазкур ташкили марказҳои агрологистикӣ барои корхонаҳои кишоварзӣ мебошад, ки вай баландшавии рақобатпазирии маҳсулотҳои кишоварзӣ, беҳтар шудани ҳолати молиявӣ, ҷалби сармоя, тақсимоту фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, баромадан ба бозори хориҷиро таъмин намуда, корхонаҳои кишоварзиро вазифадор мекунад, ки талаботи реалии мизоҷонро муайян карда, мувофиқи талаботи онҳо маҳсулоти хушсифатро истеҳсол карда, онро ба ҷойи даркорӣ, дар вақташ ва ба миқдори зарурӣ дастрас намоянд.

Имрӯз ҳамкории миёнаравони тиҷоратӣ бо корхонаҳои кишоварзӣ масъалаи хеле мураккаб буда, он дар навбати аввал бо талаботҳои доимо зиёдшавандаи онҳо ба маҳсулотҳои кишоварзӣ алоқаманд аст. Барои пешниҳод намудани маҳсулоти худ ба миёнаравони тиҷоратӣ корхонаҳои кишоварзӣ маҷбуранд, ки хароҷотро барои борҷомакунонӣ, тамғазанӣ, гузаронидани аксияҳои маркетингӣ, мерчандайзинг ва ғайра зиёд намоянд. Аз як тараф, зиёдшавии талабот барои корхонаҳои кишоварзӣ шароити ҳавасмандиро ба мукаммалгардонии доимии фаъолияти онҳо, баланд бардоштани тавсифи сифатии маҳсулоти кишоварзӣ ва баромадан ба бозорҳои нав фароҳам меорад. Аз тарафи дигар ҳолатҳое мешаванд, ки ин меъёрҳо ғайриобъективона зиёд шуда, метавонанд барои корхонаҳои кишоварзӣ монеа эҷод намоянд.

Марказҳои агрологистикӣ барои корхонаҳои кишоварзӣ ин низоми маҷмӯйи анбории маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳудуди корхонаҳои кишоварзӣ мебошад, ки дар он занҷираи логистикии якҷоя карда шуда унсурҳои коркарду ба навъҳо ҷудо намудан, борҷомакунонию нигоҳдорӣ ва фуруши маҳсулотҳои кишоварзӣ доро мебошад. Онҳо дар ҳамкории бевосита бо корхонаҳои кишоварзӣ бурда расонидани маҳсулоти кишоварзиро то ба истеъмолкунандаи охирин ба воситаи савдои молию-биржавӣ таъмин менамоянд.

Ҳадафи асосии ташкили марказҳои агрологистикӣ барои корхонаҳои кишоварзӣ аз ташкили муносибатҳои иқтисодӣ байни корхонаҳои кишоварзӣ ва истеъмолкунандагон иборат буда, коҳишдиҳии хароҷотҳои транзаксионӣ дар низоми ҳаракати маҳсулотҳои кишоварзӣ бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, ташкили низоми пайгирии маҳсулоти озуқаворӣ кафолати сифат ва бехатарии маҳсулоти кишоварзиро таъмин мекунад.

Дар натиҷаи ташкил кардани марказҳои агрологистикӣ барои корхонаҳои кишоварзӣ муносибатҳои иқтисодӣ байни корхонаҳои кишоварзию истеъмолкунандагон мустаҳкам мегардад, хароҷотҳои транзаксионӣ кам гардида, рақобатпазирию сифати маҳсулоти кишоварзӣ баланд мешавад, низоми пайгирии маҳсулоту кафолату бехатарии маҳсулотҳои кишоварзӣ таъмин гардида, занҷири назоратнашавандаи миёнаравон байни корхонаҳои кишоварзию истеъмолкунандагон аз байн рафта, имконияти бо воситаи ин марказҳо пешниҳод намудани маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои дохилию хориҷӣ пайдо мегардад.

Такмили фаъолияти маркетингӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ роҳи дигари амалисозии модели мазкур буда, он дар инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ дар иқтисодиёти корхонаҳои кишоварзӣ мавқеи хосса дошта, барои бо муваффақият гузаронидани фаъолият дар бозор барои истифодаи тарзу усулҳои нави фуруш саҳмгузор мебошад. Вазъи бозор ва муҳити он корхонаҳои кишоварзиро маҷбур месозад, ки чорабиниҳои маркетингиро дар вақти лозимӣ ва бо сарфи маблағи муайян гузаронанд. Ба назар нагирифтани принсипҳои асосии маркетинг, сабаби беасосии нархи маҳсулоти кишоварзӣ мегардад.

Роҳи дигари амалисозии модел такмили ҳамкории корхонаҳои кишоварзӣ бо корхонаҳои тиҷоратӣ буда, он бо мақсади таъмини тиҷорати устувори маҳсулоти кишоварзӣ ва воситаҳои гардон пешбинӣ шудааст. Барои хуб ба роҳ мондани ин самт корхонаҳои кишоварзӣ бо корхонаҳои тиҷоратӣ шартномаи ҳамкорӣ баста, фуруши маҳсулоти кишоварзиро дар нуқтаҳои фуруши тиҷоратӣ таъмин менамоянд.

Дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ роҳи дигари амалисозии ҷорӣ намудани шаклҳои бозории ҳавасмандгардонӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ такмили

ҳамкории шарикии давлат ва бахши хусусӣ буда, он бо мақсади ҳамкории онҳо барои маблағгузории лоиҳаҳо ва ҷалби сармоя барои фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ пешбинӣ гардида, барои фароҳам овардани шароити муфиди иқтисодӣ, баланд намудани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, таъмини фаъолияти устувори корхонаҳои кишоварзӣ ва хизматрасониҳои гуногун зери назорати давлат нигаронида мешавад.

Роҳи дигари амалисозии модели мазкур ҳамкории корхонаҳои кишоварзӣ бо муассисаҳои илмию таълимӣ буда, он барои дар амал истифода намудани дастовардҳои илмӣ, пешниҳоду тавсияҳои мушаххаси аз нуқтаи назари илмӣ асоснок, омода кардани мутахасисони баландихтисоси соҳавӣ пешбинӣ шуда, дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ шароит барои истифода кардани технологияи пешқадами соҳавӣ, ҷалб намудани мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ муҳайё гардида, вай ба рушди инфрасохтори деҳот мусодат мекунад.

Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ яке аз роҳи нави амалисозии модели мазкур буда, вай унсури калидию қувваи асосии пешбарандаи фаъолияти устувори корхонаҳои кишоварзӣ буда, истифодаи хизматрасониҳои электронӣ мебошад, ки вай робитаи мустақимро ба вуҷуд оварда, асоси фаъолияти босамари корхонаҳои кишоварзиро ташкил дода, метавонад муносибатҳои мавҷудаи иқтисодии онҳоро дигаргун кунад. Вай имконият медиҳад, ки дар баробари таъмини самаранокии равандҳои истеҳсолот ва тиҷорат ба ҳолати фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ таъсир расонида, рақобатпазирии маҳсулоти онҳоро таъмин намуда, корхонаҳои кишоварзиро ба марҳилаи имрӯзаи рушди тамаддуни ҷаҳонӣ равона кунад ва ба сиёсати имрӯзаи кишвар мусоидат менамояд.

Технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ *яке аз самти рӯзмарраю ҳаётан зарур ба шумор меравад* ва истифодаи онро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2019 қайд кардаанд, ки “Ҳукумати мамлакат, вазифадор карда мешавад, ки бо мақсади ҳарчи зудтар ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ки дар Паёми соли гузашта таъкид гардида буд, консепсияи иқтисодиёти рақамӣ ва дар асоси он барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодиёти рақамиро қабул ва амалӣ созад. Мақомоти давлатӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ва рақамигардонии фаъолияти идоракуниву истеҳсолот бояд сиёсати ягонаи иқтисодиро танҳо бо истифодаи механизм ва шаклу усулҳои муосир ба танзим дароранд” [1].

Инчунин зарурияти дар истеҳсолот истифодаи онро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ– Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон *дар ҷаласаи нахустини Шӯрои* назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ илм, маориф ва инноватсия” таъкид карданд, ки *«Замони муосир талаб мекунад, ки тамоми равандҳои иқтисодӣ ва хизматрасонӣ тавассути истифода аз технологияҳои рақамӣ ва иттилоотиву иртиботӣ дар заминаи инфрасохтори иттилоотӣ роҳандозӣ карда шаванд».*

Дар натиҷаи амаликунии ҷорӣ намудани шаклҳои бозории ҳавасмандгардонӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ масъалаҳои зерин ҳалли худро меёбанд:

- беҳтар шудани шароити муфиди иқтисодӣ барои корхонаҳои кишоварзии ҳамаи шаклҳои моликият ва хоҷагидорӣ;
- баланд бардоштани самаранокии хоҷагидорию молиявӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ;
- таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои кишоварзӣ;
- таъмини қонеъгардонии талаботи бозори ҷаҳонӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ;
- баландбардории ҳавасмандии моддии кормандон барои афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ;
- таъмини корхонаҳои кишоварзӣ бо технологияҳои иттилотию иртиботии замонавӣ барои ба роҳ мондани тиҷорати электронӣ;
- таъмини азнавсозии сифатноки пойгоҳи моддию техникии корхонаҳои кишоварзӣ.

Ҳамин тариқ, амалӣ кардани модели ҷорӣ намудани шаклҳои бозории ҳавасмандгардонӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ба беҳтар шудани шароити муфиди иқтисодӣ оварда мерасонад, ки дар натиҷа ҳавасмандии моддии кормандону самаранокии фаъолияту молиявии корхонаҳои кишоварзӣ баланд гардида, қонеъгардонии талаботи бозори ҷаҳонӣ бо маҳсулоти кишоварзии рақобатпазир, ба роҳ мондани тиҷорати электронӣ ва мустаҳкамкунии сифатноки пойгоҳи моддию техникии корхонаҳои кишоварзӣ таъмин шуда, боиси афзоиши маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тозаю рақобатпазири ватанӣ гардида, имконияти ба содирот баровардани он ва саноатро бо ашёи хоми ҷавобгӯ ба талаботҳои меъёри стандартии ҷаҳониро таъмин намуда, ба таъмини аҳолии деҳот бо кори доимӣ мусоидат менамояд ва ба баланд шудани иқтисодиёти корхонаҳои кишоварзӣ шароит муҳайё месозад ва ба ҳалли масъалаи таъмин шудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, ки дар «Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030» инъикос шудааст, ҳиссаи худро мегузорад.

АДАБИЁТ:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» шаҳри Душанбе, 26 декабри 2019 // Душанбе, Шарқи озод.- 2019. – 47 с.
2. Қурбонова Ф.К. Асосҳои назариявии ташкили марказҳои агрологистикӣ ҳамчун омилҳои рушди корхонаҳои кишоварзӣ / К.Ю. Қурбонов, Ф.К. Қурбонова // Гузоришҳои Академияи кишоварзии Тоҷикистон. – 2021. - №1 (67) 2021, саҳ. 80-87. ISSN 2218-1814.
3. Курбонова Ф.К. Истифодаи технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ “Масъалаҳои муосири математика, механика ва информатика”, бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва 80-солагии профессор Боймурод Алиев, ДМТ, факултети механикаю математика, кафедраи математикаи ҳисоббарорӣ ва механика. Душанбе. – 2025, саҳ. 350-353.

АННОТАЦИЯ

МОДЕЛЬ ВНЕДРЕНИЯ РЫНОЧНЫХ ФОРМ СТИМУЛИРОВАНИЯ В ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

В статье рассматривается модель внедрения рыночных форм стимулирования в деятельности сельскохозяйственных предприятий. Автор подтверждает, что эффективность деятельности сельскохозяйственных предприятий зависит, прежде всего от внедрения рыночных форм стимулирования в их деятельность. В результате реализаци модели внедрения рыночных форм стимулирования в деятельность сельскохозяйственных предприятий приводит к улучшению благоприятной экономической конъюнктуры, что, в свою очередь, повышает материальную мотивацию работников и производственно-финансовую эффективность сельскохозяйственных предприятий, способствуя решению задачи обеспечения продовольственной безопасности и доступа населения к качественному продовольствию, что отражено в «Национальной стратегии развития Республики Таджикистан до 2030 года».

Ключевые слова: *сельскохозяйственные предприятия, модель, стимулирования, организационно экономический механизм, маркетинг, экономическое оценка земли, агрологистические центры, цифровая технология.*

ANNOTATION

MODEL OF IMPLEMENTATION OF MARKET FORMS OF STIMULATION IN THE ACTIVITIES OF AGRICULTURAL ENTERPRISES

The article considers the model of implementation of market forms of incentives in the activities of agricultural enterprises. The author confirms that the efficiency of agricultural enterprises depends, first of all, on the implementation of market forms of incentives in their activities. As a result, the implementation of the model of implementation of market forms of incentives in the activities of agricultural enterprises leads to an improvement in the favorable economic situation, which, in turn, increases the material motivation of workers and the production and financial efficiency of agricultural enterprises, contributing to the solution of the problem of ensuring food security and access of the population to quality food, which is reflected in the "National Development Strategy of the Republic of Tajikistan until 2030".

Keywords: *agricultural enterprises, model, incentives, organizational and economic mechanism, marketing, economic assessment of land, agro-logistics centers, digital technology.*

Сведение об авторе:

Курбонова Фарзона Кенджаевна – ассистент кафедры маркетинга и агробизнеса Таджикского аграрного университета имени Шириншох Шотемур, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 146. Телефон: 008-08-20-60

Information about the author:

Kurbonova Farzona Kenjaevna – assistant of the Department of Marketing and Agribusiness of the Tajik Agrarian University named after Shirinshokh Shotemur, Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 146. Phone: 008-08-20-60

ТДУ:33.336(575.3)

БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ, САМТИ АСОСИИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

Абдуалимов Ф.Ҷ. Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *сармоягузорӣ, сармояи хориҷӣ, кишоварзӣ, молиявӣ, лизинги молиявӣ, дастгирии андозӣ, тахфифҳои гумрукӣ, истеҳсолот.*

Доир ба назарияи сармоягузорӣ ва баҳои ҳолати муосири он дар соҳаи кишоварзӣ таҳқиқот анҷом дода, дар ин мақолаи илми беҳтар намудани фазои сармоягузориро чун самти асосии такмили сармоягузории соҳаи кишоварзӣ мавриди таҳқиқот қарор додем. Ҳолати муосири рушди истеҳсолоти кишоварзиро ҳам дар сатҳи кишвар ва ҳам дар сатҳи минтақаҳои алоҳида бе ҷалби сармоягузориҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат таъмин намудан аз имкон берун аст.

Модели рушди иқтисодиёти кишоварзӣ бо ҷалби сармоягузориҳои давлатӣ, дохили хоҷагӣ, дохили минтақавӣ, сармояи қарзӣ, лизинги молиявӣ, сармояи хориҷӣ метавонад масъалаҳои рушди иқтисодии соҳа ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама бунёди ҷойҳои кории навро таъмин намояд.

Сармоягузори дохилӣ ва хориҷӣ қабл аз қабули қарори сармоягузорӣ нишондиҳандаҳои зерин: вазъи сиёсии дохилӣ (ҷангҳои шаҳрвандӣ, корпартоиҳо ва ғ.), сатҳи ҳимояи ҳуқуқии сармоягузор, низоми бақайдгирӣ, дастгирии андозӣ, тахфифҳои гумрукӣ, бо техника муҷаҳаз будани истеҳсолот, сатҳи таъминот (тухмӣ, сӯзишворӣ, нуриҳо ва заҳрхимикатҳо), сармоягузорӣ аз ҳисоби буҷет, қарзгузорӣ, лизинги молиявӣ ва дигар бартариҳои соҳаро ба назар мегирад. Бо назардошти ҳолати мавҷуда сармоягузорон рейтинги ҷолибияти сармоягузории ҳар як соҳаро муайян намуда ба он баҳо медиҳанд ва тибқи он маълумотнома таҳия намуда барои истифодабарӣ пешниҳод менамоянд.

Дар шароити кунунӣ намудҳои гуногуни баҳои ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ истифода мешаванд, вале на ҳамаашон баҳои ҳақиқӣ дода метавонад. Баъзеяшон маълумотҳое пешниҳод менамоянд, ки наметавонанд ба ҷолибияти сармоягузории соҳа баҳои объективӣ диҳанд. Аз ин ҷост, ки дар аксари холатҳо онҳо ба талаботи сармоягузор ва масъулини соҳа мувофиқ нестанд, зеро онҳо аз чанд нишондиҳанда иборат буда, имкониятҳои соҳа ва хавфҳои эҳтимолиро муайян карда наметавонанд.

Аксари методҳои универсалӣ барои баҳо додани ҷолибияти сармоягузории дар тамоми соҳаҳо ва ҳатто дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон истифодашаванда, наметавонанд хусусиятҳои соҳаҳои алоҳидаро ба эътибор гиранд. Аз ин ҷо методикаи муайян намудани ҷолибияти сармоягузории соҳаҳои алоҳида бо назардошти хусусиятҳои ҷуғрофӣ, иқлимӣ, таъмини захираҳои моддӣ ва меҳнатӣ бояд истифода шаванд, ки ба сармоягузорон имконият диҳад, қарори иҷрошавандаи сармоягузориро қабул намоянд. Дар амалия чунин методҳои хориҷии баҳои ҷолибияти сармоягузорӣ, аз ҷумлаи методикаи мактаби бизнеси Гарвард, методикаи баҳои ҷолибияти сармоягузории Россия, баҳои қарзи устувории молиявии минтақа Standard and Poor's), методикаи ҷолибияти сармоягузории «Эксперт-Ра", методикаи И. А. Бланк, методикаи А. Серпилин ва диг [1] истифода мешаванд.

Умумияти методҳои пешниҳодшуда дар он таҷассум меёбад, ки сарчашмаи баҳодиҳӣ нишондиҳандаҳои оморӣ ва ҳаҷми фаъолияти сармоягузорӣ, хуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳисоботҳои соҳаҳои алоҳида ба ҳисоб мераванд. Методҳои мавриди назар ҳисоботҳои экспертию таҳлилии берунаро истифода намебаранд ва аз ин ҷо мутассаддиёни соҳаҳо имкониятҳои худро аз будаш беҳтар нишон медиҳанд, ки масъалаи объективии таҳқиқотро зери савол мегузорад.

Мавқеи муҳимро дар муайян намудани рейтинги соҳаҳо баҳои экспертӣ мебозад. Гурӯҳи экспертҳо нишондиҳандаҳо ва индикаторҳои онро муайн менамоянд ва таҳлил

гузаронида натиҷаи онро муайян намуда, ба сатҳи ҷолибияти сармоягузорӣ баҳо медиҳанд. Масъалаи муҳим дар ин ҷо интихоби индикаторҳо мебошад, ки тавонад хусусиятҳои соҳаро пурра ба назар гирад. Ҳангоми муайян намудани рейтинги соҳаи кишоварзи чунин масъалаҳо ба назар гирифта мешавад:

- нишондиҳандаҳои асосӣ ва индикаторҳои баҳои он, ки тавонад хусусиятҳои соҳаро ба назар гирад;
- ҳиссаи ҳар як нишондиҳанда дар ҷолибияти сармоягузории соҳа;
- таҳлил ва муқоисаи нишондиҳандаҳои таҷассумкунандаи ҳолати иқтисодии соҳа ва ҳиссаи он дар ҷолибияти сармоягузорӣ;
- дар охир нишондиҳандаи ҷамъбастии ҷолибияти сармоягузории соҳа муайян карда мешавад.

Бо истифода аз методологияи STEP –таҳлил мо омилҳои ба дурнамои ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ таъсиррасонро то давраи соли 2030 муайян менамоем. Аз ҳамаи омилҳои ба фазои сармоягузории кишоварзии Тоҷикистон таъсиррасонро 10 омили таъсири бештар доштаро ҷудо намуда, аз рӯи 10 холи максималӣ баҳо дода, дурнамои он муайян карда шуданд.

Яке аз онҳо вазъи сиёсии дохилии кишвар ба ҳисоб меравад, зеро дар ҳолати ноамнии сиёсӣ, аз ҷумлаи ҷангҳои шаҳрвандӣ, корпартоиҳо, муқовиматҳои сиёсии ҳизбӣ ва мазҳабӣ ба ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ умед бастан мумкин нест ва касе дар ин ҳолатҳо манфиатдор нест, ки сармоягузорӣ намояд.

Хушбахтон,а дар солҳои охир вазъи сиёсии дохилии кишвар ором аст ва муносибат бо мамлакатҳои ҳамсоя низ беҳтар шуда истодааст, ки наметавонад омили боздорандаи фазои сармоягузории кишоварзӣ гардад. Бинобаи ин, дар ояндаи наздик то соли 2030 ин омил бо 10 холи максималӣ баҳогузорӣ карда шуд. Дигар омили беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ сатҳи ҳимояи ҳуқуқии сармоягузор ба ҳисоб меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқии ташкили соҳибкорӣ мавҷуд аст. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ” (аз 2.12.02с, №68), (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2002, №11, мод. 687), “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ” (аз 1.08.03с, №45) “Дар бораи санҷиши субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ“.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” принсипҳои умумӣ, шаклҳо ва самтҳои сиёсатро дар сатҳи давлатӣ муайян мекунад ва аз ҷиҳати функсионалӣ мо тамоми системаи тадбирҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкориро тасниф мекунад [2].

Ягон ҳуҷҷати меъёрии ҳуқуқии маҳдудкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ мавҷуд нест, аз ин ҷо мо ба ин омил то соли 2030-юм 10 хол раво дидем.

Дигар омили фазои сармоягузорӣ низоми бақайдгирӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ин ҷода Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми шароитҳоро муҳайё намудаанд, ки соҳибкори кишоварзӣ дар як муддати кӯтоҳ метавонад хоҷагии худро ба қайди давлатӣ гирад ва бо назардошти ин то соли 2030 монеае дар назар дошта нашудааст ва аз ин ҷо ба он 10 хол гузошта шудааст.Омилҳои дигар ба дурнамои нишондиҳандаҳои сармоягузорӣ вобаста аст, ки динамикаи тағйирёбии он дар ҷадвали 1 оварда шудаанд, ки бо истифода аз методи таҳлилию оморӣ ҳисоб карда шудаанд.

Омили дигари ба фазои сармоягузорӣ таъсиррасон дастгирии андозии фаъолияти соҳибкории кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳои гузаронида нишон медиҳанд, ки новобаста аз он ки соҳаи кишоварзӣ тибқи боби 53-и Кодекси нави андоз”Низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ”, ки ба дигар фаъолиятҳо машғул нестанд “Маблағи андози ягонаи кишоварзӣ аз натиҷаҳои фаъолияти андозсупоранда вобастагӣ надошта, дар шакли пардохти устувор барои воҳиди масоҳати замин ба ҳисоби як сол муқаррар карда мешавад”, вале тибқи таҳлилҳо ошкор карда шуд, ки хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва кооперативҳои тиҷоратӣ ба ғайр аз андози ягона пардохтҳои дигари ғайриандозӣ менамоянд.

Нишондиҳандаҳо	2023	2024	2025	2026	2027	2028	2029	2030
Маблағгузории соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби буҷет, млн. сомонӣ	1635,0	1424,8	1871,8	2399,6	3169,9	4044,8	4906,3	6285,0
Динамикаи ҳамасолаи рушд, %	159,1	87,1	131,4	128,2	132,1	127,6	121,3	128,1
Сармоягузориҳои Мустақими хориҷӣ, ҳамагӣ,млн.долл.ИМА	284,1	348,9	428,4	526,1	646,1	793,4	974,3	1196,4
Динамикаи ҳамасолаи рушд, %	45,9	122,8	122,8	122,8	122,8	122,8	122,8	122,8
Сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ, млн. сомонӣ	114,9	145,2	165,3	194,2	228,2	267,2	316,6	370,1
Динамикаи ҳамасолаи рушд, %	110,0	126,4	114,0	117,5	117,5	117,1	118,5	116,9
Қарзгузории бонкҳо	2734,4	2980,5	3114,6	3301,5	3460,0	3660,7	3847,4	4047,5
Динамикаи ҳамасолаи рушд, %	109,0	104,5	104,5	106,0	104,8	105,8	105,1	105,2
Лизинги молиявӣ, млн. сомонӣ	45,6	48,4	51,9	55,5	57,9	59,6	62,9	66,3
Динамикаи ҳамасолаи рушд, %	89,6	106,1	107,3	107,0	104,4	102,9	105,5	105,4
Қарздории хоҷагиҳои кишоварзӣ аз рӯи уҳдадорӣ,млн сомонӣ	3071,8	3978,0	4300,2	4721,6	5099,3	5655,1	6407,2	7047,9
Динамикаи ҳамасолаи рушд, %	99,3	129,5	108,1	109,8	108,0	110,9	113,3	110,0

Ҷадвали 1.-Дурнамои нишондиҳандаҳои ба ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиррасон то давраи соли 2030

Сарчашма: *Ҳисобҳои муаллиф*

Ин пардохтҳо (андози ягона аз замин, андоз аз даромади раиси кооператив (12%), андози иҷтимоии раиси кооператив (20%),андоз аз даромади аъзоёни кооператив (12%), андоз аз даромади чидани пахта (12%), андози иҷтимоӣ аз чидани пахта, андоз аз даромади хизматрасонии техникӣ, андози иҷтимоӣ), ки ба як сомонӣ даромади кооперативи тиҷоратӣ 18,1 дирам, ё ба 18,1 фоизи даромади умумии хоҷагӣ баробар аст.

Маҳз баланд будани пардохтҳои андозӣ ва ғайриандозӣ омили асосиест, ки ҷолибияти сармоягузориро ба соҳаи кишоварзӣ паст менамояд.

Тибқи моддаи 201-и Кодекси амалкунандаи андоз барои баланд бардоштани ҳавасмандии сармоягузорон ҳангоми сармоягузориҳо аз чунин тахфифҳо истифода намояд. “2. Тарҳи сармоягузорӣ аз рӯйи меъёрҳои зерин амалӣ карда мешавад: 1) 10 фоиз аз арзиши:

- таҷҳизоти технологии нав – таҷҳизот, дастгоҳҳо, қисмҳо ва механизмҳое, ки андозсупоранда дар раванди истеҳсоли мол (кор, хизматрасонӣ) истифода мебарад ва аз рӯзи бароориши онҳо на бештар аз се сол гузаштааст;
- азнавтаҷҳизонӣ (муосиркунӣ) – корҳои вобаста ба тағйир додани таъиноти технологӣ ё хизматии воситаҳои асосие, ки ба баланд бардоштани ҳосилнокӣ ё беҳтаркунии дигар хусусиятҳои сифатии онҳо равона гардидааст;
- азнавтаҷҳизонии техникӣ ва (ё) технологӣ-маҷмуи чорабиниҳо ҷиҳати баланд бардоштани нишондиҳандаҳои техникӣ -иқтисодии воситаҳои асосӣ ё қисмҳои алоҳида бо роҳи ҷорӣ намудани техника ва (ё) технологияи пешқадам, механизатсия ва автоматикунонии истеҳсолот, иваз намудани таҷҳизоти куҳнашуда ва (ё) фарсудашуда ба таҷҳизоти нави маҳсулноктар, инчунин ташкил ва васеъ кардани истеҳсолоти амалкунанда;
- маблағи барои пешниҳоди таъминоти барномавии истеҳсоли ватанӣ дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба ташкили низоми иттилоотӣ ;2) 5 фоиз аз арзиши:
- азнавсозии биною иншоот, ки дар раванди истеҳсолот истифода мешаванд;
- азнавсозии биною иншооти мавҷудаи дар истеҳсоли молҳо ва хизматрасонӣ истифодашаванда (зиёда аз 50 фоиз навкунии биною иншоот аз рӯйи масоҳат), ки ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои техникӣ -иқтисодии воситаҳои асосӣ дар доираи лоиҳаи таҷдид ва азнавтаҷҳизонии иқтидори истеҳсолӣ равона гардидаанд;
- васеъ кардани истеҳсолот дар шакли сохтмони нав – сохтмони биною иншооти нав бо мақсади истифодаи онҳо дар раванди истеҳсоли мол ё хизматрасонӣ.

3. Ҳиссаҷудокуниҳои сармоягузорӣ дар давраи ҳисоботие амалӣ карда мешаванд, ки дар он таҷҳизоти технологии нав ба истифода дода шудааст ё азнавтаҷҳизонӣ (муосиркунӣ), азнавтаҷҳизонии техникӣ ва (ё) технологии истеҳсолоти худӣ, васеъ кардани истеҳсолот дар шакли сохтмони нав, азнавсозии биною иншооте, ки дар раванди истеҳлот истифода мешаванд ва пешниҳоди таъминоти барномавии истеҳсоли ватанӣ дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба ташкили низоми иттилоотӣ сурат гирифтааст” [3].

Ба назари мо, тахфифҳои андози ягонаи кишоварзӣ нисбат ба истифодаи “заминҳои чарогоҳҳо, алафзорҳо, бешазорҳо ва заминҳои дигаре, ки барои бунёди боғҳо ва токзорҳо ҷудо карда мешаванд, агар чунин заминҳо қаблан барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода нашуда бошанд - ба муҳлати 5 сол аз санаи ҷудо гардидани қитъаи замин” ва “доир ба заминҳои кишти обӣ, ки амалан барои парвариши пахта истифода мешаванд, меъёри андози ягона дар ҳаҷми нисфи меъёри мутобиқи қисми 1 ҳамин модда муайян-гардида муқаррар карда мешавад” [4], озод намудани “Воридот ва таҳвили минбаъдаи техникаҳои кишоварзӣ” аз андоз аз арзиши иловашуда (моддаи 251); натавонист ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзиро баланд бардорад. Вале, дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” дар қатори дигар таҳдидҳо “нокифоя будани шароит барои фазои соҳибкорӣ, ки дар танзими барзиёд ва ғайриса-маранок, коррупсия, сарбории аз ҳад зиёди андозӣ ва душвориҳои маъмурикунонии андоз, сатҳи баланди монополизатсия, муҳофизати заифи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳуқуққои соҳибкорон”-ро ба рӯйхати таҳдидҳои асосӣ шомил карда шудааст.

“Гарчанде, ки Тоҷикистон дар рӯйхати дах кишвари дорои пешрафт дар ислоҳоти дастгирии соҳибкорӣ қарор дорад, аз рӯйи рейтинги “Пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ 2018” ҷумҳурӣ ҷойи 126-ро ишғол мекунад, ки аз паст будани рушди ниҳодҳо ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад. Дар натиҷа иқтидори сармоягузорӣ ва содиротии зиёд кардани маҳсулоти дорои арзиши иловашуда ба пуррагӣ истифода намешавад. Имрӯз “таъмини шароитҳои мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, фароҳам овардани шароит ҷиҳати кафолат додани ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкӣ, ҷалби сармоягузориҳои мустақим ва идоракунии дороиҳои худӣ шартҳои зарурӣ барои соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ба ҳисоб мераванд” [5]. Тахфифҳои гумрукӣ дигар омилест, ки метавонад ба ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ таъсир расонад.

Мутобиқи талаботи Кодекси андоз ”воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаи парандапарварӣ ва (ё) ҳангоми ворид намудани молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худи корхонаҳои парандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи паранда ва чорво” аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷҳои гумрукӣ озод карда мешаванд. Ин дастгирии давлатӣ имконият дод, ки дар солҳои охир воридоти техника барои таъмини эҳтиёҷоти соҳаи кишоварзӣ каме беҳтар шудааст. Хусусан он ба фаъолияти КВД “Тоҷикагролизинг” таъсири мусбӣ расонид ва аз ин ҷо ба он дар соли 2030-юм нисбат ба соли базавӣ 1,5 хол зиёд аст.

Дигар омили рушди сармоягузориҳо, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи дурнамои ҳисобкардаи мо, ин нишондиҳанда дар соли 2030 нисбат ба соли 2023-юм аз 284,1 млн.долл. ИМА то 1196,4 млн. сомонӣ мерасад, ё 4,2 маротиба меафзояд. Аз ин ҷо, ба нишондиҳанда дар соли 2030 -4,2 хол баҳо дода мешавад. Омили дигари ба ҷолибияти сармоягузорӣ таъсиррасон, қарзгузории бонкҳо ба соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки солҳои охир ба соҳаи кишоварзӣ бонкҳо бештар қарзгузорӣ намуданд. Тибқи омори бонкӣ дар дурнамои соли 2030 бонкҳо метавонанд ба соҳаи кишоварзӣ 4047,5 млн сомонӣ қарз диҳанд, ки нисбат ба соли 2023-юм 48,0% зиёд аст. Аз ин ҷо, дар ҳолати соли базавӣ ба 1 хол баҳо додан, пас дар соли 2030 он ба 1,4 хол баробар мешавад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳанӯз бонкҳо ба соҳаи кишоварзӣ эътимод надоранд.

Дигар омили ба ҷолибияти сармоягузорӣ таъсиррасон, рушди лизинги молиявӣ ба ҳисоб меравад. Дар соли 2030 ин нишондиҳанда эҳтимоли ба 66,3 млн. сомонӣ расиданро дорад, ки нисбат ба соли 2023-юм 45,4% зиёд аст. Дар ҳолати ба 1 хол баробар будани соли базавӣ дар соли 2030 он ба 1,5 хол баробар шуда метавонад.

Яке аз нишондиҳандаҳои ба ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ таъсири манфӣ расонанда, ин афзоиши қарздории хоҷагиҳои кишоварзӣ аз рӯйи уҳдадорӣ ба ҳисоб меравад, ки он метавонад дар соли 2030 ба 7047,9 млн. сомонӣ баробар шавад, ки нисбат ба соли 2023-юм 2,3 маротиба зиёд аст. Аз ин ҷо онро ба -2,3 хол баҳо додем.

Бо техника муҷаҳаз будани истеҳсолот, омили дигари ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Тибқи ҳисоботҳои Одинаев А.И. “сатҳи таъминоти талаботи соҳаи кишоварзии мамлакат бо техника, аз ҷумла трактороҳо 56,0% аз онҳо шудгоркунанда 9,1%, испорҳои трактори 31,1%, комбайнҳои ғаладарав 7,2%, комбайнҳои хӯроки чорво 2,9%, мошинҳои пахтачинӣ 0,6%, ядакҳои трактори 18% култиваторхои трактори 37,9%, тухмипошакҳои пахта 22,1%, тухмипошакҳои ғалла 4,6%, пахтатозакунакҳо 0,2%, алафчамкунакҳои трактори 5,8% ва достҳои трактори бошанд, ба 29,1% баробар аст» (ҷадвали 2) [6].

Ҷадвали 2.-Талабот ва сатҳи таъминоти соҳаи кишоварзӣ ба техника ва мошинолотҳои кишоварзии дар ҳолати коршоями қарордошта барои соли 2023

	Меъёр барои 1000 га замини кишт (адад)	***Майдони замини Кишт (ҳаз/га)***	***Талабот аз рӯйи меъёр (адад)***	***Техникаи мавҷуда (адад)***	***Сатҳи таъминот%***
Трактороҳо ҳамагӣ	43,72	837,9	36633	27730	75,7
аз он шудгоркнанда (мазраъ)	16,64	661	10999	1005	9,1
Испорҳои трактори	14,43	661,0	28899	10937	37,8
Комбайнҳои ғаладарав	7,82	275,0	12023	1136	9,4
Комбайнҳои хӯроки чорво	15,32	113,9	4980	129	2,6
Мошинҳои пахтачинӣ	8,52	174,0	7607	30	0,4
Ядакҳои трактори	25,3	861,7	37674	8431	22,4
Култиваторхои трактори	16,93	174,0	7607	2880	37,9
Тухмипошакҳои пахта	15	174,0	7607	1685	22,2
Тухмипошакҳои ғалла	7,7	275,0	12023	555	4,6
Пахтатозакунакҳо	8,14	275,0	12023	16	0,2
Достҳои трактори	5,86	113,9	4980	1576	31,6
Алафчамкунакҳои трактори	5,36	113,9	4980	8371	168,1

Манбаъ: *Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷмуаи оморӣ, -Душанбе, 2023. – С.322-333.*

Аз ин ҷо, ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 1 хол ва соли 2030 ба 3,3 хол баробар мешавад, зеро ҳамасола аз ҳисоби воридот ва лизинг зариби навшавии техника ба 0,47 баробар буда, соли 2030 метавонад нисбат ба соли 2023-юм 33% зиёд шавад.Дигар омиле, ки метавонад ба сатҳи сармоягузории соҳаи кишоварзӣ таъсир расонад, дастрасии соҳибкорон ба захираҳои истеҳсолӣ, тухмӣ, сӯзишворӣ, нуриҳо ва заҳрхимикатҳо ба ҳисоб меравад.

Соҳибкори кишоварзӣ танҳо дар он вақт ба истифодаи тухмӣ, сӯзишворӣ, нуриҳо ва заҳрхимикатҳо ҳавасманд аст, ки нархҳои ин захираҳо дастрас буда, истифодаи онҳо ба баландшавии ҳосилнокии зироатҳо оварда расонад.

Талаботи солонаи соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ ба нуриҳои минералӣ 300-330 ҳаз. тоннаро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаҳои оморӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар соли 2023 дар кишоварзии ҷумҳурӣ 69,6 ҳаз. тонна нуриҳои минералӣ истифода бурда шудааст, ки ин ба 23,2%-и талаботи солона баробар аст [7] (ҷадвали 3).

Ҷадвали 3. Андохтани нуриҳои минералӣ ба 1 гектар кишти зироатҳои кишоварзӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, кг

	2018	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**
Нуриҳои минералӣ андохта шуд						
(ба ҳисоби 100 % моддаҳои ғизодиҳанда)	124,2	141,8	136,9	140,4	152,2	63,6
аз он ҷумла:						
ба зироатҳои ғалладона	86,0	98,0	89,9	96,8	112,5	35,2
ба зироатҳои техникӣ	146,7	181,1	179,1	172,6	177,9	180,3
ба картошка	231,7	165,1	171,3	246,3	295,0	122,8
ба сабзавот	135,7	181,3	172,8	164,6	174,2	107,3
ба зироатҳои полизии озуқаворӣ	140,1	134,5	141,9	146,6	161,9	123,2
ба зироати хӯроки чорво	67,3	73,8	83,9	90,9	107,2	105,0

Сарчашма: *Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон.Маҷмӯаи оморӣ - Душанбе, 2024.- С.31(368с.).*

Тибқи таҳқиқоти мо, соли 2023 ҳосилнокии ғалладонагиҳо ба 31,3 сен/га баробар буд. Мувофиқи ҳисоби олимон барои гирифтани ин ҳосилнокӣ бояд ба замин 360 кг нуриҳо ворид карда мешуд, вале дар асл ба 1 га замини кишти ғалладонагиҳо ҳамагӣ 64,0 кг нурӣ андохта шудааст, ки 17,8%-ро ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, истифодаи нуриҳои минералӣ нисбат ба меъёр дар кишти пахта 18,0%, картошка – 24,8%, сабзавот-24,7%, зироатҳои полизӣ – 28,3% -ро ташкил додааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар ин ҳолат ҳосилнокии ин зироатҳо изофанависӣ карда шудааст. Сабаби асосии ба соҳаи пахтакорӣ сармоягузорӣ

накардани сармоягузорон ва даст кашидани соҳибкорони кишоварзӣ аз пахтакорӣ дар он аст, ки соҳа меҳнат ва захираталаб буда, нархи хариди он нисбат ба арзиши аслии он қариб ду баробар паст аст. Хоҷагиҳои алоҳидаи кишвар аз истеҳсоли 1 кг пахта то 8 сомонӣ зарари иқтисодӣ дидаанд.

АДАБИЁТ

1.Л.Л. Богомолова, А.В. Бузмаков. SWOT-анализ методик оценки инвестиционной привлекательности региона.

2.Баҳодурова Қ.Қ. Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ). Дисс... барои дарёфти дараҷ аи илмии н.и.и., -Душанбе, 2023.-199с.

3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Моддаи 201. –С.176.

4.Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Моддаи 201. –С.176.

5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.-С. 28.

6. Одинаев А.И. Такмили фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и., ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур. 2023. –С.99.

7. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмӯаи оморӣ.-Душанбе, 2024.-С.34 (369с.).

АННОТАТСИЯ

УЛУЧШЕНИЕ ИНВЕСТИЦИОННОГО КЛИМАТА ЯВЛЯЕТСЯ ОСНОВНЫМ НАПРАВЛЕНИЕМ ПРИВЛЕЧЕНИЯ ИНВЕСТИЦИЙ В АГРАРНЫЙ СЕКТОР.

В статье отмечается, что с учетом развития экономики страны и обеспечения продовольственной безопасности, в условиях ограниченности собственных источников инвестирования в развитие аграрного сектора, возникает необходимость привлечения заемных инвестиций. Государство заинтересовано в поддержке аграрного сектора для обеспечения продовольственной безопасности населения страны. Бюджет ежегодно инвестирует в аграрный сектор, а коммерческие банки Таджикистана предоставляют ему кредиты, но не могут удовлетворить его потребности. Следует отметить, что, в последние годы, банки активнее кредитуют аграрный сектор. Согласно банковской статистике, в прогнозе на 2030 год, банки могут предоставить аграрному сектору 4047,5 млн сомони, что на 48,0% больше, чем в 2023 году. Таким образом, если базовому году присвоен балл 1, то в 2030 году он будет равен 1,4 балла. Это показывает, что банки, по-прежнему, не доверяют сельскохозяйственному сектору.

Ключевые слова: *инвестиции, иностранный капитал, сельское хозяйство, финансы, финансовый лизинг, налоговая поддержка, таможенные льготы, производство.*

ANNOTATION

IMPROVING THE INVESTMENT CLIMATE IS THE MAIN DIRECTION FOR ATTRACTING INVESTMENT IN THE AGRICULTURAL SECTOR.

The article notes that, taking about account the country's economic development and ensuring food security, in the context of limited own sources of investment in the development of the agricultural sector, there is a need to attract debt investments. The state is keen to support the agricultural sector to ensure food security for the country's population. The budget annually invests in the agricultural sector, and commercial banks in Tajikistan provide loans to the sector, but they cannot meet the sector's needs. It should be noted that in recent years, banks have been lending more to the agricultural sector. According to banking statistics, by 2030, banks will be able to lend 4047.5 million somoni to the agricultural sector, which is 48.0% more than in 2023. Hence, if the base year is 1 point, then in 2030 it will be 1.4 points. This indicates that banks still do not trust the agricultural sector.

Key words: *investment, foreign capital, agriculture, finance, financial leasing, tax support, customs discounts, production.*

Сведения об авторе:

Абдуалимов Фазлиддин Джамолиддинович-преподаватель кафедры экономической теории аграрнони таджикиски университет имени Ширншо Шотемур. 734003 Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки. 146, E-mail: fazliddin.abdualimov@bk.ru, Телефон: (+992) 988593030;

Information about the autor:

Abdualimov Fazliddin Jamoliddinovich-teacher at the Department of Economic Theory of the Agrarian University of Tajikistan named after Shirinshah Shjtemur. 734003 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 146, E-mail: fazliddin.abdualimov@bk.ru, Phone: (+992) 988593030;

ТДУ: 658.8

ВАЗЪИ НИЗОМИ МАРКЕТИНГ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Давлаталии А.-Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ

Калимаҳои асосӣ: *саноат, фаъолияти маркетингӣ, истеҳсолоти саноатӣ, рақобатпазирӣ, шуғл, пешбурди маҳсулот, воситаҳои рақамӣ, стратегияҳои маркетингӣ.*

Имрӯз рушди устувори бахши саноат бидуни низоми самараноки маркетинг, ки ба пӯёи муҳити бозор, ниёзҳои бахшҳои ҳадафноки он ва мутобиқсозии стратегияҳои пешбурди маҳсулот нигаронида шудааст, ғайриимкон аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар яке аз минтақаҳои калонтарин ва аз ҷиҳати захираҳои иқтисодӣ ғании он - вилояти Хатлон, дар баробари соҳаи кишоварзӣ, саноат бахши муҳимми иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Аммо сатҳи татбиқ ва истифодаи воситаҳои муосири маркетинг дар корхонаҳои саноатии вилоят маҳдуд буда, ба рақобатпазирӣ ва фаъолияти инноватсионии онҳо халал мерасонад.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки рушди низоми маркетинги минтақавӣ омили муҳимтарини таъмини рақобатпазирӣ ва рушди устувори ҳудудҳо ба ҳисоб меравад. Масалан, С.В. Калашникова зарурати муносибати инноватсиониро ба стратегияҳои маркетинги минтақавӣ дар шароити муосир таъкид кардааст [2, с. 71]. Ф. Котлер дар асари классикии худ «Менеҷменти маркетинг» аҳаммияти идоракунии стратегии маркетингро барои баланд бардоштани самаранокии корхонаҳо дар бозор таъкид мекунад [7]. Ж.Ж. Ламбен аҳаммияти маркетинги стратегиро дар шароити рақобати баланд, ки махсусан барои корхонаҳои саноатии минтақавӣ дахл дорад, таъкид мекунад [8]. Е.П. Голубков таҳқиқоти маркетингиро асоси қабули қарорҳои асосноки идоракунӣ медонад, ки барои таҳлили бозорҳои саноатии минтақавӣ низ муҳим аст [1].

Дар рушди илми маркетинг муҳаққиқони тоҷик низ саҳми хоса гузоштаанд. Б.Ҳ. Каримов ба хусусиятҳои маркетинг дар бахши сайёҳӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда [5, с. 119], зарурати ҷорӣ намудани воситаҳои таҳлилӣ ва баланд бардоштани сифати иттилооти маркетингиро бо мақсади мустаҳкам намудани мавқеи рақобатпазирии хизматрасониҳои сайёҳӣ таъкид мекунад [4; 6]. М.Б. Ҷураев маркетинги минтақавиро ҳамчун стратегияи таъмини рақобатпазирии минтақа баррасӣ мекунад [11, с.147]. М.Н. Нусратзода нақши технологияҳои иттилоотиро дар рушди маркетинги инноватсионӣ таҳқиқ кардааст [10, с. 268].

Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои арзёбӣ ва рушди фаъолияти маркетинг дар корхонаҳои саноатии вилоят равишҳои зиёде мавҷуданд. Дар баробари ин, хусусиятҳои татбиқи стратегияҳои маркетингӣ дар шароити захираҳои маҳдуд, ки хоси иқтисодиёти минтақавӣ мебошанд, таҳқиқоти иловагиро бо назардошти хусусиятҳои маҳаллӣ тақозо мекунанд. Дар ин замина омӯзиши таҷрибаи ташкили маркетинг дар корхонаҳои вилояти Хатлон, инчунин муайян намудани мушкилоти мавҷуда, маҳдудиятҳо ва роҳҳои рафъи онҳо таваҷҷуҳи хоса дорад.

Вилояти Хатлон яке аз калонтарин минтақаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дорои иқтидори зиёд барои рушди истеҳсолоти саноатӣ мебошад. Дар ин минтақа бисёр корхонаҳои дорои самтҳои гуногуни саноатӣ ҷойгиранд, аз ҷумла:

- коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (саноати хӯрокворӣ);
- саноати сабук (бофандагӣ, дӯзандагӣ, ҳунарҳои мардумӣ);
- саноати сохтмон (истеҳсоли семент, дигар масолеҳи сохтмонӣ);
- саноати кимиё.

Корхонаҳои саноатии вилоят ҳам дар асоси моликияти давлатӣ ва ҳам дар асоси моликияти хусусӣ бо тамоюли таҳкими бахши хусусӣ фаъолият мекунанд. Бархе аз онҳо аз замони Иттиҳоди Шуравӣ фаъолият доранд ва марҳилаҳои таҷдид ва муҷаҳҳазонии техникии давра ба даврараро аз сар мегузаронанд, дар ҳоле, ки баъзеи дигар корхонаҳо дар доираи дастгирии соҳибкории хурду миёна дар се даҳсолаи охир таъсис ёфта, ҳоло рушд мекунанд. Барои тавсифи воқеъбинонаи нақши саноат дар иқтисодиёти вилояти Хатлон пӯёи нишондиҳандаҳои асосии рушди саноатро дар солҳои охир баррасӣ кардан лозим аст. Ин ба мо имкон медиҳад, ки вазъи имрӯзаи соҳаи саноати вилоятро пурратар арзёбӣ

намоем. Дар ҷадвали 1 маълумоти оморӣ оварда шудааст, ки тамоюлҳои асосии рушди саноати вилояти Хатлонро инъикос мекунанд.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 1 пеш аз ҳама афзоиши устувори ҳаҷми маҳсулоти саноатиро дар давраи солҳои 2010-2023 нишон медиҳад: аз 3881 миллион сомонӣ дар соли 2010 то ба 11841 миллион сомонӣ дар соли 2023 (бо нархҳои соли 2023). Ин аз хеле зиёд шудани хаҷми маҳсулоти воқеии саноати вилоят шаходат медихад. Суръати афзоиши истеҳсолоти саноатӣ ба таври умум мусбат буда, афзоиши махсусан қавӣ дар солҳои 2015 (114,2%) ва 2021 (110,3%) буд. Ин даврањои рушди фаъоли саноатро инъикос мекунанд, ки эҳтимолан аз ҳисоби сармоягузорӣ ва навсозии истеҳсолот ба вуҷуд омадааст.

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии рушди саноати вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2010-2023

Нишондиҳанда	2010	2015	2020	2021	2022	2023
Суръати афзоиши истеҳсолоти саноатӣ, % нисбат ба соли пешин	-	114,2	101,1	110,3	103,4	109,8
Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ, бо нархҳои соли 2023	3881	5592	9456	10430	10784	11841
Ҳиссаи вилояти Хатлон дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ	32,6	33,0	29,1	26,6	25,1	25,3
Шумораи миёнасолонаи кормандони кироякор дар са-ноат, % аз шумораи умумии миёнасолонаи кормандони кироякор	3,9	4,6	4,0	4,2	4,3	4,5

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф дар асоси [9, с. 70-72, 122-124*]

Аммо дар давраи таҳлилӣ ҳиссаи вилояти Хатлон дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ тадриҷан коҳиш ёфтааст: аз 32,6 фоизи соли 2010 то 25,3 фоиз дар соли 2023. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сарфи назар аз афзоиши мутлақи ҳаҷми истеҳсолот, рушди саноат дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ бо суръати баланд сурат гирифтааст.

Шумораи миёнаи кормандон дар саноати вилоят нисбат ба шумораи умумии кормандони кироя аз 3,9 фоизи соли 2010 то 4,5 фоиз дар соли 2023 афзоиш ёфтааст. Ин дар шароити афзоиши тавлидот то андозае аз эҳёи шуғли саноатӣ шаҳодат медиҳад.

Дар маҷмуъ метавон хулоса кард, ки саноати вилояти Хатлон бо вуҷуди доштани мушкилоти муайян, бо зарурати баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва суръати навсозӣ ба мақсади нигоҳ доштани ҳиссаи минтақа дар истеҳсолоти саноати миллӣ ба таври мусбат рушд мекунад. Ҳамин тариқ, таҳлили маълумоти оморӣ оид ба рушди саноати вилояти Хатлон, инчунин маводи дигари дар рафти таҳқиқот бадастомада имкон медиҳад, ки на танҳо тамоюлҳои мусбати имрӯза ба қайд гирифта шаванд, балки ҷанбаҳои дорои мушкилоти рушди саноати вилояти Хатлон муайян карда шаванд. Барои чуқуртар дарк кардани пешомадҳо ва вазифаҳои дар назди бахши саноати вилоят истода натиҷаҳои бадастомадаро дар шакли хулосаҳои асосӣ ҷамъбаст кардан ва таҳияи тавсияҳои ба амалия нигаронидашуда оид ба такмили минбаъдаи сиёсати саноат дар вилоят ба мақсад мувофиқ аст (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. -Хулоса ва тавсияҳо аз натиҷаи арзёбии вазъи саноати вилояти Хатлон

Хулосаҳо	Тавсияҳо
1. Афзоиши устувори ҳаҷми воқеии маҳсулоти саноатӣ мушоҳида мешавад .	Идома додани татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки ба рушди иқтидори истеҳсолӣ нигаронида шудаанд.
2. Суръатҳои афзоиши истеҳсоли саноатӣ пӯёи мусбатро дар даврањои алоҳида нишон медиҳанд.	Ҳавасманд намудани татбиқи технологияҳои нав ва таҷдиди таҷҳизот барои таъмини рушди босубот.
3. Ҳиссаи вилояти Хатлон дар истеҳсолоти умуми-ҷумҳуриявии саноатӣ тамоюл ба пастравӣ дорад.	Таҳия намудани барномаи саноати минтақавӣ ва ҳавасмандсозии истеҳсолоти рақобатпазир.
4. Афзоиши шуғл дар соҳаи саноат мушоҳида мешавад.	Роҳандозӣ намудани омодасозӣ ва бозомӯзии кормандон бо дарназардошти эҳтиёҷоти саноати муосир.
5. Бартарии соҳаҳои коркард аз диверсификат-сияи нокифояи соҳаҳои появии саноат шаҳодат медиҳад.	Мусоидат кардан ба рушди соҳаҳои нави саноатӣ, аз ҷумла дар самтҳои технологияҳои баланд.
6. Ҳиссаи бахши хусусӣ дар сохтори саноатӣ афзоиш меёбад.	Фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкории хурд ва миёна дар саноат, аз ҷумла имтиёзҳои андозӣ ва содакунонии расмиёти маъмурӣ.

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф*

Тавре аз ҷадвали 2 дида мешавад, рушди минбаъдаи бомуваффақияти саноат дар вилояти Хатлон муносибати ҳамаҷонибаеро талаб мекунад, ки ба таҳкими фаъолияти сармоягузорӣ, навсозии истеҳсолот, рушди сармояи инсонӣ ва ҳавасмандгардонии ташаббуси соҳибкорӣ нигаронида шудааст. Татбиқи тадбирҳои пешниҳодшуда рақобатпазирии вилоят ҳамчун маркази муҳими саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш медиҳад.

Ҳамчунин, аҳаммияти иқтисодии корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон бо таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди иқтидори содиротӣ ва таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти зарурӣ муайян карда мешавад. Аммо, тавре таҳқиқоти мо нишон медиҳад, дар аксарияти корхонаҳо дараҷаи умумии рушди технологӣ ва ташкилӣ, аз ҷумла равишҳои маркетинг ҳанӯз паст ва ё пароканда аст. Бо вуҷуди мавҷуд будани заминаи рушди минбаъдаи соҳаи саноати вилояти Хатлон, самаранокии фаъолияти маркетингӣ дар корхонаҳои саноатӣ маҳдуд аст, ки таҳлил ва арзёбии иловагиро талаб мекунад.

Хусусияти хоси корхонаҳои вилояти Хатлон тамаркузи сусти онҳо ба бозор аст: аксарияти онҳо на ба таҳқиқи талабот ва афзалиятҳои истеъмолкунандагони мавриди ҳадаф қарордошта, балки пеш аз ҳама ба истеҳсолот нигарон мебошанд. Чунин тамаркузи истеҳсолӣ боиси таваҷҷуҳи нокифоя ба маркетинг ҳамчун вазифаи идоракунии стратегӣ мегардад. Ҳамчунин бояд ба назар гирифт, ки дастрасӣ ба донишҳои муосири маркетингӣ, технологияҳои нави истеҳсолӣ ва идоракунӣ, инчунин кормандони соҳибихтисос дар вилоят маҳдуд аст, ки ин мушкилоти ташаккули низоми самарабахши маркетингро дар корхонаҳои саноатӣ боз ҳам тезу тунд мегардонад.

Акнун ҷанбаҳои асосии ташкили фаъолияти маркетингро дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон баррасӣ мекунем.

1. Мавҷуд будани шуъбаи махсуси маркетинг. Дар аксари корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон шуъбаҳои махсуси маркетинг вуҷуд надоранд. Одатан, вазифаҳои маркетинг дар байни кормандони дигар хадамот, пеш аз ҳама - шуъбаҳои тиҷорат, фурӯш ё истеҳсолӣ тақсим карда мешаванд. Танҳо дар корхонаҳои калон ва миёна, ки дар самти содирот ё таҳвили маҳсулот ба дигар минтақаҳои мамлакат фаъолият мекунанд, шуъбаҳои хурди маркетинг ташкил карда мешаванд, ки ҳайати кормандонашон одатан аз 1-2 мутахассис иборат аст. Лекин корхонаҳои калони муосир низ ҳастанд, ки дар онҳо шуъбаҳои маркетинг тамоми доираи фаъолияти маркетинг ва логистикаро фаро мегирад, аз қабили ҶСП «Ҷунтай Данғара Син Силу Текстил» (н. Данғара), ҶСК «Азот» (ш. Левакант), ҶДММ «Ғаюр» (ноҳияи Ёвон).

2. Вогузор намудани масъулият барои пешбурди фаъолияти маркетинг. Дар аксари корхонаҳои вилоят масъулияти пешбурди фаъолияти маркетингӣ асосан ба зиммаи чунин шахсон ва воҳидҳои сохторӣ вогузор карда шудааст: роҳбарони корхонаҳо (директор, директори генералӣ), соҳибмулкон (хусусан корхонаҳои миёна ва хурд); директори тиҷоратӣ ё роҳбари шуъбаи фурӯш. Дар баъзе ҳолатҳо ин масъулият ба зиммаи менеҷери махсуси барои роҳбарии фаъолияти маркетинг таъиншуда вогузор карда мешавад. Ҳамин тариқ, маркетинг аксар вақт ҳамчун як вазифаи дастгирӣ дар идоракунии умумии корхона эътироф карда мешавад. Масалан, дар корхонаҳои кимиёвии ҶДММ «ТАЛКО Кемикал» ва ҶСШК «Тоҷикхимпром» (ш. Ёвон) хадамот ё шуъбаҳои махсуси маркетинг вуҷуд надоранд, лекин фаъолияти маркетинг хуб ба роҳ монда шудааст.

3. Новобаста аз мавҷудияти хадамоти маркетинг вазифаҳои маркетинг воқеан иҷро мешаванд. Сарбории вазифавии фаъолияти маркетинг дар корхонаҳо асосан ба чунин корҳо маҳдуд мешавад: ташкил ва густариши фурӯши маҳсулот; ба роҳ мондани робита бо муштариён ва миёнарав - дилерҳо; иштирок дар намоишгоҳҳо ва ярмаркаҳо; омӯзиши сиёсати нархгузории рақибон; ташаккули нархҳои появӣ ва шартҳои фурӯши маҳсулот; пешбурди маҳсулот тавассути воситаҳои анъанавӣ (фурӯши мустақим, иштирок дар тендерҳо). Дар корхонаҳо банақшагирии стратегии маркетинг, таҳқиқоти бозор, брендинг ва ташкили маъракаҳои таблиғӣ тавассути воситаҳои муосири рақамӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ, маркетинги интернетӣ) камтар рушд кардаанд. Ҳол он ки «шабака тавассути татбиқи вазифаҳои таблиғӣ маҳсулотро ба истеъмолкунанда пешкаш мекунад ва раванди фурӯшро метезонад. Воситаҳои аз ҳама мувофиқ барои ин мақсадҳо почтаи электронӣ,

баннер ва вебсайтҳо мебошанд» [3, с. 31]. Вале дар вилоят корхонаҳое низ ҳастанд, ки бо дастрасии сусти интернет низ фаъолияти маркетингиро тавассути воситаҳои рақамӣ ва технологияҳои иттилоотии муосир хуб ба роҳ мемонанд. Масалан, кооперативи «Беҳбудӣ» (ноҳияи Кӯшониён), ки ба коркарди маҳсулоти меваю сабзавот ва истеҳсоли афшурдаҳо махсусгардонида шудааст, дар намоишгоҳҳои гуногуни байналмилалӣ иштирок мекунад, дорои сомонаи интернетӣ ва почтаи электронӣ буда, ин воситаҳоро барои таблиғи маҳсулоти худ ва робита бо муштариён ба кор мебарад. Роҳбарияти корхона тавассути робитаҳои шахсӣ бо корхонаҳои фурӯши маҳсулоти озуқавории Ҷумҳурии Қазоқистон фаъолияти тӯлонии фурӯши маҳсулотро тавассути содирот ба роҳ мондааст. Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки яке аз хусусиятҳои муваффақият дар маркетинг ва фурӯши маҳсулот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи робитаҳои шахсӣ мебошад ва аксар корхонаҳои хурд ва миёнаи соҳаи саноат ин воситаро ба кор мебаранд.

Ҳамчунин, зикр кардан бамаврид аст, ки корхонаҳои хурд бояд чунон воситаҳо ва усулҳои маркетинги муосир, аз ҷумла имконияти тарғиботии шабакаҳои иҷтимоиро ба кор баранд, ки сарфи назар аз мушкилоти мавҷудаи тиҷорат пешбурди дақиқ ва муассири маҳсулотро ба бозор таъмин кунанд. Ба шарофати чунин воситаҳо масъулони муошират дар Интернет метавонанд ба изҳорот дар шабакаҳои иҷтимоӣ, блогҳо, форумҳо зуд ҷавоб диҳанд ва вокунишҳои барои корхона манфиро бартараф созанд. Дар ин маврид, интихоби муҳтаво одатан бо назардошти аксуламали истеъмолкунандагон, таваҷҷуҳ ба муҳтаво, вокуниши умумӣ ва қонеъ кардани ҳадафҳои тиҷоратии корхона сурат мегирад.

Қобили зикр аст, ки дар вилояти Хатлон корхонаҳои зиёди саноатӣ фаъолият мекунанд, ки бо вуҷуди истифода набурдани воситаҳои муосири маркетинги рақамӣ ва таҳқиқоти маркетингӣ фурӯши маҳсулотро хуб ба роҳ монда, дар анборҳои маҳсулоти тайёри онҳо ғарамҳои маҳсулоти бафурӯшнарафта мушоҳида намешаванд. Лекин набояд фикр кард, ки онҳо дар самти фурӯш ва ба бозор ҳавола додани маҳсулот муваффақ шудаанд, баръакс, иқтидори истеҳсолии онҳо нисбат ба талаботи бозори маҳаллӣ чандин маротиба кам аст. Бинобар ин, бо вуҷуди паст будани сифати маҳсулот, талабот ба он зиёд аст. Ба ин гуна корхонаҳо асосан корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти сохтмонӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ – корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мансуб мебошанд. Дар баъзе корхонаҳои саноати дӯзандагӣ шартномаҳо бо муассисаҳои таълимӣ баста мешаванд ва фаъолияти онҳо дар доираи ҳамин шартномаҳо роҳандозӣ карда мешавад, аз ҷумла: коргоҳҳои «Бофанда» (ноҳияи Муъминобод), корхонаи «Самар» (ноҳияи Восеъ), ҶДММ «Мавлуда» (ноҳияи Қубодиён), ҶДММ «Дарз», ҶДММ «Меҳровар», ҶДММ «Майрамбибӣ», ҶДММ «Кота глобал» (шаҳри Бохтар). Фаъолияти маркетингии корхонаҳои мазкур танҳо бо бастани шартномаҳо бо муассисаҳои таҳсилотӣ маҳдуд нашуда, ташкили дӯконҳои фурӯш, намоиш-фурӯш ва ярмаркаҳои мактабӣ дар назди муассисаҳои таҳсилотӣ низ ба роҳ монда шудааст.

Ҳамин тариқ, дар солҳои охир соҳаи саноати вилояти Хатлон аз ҳисоби васеъ намудани иқтидорҳои истеҳсолии саноати сабук, кимиё ва масолеҳи сохтмонӣ рушди устувор нишон медиҳад. Ба ташкили фаъолияти маркетингӣ асосан дар корхонаҳои калони саноатии вилоят таваҷҷуҳи бештар дода мешавад. Таҳқиқоти мо нишон дод, ки:

- дар корхонаҳои калони ба содирот нигаронидашуда (масалан, Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил) фаъолияти маркетинг мунтазам ташкил карда мешавад;

- дар аксар корхонаҳо вазифаҳои маркетингро шуъбаҳои тиҷоратӣ ё бевосита менеҷерҳои истеҳсолӣ бе ҷудо кардани воҳидҳои сохтории мустақили маркетинг иҷро мекунанд;

- диққати асосӣ ба нигоҳ роҳандозӣ ва таъмини робита бо муштариёни доимӣ ва иштирок дар чорабиниҳои саноатӣ дода мешавад;

- маркетинги стратегӣ, брендинг ва таблиғи рақамӣ ҳанӯз суст инкишоф ёфтаанд, ки ин бартариҳои эҳтимолии рақобатиро коҳиш медиҳад.

Бо дарназардошти хусусиятҳои ошкоргардидаи ташкили фаъолияти маркетинг барои рушди он дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон таҳия ва роҳандозӣ намудани табдирҳое тавсия дода мешавад, ки дар ҷадвали 3 мураттаб карда шудаанд.

Ҷадвали 3.-Тавсияҳо оид ба рушди маркетинг дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон

Тавсияҳо	Мухтавои мухтасар
1. Таъсиси воҳидҳои сохтории махсуси маркетинг	Ташкили шуъбаҳои алоҳидаи маркетинг ё ҷорӣ намудани вазифаҳои менеҷерҳо барои кори муназзам бо бозор.
2. Баланд бардоштани тахассуси кормандон	Ташкили барномаҳои таҳсилотӣ доир ба воситаҳо ва технологияҳои муосири маркетингӣ
3. Ҷорӣ намудани банақшагирии стратегии маркетингӣ	Таҳияи стратегияҳои дарозмуддати пешбарии маҳсулот ва бунёди брендҳо.
4. Истифодаи фаъоли воситаҳои рақамии пешбурди маҳсулот	Корбурди интернет-маркетинг, шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаҳои корпоративӣ ва платформаҳои электронӣ.
5. Мунтазам ба роҳ мондани таҳқиқоти маркетингӣ	Таҳлили мунтазами талабот, муҳити рақобат ва рафтори истеъмолкунандагон (муштариён) барои банақшагирии асоснок.
6. Ҳавасмандсозии иштирок дар намоишгоҳҳо ва маъракаҳои тиҷоратӣ	Иштироки фаъол дар форумҳои саноатӣ, намоишгоҳҳо ва ярмаркаҳо барои густариши бозорҳои фурӯш ва баргузор кардани робитаҳои тиҷоратӣ.

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф*

Татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда сатҳи фаъолияти маркетингии корхонаҳои вилояти Хатлонро ба таври назаррас баланд бардошта, мавқеи рақобатии онҳоро дар бозор устувор мегардонад, ба тавсеаи фурӯши маҳсулот мусоидат намуда, устувории фаъолияти соҳибкориро дар шароити пӯёни тағйирёбандаи бозор таъмин менамояд.

АДАБИЁТ

1. Голубков, Е.П. Маркетинговые исследования: теория, методология и практика / Е.П. Голубков. — М.: Издательство «Финпресс», 1998. — 416 с.
2. Калашникова, С.В., Ханахок, З.А. Инновационное развитие региона: маркетинговый подход / С.В. Калашникова, З.А. Ханахок // Новые технологии. – 2016. – № 2. – С. 71-76
3. Карвицкая, Г.В. Повышение эффективности маркетинговых коммуникаций бизнеса региона / Г.В. Карвицкая // Конкурентоспособность территории: приоритеты развития и стратегические ориентиры: материалы международной научно-практической конференции (Рязань, 19–20 ноября 2014 года). – Рязань: Рязанский государственный университет имени С.А. Есенина, 2015. – С. 29-35
4. Каримов, Б.Х. Маркетинговые исследования в туристической отрасли Республики Таджикистан / Б.Х. Каримов // Время науки: актуальные вопросы, достижения и инновации: сборник статей IV Международной научно-практической конференции. – Пенза: МЦНС «Наука и Просвещение». –2024. – 336 с., с. 95-99
5. Каримов, Б.Ҳ., Курбанова, С.М. Рушди таҳқиқоти маркетингӣ дар соҳаи сайёҳӣ / Б.Ҳ. Каримов, С.М. Курбанова // Идоракунии давлатӣ. – 2024. - № 4/2 (70). – С. 119-128
6. Каримов, Б.Ҳ., Раҳимов, М.А. Ҷанбаҳои иқтисодии идоракунӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.Ҳ. Каримов, М.А. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – No. 3(42). – С. 180-188
7. Котлер, Ф. Маркетинг менеджмент. Экс пресс-курс / Ф. Котлер / 2-е изд. / Пер. с англ. под ред. С.Г. Божук. — СПб.: Питер, 2006. — 464 с.
8. Ламбен, Ж.Ж. Стратегический маркетинг. Европейская перспектива / Ж.Ж. Ламбен / Пер. с французского. - СПб.: Наука, 1996. – XV+589 с.
9. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024. Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – 328 с.
10. Нусратзода, М.Н. Технологияи иттилоотӣ ва нақши он дар рушди маркетинги инноватсионӣ / М.Н. Нусратзода, С.З. Нуридинов, Н.Н. Умарзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – С. 1(45). – С. 268-277
11. Ҷураев, М.Б. Маркетинги ҳудудӣ чун стратегияи таъмини рақобатнокии минтақа. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – № 4-2. – С. 147-156

АННОТАЦИЯ
СОСТОЯНИЕ МАРКЕТИНГОВОЙ СИСТЕМЫ НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

Статья посвящена анализу современного состояния и перспектив развития промышленности Хатлонской области, особое внимание уделено маркетинговой деятельности предприятий. Рассматривается тенденция роста промышленного производства, отмечается снижение доли региона в общем объеме промышленного производства республики. В статье даны рекомендации по созданию специализированных маркетинговых структурных подразделений, повышению квалификации маркетингового персонала, активному использованию инструментов цифровой рекламы. Также обсуждается, роль личных связей в предпринимательстве и необходимость стратегического подхода к развитию отрасли. Реализация предлагаемых мер, может способствовать улучшению положения Хатлонской области как важного промышленного региона Республики Таджикистан.

Ключевые слова: *промышленность, маркетинговая деятельность, промышленное производство, конкурентоспособность, занятость, продвижение продукции, цифровые инструменты, маркетинговые стратегии.*

ANNOTATION
STATE OF THE MARKETING SYSTEM AT INDUSTRIAL ENTERPRISES IN KHATLON REGION

The article is devoted to the analysis of the current state and prospects for the development of industry in the Khatlon region, with special attention paid to the marketing activities of enterprises. The growth trend of industrial production is considered, a decrease in the region's share in the total industrial production of the republic is noted. The article provides recommendations for the creation of specialized marketing structural units, advanced training of marketing personnel, and the active use of digital advertising tools. The role of personal connections in entrepreneurship and the need for a strategic approach to the development of the industry are also discussed. The implementation of the proposed measures could contribute to improving the position of the Khatlon region as an important industrial region of the Republic of Tajikistan.

Keywords: *industry, marketing activities, industrial production, competitiveness, employment, product promotion, digital tools, marketing strategies.*

Сведениеия об авторах:

Давлаталии Абдусаломзода - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки, ассистент кафедры бугалтерского учета и аудита. 735360, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. E-mail: davlatalii.abdusalom@mail.ru. Телефон: +992 020-53-39-39.

Author Information:

Davlatalii Abdusalomzoda - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, assistant of the accounting and auditing department. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kulyab city, S. Safarov street 16. E-mail: davlatalii.abdusalom@mail.ru. Phone: +992 020-53-39-39

ТДУ 635.21

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ РУШДИ СОҲАИ КАРТОШКАПАРВАРӢ

Қурбонова Ф.К. – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *картошка, самаранокӣ, самаранокии иқтисодӣ, рушди соҳаи картошкапарварӣ, самаранокии иқтисодии рушди соҳаи картошкапарварӣ.*

Мубрамӣ. Картошка яке аз маҳсулоти бештар истеъмолшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, вай аҳамияти бузурги бисьёртарафа дошта, дар таркибаш крахмал, сафеда, витаминҳо ва намакҳои гуногуни маъданӣ мавҷуд мебошанд, ки онҳо барои организми инсон хеле зарур мебошанд. Онро дар Федератсияи Россия ва дар як қатор мамлакатҳои дигар нони дуюм меҳисобанд ва вай ашьёи хоми муҳими истеҳсоли маҳсулоти тайёр аз қабили чипс, крекер, крахмалу спирт ва ғайраҳо ба шумор меравад.

Дар замони имрӯза сиёсати аграрии давлат ба таъмини аҳолии мамлакат бо картошкаи аз ҷиҳати экологӣ тозаи истеҳсоли ватанию маҳсулотҳои аз вай тайёркарда шуда ва амнияти озуқаворӣ нигаронида шудааст, ки амалӣ намудани он аз рушди соҳаи картошкапарварӣ вобастагии калон дорад ва рушди онро самаранокии иқтисодии соҳа нишон медиҳад.

Рушди соҳаи картошкапарварӣ тадбирҳои дастгирии давлатӣ, корҳои селексия, истифодаи технологияҳои замонавии соҳавӣ ва рушди инфрасохтори логистикиро дар бар гирифта, ба қонеъ намудани талаботи аҳолии кишвар бо картошкаю маҳсулотҳои баъди коркарди он пайдо шуда, таъмини рушди мутаносиби марҳилаҳои тухмипарварӣ, истеҳсолу коркард, нигоҳ доштану фурӯши он нигаронида мешавад ва вай бештар аз самаранокии иктисодии соҳа вобаста мебошад. Аз ин лиҳоз, муайян намудани мафҳум ва моҳияти самаранокии иқтисодии рушди соҳаи картошкапарварӣ яке аз масъалаи муҳим ба шумор меравад.

Мақсади таҳқиқот аз муайянкунии масъалаи мафҳум ва моҳияти самаранокии иқтисодии рушди соҳаи картошкапарварӣ иборат мебошад.

Натиҷаи таҳқиқот ва муҳокимаи он. Барои муайян намудани мафҳум ва моҳияти самаранокии иқтисодии рушди соҳаи картошкапарварӣ мафҳумҳои самаранокӣ ва самаранокии иқтисодӣ аҳамияти калидӣ доранд.

Дар адабиётҳои илмӣ оид ба мафҳуми самаранокӣ мутахасисони хориҷию ватанӣ таваҷҷӯҳи зиёде зоҳир намуданд. Дар ҷадвали 1. фикру ақидаҳои мутахасисони хориҷӣ оид ба мафҳуми самаранокӣ оварда шудааст.

Ҷадвали 1. - Мафҳуми самаранокӣ ба ақидаи мутахасисони хориҷӣ

Муаллифон	Мафҳуми самаранокӣ ба ақидаи мутахасисони хориҷию ватанӣ
Абалкин Л.И.	“Самаранокӣ категорияи муҳиме буда, бо воситаи он қонуни сарфаи вақт амал намуда, ба даст овардани натиҷаи муайянро дар воҳиди захираҳои истифодашавандаро ифода менамояд” [1].
Буздалов М.	“Моҳияти самаранокӣ дар ҳамаи шакли хоҷагидорӣ на фақат аз шакли ҷамъиятию мақсади истеҳсолот, инчунин аз гурӯҳи омилҳои ба он таъсиррасонандаю натиҷаи истеҳсолот муайян карда мешавад” [2].
Гусаров А.С.	“Самаранокӣ роҳи интенсификатсияи соҳаи кишоварзӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, вобаста ба он, ин масъала бояд аз нуқтаи назари интенсификатсияи истеҳсолот баҳо дода шавад, зеро вай бевосита ба прогресси илмию техникӣ, ташкили истеҳсолот, меъёри иқтисодӣ, навсозии механизмҳои хоҷагидорӣ ва дар маҷмӯъ ҳамаи самтҳои идоракунии хоҷагӣ вобаста мебошад” [3].
Звягина Н.Н.	“Самаранокӣ ин дараҷаи дастовардҳои истеҳсолӣ дар муҳлати муайяни истифодаи захираҳои асосии мавҷуда ба шумор мешавад” [4].
Чернетсов С.	“Аз рӯйи натиҷаи истифодабарии захираҳои истеҳсолӣ самаранокӣ ин ифодагари муносибатҳои истеҳсолкунандагони баробарҳуқуқ ба шумор меравад” [5]

Сарчашма: *Ҷадвалро муаллиф дар асоси сарчашмаҳои илмии нишондодашуда омода намудааст.*

Дар ин таърифҳо мутахасисони хориҷӣ мафҳуми самаранокиро вобаста ба таҳқиқот муайян намуданд. Дар ҷадвали 2. фикру ақидаҳои мутахасисони ватанӣ оид ба мафҳуми самаранокӣ пешниҳод карда шудааст.

Ҷадвали 2. - Мафҳуми самаранокӣ ба ақидаи мутахасисони ватанӣ

Муаллифон	Мафҳуми самаранокӣ ба ақидаи мутахасисони хориҷию ватанӣ
Аминзода З.М.	“Самаранокӣ манфиатҳои молию пулии молистеҳсолкунандагонро оид ба сарфаи ҳарчи бештари захираҳоро барои истеҳсоли маҳсулоти арзишноку босифат ифода менамояд” [6].
Қурбонова Ф.К. муаллиф	“Самаранокӣ категорияи муҳими иқтисодӣ буда, имконпазирии раванди тақрористеҳсолкунӣ, истифодаи мақсадноки захираҳои мавҷудаю натиҷаи воқеии фаъолияти истеҳсолӣ, сатҳи амалӣ шудани мақсади асосии объектро нишон медиҳад ва вай ҳамон вақт мусбат арзёбӣ мегардад, агар талаботу эҳтиёҷоти ҷомеа қонеъ гардад”.
Носиров Р.	«Самаранокӣ категорияи муҳими иқтисодӣ мебошад, ки муносибатҳои муайяни истеҳсолоти кишоварзӣ, аз қабили муносибатҳои дар соҳаи кишоварзӣ дар асоси истифодаи пойгоҳи захираҳои истеҳсолию табиӣ барои қонеъ намудани талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ, саноат бо ашёи хом нигаронида мешавад, дарбар мегирад» [7]
Одинаев Ш.Т.	“Самаранокӣ дар соҳаи кишоварзӣ категорияи иқтисодӣ буда, маҷмуи мураккаби муносибатҳои объективии танзимшавандаи байни давлату корхонаҳои кишоварзиро инъикос намуда, дар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ барои тақрористеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо хароҷоти минималии моддию пулӣ ва истифодаи оқилонаи иқтидори табии мавриди татбиқ қарор мегирад” [8]
Пиризода Ҷ.С.	“Самараноки яке аз критерияи мураккаби иқтисодӣ буда, вай нисбати натиҷаи истеҳсолот ба сарфи захираҳои истеҳсолиро ифода намуда, бузургиаш аз таъсири омилҳои гуногун вобаста мебошад” [9].
Шарифов З.Р.	“Мафҳуми самаранокиро бо мақсади таъмини ҷараёни устувори истифодаи захираи замину рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзию арзиши нишондиҳандаҳою меъёрҳои самаранокии иқтисодии соҳаҳо истифода карда мешавад” [10].

Сарчашма: Ҷадвалро муаллиф дар асоси сарчашмаҳои илмии нишондодашуда омода намудааст.

Дар ин таърифҳо мутахасисони ватанӣ мафҳуми самаранокиро вобаста ба объекти таҳқиқот изҳор намуданд. Масалан, агар Л.И. Абалкин мафҳуми самаранокиро ҳамчун категорияи муҳиме, ки бо воситаи он қонуни сарфаи вақт амал намуда, ба даст овардани натиҷаи муайянро дар воҳиди захираҳои истифодашавандаро ифодакунанда маънидод намудааст, М. Буздалов бошад моҳияти самаранокиро дар ҳамаи шакли хоҷагидорӣ на фақат аз шакли ҷамъиятию мақсади истеҳсолот, инчунин аз гурӯҳи омилҳои ба он таъсиррасонандаю натиҷаи истеҳсолот муайян намудааст.

А.С. Гусаров самаранокиро ҳамчун роҳи интенсификатсияи соҳаи кишоварзӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки вобаста ба он, ин масъала бояд аз нуқтаи назари интенсификатсияи истеҳсолот баҳо дода шавад, зеро вай бевосита ба прогресси илмию техникӣ, ташкили истеҳсолот, меъёри иқтисодӣ, навсозии механизмҳои хоҷагидорӣ ва дар маҷмӯъ ҳамаи самтҳои идоракунии хоҷагӣ вобастабударо дарбар мегирад. Дар адабиётҳои иқтисодии муосир мутахасисоси ватанию хориҷӣ мафҳуми самаранокии иқтисодиро вобаста ба соҳаи таҳқиқоти худ муайян намудаанд. Фикру мулоҳизаҳои мутахасисони хориҷӣ доир ба самаранокии иқтисодӣ дар ҷадвали 3 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 3. - Мафҳуми самаранокии иқтисодӣ ба ақидаи мутахасисони хориҷӣ

Муаллифон	Мафҳуми самаранокии иқтисодӣ ба ақидаи мутахасисони хориҷӣ
Блауг М.	“Самаранокии иқтисодии системаи хоҷагидорӣ ҳолате мебошад, ки дар он бехтаркунии дараҷаи қонеъгардонии як одам бе бадкунии ҳолати узви дигари ҷамъият имконпазир мебошад” [11].
Богданов А.П.	“Самаранокии иқтисодӣ аз ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти соҳаҳо вобастагӣ дошта, натиҷаи ниҳоии фаъолияти истеҳсолии соҳаро дар давраи муайян нишон медиҳад” [12].
Гатаулин А.М.	“Самаранокии иқтисодӣ ба худ натиҷаи афзуншавии истеҳсолотро дар ҳолати воридшавӣ ба системаи омилҳои захиравӣ ва баромадан аз ин системаро ифода менамояд” [13].
Либкинд А.	“Самаранокии иқтисодӣ категорияе мебошад, ки муносибатҳои истеҳсолию ҷамъиятиро дар татбиқи манфиатҳои давлат, коллективҳою ҳар як кормандро барои истифодаи оптималии захираҳо, бо мақсади гирифтани миқдори зиёдтарини маҳсулот бо хароҷоти камтарин муайян менамояд” [14].
Лопатина О.Ф.	“Самаранокии иқтисодӣ самараи фоиданоки натиҷаи ҷорӣ кардани воситаҳои истеҳсолоту меҳнати зиндаро ифода менамояд. Дар соҳаи кишоварзӣ самаранокии иқтисодӣ гирифтани миқдори зиёдтарини маҳсулот аз воҳиди масоҳати замин бо хароҷоти камтарини меҳнатию моддӣ ба шумор меравад” [15].
Тертышник М.И.	“Самаранокии иқтисодӣ ҳамчун бузургии нисбӣ буда, вай натиҷаи фоиданокиро нишон медиҳад” [16].

Сарчашма: Ҷадвалро муаллиф дар асоси сарчашмаҳои илмии нишондодашуда омода намудааст.

Мафҳуми самаранокии иқтисодиро мутахасисоси хориҷӣ мувофиқи мақсади таҳқиқотҳои худ муайян намуданд.Фикру мулоҳизаҳои мутахасисони ватанӣ оид ба самаранокии иқтисодӣ дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

Ҷадвали 4. – Мафҳуми самаранокии иқтисодӣ ба ақидаи мутахасисони ватанӣ

Муаллифон	Мафҳуми самаранокии иқтисодӣ ба ақидаи мутахасисони ватанӣ
Абдуллоев Д.А.	“Самаранокии иқтисодӣ самараи ниҳоии судмандро дар худ таҷассум намуда, ба даст овардани ҳаҷми зиёди маҳсулотро дар масоҳати муайяни майдони кишт, бо хароҷоти камтарини меҳнат, бо дар назардошти таъмини амнияти экологӣ, аз ҳисоби истифодаи оқилонаи фонди замин, захираҳои молиявӣ, моддӣ, меҳнатӣ ва илмию техникӣ таъмин менамояд” [17].
Қаюмов Ф.К.	«Самаранокии иқтисодӣ муқоисаи дараҷаи қонеъ намудани талаботи корхонаҳои истеҳсолӣ бо захираҳои моддию молиявӣ буда, натиҷаи самаранокии иқтисодии истеҳсолоти ҷамъиятӣ маҷмуи маҳсулоти истеҳсолкардашуда ба ҳар сари аҳолиро нишон медиҳад» [18].
Қурбонова Ф.К. муаллиф	“Самаранокии иқтисодӣ нишондиҳандаи муқоисавиест, ки истифодаи пурраи захираҳои мавҷуда ва натиҷаи истеҳсолоти мақсаднокро инъикос намуда, афзоиши вай рушди соҳа-ҳоро муайян карда, бузургии нисбӣ мебошад ва натиҷаи фоиданокиро нишон медиҳад”.
Мадаминов А.А.	“Самаранокии иқтисодӣ нишондиҳандаи муқоисавиест, ки бузургии маҳсулнокӣ, маблағгузории молиявӣ, хароҷоти иловагӣ ва дараҷаи даромаднокиро бо хароҷоти камтарин ифода менамояд. Дар маҷмӯъ, самаранокии иқтисодӣ дараҷаи даромаднокӣ ва меъёри фоидаро ифода мекунад” [19].
Набиев И.И.	”Самаранокии иқтисодӣ дараҷаи амалишавии манфиатҳои иқтисодиро инъикос намуда, бо низоми нишондиҳандаҳои арзишии ифодакунандаи самаранокии истеҳсол ва фурӯши маҳсулот чен карда мешавад” [20].
Раҳимов Р.К.	“Мафҳуми самаранокии иқтисодӣ фарқи байни самараи бадастомадаю омилҳое, ки ба истеҳсоли маҳсулот истифода мешаванд, ифода менамояд” [21].
Пирзода Д.Ш.	“Самаранокии иқтисодӣ афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, баланд гаштани маҳсулнокии меҳнату паст шудани хароҷотҳои истеҳсолиро нишон медиҳад” [22].

Сарчашма: *Ҷадвалро муаллиф дар асоси сарчашмаҳои илмии нишондодашуда омода намудааст.*

Мафҳуми самаранокии иқтисодиро мутахасисоси ватанӣ мувофиқи мақсади таҳқиқотҳои худ муайян намуданд. масалан, З.Р. Шарифов изҳор менамояд, ки самаранокиро бо мақсади таъмини ҷараёни устувори истифодаи захираи замину рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзию арзиши нишондиҳандаҳою меъёрҳои самаранокии иқтисодии соҳаҳо истифода намудан мумкин аст, Ҷ.С.Пиризода самаранокиро ба сифати яке аз меъёри мураккаби иқтисодӣ нисбати натиҷаи истеҳсолот ба сарфи захираҳои истеҳсолӣ ифода намуда, бузургии онро бошад аз таъсири омилҳои гуногун вобаста будани бузургии онро муайян намудааст,

Р. Носиров самаранокиро категорияи муҳими иқтисодӣ ҳисоб менамояд, ки муносибатҳои муайяни истеҳсолоти кишоварзӣ барои қонеъ намудани талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ, саноат бо ашёи хом нигаронида мешавад, Ш.Т Одинаев самаранокиро дар соҳаи кишоварзӣ ба категорияи иқтисодӣ ворид намуда, маҷмуи мураккаби муносибатҳои объективии танзимшавандаи байни давлату корхонаҳои кишоварзиро инъикос менамояд,

Хулоса. Дар асоси таҳлили адабиётҳои илмию мафҳумҳои самаранокию самаранокии иқтисодӣ, ки дар боло оварда шуданд, муаллиф самаранокии иқтисодии рушди соҳаи картошкапарвариро чунин муайян намуд "Самаранокии иқтисодии рушди соҳаи

картошкапарварӣ бо нишондиҳандаҳои сифатию миқдорӣ ифода гардида, ба даст овардани ҳаҷми зиёдтарини истеҳсоли картошкаро бо хароҷоти камтарин бо назардошти қонеъ намудани талаботи аҳолию бозори дохилию хориҷӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, натиҷаи истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуд буда ва технологияи замонавии соҳавиро нишон медиҳад".

Самаранокии иқтисодии рушди соҳаи картошкапарварӣ аз омилҳои табиии аз қабили номусоидии иқлим, ҳосилнокии хок, боришот ва дигар омилҳо вобаста буда, дар ин соҳа самаранокии иқтисодии баланд ҳангоми истифодаи технологияи замонавии соҳавии каммасраф ба даст меояд, зеро дар раванди истеҳсоли картошка хароҷоти истеҳсоли он ба меъёри камтарин расида, дар натиҷа арзиши аслии истеҳсоли картошка паст гардида, дараҷаи даромаднокии он баланд мегардад.

АДАБИЁТ:

1. Абалкин, Л.И. Конечные народнохозяйственные результаты: сущность, показатели, пути повышения. /Л.И. Абалкин /2 изд. -М.: Экономика, 1982. – 184 с.
2. Буздалов, М. Государственное регулирование аграрного сектора в условиях рыночных преобразований. /М. Буздалов //Вопросы экономики. - 2002. - №9. - С.14-16.
3. Гусаров, А.С. Хозяйственный механизм экономики интенсивного типа /А.С. Гусаров /Проблемы экономики развитого социализма: вопросы теории и практики: Сб. научных трудов. – М.: Экономика, 1982. – С. 25.
4. Звягина, Н.Н. Факторы повышения эффективности производства зерна и использование интенсивных технологий /Н.Н. Звягина //Социально-экономические явления и процессы. - 2009. - №1. - С. 35 – 38.
5. Чернецов, С. Эффективность общественного производства. [Текст] / С. Чернецов //Экономические науки. -М.; 1976. - №5. - С. 58-65.
6. Аминзода, З.М. Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар хоҷагиҳои ноҳияҳои водии Ҳисор. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. Душанбе, 2023. - 200 с.
7. Насиров, Р. Мафҳум ва моҳияти самарнокии иқтисодии баробаркунии шароити истифодабарии заминҳои гуногуни кишоварзӣ. /Р. Насиров, Г.К. Қурбонова // Кишоварз. – Душанбе, 2022.- № 2 (95) - с.124-127.
8. Одинаев, Ш.Т. Ҷанбаҳои назариявии муайян кардани самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ [Матн] / Ш.Т Одинаев, Давлаталии Шариф // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 10. - қ.1. - С.88-92.
9. Пириев, Д.С. Совершенствование размещения сельскохозяйственного производства в новых условиях хозяйствования. [Текст] /Д.С. Пириев, А.Х. Олимов //Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук Душанбе, 2002. - №5-6. - С.133-137.
10. Шарифов, З.Р. Формирование и развитие рыночных механизмов хозяйствования в АПК Таджикистана (теория, методология, практика) [Текст]: дис. д - ра экон. наук: 08.00.05 / Шарифов Зариф Рахмонович. / Душанбе, 2009. – 357 с.
11. Блауг, М. Экономическая теория благосостояния Парето / М. Блауг // Экономическая мысль в ретроспективе = Economic Theory in Retrospect,— //М.: Дело, 1994.- с.540-561.- XVII, 627 с. -ISBN 5-86461-151-4
12. Богданов, А.П. Общественное разделение труда и эффективности сельскохозяйственного производства. [Текст] / А.П. Богданов //– Душанбе: ТСХИ, 1969. - 169 с.
13. Гатаулин, А.М. О системном подходе к оценке экономической эффективности в АПК /А.М. Гатаулин //Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. – 2006.-№8. - с. 8-11.
14. Липкинд А. Эффективность сельскохозяйственного производства: экономико-статистические методы анализа. [Текст]. ////- М.: Статистика, 1976. - 184 с.
15. Лопатина, О.Ф. Экономика сельского хозяйства. [Текст]/ О.Ф. Лопатина, К.П. Оболенский, С.В. Фраер. //-М.:Колос, 1977.-390 с.
16. Тертышник, М.И. Экономика предприятия: учеб.-метод. Комплекс. [Текст]. - / М.И Тертышник. //М.; ИНФРА-М, 2005. - 301 с.
17. Абдуллоев Д.А. Баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ (дар мисоли маводҳои вилояти Суғд). Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. Душанбе – 2020. - 169 с.
18. Қаюмов, Ф.К. Эффективность агропромышленного комплекса в условиях перехода к рынку: общие и региональные проблемы. / Ф.К. Қаюмов //- М.: ЧПО Полигран, 1992. -160 с.
19. Мадаминов, А.А. Проблемы устойчивое развитие аграрного сектора Таджикистана (Монография) / А.А. Мадаминов // Душанбе, ТАУ, 2006. -300 с.
20. Набиев И.И. Баланд бардоштани самаранокии иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ (дар мисоли корхонаҳои минтақаи Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон). Автореф. диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ – Душанбе, 2020. – 60 с.
21. Раҳимов Р.К. Самтҳои асосии рушди иқтисодиёт ва масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот дар Тоҷикистон. - Душанбе: Дониш, 1983. - 204 с.
22. Пирзода Д.Ш. Баланд бардоштани самаранокии истеҳсол ва коркарди сабзавот (дар мисоли шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон). Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. Душанбе 2024. – 166 с.

АННОТАЦИЯ
ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ЭФФЕКТИВНОСТИ РАЗВИТИЯ ОТРАСЛИ КАРТОФЕЛЕВОДСТВА

В статье рассматривается вопрос определения понятия и сущности экономической эффективности развития отрасли картофелеводства. Автор определил понятие и сущность

экономической эффективности развития картофелеводческой отрасли и обосновал ее с научной точки зрения. Он утверждает, что экономическая эффективность развития картофелеводства зависит от природных факторов, таких как неблагоприятный климат, плодородие почв, выпадение осадков и других.

Ключевые слова: *картофель, эффективность, экономическая эффективность, развитие картофелеводства, экономическая эффективность развития картофелеводства.*

ANNOTATION

THE CONCEPT AND ESSENCE OF THE ECONOMIC EFFICIENCY OF POTATO PRODUCTION DEVELOPMENT

The article considers the issue of defining the concept and essence of the economic efficiency of the potato industry development. The author defined the concept and essence of the economic efficiency of the potato industry development and justified it from a scientific point of view. He argues that the economic efficiency of potato farming depends on natural factors such as unfavorable climate, soil fertility, precipitation, and others.

Key words: potato, efficiency, economic efficiency, potato production development, economic efficiency of potato production development.

Сведение об авторе:

Курбанова Фируза Кенджаевна-ассистент кафедры менеджмента и предпринимательства Таджикского аграрного университета имени Ш.Шотемур, 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 146. Телефон: (+992) 985856155

Authors information:

Kurbanova Firuza Kenjaevna - assistant at the department of management and entrepreneurship of the Tajik Agrarian University named after Sh.Shotemur, 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 146. Phone: (+992) 985856155

ТДУ: 339.92

ОМИЛҲОИ АСОСИИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ТИҶОРАТӢ-САРМОЯГУЗОРӢ БАЙНИ ТОҶИКИСТОНУ ХИТОЙ

Обидов У.Ф.-Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калимаҳои асосӣ: *тиҷорат, сармоягузорӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ширкатҳои хитоӣ, инфрасохтор, Як камарбанд - Як роҳ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, муносибатҳои тиҷоратӣ, корхонаҳои муштарак.*

Ҷумҳурии Халқии Хитой яке аз нахустин кишварҳоест, ки Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистонро расман эътироф намуд, ки ин раванд 4 январи соли 1992 сурат гирифт. Алҳол ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳо инкишоф меёбад, ки ба принсипҳои ҳамзистии осоишта ва манфиатҳои мардумон асос ёфтаанд. Пояи мустаҳками ҳуқуқии муносибатҳои ду кишвар танзими муваффақ ва ниҳоии масъалаҳои байни ду кишвари ҳамсояро фароҳам овард.

Ҳоло байни Тоҷикистон ва Хитой механизми самараноки ҳамкориҳои иқтисодӣ, ки бар пояи санадҳои ҳуқуқӣ ва аҳдномавӣ устувор сохта шудааст, амал мекунад. Дар ин замина, миёни ду кишвар чандин санадҳои муҳим ба тасвиб расидаанд, аз ҷумла: Созишнома оид ба муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, Протоколҳо оид ба дастгирӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ, нақлиёти автомобилӣ, ҳамкории соҳаи сӯзишворӣ ва энергетика; ҳамчунин Созишномаҳои қарзӣ миёни КВД БА «Амонатбонк»-и Тоҷикистон ва Бонки амонатгузории давлатии рушди Хитой, ки соли 2007 ва 2013 имзо шудаанд, ҳамчунин Созишнома дар бораи савдои фаросарҳадӣ ва дигар санадҳои ҳамкорӣ.

Дар замони ҳозира: «вазъият ба давраи таърихие шабоҳат дорад, ки бо пайдоиши Роҳи бузурги Абрешим алоқаманд аст - замоне, ки пас аз қариб 200 соли фосила ва маҳрумият аз лашкаркашии Искандари Мақдунӣ, ки «дар даст шамшер дошт», дар минтақа як фиристодаи император бо «дасти шоҳӣ» омад ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Шарқи Миёнаро ба ҳамкории тиҷоратӣ ва ҳамдигарфоиданок даъват намуд» [6].

Ҳарчанд дар давраи таърихӣ ҷангҳо ва нооромиҳо рух дода бошанд ҳам, тиҷорат миёни давлатҳо тавассути Роҳи бузурги Абрешим қатъ нашудааст. Имрӯз метавон гуфт, ки ин роҳи муҳим бо кӯшишҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҶХХ дубора зинда гардида истодааст. Ҳамаи кишварҳои минтақа зарурати татбиқи ин лоиҳаро хуб дарк мекунанд. Дар ин шароит, Эмомалӣ Раҳмон, Сарвари Тоҷикистон, моҳи марти соли 1993 аввалин сафари хориҷии худро ба ҶХХ анҷом дод. Рӯзи 9 марти соли 1993 дар пойтахти Чин – Пекин, роҳбарони ду кишвар ба мувофиқа омаданд ва як изҳороти муштарак оид ба

асосҳои ҳамкориҳои дуҷониба ба имзо расид. Чин Тоҷикистонро ҳамчун узви арзандаи ҷомеаи байналмилалӣ эътироф намуда, омодагӣ ба густариши муносибатҳо ва ҳамкории зичро баён намуд. Бар асоси маълумоти Вазорати иқтисод ва савдои Тоҷикистон, ҳаҷми гардиши тиҷорат байни Тоҷикистон ва Хитой соли 2015 ба 793 миллион доллар расид ва соли 2016 қариб 12 фоиз афзоиш ёфта, ба 885 миллион доллар баробар шуд. Бо ин вуҷуд, соли 2017 коҳише дар ҳаҷми тиҷорати байни ду кишвар мушоҳида гардид.

«Мутахассисон пешрафти манфии гардиши тиҷоратро дар солҳои 2016-2017 ба таъсири манфии бухрони ҷаҳонии иқтисодӣ ва молиявӣ марбут медонанд. Дар ин шароит, кишварҳо талош карданд, ки то соли 2020 ҳаҷми мубодилаи тиҷоратиро ба 3 миллиард доллар бирасонанд. Бо вуҷуди ин, мутаассифона, ин ҳадаф пурра амалӣ нашуд». «Дар соли 2017 ҳаҷми мубодилаи тиҷоратӣ байни Тоҷикистону Хитой 591,6 миллион долларро ташкил дод, вале бо иқдомҳои муштараки ҳукуматҳо аллакай соли 2018 ин рақам ба 651,2 миллион доллари ИМА расид» [9].

Дар соли 2019 ҳаҷми табодули тиҷоратӣ байни Тоҷикистон ва ҶХХ ба 660,9 миллион доллари амрикоӣ расид, ки нишони афзоиши устувор дар робитаҳои иқтисодии ду кишвар мебошад. Дар давоми соли 2023 ин нишондиҳанда бомуваффақият ба қариб 1,503 миллиард доллар афзуда, рушди назарраси ҳамкориҳоро нишон дод. Аз ин миқдор, воридот ба Тоҷикистон ба маблағи 1189,2 миллион доллар ва содироти молҳо аз Тоҷикистон ба Хитой ба 314 миллион доллар баробар гардид, ки ин нишондиҳандаҳо нақши муҳимми Хитойро ҳамчун шарики асосии тиҷоратии кишвар таъкид мекунанд. Дар маҷмуъ, ҳаҷми умумии табодули тиҷоратии байни ду давлат тақрибан 18% қисми савдои хориҷии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, ки боиси тақвияти иқтисоди миллӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад. Ин раванд нишон медиҳад, ки Тоҷикистон ва Хитой пайваста талош доранд, муносибатҳои иқтисодии худро ба сатҳи баландтар баранд ва имкониятҳои нав барои рушди дуҷониба фароҳам оранд.

Мутаассифона, дар ин бобат: «байни омори ҶХХ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқияти назаррас вуҷуд дорад. Бар асоси маълумоти мушовири Идораи иқтисод ва савдои Сафорати ҶХХ дар Тоҷикистон, ҳаҷми умумии табодули тиҷоратӣ миёни ду кишвар дар соли 2019 ба 1 миллиарду 670 миллион доллари ИМА баробар буд. Аз ин маблағ, воридот аз Хитой ба Тоҷикистон тақрибан 1 миллиарду 590 миллион долларро ташкил дод, дар ҳоле ки содироти Тоҷикистон ба Хитой ба ҳисоби миёна 85 миллион доллари амрикоӣ арзёбӣ гардидааст. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки тиҷорати байни Тоҷикистон ва Хитой дорои ҳаҷми назаррас буда, ҷанбаҳои гуногуни ҳамкории иқтисодиро фаро мегиранд» [2]. Фарқият байни омори Тоҷикистон ва омори Чин оид ба гардиши савдои соли 2019 ба 1095 млн. долл. мерасад, ки аз он 2,6 маротиба бештар мебошад.

«Соли 2019 Хитой ба Тоҷикистон $210 млн., сармоягузорӣ намудааст, соли 2023 бошад, он то 450,8, яъне 2,1 маротиба афзудааст. Дар соли 2024 теъдоди корхонаҳои чинӣ дар Тоҷикистон ба 940 расида, ки ин муассисаҳо асосан ҳамчун андозсупорандагони муҳим ва содиркунандагони миёна ва калон ба ҳисоб мерафтанд» [4]. Дар солҳои охир: «Хитой бо мақоми яке аз шарикони калидии тиҷоратӣ дар Тоҷикистон дар байни кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва хориҷи дур қарор гирифтааст» [8].

Алҳол Ҳукумати Хитой яке аз сармоягузорони калидии иқтисодиёти Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ки бештар дар самти такмили инфрасохтори нақлиётӣ ва энергетикӣ дар ду кишвар саҳм мегузорад. Ғайр аз ин, ҳамкориҳо дар соҳаҳои истеҳсоли семент, саноати коркард ва рушди хоҷагии қишлоқ низ ба роҳ монда шудаанд.

Ҳуҷҷати муҳим дар самти таҳкими равобити тиҷоратӣ ва иқтисодӣ байни Тоҷикистон ва Хитой, ки: «санаи 16 сентябри соли 1996 ба имзо расидааст, Созишномаи ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ мебошад. Ин санадро ҳукуматҳои ду кишвар бо ҳадафи мустаҳкам намудани эътимод ва дӯстӣ, густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва таъсиси муносибатҳои иқтисодии баробарҳуқуқ ба имзо расониданд. Созишнома барои рушди тиҷорат, афзоиши гардиши мол ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои амиқ байни субъектҳои иқтисодии ҳарду ҷониб замина фароҳам овардааст. Ин ҳуҷҷат як қадами муҳимми стратегӣ дар мустаҳкам кардани пайванди иқтисодӣ байни Тоҷикистону Хитой мебошад» [13].

Яке аз нуқтаҳои асосии ин созишнома ин буд, ки ҶХХ ба Тоҷикистон қарзи давлатӣ ҷудо намуд, то барномаи барқарорсозии пасоҷанги иқтисодии кишварро дастгирӣ кунад. Бо мақсади густариш додани сармоягузориҳои Хитой дар Тоҷикистон: «дар сатҳи ҳукуматӣ як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ тасдиқ шуданд, ки асоси ҳуқуқии ҳамкорӣ дар соҳаи сармоягузорӣ бо Хитойро таъмин намуданд. Дар байни онҳо барномаи ҳамкорӣ барои солҳои 2008-2013, созишнома дар бораи пешгирии андозбандии дукарата ва пешгирии саркашӣ аз пардохти андозҳо, ҳамчунин созишномаи байниҳукуматӣ оид ба рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ муҳим мебошанд. Ин санадҳо асоси муносибатҳои устувор ва васеи иқтисодиро байни ду кишвар таъмин карданд» [1].

Ҳамзамон, дар ҷараёни ҷаласаҳои Комиссия барои дастгирӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба татбиқи лоиҳаҳо, ки бо истифодаи қарзҳои имтиёзнок ва грантҳо амалӣ мешаванд, тарафи Чин бо дархости Тоҷикистон розӣ шуд,ки тадбирҳои зеринро иҷро кунад:

– «афзун кардани пардохтҳои пешакии Тоҷикистон дар раванди сохтмони ХББ «Ҷануб-Шимол»;
– пешкаш кардани имтиёзҳои муайяншуда дар соҳаи андоз ва гумрук барои молҳое, ки бо қарзҳо ва грантҳо ворид мешаванд;
– кумак дар бақайдгирӣ ва кушодани ҳисобҳои бонкӣ барои ширкатҳои чинӣ, ки дар татбиқи ин лоиҳаҳо ва таъмини коргоҳҳо бо мутахассисон иштирок мекунанд» [11].

Хитой, бо дарназардошти вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон, ба кишвар кумакҳои қарзӣ ва сармоягузорӣ мерасонад, ки ин маблағҳо асосан барои амалӣ кардани лоиҳаҳои муҳим ва тақдирсоз истифода мешаванд.

Муносибати пуразриш ва ҳамкории судманд байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ, махсусан: «дар самти гидроэнергетика аҳаммияти калон дорад. Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги обӣ ва имкониятҳои энергетикӣ мебошад. Қариб 55,4% аз маҷрои умумии обҳои дарёҳои асосии Осиёи Марказӣ — аз ҷумла ҳавзаҳои Амударё ва Сирдарё — дар ҳудуди Тоҷикистон ҷойгир аст».

«Иқтидори умумии гидроэнергетикии ҷумҳурӣ 525 млрд. кВт.соат арзёбӣ мегардад. Иншооти нисбатан бузурги амалкунандаи гидроэнергетикӣ НБО “Норак” дар дарёи Вахш бо иқтидори 3,0 млн.кВт ба шумор меравад. Дар дурнамо нақшаи бунёди силсилаи нуҳ НБО дар дарёи Вахш бо иқтидори умумии тақрибан 9 млн.кВт. соат бо коркарди неруи барқи 35 млрд. кВт.соат солона пешбинӣ шудааст. Минбаъд дар дарёи Панҷ эҳтимоли бунёди силсилаи НБО бо иқтидори умумии 16,0 млн.кВт. ва коркарди солонаи неруи барқи зиёда аз 70 млрд. кВт.соат дар назар дошта шудааст» [5].

Дар низоми умумии манбаъҳои энергетикии Тоҷикистон: «ҳиссаи неру барқи гидроӣ беш аз 95 дарсад аст. Мутобиқи омори мутахассисон, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳон бо иқтидори захираҳои обӣ мақоми ҳаштумро касб мекунад. Иқтидори умумии обӣ тақрибан ба 525 миллиард киловатт-соат мерасад, ки имрӯз фақат қисмати ночизи он — камтар аз 5 фоиз — истифода мешавад» [8].

Аломатҳое равшан ҳастанд, ки захираҳои гидроэнергетикӣ ва истифодаи мақсадноки онҳо на танҳо барои рушди дохилӣ муҳиманд, балки метавонанд ҳамчун заминаи ҳамкории созанда бо кишварҳои дигар, аз ҷумла ҶХХ, хизмат намоянд. Дар ҳамин раванд: «Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон бо ҳамроҳии ширкати давлатии «Барқи Тоҷик» ва сафорати Тоҷикистон дар Чин пешниҳоди ҳамкорӣ ба ширкату корхонаҳои чинӣ дар бахши сохтмони иншооти энергетикӣ пешниҳод намуданд. Дар байни лоиҳаҳои пешниҳодшуда барои сармоягузорӣ аз ҷониби ширкатҳои хитоӣ чунин равона карда шудаанд: таҷдиди Неругоҳи Норак, навсозии Неругоҳи «Сарбанд», бунёди силсила неругоҳҳои барқӣ-обӣ дар дарёи Зарафшон ва барқарорсозии шабакаҳои барқӣ ва гармидиҳӣ дар пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе».

Тоҷикистон яке аз аввалинҳо буд, ки бо Чин созишномаи ҳамкорӣ барои амалӣ кардани ин ташаббусро ба имзо расонд - «Як камарбанд - Як роҳ» платформаи муҳими ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад, ки барои пешбурди лоиҳаҳои бузурги муштарак имконият фароҳам меорад ва метавонад манфиатҳои воқеӣ барои мардумони ҳар ду кишвар ба бор орад. Дар баробари ин, ин ташаббус стратегияи дарозмуддат ва

асоснокшудаест, ки интизориҳо ва манфиатҳои халқҳоро дар назар дорад. Аз ин лиҳоз, Тоҷикистон ҳамкории тиҷоратӣ дар чаҳорчӯбаи ин лоиҳаҳо ба якчанд омилҳои муҳим такя мекунад: «...

- воридшавии Тоҷикистон ба занҷираи глобалии арзишнокии иловашуда бо эътибори бартарафсозии маҳдудиятҳои инфрасохторӣ дар бахши нақлиёт ва тиҷорати байналмилалӣ, ки яке аз мушкилоти ҷиддии кишвар маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, рушди мақсадноки хатсайрҳои нақлиёти байналмилалӣ барои Тоҷикистон аҳаммияти афзоянда пайдо мекунад;
- таҳким ва васеъшавии имкониятҳои ҷалби сармоягузориҳои мустақим ва густариши содирот, ки ба раванди рушди иқтисод мусоидат хоҳад кард» [14].

19 майи соли 2013 дар шаҳри Пекин Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони чанд ширкати калон ва Иттифоқи саноати кӯҳӣ мулоқот кард. Дар он вохӯрӣ масъалаҳои рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла васеъ намудани истеҳсолот дар корхонаи муштараки истихроҷи маъдан «Зарнисор», ки байни Тоҷикистон ва Хитой таъсис ёфтааст, баррасӣ шуданд. То имрӯз ширкати «Чайна Глобал» беш аз 250 миллион доллари амрикоӣ дар марҳилаи аввалини сохтмон ва рушд дар лоиҳаи мазкур сармоягузорӣ кардааст. Дар асоси созишномаҳои қаблӣ, ин ширкат вазифадор аст, дар шаҳри Истиклол (собиқ Табошар) як комбинати калонтарини металлургиро ташкил диҳад» [3].

4 сентябри соли 2017 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ ба шаҳри Сямэн дар музофоти Футсзян бо Президенти ширкати маъруфи истихроҷи маъданҳои кӯҳии Зиҷин, ҷаноби Чэн Ҷин Хэ, мулоқот анҷом дод. Дар ин вохӯрӣ ҷонибҳо оид ба рушди ҳамкории минбаъда байни ширкати Зиҷин ва Тоҷикистон дар бахши афзоиши истеҳсол ва коркарди тилло дар корхонаи муштараки Зарафшон табодули афкор карданд. Гуфта шуд, ки дар давоми даҳ соли фаъолият, ширкати Зиҷин беш аз 450 миллион доллари ИМА сармоягузорӣ кардааст. То он замон ҳаҷми истеҳсоли тилло ба 20 тонна расида, шумораи кормандон беш аз 2 ҳазор нафар, ки беш аз 98%-и онҳо мутахассисони маҳаллӣ мебошанд, ташкил медод.

Роҳбарияти ҶХХ зимни гуфтушунидҳо хоҳиши тарафи Тоҷикистонро оид ба баланд бардоштани сатҳи коркарди ашёи хоми маҳал ба назар мегирад. Мувофиқи маълумотҳо ба Тоҷикистон аз Хитой миқдори зиёд молҳое ворид мешаванд, ки барои истеҳсоли онҳо дар Тоҷикистон шароитҳои мусоид, аз ҷумла ашёи хом ва қувваи корӣ вуҷуд дорад.

Муаррих Ш. Шарипов чунин назар дорад, ки: «Тоҷикистон ҳамчун манбаи муҳимми ашёи хом, махсусан барои кишварҳои пешрафтаи соҳаи нассоҷӣ шинохта мешавад. Ба гуфтаи ӯ, гузариш ба иқтисоди бозорӣ Ҳукумати кишварро водор сохт, ки вобастагии аз ҳад зиёди иқтисоди миллӣ ба ашёи хомро коҳиш диҳад ва ба самти коркарди амиқи маҳсулот гузарад. Яке аз аввалин иқдомҳо дар ин самт соли 1996 дар шаҳри Хуҷанд бо таъсиси корхонаи муштараки «Кообол Текстайлз» гузошта шуд, ки ба коркарди пахта барои истеҳсоли нах, ришта ва матоъ равона шудааст. Соли 1997 дар шаҳри Ҳисор корхонаи муштараки «Ришта» бо иштироки сармояи чинӣ таъсис ёфт, ки ҳамчун намунаи равшани ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Хитой хизмат мекунад. Ин иқдомҳо оғози раванди саноатикунонии коркарди маҳсулоти хом дар кишвар буданд» [15].

Заводи коркарди нефт: «дар ноҳияи Данғара яке аз намунаҳои барҷастаи ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Хитой маҳсуб меёбад, ки дар асоси сармоягузории муштараки ширкатҳои ду кишвар бо номи «ТК-Oil» таъсис ёфтааст. Сохтмони ин иншооти стратегӣ соли 2014 оғоз гардида, маблағи умумии ҷалбшуда барои сохтмон ва таҷҳизоти он беш аз 90 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод. Завод дар ҳудуди Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» ҷойгир буда, дар марҳилаи аввал иқтидори коркарди то 500 ҳазор тонна нефт дар як солро доро хоҳад буд. Ба гуфтаи коршиносон, дар даврaҳои баъдӣ иқтидори корхона ба 1,2 миллион тонна расонида мешавад, ки дар он навъҳои мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ-бензини Евро-4 ва Евро-5, инчунин гази моеъ, дизел, парафин

ва битуми сохтмонӣ истеҳсол хоҳанд шуд. Ин иқдом заминаи устувор барои тақвияти амнияти энергетикии кишвар ва рушди саноати коркарди нафт ба ҳисоб меравад» [10].

Мутаассифона, бо сабабҳои номаълум ин корхона то ба ҳол ба истеҳсоли маводи нефт шуруъ накардааст, ки ин боиси аз даст додани имкониятҳои зиёди потенсиали пешравии иқтисоди ҷумҳурӣ гардид.

Имрӯз бахши истеҳсоли семент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан бо сармоягузориҳои ширкати ҶХХ фаъолият мекунад. «Корхонаҳои муштараки «Чунгтсай Моҳир Семент», «Хуаксин Ғаюр Семент» ва «Хуаксин Ғаюр Суғд Семент» ҳамчун истеҳсолкунандагони калидӣ дар бозори дохилии семент шинохта шудаанд. Ин се ширкат беш аз 85 фоизи ҳаҷми умумии маҳсулоти сементии кишварро таъмин мекунанд. Дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории онҳо, ҳаҷми истеҳсоли семент дар давоми солҳои 2013 то 2023 беш аз 11 маротиба афзоиш ёфтааст-аз 385 ҳазор тонна ба 4,4 миллион тонна. Ин пешравӣ нишон медиҳад, ки сармояҳои хориҷӣ, бахусус аз ҷониби ширкатҳои хитоӣ, нақши муҳиммеро дар рушди инфрасохтори саноатии Тоҷикистон мебозанд» [12]. Соли 2023 - 940,8 ҳазор тонна портландсемент ё 20,4 фоизи ҳаҷми солонаи он ба кишварҳои дигар содир карда шуд.

Шарикии иқтисодии Тоҷикистону Чин дар бахши истихроҷ ва коркарди маъданҳои қимматбаҳо назаррас аст. Як мисоли барҷастаи он ин лоиҳаи муштараки «Зарафшон» мебошад, ки дар ноҳияи Панҷакент ҷойгир буда, беш аз 60 % ҳосили тилоии кишварро истеҳсол мекунад. Соли 2007 саҳмҳои асосии корхонаро ширкати британиёии Common wealth & British Minerals PLC соҳибӣ мекард, аммо моҳи феврали соли 2018 онҳоро ба ширкати хитойии Zi jin Mining Group бо арзиши рамзӣ-1 доллар фурӯхтанд. Ҳоло саҳмияҳо чунин тақсим шудаанд: Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 % ва Zi jin 70 % дар сармоя.

Ба ғайр аз «Зарафшон», дигар корхонаҳои муштараки тоҷикӣ-хитоӣ низ фаъолияташон дар соҳаи истихроҷи металлҳои қимматбаҳо ҷараён дорад. «Масалан, **«Пакрут»** дар ноҳияи Ваҳдат ба истихроҷи тилло машғул аст. Ширкати **TVEA** дар ноҳияи Айнӣ барои коркарди маъдани «Дуоба ва Кумарги боло» иҷозат гирифта, дар баробари лоиҳаҳои энергетикӣ фаъолият дорад. Каши Синюй Дади Майнинг Investment Ltd. дар кони «Якҷилва» (мавзеъи Мурғоб) фаол менамояд. Инчунин, Ширкати тоҷикӣ-хитоии саноати кӯҳӣ маъдани қурғошимӣ-синкии Олтин-Топкан ва Пай-Булоқро истихроҷ ва коркард мекунад ва Бартек Тоҷикистон майнинг дар кони Мушистон иқдом мекунад.

Ин ҳолат далели равшани рушд ва тавсеаи ҳамкориҳои Донор-Чин дар бахши маъдан ва металлҳои махсус мебошад, ки таҷрибаҳои навини коркард ва равандҳои навро дар саноати Тоҷикистон ба роҳ мондааст».

«Huawei, ки соли 1987 дар Ҷумҳурии Мардумии Хитой таъсис ёфтааст, аз соли 1999 фаъолияти худро дар Тоҷикистон оғоз кард. Намоишгоҳи он дар Тоҷикистон соли 2005 қайд шуд ва дар соли 2009 ҳамчун ширкате бо саҳмияҳои маҳаллӣ амал намуд. Huawei бо операторони мобилии тоҷик ҳамкории зич барқарор намуда, нақши муҳим дар рушди инфрасохтори телекоммуникатсия, омӯзиши мутахассисон ва эҷоди ҷойҳои корӣ барои мутахассисони техникӣ дошт. Минтақаи барномаҳо дар соли 2012 бо Вазорати корҳои дохилӣ лоиҳаи “Шаҳри бехатар”-системаҳои видеоназорати роҳҳоро роҳандозӣ кард, ки бо сифати баланд ва сари вақт мавриди истифода қарор гирифт.Боз як ширкати муҳимми хитоӣ, TBEA, ҳамчун пудратчиёни генералӣ дар сохтмони лоиҳаҳои муҳимми энергетикӣ дар Тоҷикистон фаъолият дорад. Онҳо дар сохти хатҳои интиқоли барқии 220 кВ «Лола-зор–Хатлон», 500 кВ «Ҷануб–Шимол», хатсайри 220 кВ Хуҷанд–Айнӣ ва низоми ягонаи энергетикӣ дар шимол саҳм гузоштаанд. Ин лоиҳаҳо бо истифода аз қарзҳои имтиёзноки Хитой дар доираи СҲШ татбиқ ёфта, пеш аз муҳлат иҷро ва ба истифода дода шуданд.

Ин намунаҳо таъкиди равшани ҳамкории технологӣ ва энергетикии Тоҷикистон бо ширкатҳои пешқадам аз Чин мебошанд, ки боиси тақвияти инфрасохтори миллӣ, рушди қобилиятҳои техникӣ ва эҷоди замина барои тараққиёти иқтисодӣ гардиданд».

Дар Тоҷикистон ҳамчунин шумораи зиёди ширкатҳои чинӣ фаъолият мебаранд, ки дар пешрафти иқтисоди кишвар нақши калидӣ доранд. Аз ҷумла, ширкатҳои мисли **ZTE**, ки дар соҳаи телекоммуникатсия ва таҷҳизоти шабакавӣ тахассус доранд, **Sinohydro**, ки

таҷрибаи калон дар сохтмони нерӯгоҳҳои барқӣ-обӣ дорад, ҳамчунин ширкатҳои истихроҷи маъдан ва металлургӣ ба монанди ZiJin ва CRBC, ки дар сохтмони роҳу пулҳо саҳм мегузоранд.

Дар таърихи 4-6 июли соли 2024 Раиси ҶХХ Си Ҷинпин бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф оварда буд. Дар ҷараёни мулоқот ҷонибҳо масъалаҳои гуногуни ҳамкории дуҷониба ва бисёрсоҳавиро миёни Тоҷикистон ва Хитой баррасӣ карданд. Зикр гардид, ки ташаббуси «Як камарбанд - Як роҳ» ва татбиқи босамари барномаи ҳамкории ду кишвар нақши муҳим дар амалӣ сохтани ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030 доранд. Ҷонибҳо оид ба таҳкими муносибатҳои стратегӣ ва густариши ҳамкорӣ дар бахшҳои тиҷорат, иқтисод, маблағгузории лоиҳаҳои Тоҷикистон, сохтмони боғҳои истеҳсолӣ, таъсиси корхонаҳои муштараки саноатӣ, рушди гидроэнергетика бо истифода аз захираҳои фаровони Тоҷикистон, инчунин дар соҳаҳои кишоварзӣ, нақлиёт, сайёҳӣ, илм, маориф, фарҳанг, технология ва дигар самтҳо табодули назар намуданд.

«Баъд аз анҷоми мулоқот дар Қасри миллат бо ширкати Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Чин Си Ҷинпин маросими ифтитоҳи биноҳои нави Парламент ва Ҳукумати Тоҷикистон баргузор шуд.

Иншооти мазкур бо кумаки бепули Ҳукумати Чин, ки маблағи он тақрибан 1,5 миллиард юан (беш аз 230 миллион доллари ИМА)-ро ташкил медиҳад, сохта ва ба истифода дода шуданд».Пас аз анҷоми мулоқот ва музокироти сатҳи олӣ, бо иштироки сарони давлатҳо дар Қасри миллат маросими оғози сохтмони ин биноҳо баргузор гардид. Ҳамзамон, дар ин маросим сарварони ин ду мамлакат дар ҳузури ҳамдигар 29 санади муҳимро имзо карданд. Ҳамчунин, дар доираи сафари давлатии Раиси ҶХХ боз 3 санади тиҷоратӣ ба имзо расид.

Дар ҷараёни таҳқиқоти ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой маълум шуд, ки:

1. Муносибатҳои дуҷониба бо суръати баланди рушд ва дар сатҳи баланди сиёсӣ ҳамроҳ бо пойгоҳи ҳуқуқии устувор таъмин шудаанд. «То имрӯз зиёда аз 200 санади ҳуқуқӣ ва созишномаҳои гуногунсоҳа байни ду давлат ба имзо расидааст. Аз ҷумла, метавон ба Эъломияи муштараки принсипҳои асосии ҳамкорӣ, ки 9 марти соли 1993 дар Пекин қабул гардид, Аҳдномаи дӯстӣ, ҳамсоягӣ ва ҳамкорӣ, ки 15 январи соли 2007 дар ҳамон ҷо имзо шуд ва инчунин Эъломияи муштараки сарварони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар бораи таъсиси шарикии стратегӣ (20 майи соли 2013, Пекин) ишора кард».

2. Дар оғози солҳои 1990-ум, муносибатҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ байни Тоҷикистон ва Хитой дар сатҳи поёнӣ қарор доштанд, ки ин ба сабаби навтаъсис будани давлат ва оғози мустақилияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ бо сабабҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ марбут буд.

3. Пас аз ҳалли мушкилоти дохилӣ, аз ҷумла поёни ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва танзими баҳсҳои марзӣ бо ҶХХ, муносибатҳои иқтисодии ду кишвар дар марҳилаи нави рушди босуръат қарор гирифт.

4. Ҳамкории роҳбарони ду давлат дар ташаккули муносибатҳои тиҷоратӣ, бунёди гардиши мол байни Тоҷикистон ва Хитойро таъмин намуда, ки дар соли 1992 ҳаҷми тиҷорат танҳо 2,75 миллион долларро ташкил медод, ин рақам то соли 2024 ба 1503,2 миллион доллари ИМА расид.

5. Дар давраи ҳозира, дар Тоҷикистон зиёда аз 600 корхонаи муштараки тоҷикиву хитоӣ фаъолият доранд. Ширкатҳои хитоӣ дар соҳаи инфрасохтор, аз ҷумла сохтмони роҳҳо, нақбҳо, хатҳои интиқоли барқ ва зеристгоҳҳо, як қатор лоиҳаҳои калони стратегӣ амалӣ менамоянд.

АДАБИЁТ

1. Алимов, Р.К. Таджикистан и Китай: курсом стратегического партнерства. Международно-политические, экономические и гуманитарные измерения сотрудничества. -Москва, 2014. – С. 141.
2. Бобозода Ф.Т. Стратегическое партнерство Республики Таджикистан на современном этапе – Шарикии стратегӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Конференсияи илмӣ-амалӣ: маҷмуи мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо. Матбааи АИДНПҶТ. -Душанбе, 2020. – С- 10-18.

3. Встреча с руководителями ряда компаний Китайской Народной Республики [Манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj/ru/node/4400 (санаи мурочиат: 20.05.2025).
4. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. Душанбе 2024. – 643 с.
5. Каюмов, Н.К. Переходная экономика Таджикистана: концепции, цели и механизмы развития. Душанбе: 2013. – С. 405.
6. Мамадазимов, А. Политическая история таджикского народа. -Душанбе, 2001. – С. 67.
7. Назаров, Т.Н. Китайско-таджикское сотрудничество: от прошлого к настоящему и будущему // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – Душанбе, 2013. - №1. - С. 3.
8. Олимов С. И. Внешняя торговля Таджикистана и Китая: состояние и перспективы развития. Шарикии стратегӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Конференсияи илмӣ -амалӣ: маҷмӯи мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳ. Матбааи АИДНПҶТ. -Душанбе, 2020. – С- 142-145.
9. Отчёт о деятельности совместных предприятий Таджикистан-Китай. Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи байналхалқӣ.
10. Отчёт о ходе строительства нефтеперерабатывающего завода от 12.08.2015. Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи байналхалқӣ.
11. Протокол третьего заседания таджикско-китайской Комиссии по торгово-экономическому сотрудничеству от 15.09.2006 года. Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи байналхалқӣ.
12. Ресурсы и объекты: насколько Китай углубился в Таджикистане? Азия-плюс. - 2019.
13. Соглашение между Правительством Республики Таджикистан и Китайской Народной Республики от 16 сентября 1996 года. Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи байналхалқӣ.
14. Таджикистан-Китай: от исторической дружбы к стратегическому партнерству. Под общей редакцией академика Т. Назарова. – Душанбе: 2019. – С. 145.
15. Ҳисобот барои фаъолият дар соли 1999. Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.
16. Шарипов, Ш.Ш. Установление и укрепление торгово-экономических, научно-технических и культурных отношений между Таджикистаном и Китайской Народной Республикой (1991 – 2008 гг.) [Текст]: автореф. дис. на соиск. учен. степ. канд. ист. наук (07.00.02) / ов; Таджикский Национальный Университет. – Душанбе, 2010. - С. 14.

АННОТАЦИЯ
ОСНОВНЫЕ ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ ТОРГОВО-ИНВЕСТИЦИОННЫХ ОТНОШЕНИЙ МЕЖДУ ТАДЖИКИСТАНОМ И КИТАЕМ

В статье освещены многочисленные факторы, определяющие развитие торгово-инвестиционных отношений между Таджикистаном и Китаем. Автор отмечает, что среди них решающую роль играют геоэкономические факторы. Быстро растущий экономический потенциал КНР требует, чтобы Китай занимался поиском дешевого сырья в соседних странах. В то же время соседние государства также заинтересованы в использовании огромных экономических и финансово-технологических достижений Китая для развития своей экономики и более быстрого решения многочисленных экономических и социальных проблем, для того, чтобы решительно избавиться от отрицательного торгового баланса. Автор считает, что Таджикистан, как государство с небольшим и ограниченным потенциалом, должен стремиться использовать огромные возможности КНР для достижения необходимых экономических и инновационных успехов. Особенно это касается радикальной реализации политики импортозамещения и укрепления экспортного потенциала республики.

Ключевые слова: *торговля, инвестиции, социально-экономический, китайские компании, Один поясь - Один путь, международные сотрудничество, торговые отношение, совместные предприятие.*

ANNOTATION
MAIN FACTORS IN THE DEVELOPMENT OF TRADE AND INVESTMENT RELATIONS BETWEEN TAJIKISTAN AND CHINA

The article highlights numerous factors determining the development of trade and investment relations between Tajikistan and China The author notes that geo-economic factors play a crucial role among them. The rapidly growing economic potential of China requires that China search for cheap raw materials in neighboring countries. At the same time, neighboring countries are also interested in using China's enormous economic, financial and technological achievements to develop their economies and solve numerous economic and social problems more quickly, in order to decisively get rid of the volatile trade balance. The author believes that Tajikistan, as a state with small and limited potential, should strive to use the enormous opportunities of the PRC to achieve the necessary economic and innovative successes. This is especially true for the radical implementation of the policy of import substitution and strengthening the export potential of the republic.

Key words: *trade, investment, socio-economic, Chinese companies, One belt - One road, international cooperation, trade relations, joint ventures.*

Сведения об авторе:
Обидов Умед Фозилович-докторант PhD Таджикского национального университета. 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки, 17. Тел.: (+992) 108-555-51
Information about the author:
Obidov Umed Fozilovich, PhD Tajik National University. 734025. Republic of Tajikistan, Rudaki St. 17, Dushanbe, Tel.: (+992) 108-555-51

ТДУ 639.3 (476)

НАҚШИ СОҲАИ МОҲИПАРВАРӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ КИШВАР

Муборакшоева А.О., Бобоазиззода Ш.- Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *моҳипарварӣ, меъёр, таъминот, истеҳсолот, озуқаворӣ.*

Моҳипарварӣ - фаъолият оид ба парвариш, нигоҳдорӣ, истеҳсоли моҳӣ ва маҳсулоти коркардшудаи он, беҳсозии сифати намудҳои захираҳои моҳӣ дар объектҳои табиӣ ё сунъии об ба ҳисоб меравад. Хотиррасон менамоем, ки бо мақсади пешрафти соҳа ва таъмини бозорҳои мамлакат бо гӯшти моҳӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи марти соли 2023 «Барномаи маҷмуавии рушди соҳаҳои чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» қабул гардид. Тибқи низоми содакардашудаи андозбандӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи парандапарварӣ, моҳидорӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда аз пардохти андоз аз шахсони ҳуқуқӣ, арзиши иловашуда, аз объектҳои ғайриманқул ва андози замин озод шуданд. Ҳадаф аз ин иқдом таври шоиста ба роҳ мондани рушди соҳа ва ҷалби бештари соҳибкорон ба моҳипарварӣ мебошад. [2,38]

Тибқи таҳлилҳои олимон кӯлу дарёҳои Тоҷикистон дорои беш аз 60 намуди моҳӣ мебошанд. Дар дарёҳои кӯҳӣ ширмоҳӣ, гулмоҳӣ ва дигар намудҳоро метавон вохӯрд.

Ба гуфтаи мутахассисони соҳа, сифати моҳӣ ба сифати об алоқаманд аст, ҳар қадар об тоза бошад, ҳамон андоза моҳӣ аз ҷиҳати экологӣ тоза мешавад. Таъми моҳӣ ҳам ба об вобаста аст. Об ширин бошад-моҳӣ ширин, шӯр бошад- шӯр мешавад. Ҳар сол дар дунё барои маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза озмунҳо гузаронида мешаванд. Соли 2002 дар Женева барои сифати моҳӣ Тоҷикистон соҳиби ҷоизаи тиллоӣ гардид.

Ҷиҳати рушди соҳаи моҳипарварӣ аз ҳисоби маблағҳои Барномаи маҷмуавӣ аз ҶДММ “Корпоратсияи Моҳии Тоҷик” 200000 дона моҳичаҳо харидорӣ гардидида, ба хоҷагиҳои моҳипарвории вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дастрас карда шуданд.

Моҳи июни соли 2022 дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар заминаи ҶДММ «Амина-К»-и ноҳияи Б.Ғафуров ва хоҷагии моҳипарвории “Рахшона”-и ноҳияи Ашт, инчунин хоҷагии гулмоҳипарвории ҶДММ “Корпоратсияи моҳии Тоҷик” семинарҳои илмию амалӣ баргузор карда шуданд. Ҳамзамон, дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Ваҳдат семинар дар мавзуи “Пешгирӣ намудани бемориҳои сироятии гулмоҳӣ” гузаронида шуд.

Агар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи моҳипарварӣ диққату эътибори ҷиддӣ дода шуд, дар натиҷаи амалишавии имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ шумораи хоҷагиҳои моҳипарварӣ, миқдори моҳиҳои зотию такмилӣ ва истеҳсоли моҳӣ зиёд гардида истодааст. Дар ҷумҳурӣ 381 адад хоҷагии моҳипарварӣ бо масоҳати 2744 гектар фаъолият доранд, ки нисбати ҳамин давраи соли 2023 миқдори хоҷагиҳо 9 адад ва масоҳати ҳавзҳои моҳипарварӣ 29 гектар зиёд мебошад [4,54].

Соҳаи моҳипарварӣ рушд ёфта айни замон дар ҷумҳурӣ 372 адад хоҷагии моҳипарварӣ мавҷуд аст, ки нисбати соли 2021 - 9 адад зиёд буда, майдони ҳавзҳои моҳипарварӣ аз 2715 гектар ба 2744 гектар расонида шуд.

Дар замони шуравӣ бо назардошти захираҳои обӣ-биологии Тоҷикистон ба ин соҳа таваҷҷуҳ аз солҳои ҳафтодуми қарни гузашта бештар гардид. Минтақаҳое, ки чунин захираҳоро доштанд, соҳиби хоҷагиҳои моҳипарвари гашта, таи ду даҳсола ин соҳа хеле рушд ҳам намуд. Танҳо дар соли 1991 сайди моҳи дар Тоҷикистон 3945 тоннаро ташкил дод,

маҳсулоти моҳипарвари чун ғизо ба 4261 т расонда шуд. Албатта, бо оғози бесомониғо дар ҷумҳури аксари хоҷагиҳои давлатии моҳипарварӣ аз байн рафтанд ва ин соҳа кариб буд, ки аз байн равад. Вале захираҳои обӣ-биологии мо боки монд, мардум бо усули бобогӣ аз кулҳо, дарёҳо ва обанборҳо моҳи сайд карда, онро ба бозор арза медоштанд ва тули ин солхо бозори истеъмолии мо аз ин махсулоти пуркимату пурнафъ холи набуд.

Бояд тазаккур дод, ки дар давраи соҳибистиклоли Ҷумхурии Тоҷикистон барои эҳёи ин соҳаи хеле пураҳмият тадбирҳои зиёдеро роҳандозӣ намуда, ба рушди бемайлони моҳипарварӣ қарорҳои соҳави қабул гардиданд. Натиҷаи чунин тадбирҳо буд, ки танҳо соли 2005 истеҳсоли моҳи ба 172 ва 179 тонна расонда шуд, аммо дар муқоиса бо натичаи истеҳсолии понздаҳ соли пешин ин нишондод 24 маротиба камтар буд. Натичаҳои истеҳсолии солҳои охир ҳам қобили ахсан набуда, ин соҳаи муҳим ва бемуболиға, афзалиятнок ба камбудиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ аст ва ҳалли он барои таҳким бахшидани амнияти озуқаворӣ бояд ногузир бошад. [3,47]

Тибқи ин меъёрҳо, талабот ба маводҳои хӯрокворӣ ҳисоб карда шуда, таъмини талабот ва нишондиҳандаҳои амнияти озуқаворӣ ва худтаъминкунии он таҳлил карда мешавад. Маҷмуи камтарини хазинаи истеъмолкунӣ барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

Дар вақти барои истеъмолкунӣ ворид кардани сабзавотҳо, полизиҳо, маҳсулотҳои гӯштӣ, моҳигин, равғани растанӣ, маргарин ва дигар намудҳои равған ҳаҷми истеъмоли маҳсулотҳо ба як гурӯҳ ҷамъ карда мешавад. Дар вақти ба хазинаи истеъмолкунӣ ворид кардани маҳсулотҳои нонӣ, қанд ва маҳсулоти қаннодӣ, шир ва маҳсулотҳои ширӣ ҳаҷми истеъмоли маҳсулотҳои ба як гурӯҳ дохилшаванда ҳамчун ашё низ ҳисоб карда мешавад.

Ҷадвали 1.-Таркиби химиявӣ ва арзиши энергетикии маҳсулотҳои моҳие, ки ба камтарин маҷмуи маҳсулотҳои ғизоӣ, бо назардошти талафёбиҳо дар вақти коркард дохил карда мешаванд (дар 100 гр маҳсулот)

Маводҳо / Маҳсулот	Сафедаҳо	Равғанҳо	Карбо-гидратҳо	Арзиши энергетикӣ
Шӯрмоҳӣ	9,6	6,3	0,0	95,1
Шир, чурғот	2,7	3,1	4,6	56,5

Сарчашма: *Ашуров И.С. Экономическая безопасность. Душанбе. «Эр-граф». 2012.-С.198*

Ҷадвали 2. - Меъёрҳои камтарини маҳсулотҳои ғизоӣ барои гӯруҳҳои асосии иҷтимоӣ-демографии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикстон (бо кг, дар як сол).

Гуруҳҳои аҳолӣ / Номгӯи маҳсулотҳо	Аҳолии қобили меҳнат		Нафақа-хӯрон	Кӯдакон		Барои ҳар нафар аҳолӣ
	Мардҳо	Занҳо		0-6 сола	7-14 сола	
Маҳсулотҳои моҳӣ, ҳамагӣ	9,0	7,8	9,0	5,3	7,7	7,7

Сарчашма: *Ашуров И.С. Экономическая безопасность. Душанбе. «Эр-граф». 2012.-С.200*

Дастурҳои ФАО ҳамчун манбаи маҳсуси методӣ истифода бурда мешаванд. Вай дар асоси ҳафт нишондиҳандаҳои асосӣ таҳия мегардад. Яке аз онҳо, ки бисёр машҳур аст, ин захираи ҷаҳонии гандум ва талаботи ҷаҳонӣ нисбати вай мебошад.

Ҷадвали 3.- Хазинаи камтарини истеъмолкунӣ барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишондиҳандаҳо / Номгуй маҳсулот	Ченак	Ҳаҷми истеъмолкунӣ	
		Аҳолии қобили меҳнат	Нафақахӯрон
Маҳсулоти моҳигин	кг, дар як сол	13,7	9,0

Манбаъ: *Ашуров И.С. Экономическая безопасность. Душанбе. «Эр-граф». 2012.-С.200*

Дар ҳолати аз ҳаҷми умумӣ 17%-и вай ба соли дигар гузаштан, амнияти озуқаворӣ таъмингардида ҳисоб карда мешавад. Нишондиҳандаи боқимонда- ҳолати истифодабарии гандум дар мамлакатҳои содироткунанда ва воридкунанда мебошад.

Баъд аз ба даст овардани истиқлолият, бо пешниҳоди ташкилотҳои умумихалқӣ меъёри ғизохӯрӣ бо маҷмӯи озуқаворӣ дар сабади истеъмолӣ иваз карда шуд. 31 августи соли соли 2018 Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қарор дар бораи меъёрҳои физиологии истеъмоли маҳсулоти асосии ғизоӣ ба ҳар сари касро ба имзо расонид ва аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмолии маҳсулоти асосии озукаворӣ ба ҳар сари аҳолии кишвар» тасдиқ гардидааст, ки чунин аст. Дар охири солҳои 90-ӯми асри гузашта дар тараққиёти демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон

тағйиротҳои муҳим оид ба афзоиши аҳолӣ, муҳоҷирати одамон дар дохили мамлакат ва берун аз он ба вуҷуд омаданд ва аз ин ҷо, амнияти озуқворӣ аз нав бо назардошти онҳо дида баромада шуд.

Ҷадвали 4.-Меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмолии маҳсулоти асосии моҳӣ ба ҳар сари аҳолии кишвар

Миқдор / Номгӯи маҳсулот	грамм дар як шабонарӯз	килограмм дар як моҳ	килограмм дар як сол
Моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ	24,6	0,7	9,0

Манбаъ: *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли соли 2018 «Меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмолии маҳсулоти асосии озукаворӣ ба ҳар сари аҳолии кишвар» Маҷаллаи Минбари халқ 6.02.2019 № (1195) с/12*

Ин масъала аз тарафи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низом дароварда шудааст. Вай методи нави ҳисобҳои сатҳи амнияти озуқавориро кор карда баромадааст. Мувофиқи нишондодҳои он, сатҳи амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо формулаи зерин бояд ҳисоб карда шавад:

$$САО = (За + И + ИИ - КҒҒ - Т - Зо) / МИС,$$ ки дар ин ҷо:

САО-сатҳи амнияти озуқаворӣ; И-истеҳсолот дар як давраи муайян; За ва Зо-захираҳо дар аввал ва охири давраи ҳисоботӣ; ИИ- истеъмоли истеҳсолӣ (тухмӣ, хӯроки чорво ва ғайра); КҒҒ- коркард бо мақсади ғайриғизоӣ; Т- талафёбиҳо; МИС- меъёри истеъмоли солона.

Меъёри истеъмолкунӣ (кг, дона) дар як сол барои ҳар як нафар ба шумори миёнаи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хароҷотҳо барои истеъмоли озуқаворӣ, талафёбиҳо, коркардҳо ба мақсади ғайриғизоӣ ва бо факту рақамҳои ваъзи оморӣ муайян карда мешавад [5,78]. Ҳиссаи воридоти озуқаворӣ, ҳамчун мувофиқати воридот ба истеъмоли ҳақиқии солона, ҳисоб карда мешавад. Ҳамин тавр, ба он нигоҳ накарда, ки сатҳи истеъмолкунӣ ба хазинаи истеъмолкунӣ вобаста карда шудааст, вале вай ба арзиши камтарини энергетикии вояи хӯрок (2730 ккал барои як одам дар як шабонарӯз) қабул шудааст ва вай меъёри истеъмолкунӣ, инчунин дастгирии давлатии истеҳсоли агросаноатиро баланд кардааст

АДАБИЁТ

1. Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 1 августи соли 2012 №383
2. Ҳисоботи солонаи вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024
3. Вазъи иҷтимоӣ- иқтисодӣ. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, январь-декабрь с. 2024. –С.19-26.
4. Закон Республики Таджикистан «О прожиточном минимуме» (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2009 год, №5. ст.328)
5. Закон Республики Таджикистан «О содействии занятости населения» (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2003год, №8, ст.467; 2005год, №12, ст. 650; 2007 год, №7, ст. 687; 2008 год, № 12, часть 2, ст. 1006)
6. Закон РФ «О продовольственной безопасности Российской Федерации» 25 декабря 1997 года №453-СФ (сах.20).
7. Закон Республики Таджикистан. О дехканском (фермерском) хозяйстве. от 10 мая 2002 г., №544 // Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2003 №4. – С.18–89
8. Закон Республики Таджикистан. О земельной реформе. от 5 марта 2002 г., №594 // Ахбори Шӯроии Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2003 № 10.– С. 37–42

АННОТАЦИЯ

РОЛЬ ОТРАСЛИ РЫБОВОДСТВА В ОБЕСПЕЧЕНИИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СТРАНЫ

В данной статье, автором собраны точные статистические показатели, характеризующие ключевую роль рыбной отрасли в обеспечении продовольственной безопасности Республики Таджикистан, и повышении эффективности рыбоводства в рыбоводческих хозяйствах Республики Таджикистан. Автор в статье, также отметил, что отрасль рыбоводства получила развитие и в настоящее время в республике действуют 372 рыбоводных хозяйств, что на 9 больше, чем в 2021 году, а площадь рыбоводных прудов увеличилась с 2715 га до 2744 га.

Ключевые слова: *сельское хозяйство, стандарты, снабжение, производство, продовольствие.*

ANNOTATION
THE ROLE OF THE FISHERIES SECTOR IN ENSURING THE COUNTRY'S FOOD SECURITY

In this article, the author has collected accurate statistical indicators on the main role of the fisheries sector in ensuring the food security of the Republic of Tajikistan and increasing the efficiency of fish farming in fish farms in the Republic of Tajikistan. The author also noted in the article that the fisheries sector has developed and currently there are 372 fish farms in the republic, which is 9 more than in 2021, and the area of fish ponds has increased from 2715 hectares to 2744 hectares.

Keywords: *fish farming, standards, supply, production, food, etc.*

Сведенияя об авторах:
Муборакшоева Афзуна Олимшоевна - докторант Таджикского аграрного университета имени Ширинщох Шотемур, 734003. Республика Таджикистан, город Душанбе. проспект Рудаки, 146.Тел: (+992) 002 02 35 94, E-mail. afzuna@iuj.ac.jp
Бобоазиззода шамшод Абдугафур-доцент Таджикского аграрного университета имени Ш.Шотемур. 734003. Республика Таджикистан, город Душанбе. проспект Рудаки, 146.
Information about the authors:
Muborakshoeva Afzuna Olimshoevna - doctoral student of the Tajik Agrarian University named after Sh. Shotemur, 734003.Republic of Tajikistan,Dushanbe city.Rudaki Avenue, 146. Tel.:(+992) 002023594, E-mail. afzuna@iuj.ac.jp
Boboazizzoda shamshod Abdugafur-associate professor of the Tajik Agrarian University named after S. Shotemur. 734003. Republic of Tajikistan, Dushanbe city. 146 Rudaki Avenue.

ТДУ:631:331(375.3)

НАҚШИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР БАХШИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

Давлатзода Б.Р.- Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Калимаҳои асосӣ: *бахши кишоварзӣ, ҷаҳонишавӣ, ивазкунандаи воридот, инноватсия, маҳсулот, кишоварзӣ, иқтисод, сармояи инсонӣ.*

Ҷаҳонишавӣ ба бахши кишоварзии Тоҷикистон таъсири назаррас дошта, ҳам имкониятҳои нав ва ҳам чолишҳои ҷиддиро ба вуҷуд меорад. Яке аз ҷанбаҳои асосии ҷаҳонишавӣ оқибатҳои иқтисодии берунӣ мебошад, ки дар тағирёбии бозорҳои байналмилалӣ, созишномаҳои тиҷоратӣ ва шароити иқлимӣ инъикос меёбанд.

Тоҷикистон бо бозорҳои байналмилалӣ фаъолона ҳамкорӣ мекунад, ки ба он имкон медиҳад содироти маҳсулоти кишоварзиро тавсеа бахшад, аммо ҳамзамон кишварро ба рақобати шадид дучор мекунад. Ҷорӣ намудани созишномаҳои тиҷоратӣ, аз қабили иштирок дар Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё барои тиҷорат шароити нав фароҳам меорад, аммо мутобиқшавӣ ба стандартҳои байналмилалии сифат ва бехатарии маҳсулотро тақозо мекунад[3].

Ҷадвали 1.- Нишондиҳандаҳои асосии кишоварзии Тоҷикистон дар соли 2024

Нишондиханда	Маънои	**Тағйир то соли 2023 (%)**
Маҳсулоти умумии кишоварзӣ (миллиард сомонӣ)	73,9	+10,6%
Маҳсулоти зироат (афзоиши истеҳсолот)	—	+13,4%
Чорво (афзоиши истеҳсолот)	—	+4,9%
Истеҳсоли гандум (ҳазор тонна)	880,7	+2,4%
Воридоти гандум (миллион тонна)	1,1	+41 хазор тонна
Истеҳсоли шолӣ (ҳазор тонна)	150	—
Воридоти биринҷ (ҳазор тонна)	41,2	+6,8 хазор тонна
Истеҳсоли картошка (ҳазор тонна)	1 200	+10,4%
Воридоти картошка (ҳазор тонна)	56,8	+7,7 хазор тонна
Истеҳсоли мева (ҳазор тонна)	825	+24%
Воридоти мева (ҳазор тонна)	67	+19,7 хазор тонна
Истехсоли шир (афзоиш, фоиз)	—	+5,3%
Воридоти маҳсулоти ширӣ (ҳазор тонна)	14	+2,3 хазор тонна
Воридоти гӯшт (ҳазор тонна)	15,7	+6 хазор тонна
Воридоти шакар (ҳазор тонна)	153	+20 хазор тонна
Ҳиссаи кишоварзӣ дар ММД (%)	23,5%	—
ММД Тоҷикистон (миллиард сомонӣ)	153,4	+8,4%

***аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст**

Тағйирёбии иқлим торафт бештар намоён шуда, ба ҳосили зироатҳо таъсир мерасонад. Хушксолӣ, набудани захираҳои об ва шароити номуътадили обу ҳаво

самаранокии истеҳсолоти кишоварзиро коҳиш дода, ҷорӣ намудани технологияи навро барои мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбанда талаб мекунанд. Дар маҷмӯъ, ҷаҳонишавӣ раванди дутарафа аст: аз як тараф, бозорҳо ва имконоти сармоягузории навро мекушояд, аз тарафи дигар, рақобатро афзоиш дода, талаботро ба сифати маҳсулот зиёд мекунад. Барои рушди бомуваффақияти соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон ба инобат гирифтани ин омилҳо ва мутобиқ шудан ба воқеияти нави иқтисодӣ муҳим аст.

Тақвияти кишоварзии маҳаллӣ ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ мусоидат мекунад.

Дар соли 2024 тавлидоти маҳсулоти кишоварзӣ дар Тоҷикистон 10,6% афзоиш ёфта, ба 73,9 миллиард сомонӣ расидааст. Саҳми асосиро зироаткорӣ, ки ҳаҷми истеҳсоли он 13,4 фоиз ва чорводорӣ 4,9 фоиз зиёд кардааст[1].

Тавре ки аз ҷадвали 1 мебинем, бо вуҷуди афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ воридоти маводи озуқа низ зиёд шудааст. Дар соли 2024 кишвар ба маблағи 186,9 мил/дол 227,6 ҳаз/т маҳсулоти кишоварзӣ харидааст, ки нисбат ба як соли қабл 83,1 ҳаз/т зиёд аст.

Биёед ба баъзе маълумот дар бораи молҳои асосии кишоварзӣ назар андозем:

- **Гандум:** Воридот 1,1 миллион тонна (+41 ҳазор тонна то соли 2023)-ро ташкил дод, дар ҳоле ки истеҳсоли дохилӣ 2,4 фоиз афзуда, ба 880,7 ҳазор тонна расид.
- **Биринҷ:** Истеҳсол тақрибан 150 ҳазор тонна буд, аммо воридот 6,8 ҳазор тонна афзуда, ба 41,2 ҳазор тонна расид.
- **Картошка:** Истехсол 10,4 фоиз афзуда, аз 1,2 миллион тонна гузашт, воридот 7,7 хазор тонна афзуда, ба 56,8 хазор тонна расид.
- **Мева:** Ҳосил 24 фоиз афзуда, ба 825 ҳазор тонна расид, аммо воридот низ 19,7 ҳазор тонна афзуда, ба 67 ҳазор тонна расид.
- **Маҳсулоти ширӣ:** Истеҳсол 5,3 фоиз, воридот 2,3 ҳаз/т (то 14 ҳазор тонна) афзуд.
- **Гӯшт:** Воридот 6 ҳаз/т (то 15,7 ҳаз/т) ва шакар 20 ҳазор тонна (то 153 ҳаз/т) афзуд [1].

Тибқи маълумоти соли 2024 маҷмӯи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон ба 153,4 миллиард сомонӣ расида, суръати рушди воқеӣ 8,4%-ро ташкил дод. Саҳми соҳаи кишоварзӣ дар сохтори ММД дар 9 моҳи соли 2023 23,5 фоизро ташкил дод[1].

Барои рушди минбаъдаи воридотивазкунанда ҳавасманд гардонидани рушди истеҳсолоти маҳаллӣ, дастгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири кишоварзӣ зарур аст. Потенсиали содиротии Тоҷикистон низ бинобар шароити табиие, ки барои парвариши маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза имкон медиҳад, назаррас боқӣ мемонад. Барои таҳкими мавқеи мо дар бозори ҷаҳонӣ модернизатсияи инфрасохтори логистикӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии сифат ва рушди саноати коркард зарур аст. Ҳамин тариқ, сиёсати воридотивазкунӣ ва таҳкими иқтидори содиротӣ самтҳои муҳими стратегии рушди устувори соҳаи кишоварзии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ маҳсуб мешавад. Барои баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзии Тоҷикистон рушди системаи таълиму тарбия нақши муҳим мебозад. Технологияи муосир ва усулҳои инноватсионии кишоварзӣ мутахассисони соҳибихтисосро талаб мекунанд. Барномаҳои давлатӣ ва байналмилалӣ ба донишгоҳҳои кишоварзӣ ва мактабҳои касбии техникӣ, ки мутахассисонро дар соҳаи зироаткорӣ, чорводорӣ ва муҳандисии кишоварзӣ омода мекунанд, дастгирӣ мекунанд. Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ба ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта ва баланд бардоштани рақобатпазирии соҳа мусоидат мекунад.

Дар тараккиёти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон технологияи ҳозиразамон роли асосӣ мебозад. Ҷорӣ намудани навоварӣ ба баланд шудани ҳосилнокии меҳнат, кам кардани арзиши истеҳсолот ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот дар бозорҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Хоҷагии деҳқонӣ як системаи идоракунии хоҷагӣ аст, ки ба истифодаи новбари GPS, сенсорҳои намии хок ва дронҳо барои зироатҳои диптикӣ асос ёфтааст.

- Солҳои 2023–2024. Дар Тоҷикистон кариб 200 воҳиди таҷҳизоти хоҷагии қишлоқи дорой GPS-и идоракунӣ чорӣ карда шуд, ки ин имконият дод, ки дурустии пошидани нуриҳо зиёд карда, сарфи онхо 15 фоиз кам карда шавад.

– Дар баъзе хоҷагиҳо барои тадбирхои иловагии мухофизати растанихо аз малах истифода бурдани дронхо харочоти пестисидхоро 20 фоиз кам кард.
– Бо истифода аз захираҳои кишоварзии Тоҷикистон, истифодаи технологияҳои дақиқи кишоварзӣ метавонад ҳосили гандумро афзоиш дода, ба 10-12 фоиз расонад.
– Соли 2024 дар реҷаи озмоишӣ «гармхонаҳои интеллектуалӣ»-и муҷаҳҳаз бо датчикҳои ҳарорат ва намӣ ба кор андохта шуданд, ки ин имкон медиҳад, ки ҳосили зироатҳои сабзавот 18% зиёд карда шавад.
– Дар соли 2023 платформаи миллии кишоварзӣ таҳия карда шуд, ки маълумоти замин, пешгӯии обу ҳаво ва иттилооти бозорро ҳал мекунад. Ҷорӣ намудани ин платформа ба деҳқонон кӯмак кард, ки талафоти ҳосилро аз хушксолӣ то 12% кам кунанд [7].
– Тағйирёбии иқлим деҳқононро маҷбур мекунад, ки ба усулҳои устувори кишоварзӣ гузаранд.
– Дар соли 2024 масоҳати замине, ки дар он обёрии қатрагӣ истифода мешавад, 22% афзоиш ёфт, ки ин боиси коҳиши масрафи об 40% гардид.
– Дар натиҷаи татбиқи барномаи кишоварзии органикӣ тақрибан 5,7 ҳазор гектар замини корам ба технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза гузаронида шуд[8].
– Инкишофи маълумоти дехконон ва такмили ихтисос.
– Дар соли 2023 3,2 ҳазор деҳқон курсҳои устувори кишоварзӣ ва идоракунии корро хатм карданд.
– Дар доираи барномаи ҳамкории байналмилалӣ, масалан, бо ФАО ва Бонки ҷаҳонӣ 15 маркази илмии кишоварзӣ таъсис дода шудаанд, ки дар онҳо ба деҳқонон истифодаи технологияҳои нав омӯзонида мешаванд[8].

Ин мисолҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки рушди сармояи инсонӣ ва ҷорӣ намудани технологияи муосир натиҷаҳои назаррас дода, самаранокии комплекси агросаноатии Тоҷикистонро афзун менамояд.Харочоти меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ яке аз омилҳои асосии таъсиррасонандаи даромаднокии истеҳсолот боқӣ мемонад. Дар соли 2024 маоши миёна дар бахши кишоварзии Тоҷикистон 1450 сомониро (ҳудуди 130 долл. ИМА) ташкил дод, ки нисбат ба бахшҳои саноат ба таври қобили мулоҳиза камтар аст[1].
– Харочоти мехнат 35—40 фоизи харочоти умумии истехсолоти дехкононро ташкил медихад.
– Аз сабаби паст будани хосилнокии мехнат дарачаи даромади мехнаткашони дехот назар ба дигар сохахои иктисодиёт 30 фоиз паст меистад.
– Дар соли 2023 муҳоҷирати коргарон ба хориҷа боиси норасоии қувваи корӣ гардид ва арзиши кори мавсимӣ 15% боло рафт.

Аз деҳот рафтани ҷавонон як мушкили ҷиддӣ боқӣ мемонад. Дар соли 2023 тақрибан 28% хатмкунандагони донишгоҳҳои кишоварзӣ барои кор ба хориҷа рафтанд ё ба дигар соҳаҳо кӯчиданд[1].
– Ҳамагӣ 40 фоизи хатмкунандагони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур дар хочагии кишлок кор мекунад.
– Синни миёнаи деҳқонон дар Тоҷикистон 47 солро ташкил медиҳад, ки ин аз пир шудани нерӯи кории ин соҳа шаҳодат медиҳад.
– Дар деҳот сатҳи бекории ҷавонон ба 22% мерасад, ки мутахассисони ҷавонро маҷбур мекунад, ки ба шаҳрҳо ё хориҷа муҳоҷират кунанд[1].
– Дар соли 2024 ҳукумати Тоҷикистон барномаи субсидияҳои стартапҳои кишоварзиро оғоз намуд, ки ба шарофати он 120 деҳқони ҷавон барои рушди хоҷагиҳо грант дарёфт карданд[1].

Барои ҳалли мушкилот дастгирии давлатӣ, зиёд кардани музди меҳнат, таҳияи барномаҳои таълимӣ ва ҷалби сармоя ба инфрасохтори деҳот зарур аст.

Бахши муосири энергетикии Тоҷикистон бо мушкилоте рӯбарӯ аст, ки татбиқи қарорҳо ва технологияҳои рақамиро тақозо мекунанд. Дар шароити афзоиши аҳолӣ, тағирёбии иқлим ва зарурати баланд бардоштани ҳосилнокии бахши кишоварзӣ рақамисозӣ ба як самти калидии рушд табдил меёбад.

Самтҳои асосии рушди технология

1.**Кишоварзии дақиқ** - бо истифода аз маълумотҳои моҳворагӣ, дронҳо ва сенсорҳо барои оптимизатсияи зироатҳо, истифода бурдани нуриҳо ва назорати ҳосил.

2.**Системаҳои обёрии қатрагӣ** – кам кардани сарфи об ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ.

3.**Платформаҳои рақамӣ барои деҳқонон** - замимаҳои мобилӣ ва хидматҳои онлайнӣ барои таҳлили маълумот, пешгӯии обу ҳаво, нархҳои бозор ва омӯзиши фосилавӣ.

4.**Биотехнология ва инженерияи генетикӣ** – рушди зироатҳои ба хушксолӣ ва ҳашароти зараррасон тобовар.

5.Агродронхо ва тачхизоти корӣ — механиконидани процессхои баходихии самараи кори дехконон.

Намунаҳои ҳалли рақамӣ дар Тоҷикистон

- **Дар соли 2023** ҳукумат лоиҳаҳои озмоиширо оид ба ҷорӣ намудани кишоварзии дақиқ дар якчанд минтақаҳо оғоз намуд, ки ҳосилнокии кишварро 15-20% зиёд мекунад[5].
- **Ҷорӣ намудани обёрии қатрагӣ** дар минтақаҳои вилоятҳои Суғду Хатлон истеъмоли обро 40% кам намуда, рушди устувори истеҳсолоти кишоварзиро таъмин намуд[7].
- **Рушди стартапҳои агротехнологӣ**, ба монанди платформаҳои рақамӣ барои фермерон, ба хоҷагиҳои хурд имкон медиҳад, ки онлайн маслиҳат ва дастгирӣ гиранд.

Дастгирии ҳукумат

- Соли 2024 Вазорати кишоварзии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо созмонҳои байналмилалӣ барномаи трансформатсияи рақамии бахши кишоварзиро оғоз намуд, ки ба омӯзиши кишоварзон дар истифодаи технология нигаронида шудааст[8].
- Марказҳои инноватсионии кишоварзӣ таъсис дода мешаванд, ки дар онҳо мутахассисон оид ба истифодаи технологияҳои нав таълим медиҳанд.

Бар асоси гуфтаҳои боло чунин бармеояд, ки рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ дар баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ, кам кардани хароҷот ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ нақши калидӣ дорад.

Кишоварзӣ дар Тоҷикистон бо назардошти ҳиссаи он дар ММД ва шуғл яке аз бахшҳои иқтисоди дар ҳоли гузариш боқӣ мемонад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии иқлим соҳаи кишоварзӣ бо як қатор мушкилот рӯбарӯ аст, ки рушди устувори технология, навсозӣ ва такмили ихтисоси кадрҳоро тақозо мекунанд. Сарфи назар аз душворихо, перспективахои тараккиёти хочагии кишлоки ҷумҳурӣ перспективанок ба назар мерасанд. Яке аз самтҳои асосӣ диверсификацияи истехсолот мебошад. Рушди технологияҳои нав, аз қабили кишоварзии органикӣ, коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ ва агротуризм ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот дар бозори ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Илова бар ин, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, агродронҳо, системаҳои дақиқи кишоварзӣ ва биотехнологияҳо ба афзоиши ҳосил ва кам кардани хароҷот мусоидат мекунанд.

Рушди иқтидори беруна низ нақши ҳалкунанда мебозад - васеъ намудани бозорҳои меваю сабзавот ва маҳсулоти коркардшуда воридоти иловагии асъорро таъмин намуда, кишварҳои осебпазирро мустаҳкам мекунад.

Истифодаи одилонаи сарватхои табиӣ ахамияти махсус дорад. Оптимизатсияи истифодаи об, ҷорӣ намудани технологияҳои каммасрафи энергия ва мутобиқшавӣ ба назорати иқлим ба кам кардани талафоти ҳосил ва кам кардани хатарҳои экологӣ мусоидат мекунад. Дар ин марҳила нақши он аз навсозии асосӣ иборат аст. Модернизацияи системахои ирригационӣ, тараккӣ додани комплексхои анбори моддию техникӣ, бехтар намудани партовҳои атмосфера-ҳамаи ин боиси кам шудани талафи махсулот ва беҳтар шудани сифати он мегардад. Илова ба тағйироти инфрасохторӣ, зарурати сармоягузорӣ дар соҳаи маориф ва тадқиқот вуҷуд дорад. Тараққиёти муассисаҳои таълимии хоҷагии қишлоқ, чорӣ намудани программаҳои хозиразамони таълим ва такмили ихтисоси мутахассисон дар соҳаи полиграфия тайёр кардани кадрҳое, ки ба самаранок идора кардани процессҳои ҳозиразамони хоҷагии қишлоқ кодиранд.

Ҷалби сармояи ҷаҳонӣ ва хориҷӣ низ нақши калидӣ дорад. Фарохам овардани шароити мусоид барои сохибкорӣ, ҷорӣ намудани программаҳои қарзи имтиёзнок ва дастгирии давлат ба тезонидани модернизацияи комплекси агросаноатӣ ёрӣ мерасонад.

Аз ин рӯ, рушди устувори кишоварзии Тоҷикистон танҳо бо равиши комплексӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, дастгирии давлатӣ, такмили кадрҳои кормандон ва омода намудани кадрҳои соҳибихтисос имконпазир аст. Ҳамаи ин тадбирҳо ба он нигаронида шудаанд, ки бахши кишоварзӣ бештар самараноктар, рақобатпазир ва тобовар ба мушкилоти оянда бошад.

АДАБИЁТ

1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон\. «Хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон 2024: Маҷмӯаи оморӣ». – Душанбе: Агентии омор, 2024.
2. Қурбонов С.А. «Саҳм ва мавкеи хочагии кишлок дар тараккиёти хочагии кишлоки Точикистон». – Иқтисод ва соҳибкорӣ, 2023.
3. Неъматов Х.Т. «Тамоюлҳои тараққиёти хоҷагии қишлоқи РСС Тоҷикистон». – Душанбе: Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023.
4. Вазорати хоҷагии қишлоқи РСС Тоҷикистон. “Барномаи давлатии рушди бахши кишоварзӣ барои солҳои 2021-2030” – Душанбе, 2021.
5. Бонки миллии Тоҷикистон. «Сиёсати инвестиционӣ дар комплекси агросаноатӣ». – Душанбе, 2023.
6. Палатаи савдо ва саноати Чумхурии Точикистон. «Инноватсияҳо дар ҷаҳони кишоварзӣ ва пешгӯиҳои рушди онҳо». – Душанбе, 2023.
7. Барномаи амнияти озуқавории СММ (ФАО). «Тамоилҳои тараққиёти хоҷагии қишлоқи Осиёи Миёна». – Рим, 2023.
8. Барномаи иқтисоди рақамӣ (Бонки Ҷаҳонӣ). «Таҳлили рушди технологияҳои рақамӣ дар комплекси агросаноатии Тоҷикистон». - Вашингтон, 2024
9. Институти тадқиқоти илмии иқтисодиёти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Ивазкунии воридот дар бахши агросаноатии Тоҷикистон». – Душанбе, 2023.

АННОТАЦИЯ

АГРАРНЫЙ СЕКТОР ТАДЖИКИСТАНА В УСЛОВИЯХ ГЛОБОЛИЗАЦИИ: РОЛЬ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА

Аграрный сектор играет ключевую роль в экономике Республики Таджикистан, обеспечивая продовольственную безопасность, занятость значительной части населения и развитие смежных отраслей. Сельское хозяйство составляет значительную долю ВВП страны, а также является основным источником дохода для сельского населения. Однако в условиях глобализации и мировых экономических изменений сельское хозяйство Таджикистана сталкивается с рядом вызовов. В современных условиях одним из важнейших факторов, определяющих эффективность и устойчивость аграрного сектора, становится человеческий капитал. Инвестиции в человеческий капитал позволяют адаптировать сельское хозяйство к требованиям глобального рынка, повышая его устойчивость и эффективность.

Ключевые слова: *аграрный сектор, глобализация, импортозамещение, инновация, продукция, сельское хозяйство, экономика, человеческий капитал.*

ANNOTATION

TAJIKISTAN'S AGRICULTURAL SECTOR IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION: THE ROLE OF HUMAN CAPITAL

The agricultural sector plays a key role in the economy of the Republic of Tajikistan, ensuring food security, employment of a significant part of the population and the development of related industries. Agriculture accounts for a significant share of the country's GDP and is also the main source of income for the rural population. However, in the context of globalization and global economic changes, Tajikistan's agriculture is facing a number of challenges. In modern conditions, human capital is becoming one of the most important factors determining the efficiency and sustainability of the agricultural sector. Investments in human capital make it possible to adapt agriculture to the requirements of the global market, increasing its sustainability and efficiency.

Keywords: *agricultural sector, globalization, import substitution, innovations, products, agriculture, economy, human capital.*

Сведение об авторе:

Давлатзода Бахруллои Рахмон-к.э.н. доцент, докторант кафедры экономика предприятий и предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета. тел. (+992) 909-22-58-58

Author information:

Davlatzoda Bahrullo Rahmon-Doctoral candidate at the department of economics enterprises and entrepreneurship The Tajik state university of finance and economics tel. (+992) 909-22-58-58

ТДУ: 339.9(075.8) (375.3)

КИШОВАРЗИИ РАҚАМӢ МУШКИЛОТ ВА РУШДИ ДУРНАМОИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Туйчизода Л.А.–Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *иқтисоди ҷаҳонӣ, аҳолии сайёра, маҳсулоти озуқа, технологияҳои муосири иттилоотӣ ва рақамӣ, рақамикунонии кишоварзӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ.*

Имрӯз рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ ба яке аз самтҳои калидии афзалиятнок ва ба муҳаррики рушди иқтисоди миллӣ табдил ёфта, хусусан барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти бузурги стратегӣ дорад. Ба ақидаи В.Ф. Федоренко "*Кишоварзии рақамӣ («ақлмандона») метавонад беҳтарин вақтро барои кишти зироат муайян кунад, нуриҳои оптималиро итихоб кунад ва вақти ҷамъоварии ҳосилро муқаррар намояд, вақти боркунӣ ва интиқоли маҳсулотро то ба харидор ҳисоб кунад, ҳароратро дар минтақаи нигоҳдорӣ ва интиқол барои кам кардани талафот назорат кунад, ҳосил ва даромаднокиро пешгӯӣ, инчунин тавсияҳоро оид ба беҳтар намудани технологияҳои истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводорӣ ба даст орад"*[1].

Кишоварзии рақамӣ на танҳо воситаи навсозии раванди истеҳсолот, балки ягона роҳи самараноки афзоиши маҳсулот, беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба маводи ғизоӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Дар шароити Тоҷикистон, ки соҳаи кишоварзӣ яке аз рукнҳои асосии иқтисод мебошад, рақамикунонӣ на танҳо зарурат, балки имкони воқеии расидан ба рушди устувор аст.

Бо истифодаи технологияҳои рақамӣ метавон назорати дақиқи кишоварзӣ, идоракунии самаранок, кам кардани талафот ва таъмини занҷираи истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалиро ба роҳ монад. Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ дар Ҷаласаи 43-юмин дар шаҳри Будапешти Венгрия соли 2023 багрузор гардидааст, барои амалӣ намудан ва натиҷаи рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ қайд карда шудааст, ки: *"Мо дар остонаи даврае истодаем, ки дар он ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ саривақтӣ буда, ба бахши кишоварзӣ ва аҳолии деҳот шукуфоӣ мебахшад. Дафтари минтақавии ФАО дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ (FAO-ECA) бар ин назар аст, ки кишоварзии рақамӣ дар суръат бахшидан ба табдилдиҳии системаҳои кишоварзӣ ва озуқаворӣ, ҳалли мушкилоте, ки аз буҳронҳои ҷаҳонӣ бармеояд ва ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор нақши калидӣ дорад."*[2]. Қобили зикр аст, ки айни замон дар ҷумҳурӣ як қатор мушкилоти ҷорӣ барои рушди рақамикунонии соҳа мавҷуд мебошад:

- норасоии сармоя ва дастрасии маҳдуд ба манбаъҳои молиявӣ;
- набудани инфрасохтори зарурӣ ва шабакаҳои рақамӣ минтақаҳои дурдаст;
- камбудии таҷҳизот ва технологияҳои муосири рақамӣ;
- норасоии кадрҳои тахассусӣ дар бахши рақамикунонии кишоварзӣ;
- нокифоя будани донишу малакаҳои рақамӣ дар миёни кишоварзон;

Барои бартарафсозии мушкилоти мавҷуда ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ, бахши хусусӣ ва густариши барномаҳои таълимиву омӯзишӣ барои кишоварзон зарур шуморида мешавад. Зеро ба ақидаи А.К. Камалян *"Дар доираи таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба рушди технологияи рақамӣ дар соҳаи кишоварзӣ тамоюли дастгирии мақсаднок дар шакли грантӣ мушоҳида карда мешавад. Дар баробари ин, таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки дастгирии инфросохторҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ муҳим арзёбӣ шуда, яъне бе рушди ифросохтори муосири телекоммуникатсионӣ рушди саноати рақамӣ дар комплекси агросаноатӣ имконнопазир аст. Ба ибораи дигар, мавҷудияти технологияҳои компютерии иттилоотӣ асоси бунёди иқтисоди рақамӣ мебошад."*[3].

Ҳоло бошад таҳияи стратегияи мукаммали миллии рақамикунонии кишоварзӣ бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои муваффақ метавонад омили муҳимми пешрафт дар соҳа гардад. Дар маҷмуъ, рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ояндаи наздик бо дастгирии давлатӣ метавонад ба як муҳаррики аслии рушди иқтисоди мамлакат ва таъмини амнияти озуқаворӣ бошад.

Таҳлили вазъи кунунии соҳа нишон медиҳад, ки рушди кишоварзии рақамӣ на танҳо як талаботи замон, балки шарти асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, ҳосилнокӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ мебошад. Дар ҷумҳурӣ айни замон 184,4 ҳазор хоҷагӣ фаъолият намуда истодаанд, ки на ҳамаи онҳо ба имкониятҳои технологияи муосир дастрасӣ доранд.

Инчунин, бо назардошти нақши афзояндаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои аввалини рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ оғоз гардида истодааст. Аз ҷумла, бо мақсади таҳкими иқтидори рақамии соҳа ва беҳтарсозии муҳити фаъолияти кишоварзон Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ барои солҳои 2025–2029-ро таҳия намуд.

Барнома бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2025, №334 қабул гардида, оғози марҳилаи ибтидоии рушди рақамикунонии соҳаи кишоварзиро дар кишвар замина мегузорад.

Дар ҷаҳони муосир, ки рушди технологӣ бо суръати бесобиқа пеш рафта, ин раванд ба рушди кишоварзӣ низ таъсири худро гузошта истодааст. Истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ дар соҳа имконият фароҳам меовард, ки кишоварзон фаъолияти худро самаранок ва мутобиқ ба талаботи замони муосир ба роҳ монанд. Аз автоматикунонии равандҳо то истифодаи маълумоти дақиқ имконият медиҳанд, ки истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ ба сатҳи сифатан нав баланд бардошта шавад.

Ҷадвали 1.-Афзалиятҳои рақамикунонӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи кишоварзӣ

1	Баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва самаранокӣ	Истифода технологияҳои муосири рақамӣ имкон медиҳад, ки тамоми захираҳо аз ҷумла замин, об, нуриҳо ва нерӯи инсонӣ самаранок истифода гардида, ин раванд ба парвариши зироатҳо, баланд бардоштани ҳосилнокӣ, кам кардани талафот, назорати иқлим, хок ва ҳолати растаниҳо мусоидат менамояд.
2	Мониторинги дақиқи кишт то ҷамъоварии ҳосил	Беҳтар намудани сифати маҳсулот, танзими дақиқи даврaҳои кишт, меъёри озуқадиҳӣ, нашъунамои зироат, пешгӯи ҳосилнокӣ ва даромаднокирӣ таҳлил карда мешавад.
3	Идоракунии хавфҳо	Технологияҳои рақамӣ воситаи пуриқтидор барои коҳиш додани таъсири хавфҳо, аз ҷумла пешгирии тағйирёбии иқлим ва мутобиқсозии кишоварзӣ, пешгӯии обу ҳаво, пешгирии пайдоиши бемориҳо ва зараррасонҳо тадбирҳои зарурӣ сари вақт андеша мешавад.
4	Рушди устувор ва кам кардани зарар ба муҳити зист	Коҳиш додани истифодаи нӯриҳои кимиёвӣ, кам кардани партовҳо ба муҳити зист ва устувории экологиро барои истифодаи технологияи «кишоварзии сабз»- фароҳам месозад.
5	Кам кардани меҳнати дастӣ	Автоматикунонии равандҳо барои беҳтар шудани самаранокии фаъолият, ташкили кишоварзии дақиқ (точное земледелие), майдони рақамӣ, хоҷагию фермаҳо ва гармхонаҳои оқил, идоракунии масофавӣ ва истифодаи васеи зеҳни сунъӣ то андозае кори дастиро коҳиш дода, самаранокии истеҳсолотро зиёд мекунад.
6	Тақвияти рақобатпазирӣ	Маҳсулот бо стандартҳои байналмилалӣ истеҳсол ва арзиши аслии он кам мешавад, дастрасӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ осон ва рақобатпазирӣ бо дигар кишварҳо афзоиш меёбад.

Яке аз бартариятҳои асосии истифодаи технологияҳои рақамӣ ин имконияти таҳлили дақиқ ва муфассали вазъи фаъолият буда, технологияҳои зеҳнӣ имконият медиҳанд, ки кишоварзон ҳолати хок, рутубат, ҳарорат ва дигар нишондиҳандаҳоро ба таври фосилавӣ пай-гирӣ кунанд. Бо дарки дақиқи ин маълумотҳо, онҳо метавонанд чораҳои зарурӣ андешида, вақтро самаранок истифода баранд. Технологияҳои рақамӣ инчунин ба сарфаи манобеи арзишманд, аз қабили об, нуриҳо, бахши чорводорӣ ва энергия мусоидат мекунанд. Бо истифода аз системаҳои автоматиконидашуда, кишоварзон метавонанд миқдори истифодаи тухмӣ, нурӣ, об ва ҳамагуна хароҷотро танзим ва самаранок гардонданд. Дар баробари ин на танҳо хароҷотҳо коҳиш меёбанд, балки сифати маҳсулот беҳтар ва арзиши аслии истеҳсол паст мешавад. Илова бар ин, назорати дақиқи равандҳо боиси пешгирии исроф ва беҳбуди идоракунии захираҳо мегардад.

Ҳоло бошад, кишоварзӣ яке аз бахшҳои асосии таъсиргузор ба муҳити зист ба ҳисоб рафта, бо ворид намудани технологияҳои "сабз" ва рақамӣ, имконияти коҳиш додани партовҳо ва дигар таъсирҳои манфии экологӣ кам карда мешавад. Масалан, истифодаи дронҳо барои назорат ва пошидани нуриҳо боиси кам шудани истифодаи моддаҳои кимиёвӣ, хок ва об мегардад. Ин равандҳо рушди кишоварзии устуворро ба муҳити зист мусоидат мекунад. Маҳз, айни замон тағйирёбии иқлим яке аз мушкилоти ҷиддии башарият ба ҳисоб рафта, бахши кишоварзиро бевосита таҳти таъсиру хатарҳо қарор медиҳад.

Бо истифода аз системаҳои рақамӣ пешгӯии хатарҳо аз қабили обу ҳаво, хушксолӣ, обхезӣ, бемориҳо ва дигар масъалаҳои кишоварзон огоҳӣ пайдо карда, тадбирҳои пешгирикунандаро сари вақт андеша, ба шароити тағйирёбандаи иқлим мутобиқ шаванд ва талафоти эҳтимолиро то андозае кам кунанд. Тавсеаи истифодаи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи кишоварзӣ имконияти бузург барои кишварҳои дорои иқтисоди аграрӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад.

Бо ҷорӣ намудани ин технологияҳо, метавон на танҳо самаранокии истеҳсолотро зиёд кард, балки дар роҳи рушди устувор ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим чорабиниҳои зарурӣ андешида мешавад. Дар ин раванд ҳамкорӣ байни сохторҳои кишоварзӣ, муассисаҳои илмӣ ва кишоварзон барои татбиқи васеи ин навовариҳо нақши калидӣ мебозад.

Дар ҷадвали 2 зер тавсияҳо доир ба амалисозии рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ ба таври мухтасар пешниҳод карда мешавад.

Ҷадвали 2.-Тавсияҳо барои рушди рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ

1	Маблағгузории ҳадафнок	сармоягузории давлатӣ ва ҷалби бахши хусусӣ: имтиёзҳои давлатӣ дар самти андоз ва гумрук вобаста ба самти рақамикунонӣ:
2	Рушди захираҳои инсо-нӣ, таҳқиқотҳои илмӣ, такмили ихтисос ва омӯзиш	баланд бардоштани малака ва дониши кишоварзон оид ба истифодаи технологияҳои муосиру рақамӣ: ташкили ихтисосҳо дар муассисаҳои олӣ ва касбии миёна оид ба рақамикунонӣ: таҳқиқотҳои илмӣ ва татбиқи онҳо дар истеҳсолот: ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии олимон дар соҳаи рақамикунонӣ: ташкили курсҳои кутоҳмуддат барои кишоварзон:
3	Дастрасӣ ба қарзҳо ва суғурта	дастрасии кишоварзон ба қарзҳои имтиёзнок: ташкили суғуртаи кишоварзӣ барои кам кардани хавфҳои эҳтимолӣ:
4	Ҳамкорӣ бо институтҳои молиявии байналмилалӣ ва бахши хусусӣ	ҷалби институтҳои молиявӣ ҷиҳати маблағгузорӣ барои рушди рақамикунонӣ: ҷалби ширкатҳои технологӣ ва инноватсионӣ барои дастгирии хоҷагиҳои хурду миёна:
6	Навсозии кишоварзӣ	мутобиқсозии инфрасохторҳои соҳаи кишоварзӣ барои рушди рақамунонӣ: интихоби ноҳия ва хоҷагиҳои пилотӣ барои татбиқи кишоварзии рақамӣ: ташкили майдон, боғ, ферма ва гармхонаҳои таҷрибавии ҳушманд: Smart ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар обёрӣ, механиконӣ ва кишоварзии дақиқ: истифодаи роботҳо, дронҳо бо ёрии сеҳни сунъӣ: ташкили марказҳои инноватсионӣ дар деҳот барои амалисозии кишоварзии дақиқ (Precision Agriculture):
7	Усулҳои устувори кишоварзӣ	тарғиб ва дастгирии кишоварзии органикӣ: ҳифзи хок: идоракунии захираҳои об:
8	Мусоидат ба содирот	ҷустуҷӯ ва дастгирии кишоварзон барои баромадан бозорҳои байналмилалӣ: ташкили имтиёзҳои гумрукӣ: мусоидат барои бастани созишномаҳои тиҷоратӣ бо мамлакатҳои хориҷа:

Рақамикунонии кишоварзӣ иқдоми муҳиммест, ки дар заминаи сиёсати давлатӣ, ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва дастгирии байналмилалиро фароҳам меоварад. Ба ақидаи доктори илмҳои иқтисодӣ И.Б. Манжосова "*Дар шароити зарурати гузаштан ба роҳи инноватсионии рушд барои таҳдиди ҳамаҷонибаи истеҳсолот захираҳои мавҷудаи худӣ кофӣ нестанд, аз ин рӯ, муҳимтарин самти ҳалли ин мушкилот ташаккули институтҳои молиявӣ ва ҷалби сармояи дарозмуддат мебошад*"[5]. Бояд тазаккур дод, ки дар "Барномаи рақамикунонии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029" аз ҳисоби маблағгузории давлатӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушд дар ҳаҷми 120 миллион сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Амалӣ гардидани он тақозо мекунад, ки тамоми сохторҳои дахлдор ҳамкории зичро ба роҳ монда, сиёсати мутамарказ ва устуворро барои рушд ва рақамикунонии кишоварзӣ дар кишвар татбиқ намоянд. Рақамикунонии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як имконияти бузург барои тағйири куллии тарзи фаъолияти анъанавии соҳа ба ҳисоб рафта, на танҳо ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, балки ба рушди иқтисодиёти кишвар, таъмини амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд.

АДАБИЁТ

1. В. Ф. Федоренко. Цифровое сельское хозяйство: состояние и перспективы развития: научное издание. -Москва: Росинформагротех, 2019. - 4 с.
2. 43- сессия Европейская комиссия по сельскому хозяйству ФАО ООН. Внедрение цифровых технологий в сельском хозяйстве и сельских районах путем осуществления национальных стратегий и создания систем электронного прави-

тельства и цифровых деревень – обновленная информация о регионе Европы и Центральной Азии. Будапешт-Венгрия, 27–28 сентября 2023 года
3. А.К. Камалян, Международный опыт развития цифровизации в АПК: государственная поддержка, регулирование, практика. ЕЭК. -101 с. Режим доступа: https://eec.eaeunion.org/upload/medialibrary/d62/ Mezhdunarodnyy-opyt-razvitiya-tsifrovizatsii-v-APK-gosudarstvennaya-podderzhka-regulirovanie.pdf(30.08.2023).
4. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024.
5. Манжосова И.Б.Формирование стратегии модернизации сельского хозяйства в условиях цифровой экономики. – Ставрополь, – 2019. –С.33
6. Барномаи рақамикунонии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.05.2025, №334

АННОТАЦИЯ
ПРОБЛЕМЫ ЦИФРОВОГО СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА И ПЕРСПЕКТИВЫ ЕГО РАЗВИТИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье анализируется степень цифровизации аграрного сектора Республики Таджикистан, выявляются существующие проблемы и предлагаются эффективные решения для развития данной сферы. В современных условиях, тема цифрового сельского хозяйства стала одной из наиболее динамично развивающихся и важных сфер мировой экономики. Особенно в последние годы, учитывая быстрый рост населения планеты, беспрецедентные изменения климата, растущий спрос на продукты питания, их дефицит и рост цен, укрепление цифровой инфраструктуры сельского хозяйства стало первостепенной задачей. Широкое применение современных информационных и цифровых технологий в сельском хозяйстве позволяет повысить эффективность и устойчивость производственных процессов. В этом контексте, цифровизация сельского хозяйства и его устойчивое развитие играют важную роль в обеспечении продовольственной безопасности. Цифровизация не только способствует повышению производительности и рациональному использованию ресурсов, но и обеспечивает контроль качества орошения, использования удобрений, предотвращение стихийных бедствий и сокращение отходов. В этом процессе, цифровизация сельского хозяйства закладывает основу как один из ключевых элементов новых реформ в секторе, которые могут значительно ускорить устойчивое развитие сельского хозяйства. Она также играет важную роль в обеспечении продовольственной безопасности и устойчивости к последствиям изменения климата.

Ключевые слова: *мировая экономика, население планеты, продукты питания, современные информационные и цифровые технологии, цифровизация сельского хозяйства, обеспечение продовольственной безопасности.*

ANNOTATION
PROBLEMS OF DIGITAL AGRICULTURE AND PROSPECTS FOR ITS DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article analyzes the degree of digitalization of the agricultural sector of the Republic of Tajikistan, identifies existing problems and proposes effective solutions for the development of this area. In modern conditions, the topic of digital agriculture has become one of the most dynamically developing and important areas of the world economy. Especially in recent years, given the rapid growth of the world's population, unprecedented climate change, growing demand for food, their deficit and rising prices, strengthening the digital infrastructure of agriculture has become a paramount task. The widespread use of modern information and digital technologies in agriculture makes it possible to increase the efficiency and sustainability of production processes. In this context, digitalization of agriculture and its sustainable development play an important role in ensuring food security. Digitalization not only contributes to increased productivity and rational use of resources, but also ensures quality control of irrigation, fertilizer use, disaster prevention and waste reduction. In this process, digitalization of agriculture lays the foundation as one of the key elements of new reforms in the sector that can significantly accelerate sustainable agricultural development. It also plays an important role in ensuring food security and resilience to the effects of climate change.

Key words: *world economy, world population, food, modern information and digital technologies, digitalization of agriculture, ensuring food security.*

Сведение об авторе:
Туйчизода Лоик Абдуманнон - соискатель кафедры экономики АПК Таджикского аграрного университета имени Ш. Шотемур, начальник отдела прессы и информации Министерства сельского хозяйства Республики Таджикистан, e-mail: loik_t@mail.ru, тел: (+99)2931130880
Information about the autors:

Tuychizoda Loik Abdumannon - Reaplicantr the Department of Economics of the Agro-Industrial Complex of Tajik Agrarian University of named after Sh. Shokhtemur, Head of the Press and Information Department of the Ministry of Agriculture of the Republic of Tajikistan, e-mail: loik_t@mail.ru tel: +992931130880

ТДУ: 339.5.

ЗАРУРАТИ ЗИРОАТКОРИИ ЛАЛМӢ

Муҳиддинзода А.М.

Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ.

Калимаҳои асосӣ: *кишоварзӣ, зироаткорӣ, лалмӣ, таназзули хок, коркарди сифрӣ, самаранокӣ, дастгирии давлатӣ, афзоиш, рушд.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба натиҷаҳои муайяни иқтисодию иҷтимоӣ бо роҳнамоии бевостаи сиёсати созандаи Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ноил гардид. Аммо бояд қайд намуд, ки 34 сол барои таърих ва ташаккули давлати навини собихтиёри тоҷик муҳлати хело ночиз аст. Таърих аз он гувоҳӣ медиҳад, ки асрҳо лозим аст, ки то давлати нав бунёд гардад ва новобаста аз чолишҳои ҷаҳонӣ ҷиҳати рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ қадам занад.

Кишвари мо ҳамчун як ҳалқа аз занҷираи ҷаҳонӣ новобаста аз омилҳои таъсиркунадаи берунӣ ва таҳдидҳо қадам ба қадам баҳри ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан пойдор намудани амнияти озуқаворӣ тамоюли пешравиро касб намудааст. Аммо дар роҳи пурпечутоби рушд монеаҳои зиёде рӯи кор меоянд ва бо назардошти камзаминии кишвар ва то рафт афзоиш ёфтани шумораи аҳолӣ мебояд роҳҳои ҳамгунавии истеҳсолоти кишоварзиро ба роҳ мондан мувофиқи мақсад мешуморем. Таърихан тоҷикон аз қадимулаём кишоварз буданд ва дар риштаи растанипарварию чорводорӣ дар арсаи ҷаҳонӣ мавқеи хосеро ишғол менамуданд.

Масалан, ҳанӯз дар солҳои 30-юми асри XX академик Горбунов Н.П. дар асарҳои хеш таъкид намуданд, ки «...Тоҷикистон яке аз кишварҳои қадимаи зироатпарварӣ буда, ҳанӯз дар давраи қадим маданияти кишоварзӣ дар ин мамлакат ташаккул ва рушд намудааст. Мардуми кишварҳои Осиёву Аврупо аз маданияти кишоварзии форсҳо дарси ибрат мегирифтанд. Мардуми форс ҳанӯз дар даврони гузашта на танҳо маданияти кишоварзиро ташккул додаанд, балки онро то ҳадди ниҳоӣ рушд доданд...» [72, с.37].

Бо вуҷуди иқтидори иқтисодиаш кишвари мо ҳоло ҳам аз воридот вобастагӣ дорад, аз ҷумла маводи озуқаворӣ. Ҳолати мазкур масоили таъмини амнияти озуқавории мамлакатро аз ҳисоби захира ва имконияти дохилӣ боз ҳам шаддидтар мегардонад. Ба андешаи академик Пиризода Ҷ.С. «Дар шароити Тоҷикистон сатҳи баланди вобастагии кишвар аз воридоти озуқаворӣ, ки аз нишондиҳандаҳои амнияти миллӣ гузашта истодааст, бозори истеъмолиро пурра мегардонад, аммо чунин ҳолат ба истеҳсолотчиёни ватанӣ фишори ҷиддӣ меорад» [137, с.136].

Новобаста аз дастовардҳои соҳа, то ҳол иқтидори истеҳсолии соҳаи растанипарварӣ пурра истифода нагардида, истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолии соҳа ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Айни замон дар раванди рушди соҳаи растанипарварии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он мушкилиҳои муайяне рӯйи кор омаданд, ки садди афзоиши самаранокии иқтисодӣ ва натиҷаи рушди минбаъдаи он гардидаанд, аз ҷумлаи он сатҳи пасти маълумотнокии кишоварзон, риоя нагардидани агротехника пойгоҳи нокифояи моддӣ-техникӣ, обёрӣ, дастрас набудани маводи тухмии минтақабоб, дастрас набудани қарзҳои ба соҳаи кишоварзӣ равонагардида ва сатҳи пасти дастгирии давлатӣ.

Бо назардошти маҳдудияти захираҳои табиӣ дар кишвар ва таъсири паёмадҳои тағйирёбии иқлим, зарурати таҳқиқи самаранокии иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ бо истифодаи таҷрибаи пешқадами муасир талаб менамояд.

Анъанаҳо, расму оинҳои халқ, маданият ва тафаккури иқтисодии тоҷикон, хамчун хусусиятҳои муҳимми миллии кишвар ба ҳисоб меравад. Аҳолии минтақаҳои кӯҳӣ дар заминаи ташкили истеҳсолоти шахсӣ, ҳамчун шакли коллективии инкишофёфта, тарзу усулҳои хоҷагидории худро нигоҳ доштанд.

Рушди кишоварзии лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ, ки аз фарҳанги истифодабарии замин дар сарзамини тоҷикон сарчашма мегирад ва бо назардошти афзоиши табиии аҳолӣ, бартарии аҳолии деҳот дар якҷоягӣ бо захираҳои маҳдуди замин мавзуи баррасишавандаро боз ҳам рӯзмарратар

мегардонад. Аз самаранок истифодабарии заминҳои корами лалмӣ рушди минтақаҳои кӯҳӣ вобастагии калон дорад. Вобаста ба ин, омӯзиши самарнок истифодабарии заминҳои корами лалмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари аграрӣ буда, беш аз 70 дарсади аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ намуда, 62 дарсади аҳолӣ ба кишоварзӣ машғул мебошад ва дар чунин ҳолат истифодаи самараноки заминҳои корами лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳии кишвар манбаи асосии таъминоти аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ ва соҳаи саноат бо ашёи хом ба ҳисоб меравад. Қиёс ба давлатҳои ҳамсоя, ки дар он таъминоти аҳолӣ бо маводи озуқа торафт мураккаб шуда истодааст, ба назар гирем, он гоҳ хулоса намоед, ки то чӣ андоза масъалаи мазкур мубраму ҳалталаб аст.

Баррасии мушкилоти ҷойдошта дар самти зироаткории лалмӣ, дар навбати худ, ба ҳамоҳангсозии механизмҳои ташкилию иқтисодӣ, технологию инноватсионӣ ва вазъи экологии минтақаҳои кӯҳӣ вобастагии калон дорад. Таҳлили ҳолати муосири истифодабарии заминҳои лалмӣ дар ноҳияҳои кӯҳистони минтақаи Кӯлоб нишон дод, ки захираҳои заминҳои лалмӣ самаранок истифода намешаванд.

Тибқи маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳосили зироатҳои асосии кишоварзӣ дар ноҳияҳои кӯҳӣ ба ҳисоби миёна 12-15 сентнерро ташкил медиҳад, иқтидори ҳосилнокии эҳтимолии зироатҳои ғалладона, аз ҷумла гандум аз 25 то 30 центнерро ташкил медиҳад. Чунин раванд дар ниҳоят ба зарурати дастгирии давлатӣ ҷиҳати рушди кишоварзии лалмӣ дар ноҳияҳои кӯҳӣ ниёз дорад.

Аз ин лиҳоз, омӯзиши иқтидори иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои кӯҳсори Тоҷикистон ҷиҳати ташаккул ва рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ имкониятҳои бештарро барои расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат «таъмини амнияти озуқаворӣ» фароҳам меоварад. Бояд қайд намуд, ки маҳз зироаткории лалмӣ, яке аз усулҳои каммасрафи истеҳсоли маҳсулот ба ҳисоб меравад, зеро ки зироаткории лалмӣ харочотҳои камро дарбар мегирад. Хусусияти тарзи ҳаёти аҳолии деҳот, ки онҳо бештар дар ҳудудҳои заминҳои кӯҳӣ, наздикӯҳӣ ва доманакӯҳҳо умр ба сар мебаранд аслан ба зироаткорию чорводорӣ вобаста аст ва барои истифодаи самараноки захираҳои заминии чунин минтақаҳо малакаи бой доранд.

Сухан дар бораи гузариш ба зироаткории сарфакорона дар заминҳои лалмӣ меравад, ки зери он мафҳум истифодабарии ҳар як порча замин, обу манбаъҳои об, қувваи арзони корӣ, имконияти ба муомилоти хоҷагии фоиданок дохил намудани заминҳои дар минтақаҳои баланди байникӯҳӣ ва дар канори роҳҳо воқеъгардида ба мақсад мувофиқ мебошад.

Бо назардошти он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он асосан минтақаи Кӯлоб кӯҳистон мебошад, зарур мешуморем, ки ба ташаккул ва рушди кишоварзии лалмӣ, ҳамчун намуди махсуси «зироаткории сарфакунанда» диққати бештар дода шавад.

Ба андешаи мо барои натиҷаҳои назаррас ҷиҳати истеҳсоли маҳсулот бештар аз меъёри муқарраргардида, барои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар коркарди замин, нигоҳдории намнокии замин, дар парвариши маҳсулот, хоҷагидоронро ҳавасманд гардондан мувофиқи мақсад мешуморем. Ҳавасмангардониро дар намуди пешниҳоди имтёзҳои андозӣ, дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок ва бил охира озод кардани хоҷагӣ аз андозбандӣ ба муҳлати муайян роҳандозӣ намудан зарур мешуморем, зеро ки чунин ҳавасмангардонӣ шавқи шуғли хоҷагидоронро дар самти мазкур бештар гардонда, хоҷагидорон барои ноил гардидан ба чунин ҳавасмандиҳо кушишҳои зеёде ба харҷ медиҳанд.

Вобаста ба рушди самти зироаткории лалмӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуданд, ки «Се ҳазор сол қабл,-патриархи заминдорони Сайёраи Заратастра дар китоби муқаддаси худ «Авесто» меҳнати деҳқонон ва муқаддасии онро машҳур намуда, гуфтааст: «Замин манбаи ҳаёт ва идомаи он аст. Касе,ки заминро шудгор мекунад ва онро мекорад,ба замин фоидаи калон меорад.Замин бошад,дар навбати худ, мегӯяд:«Инсоне,ки маро кишт мекунад,-ман ҳамеша ӯро бо озуқа таъмин хоҳам кард, ҳар кӣ дар рӯйи замин гандум мекорад, ба касе монанд аст, ки ҳаёт ва некӣ мекорад» [4, с. 18].

Бояд қайд намуд, ки зироаткории лалмӣ дорои хусусиятҳо ва афзалиятҳои махусус мебошад.

Кишти лалмӣ усулест, ки бидуни обёрӣ рӯёндани зироатхо мебошад. Онро дар минатқаҳои беобӣ, талу теппаҳо, ки барои обёрии растаниҳо об намерасад, ба роҳ мемонанд. Дар зироаткории лалмӣ барои баланд бардоштани ҳосили зироатҳо ва аз хушкӣ муҳофизат намудани растаниҳо усулу технологияҳои гуногунро истифода мебаранд. Яке аз усулҳои асосӣ ин ба роҳ мондани истифодаи мулча мебошад, ки намии заминро нигоҳ дошта, дараҷаи буҳоршавиро коҳиш медиҳад. Дар чунин минтақаҳо навъҳои махсуси растанӣ, ки ба хушкӣ бештар тобоваранд, руёнида мешаванд.

Бояд ёдрас намоем, ки зироаткории лалмӣ ҳам бартарӣ ва ҳам зарари худро дорад. Он имкон медиҳад, ки зироатҳо дар минтақаҳое парвариш карда шаванд, ки одатан об намерасад. Аммо аз

сабаби набудани обёрӣ ҳосили зироатҳо назар ба дигар минақаҳои обёришаванда пасттар мебошад. Ҳаминро ҳам қайд кардан зарур аст, ки дар ҳолати риояи қоидаҳои агротехникӣ дар зироаткории лалмӣ парвариши маҳсулот хароҷот дорад, хусусан барои харид ва истифодаи нуриҳои маъданӣ ва захрдору, то ки аз истифодаи он норасоии намиро пурра намояд, алафҳои бегонаро ҷиҳати коҳишдиҳии истифодаи намии барзиёд нест кунанд. Илова бар ин, он метавонад дар минтақаҳои дорои ҳарорати баланди ҳаво ва намии паст камтар самаранок бошад.

Дар давоми даҳсолаи охир коҳиш гардидани заминхои корам, хусусан заминҳои лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳсор мушоҳида карда мешавад.

Илова бар ин, истифодаи оқилонаи захираҳои замин ва беҳбуди вазъи экологии минтақаҳои кӯҳӣ вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як фарди тоҷикистонӣ мебошад. Барои равшан намудани масъалаи истифодаи самараноки заминҳои лалмӣ дар ноҳияҳои кӯҳӣ дар ҷадвали 1 сохтор ва тамоюли тағйирёбии заминҳои корами лалмӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлонро таҳти баррасӣ қарор додем.

Бино ба маълумотҳои дар ҷадвали 1 оварда шуда, метавон гуфт, ки дар давраи таҳлилӣ истифодаи заминҳо барои кишти гандум дар соли 2023 нисбат ба соли 2020 ба 69,9 дарсад афзоиш ёфт, ин маънои онро дорад, аҳолии минтақаҳои кӯҳӣ сараввал вобаста батаъмини аҳли хонадони худ бо гандум, ки яке аз озуқаи асосӣ дар минтақаи Осиё ба ҳисоб меравад, таъмин намудан зарур шумориданд. Дигар нишондиҳандаҳо вобаста ба нишондиҳандаҳои соли 2020 дар маҷмуъ ба 55 дарсад афзоиш ёфтааст.

Ҷадвали 1. - Сохтори заминҳои корами лалмии кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, солҳои 2020- 2023, ҳазор гектар

Номгӯии зироатҳои кишоварзӣ	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2020/2023,бо %**
Гандум	61,8	80,2	105,1	105,0	169,9
Зағир	4,2	4,2	4,6	4,4	104,8
Картошка	3,9	4,5	4,5	3,8	97,4
Полезиҳо	3,4	3,4	4,0	4,3	126,4
Мевагиҳо	12,3	14,4	14,8	14,9	121,1
Нахӯд	1,1	2,1	1,9	2,0	181,8
Ҳамагӣ дар минтақа	86,5	108,8	134,9	134,4	155,3

Манба: *ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти расмии Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар солҳои 2020-2024. -С.3-25,42-89,135-275.*

Дар навбати худ, зироаткории лалмӣ имрӯз талаботи аҳолиии минтақаро ба маҳсулоти асосии озуқа таъмин намуда, дар таъмини амнияти озуқавории минтақа саҳми арзанда мегузорад (ҷадвали 2).

Аз маълумотҳои дар ҷадвали 2 овардашуда бар меояд, ки дар ноҳияҳои кӯҳӣ дар соли 2023 назар ба соли 2020 истеҳсоли гандум-2,2 маротиба, картошка 7 фоиз, полезиҳо – 64 дарсад, мевагиҳо – 37 фоиз, нахуд -2,9 маротиба ва зағир-44 фоиз афзудааст, ки онҳо дар таъмини аҳолӣ бо маводҳои ниёзи аввал ва таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат менамоянд. Аммо бояд қайд намуд, бино бар маълумоти расмии Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар соли 2023 кишти картошка дар 3,8 ҳазор гектар гузаронида шуд, ки нисбат ба солҳои 2021-2022 ба 700 гектар камтар кишт гардид.

Ҷадвали 2. - Истеҳсоли маҳсулотҳои асосии кишоварзӣ дар заминҳои лалмии минтақаҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2020- 2023, ҳазор тонна

Номгӯии зироатҳои кишоварзӣ	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2020/2023,бо %**
Гандум	1637,7	2734,8	2690,5	3664,5	223,7
Зағир	34,4	35,7	48,3	49,7	144,4
Картошка	615,0	735,7	751,5	656,6	106,7
Полезиҳо	817,0	845,2	1146,8	1339,0	163,8
Мевагиҳо	704,7	851,0	927,9	967,0	137,2
Нахӯд	12,7	38,2	35,7	37,8	297,7
Ҳамагӣ дар минтақа	**3821,5**	**5240,6**	**5600,7**	**6714,6**	**175,7**

Манба: *ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти расмии Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар солҳои 2020-2024. -С.3-25,42-91,135-284.*

Яке аз самтҳои асосии дастгирии давлатӣ ҷиҳати рушди кишоварзии лалмӣ дар ноҳияҳои кӯҳӣ, ҷалби сармоя ба соҳаи кишоварзӣ мебошад. Аз ҷумла, барои тараққиёти устувори зироаткории лалмӣ, ки ҳадафи ниҳоии он баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии хонаводаҳои минтақаи Кӯлоб аст, ҷалб намудани сармоя ба максад мувофиқ аст.

Таносуби ҳаҷми сармоягузорӣ ба ММД, ки дар сенарияҳои дурнамои рушди иқтисодии кишвар нишон дода шудаанд, метавонанд далели асоснокии илмии андешаҳои олимони ватанӣ ва ҳамтоёни хориҷии онҳо бошанд. Дар доираи талошҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба рушди кишоварзии лалмӣ дар ноҳияҳои кӯҳистон лоиҳаҳои инвеститсионӣ татбиқ карда мешаванд, ки аз ҷиҳати муайян намудани нақши онҳо дар танзим ва идоракунии самараноки муносибатҳои замин дар минтақаҳои ҷумҳурӣ хеле назаррас мебошанд.Бояд қайд кард, ки дар баробари бурдбориҳо дар соҳаи зироаткории лалмӣ мушкилоти зиёде ҳам арзи вуҷуд доранд, аз ҷумлаи он мушкилоти биёбоншавӣ ё таназзули хок бо дарназардошти тағйирёбии иқлим дар кишвар дар шароити имрӯза мубрамтарин масъала ба ҳисоб меравад. Зеро ки хисороти солона бо назардошти рӯйи кор омадани масоили мазкур чандин миллион сомониро ташкил медиҳад.

Таназузли хок ба таври таъҷилӣ ҳосилхезии хок ва биоиҳосилнокии заминҳоро коҳиш медиҳад, масоҳати заминҳои обӣ, ҷангалзор, чарогоҳҳоро кам мекунад, сохтмонҳои сершумори хоҷагии халқро вайрон мекунад, заминҳои лалмиро ба замини тира-тира табдил меёбад. Азбаски тағйирёбии иқлим ба заминҳои лалмии Тоҷикистони Ҷанубӣ бештар таъсир мерасонад, деҳқонон умедворанд, ки олимони соҳа истифода аз технологияи нави зеҳнӣ ба онҳо барои нигоҳ доштани ҳосили баланд кумак хоҳад кард. Масоили мазкур аз ҷиҳати экологӣ ҳам барои кишвари мо ва ҳам барои тамоми ҷаҳон бо назардошти таъмини амнияти озуқаворӣ бе ниҳоят мубрам ба ҳисоб меравад.Аз ин рӯ, мо таҷрибаҳое, ки дар заминаи Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон гузаронида шудааст, барои рафъи масоили мазкур зарур мешуморем.

Дар даҳсолаи охир бисёр мамлакатҳои ҷаҳон ба масъалаҳои назария ва амалияи коркарди сифрӣ диққати калон доданд. Технологияи парвариши зироатҳои саҳроӣ бо коркарди сифрӣ дар маҷаллаҳо ва дастурҳои махсус барои деҳқонон нашр гардида, дар он таҷрибаи истеҳсолӣ дарҷ гардидааст, ки имкон медиҳад ҳаҷми воқеии истифодаи самараноки коркарди сифриро муайян намоянд [5, с.7]. Масалан, натиҷаҳои таҳқиқот ҷиҳати истифодаи технологияи захирасарфакунандаи коркарди сифрии замин дар парвариши зироатҳои тирамоҳӣ нишон дод, ки миқдори мошинолотҳои аз ҷиҳати агротехникӣ пуразишро ҳангоми коркарди ҳадди ақал 2,5 фоиз ва ҳангоми коркарди сифрӣ 3,7 фоиз ва ҳангоми парвариши гандуми тирамоҳӣ нисбат ба технологияи анъанавӣ 2,1 фоиз зиёд мекунад.

Биомассаи хушки гандуми тирамоҳӣ дар заминҳои хоки хокистарранг ва шароити заминҳои лалмӣ дар давраи соли 2015 бо таҷрибаи 4-каратаи дар коркарди анъанавии хок - 52,8 с/га ва дар ҳолати коркарди сифрии замин 53,2 с/га ташкил намуд. Ҳосили гандуми тирамоҳӣ бо коркарди анъанавии хок ба ҳисоби миёна - 24,5 с/га, дар сурати коркарди ҳадди ақали замин бо диск - 22,3 с/га, бо чизель - 21,2 ва бо коркарди сифрии замин - 21,3 с/га ташкил кард, ки дар шароити зироаткории лалмӣ самаранокии баланди иқтисодӣ дорад [6, с.112].

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар киштгардони ғалладона дар заминҳои лалмии тира-хокистарии Тоҷикистони Ҷанубӣ технологияи захирасарфакунанда бо назардошти коҳиш додани коркарди замин, ки дар як вақт бо нигоҳ доштани ҳосилхезии замин мусоидат мекунад ва аз ҷиҳати иқтисодӣ ва экологӣ самаранок буда, барои кишти зироатхои лалмӣ мусоидат менамояд.

Хулоса. Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронида нишон дод, ки зироаткории лалмӣ усули муҳимми истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзии минтақаҳои хушк мебошад. Аммо барои ноил гардидан ба натиҷаҳои дилхоҳ, яъне ҳосилнокии баланди маҳсулот мебояд усулу технологияи гуногунро бо назардошти шароити иқлимии минтақа роҳандозӣ намоем.

Минтақаи Кӯлоб, ки дорои ҳудудҳои васеи заминҳои баландкӯҳ, наздикӯҳӣ ва лалмӣ мебошад ва шароити мусоиди табиию иқлимии минтақаи мазкур барои рушди самараноки зироаткории захирасарфакунанда мувофиқ мебошад.

Рушди зироаткории лалмӣ ва самаранок истифода бурдани заминҳои лалмӣ бе дастгирии давлат ва ёрии молиявӣ имконнопазир нест. Дастгирии давлатии рушди ноҳияҳои кӯҳистон ва дар заминаи он истифодаи оқилонаи заминҳои лалмӣ ба такмили механизмҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, экологӣ, иқтисодӣ расонда, ба таъмини шуғли пуррмаҳсули аҳолии минтақаҳои кӯҳистон, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва рушди устувори ноҳияҳои кӯҳистон нигаронида шудааст.

АДАБИЁТ

1. Нарзикулов И.К. Проблемы развития производительных сил Таджикистана и формирования Южно-Таджикского территориально-производительного комплекса. - Душанбе: Дониш, 1975. - С. 37.
2. Пириев Д.С. и др. Проблемы обеспечения продовольственной безопасности в Республике Таджикистан // Доклады ТАСХН. Душанбе, 2006, -№9-10. - С.136.
3. Рахмонов Э. О неотложных мерах по стабилизации и развитию агропромышленного комплекса страны / Э. Рахмонов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – Душанбе.- 2000. - №1.
4. Ғафуров Х. Тоҷикистон дар охири асри XXI: Президент Эмомалӣ Раҳмон ва иқтисодиёти миллӣ / Х. Ғафуров. - Душанбе, 1999.
5. Бейкер С.Дж. Технология и посев // С.Дж. Бейкер, К.Е. Сакстон, В.Р. Ритчи. ЦМИ, 2002. 262 с.

6. Ятимов Б.К., Саидзода С.Т. Эколого-экономическая эффективность приёма технологии нулевой обработки на богарных землях Центрального Таджикистана, с.112
7. Маҷмуаи омории Кишоварзӣ-2024 Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар солҳои *С.3-25,42-91,135-284.*

АННОТАЦИЯ
НЕОБХОДИМОСТЬ БОГАТОГО ЗЕМЛЕДЕЛИЯ

В данной статье автор размышляет о проблемах ведения богарного земледелия в Кулябском регионе Хатлонской области. В частности, он анализирует опыт предков по ведению богарного земледелия, взгляды учёных на использование современных технологий для повышения мотивации сельского населения к занятию сельским хозяйством, сохранения состояния земель и, в конечном счёте, повышения экономической эффективности богарного земледелия, а также представляет свои рекомендации по развитию отрасли.

Ключевые слова: *сельское хозяйство, растениеводство, богара, деградация почв, нулевая обработка почвы, эффективность, государственная поддержка, рост, развитие.*

ANOTATION
THE NEED FOR RICH AGRICULTURE

In this article, the author reflects on the problems of dry land agriculture in the Kulyab distrits of the Khatlon region. In particular, he analyzes the experience of ancestors in dry farming, the views of scientists on the use of modern technologies to increase the motivation of the rural population to engage in agriculture, preserve the condition of the land and, ultimately, increase the economic efficiency of dry land agriculture, and also presents his recommendations for the development of the industry.

Key words: *agriculture, crop production, rainfed agriculture, soil degradation, zero tillage, efficiency, government support, growth, development.*

Сведения об авторе:
Мухиддинзода Абдулло Мухриддин – соискатель Института экономики и системных исследований развития сельского хозяйства Таджикской академии сельскохозяйственных наук. Республика Таджикистан. город Душанбе, улица Хаёти нав, 306.

Information about the author:
Mukhiddinzoda Abdullo Mukhriddin is an applicant for the Institute of Economics and Systems Research for Agricultural Development of the Tajik Academy of Agricultural Sciences. Republic of Tajikistan. Dushanbe city, Hayoti nav street, 306.

УДК: 338.4(575.32)

ОЦЕНКА ВОЗМОЖНОСТЕЙ, РИСКОВ И БАРЬЕРОВ В УСТОЙЧИВОМ РАЗВИТИИ ВАНЧСКОГО РАЙОНА.

Абдурахимов Г.Л.-Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни

Ключевые слова: *оценка, возможности, угрозы, преимущества, недостатки, ресурсы, устойчивое развитие, Ванчский район, потенциал, сельское хозяйство, промышленность, сфера услуг, стихийные бедствия, модель SWOT, стратегия.*

Исследования ресурсов и потенциала устойчивого социально-экономического развития Ванчского района, проведенных нами в 2009, 2010, 2015, 2019 и 2021гг. [1,8], а также анализ литературных источников [2,3,6,7,9-15] и оперативных данных местных органов власти (управления статистики, сельского и водного хозяйств и т.д), дехканско-фермерских хозяйств Ванчского района за 2015-2021гг. позволили сделать следующие обобщения.

1. Изолированное от центра положение Ванчского района, с одной стороны и наличие в нем прекрасных природных условий и ресурсов [1] с другой, определили моноцентрическую (автаркическую) модель его развития, основанную на попытках решения проблем своего устойчивого социально-экономического развития собственными силами.

2. В целом, развитие горного аграрного Ванчского района, в значительной степени, зависит от состояния сельского хозяйства, которое на сегодняшний момент является одним из крупных работодателей на селе и единственной крупной сферой экономики, обеспечивающей сохранение природного ландшафта и уход за культурным ландшафтом.

Его особенностью является то, что зерновые, овощи и фрукты идут на экспорт и поэтому обеспечение условий для увеличения наименований экспортных продуктов и на этой основе увеличение объёма сельскохозяйственной продукции должно стать в Ванчском районе одной из важных прерогатив. В целом, по нашим экспертным оценкам в районе было произведено в 2020г. почти в 2,1 раза больше продукции сельского хозяйства, чем в среднем по области на

сумму 198,3 млн. сомони, из которых на растениеводство пришлось 102,1 млн. сомони (51,5%) и 96,2 млн. сомони (48,5%) на сферу животноводства.

3. Промышленность в районе развита слабо. Доля промышленного производства на 01.01.2022.- 3,25 % и 0,06 от областного и республиканского, соответственно. Для его подъёма весьма перспективны планы по переработке огромных запасов минеральных природных ресурсов и выработке гидроэлектроэнергии. Это может в будущем полностью решить вопросы о внутренней и внешней миграции через создание новых рабочих мест.

4. В сфере услуг выделяются проблемы трудовой миграции, малого и среднего предпринимательства (МСП), вопросы туристического развития района и ряд других проблем.

4.1. Более трети трудоспособного населения в трудовых процессах у себя на родине не участвует, предпочитая трудовую миграцию за ее пределами. Количество безработных - около 6 % населения. Среднее образование доступно всем, чего нельзя сказать о дошкольном. Положение дел в здравоохранении удовлетворительное и его развитие ограничивают ряд проблем и, в первую очередь, финансового характера. Объем адресной помощи социально-уязвимым слоям населения незначительна.

4.2. В МСП ведущую роль занимает строительство (58,5 %). Незначительные объёмы производств и оказания услуг со стороны торговли (16,2 %), транспорта и связи (14,6 %), сельского хозяйства (10,1 %), бытового обслуживания (0,6 %) связаны с недостаточными финансовыми возможностями предпринимателей, большими процентами за кредиты и коротких сроках из возвращения, сложностями в регистрации, высокими экспортными ценами продукции на внешнем рынке, дефицитом информации для организации и руководства бизнесом (особенно среди женщин), трудностями в обеспечении электроэнергией, ненадежной системой транспорта и коммуникаций, несмотря на высокую степени поддержки МСП со стороны пяти банков (42,8 % кредитного портфеля).

4.3. Знаменитые исторические памятники в местностях Убари Даргов, Довги, Дараи Зинг, Ванчи боло и др., красивый горный ландшафт могут способствовать туристическому развитию Ванчского района. Но этого не происходит, из-за отсутствия в районе: специалистов в сфере туризма (гиды, проводники и переводчики), туристических фирм, благоустроенных гостиниц; отсутствия специальных центров сферы туризма при отделе молодёжи, спорта и туризма района; неэффективного использования рекламы; недостаточности работ по размещению сайтов во всемирной сети Интернета; недостаточности финансирования; необеспеченности необходимого уровня и гармонизации действий местных органов; неблагоприятного отношения со стороны соответствующих структур к развитию частных инициатив; ограниченности возможностей по выставлению туристической продукции на внутреннем и внешнем рынке.

5. Стихийные явления угрожают сёлам трёх джамоатов: Ванч, Техарв и Язгулям. Это чаще всего сели, камнепады и оползни, что связано с большой крутизной склонов, сильной эрозионной расчлененностью рельефа, редкой растительностью склонов (в т. ч. и из-за перевыпаса скота), возросшим стоком р. Ванч за 2015-2021 гг. (в связи с потеплением климата) и, соответственно, увеличившимся уровнем воды в реке, по сравнению с нормой, на 6-8 % (с 17,6 до 19,0м³/с). Из-за этого 150 га пойменных орошаемых земель были уничтожены. В связи с этим срочно необходимы берегоукрепительные работы на р. Ванч.

При размещении водоёмких производств в исследуемом регионе, зафиксированный к 2021г. рост речного стока, обязательно должен быть учтен, равно как позитивный фактор повсеместного строительства мГЭС на притоках р. Ванч и на ней самой. Обобщив и проанализировав приведенный выше материал, оценим возможности, угрозы, сильные стороны (преимущества) и слабые стороны (недостатки) в развитии Ванчского района. Оценка выполнялась по модели SWOT, предложенной Демингом Эдвардсом [5] и дополненной Д. В. Арутюновой [4].

Приведём (табл.) примерные варианты факторов в структуре SWOT применительно к Ванчскому району.

Таким образом, для повышения потенциала развития Ванчского района необходимо устранить (либо минимизировать) слабые стороны, вследствие чего существовавшие до этого угрозы снизятся. Всесторонний анализ полученных параметров, приведенный с помощью SWOT,

даст возможность наметить стратегию развития и повышения потенциала Ванчского района, выработав для этого конкретные меры.

Таблица.-Анализ общего состояния района (SWOT)

Сильные стороны или преимущества, «S» (Strength)	**Слабые стороны или недостатки «W» (Weakness)**
• Существование богатых природных ресурсов, в том числе и полезных ископаемых • Благоприятные природные и климатические условия • Существование плодородных обрабатываемых и других земель для развития сферы сельского хозяйства. • Наличие спроса на сельскохозяйственную продукцию на внешнем рынке. • Существование свободных трудовых ресурсов в районе • Существование культурных и исторических памятников. • Трудолюбивый народ • Многоцветность флоры и фауны. • Существование благоприятных условий для внутреннего и внешнего инвестирования. • Существование опытных дехканских хозяйств и индивидуальных фермерств. • Опыт работы с иностранными инвесторами • Существование районной газеты • Расположение района на автомобильной дороге «Душанбе – Хорог – Кульма»	• Недостаточное инвестирование для организации предприятий по переработке природных ресурсов. • Слабое финансово-техническое состояние сельскохозяйственной отрасли и недостаточность предприятий по переработке сельскохозяйственной продукции. • Отсутствие нужных рабочих мест и низкая зарплата • Недоступность первостепенной необходимой инфраструктуры. • Ненадлежащее состояние дорог местного значения и аварийное состояние объектов водоснабжения. • Отсутствие Генерального плана развития района. • Отсутствие центра культуры и досуга в районе. • Нехватка поливных вод и орошаемых объектов. • Дальнее расположение района от железной дороги и международного аэропорта. • Недостаток промышленного потенциала и неэффективное использование существующих мощностей. • Высокие ставки кредитов и сокращение сроков их использования. • Уменьшение денежных переводов и недостаток рабочих мест за счёт вернувшихся из трудовой миграции. • Отсутствие эффективных рычагов поддержки производителей сельскохозяйственной продукции. • Отсутствие предприятий по обработке горных пород.
Возможности «O» (Opportunities)	**Угрозы «T» (Threats)**
• Развитие сельского хозяйства (организация внутреннего рынка и точек приёма сельскохозяйственной продукции). • Налаживание обработки целебных трав. • Развитие малого и среднего предпринимательства и организация на этой основе новых рабочих мест. • Привлечение потенциальных инвесторов для осуществления проектов развития территории (доноров, отечественных и зарубежных предпринимателей). • Недоступность малых кредитов. • Организация рынка у автодороги «Душнабе-Хорог-Кулма». • Привлечение капитала для развития туризма.	• Стихийные бедствия (наводнения, град, селевые потоки, засухи, обвалы, оползни и др.). • Отрицательное влияние экономического кризиса на развитие местности. • Коррупция. • Возможность угроз инфекционных заболеваний.

ЛИТЕРАТУРА

1. Абдурахимов Г.Л., Муртазаев У.И. Современное состояние (положение, структура, история, природные условия и ресурсы) Ванчского района// Водные ресурсы, энергетика и экология. Т. 1 , № 4 . 2021.- с.93-100.
2. Акназаров О. А. Гипотеза развития хозяйства ГБАО на период до 2020 г., Душанбе, изд. ВЭО, 1990.
3. Акобиров Ш.З., Абдурахимов Г.Л., Наргиси Хомиди Модени Рельеф и его влияние на размещение сельскохозяйственного производства (на примере Вахшской зоны)//Изв. АН РТ, сер. обществ.наук, 2007. - № 1. – с. 39-44.
4. Арутюнова Д. В. Стратегический менеджмент. Учебное пособие. – Таганрог: Изд. ТТИ ЮФУ, 2010. – 122 с.
5. Деминг Эдвардс. Новая экономика. The New Economics Industry Fovernment Education – М.: «Эксмо», 2006. – 208 с. – (Библиотека эксперта).
6. Гуломов М.Н. Физико-географическая характеристика бассейна реки Ванч. //Матер. науч.-теорет. конф. проф.преп. состава и сотрудников ТНУ, посвящ. «20-ой годовщине дня национального единства», «Году молодежи», Душанбе, 2017.- с.163-164.
7. Кеммерих А. О. Гидрография Памира и Памира-Алая. М., Мысль, 1978. – 264 с.
8. Муртазаев У. И., Гуруков Т. М., Абдурахимов Г. Л. Оценка состояния и перспектив рационального использования водных ресурсов притоков р. Ванч (по итогам обследований августа 2009 г.) // Сб. матер. Республ. научно-практич. конфер. «Проблемы управления и эффективного использования водных ресурсов Центральной Азии», посвящ. Году образования, культуры и техники. Душанбе, ТГПУ им. С. Айни, 2010. – с. 151-158.
9. Пирумшоев Х. Мой Ванч / М., 2004.
10. Программа социально-экономического развития Ванчского района на 2015-2019 гг. Исполнительный комитет государственной власти района Ванч ГБАО РТ. – Колл. авторов. Ванч, 2019. – 128 с. (перевод с тадж. яз).
11. Регионы Республики Таджикистан, 2020 г. Статистический сборник – Агентство по статистике при Президенте РТ. – Колл. авторов. Душанбе, 2020. – 324 с.
12. Сельское хозяйство Республики Таджикистан //Статистический сборник – Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – Колл. авторов. Душанбе, 2021. – 354 с.
13. Таджикский Памир. Проблемы устойчивого развития изолированного региона - Колл. авторов - Берн, изд. Бернского университета, 2004.

14. Таджикистан: 30-лет государственной независимости //Статистический сборник – Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан – Колл. авторов. Душанбе, 2021. – 702 с.
15. Хоналиев Н. Памир: История и перспективы социально-экономического развития. Душанбе,Дониш,2019.–298 с.

ANNOTATION

ASSESSMENT OF OPPORTUNITIES, RISKS AND BARRIERS IN THE SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE VANCHA DISTRICT

The article lists the opportunities, risks and barriers in the sustainable development of the Vanj region of an institutional, social and engineering nature, based on an analysis of our own research in 2009-2021. Literary sources and operational data of local authorities of the region, dekhkan farms and other farms. It has been established that, for a number of reasons, a monocentric (autarkic) model of development is mainly fixed in the region. It has a well-developed export-oriented agriculture, which cannot be said about industry: 3.25 and 0.06% of the regional and republican indicators, respectively.The indicators of the development of the Vanch region in the service sector, labor migration, small and medium-sized businesses, transport, communications, etc. are given. Based on the generalization and analysis of the material collected over 11 years, the opportunities, threats, strengths (advantages) and weaknesses (disadvantages) in the sustainable development of the Vanj region were assessed (methodologically) using the SWOT model. Obviously, in order to increase the potential for its development, it is necessary to eliminate (or minimize) weaknesses, as a result of which the threats that existed before will decrease.

Key words*: assessment, opportunities, threats, advantages, disadvantages, resources, sustainable development, Vanj district, potential, agriculture, industry, service sector, natural disasters, SWOT model, strategy.*

АРЗЕБИИ ИМКОНИЯТҲОИ ХАВФҲО ВА МОНЕАҲОИ УСТУВОРИ РУШДИ НОҲИЯИ ВАНҶ

Дар мақола имкониятҳо, хатарҳо ва монеаҳо дар рушди устувори ноҳияи Ванҷ дорои хусусияти институтсионалӣ, иҷтимоӣ ва муҳандисӣ дар асоси таҳлили тадқиқоти худи мо дар солҳои 2009-2021 оварда шудааст, маъхазхои адабӣ ва маълумотхои оперативии органхои махаллии вилоят, хочагихои дехконӣ ва дигар хочагихо. Мукаррар карда шудааст, ки бо як катор сабабхо дар минтака асосан модели моноцентрикии (автаркии) тараққиёт муқаррар шудааст. Хоҷагии қишлоқи ба содирот нигаронидашуда хеле тараккикарда дорад, ки онро дар бораи саноат гуфтан мумкин нест: 3,25 ва 0,06 фоизи нишондиҳандахои вилоятӣ ва ҷумҳурияви. Нишондихандахои тараккиёти райони Ванч дар сохаи хизматрасонӣ, мухочирати мехнатӣ, корхонахои хурду миёна, наклиёт, алока ва гайра оварда шудаанд. Дар асоси ҷамъбаст ва таҳлили маводи ҷамъовардашуда дар тӯли 11 сол бо истифода аз модели SWOT имкониятҳо, таҳдидҳо, ҷиҳатҳои қавӣ (бартарӣ) ва заъфҳо (камбудиҳо) дар рушди устувори ноҳияи Ванҷ (аз ҷиҳати методӣ) баҳогузорӣ карда шуд. Равшан аст, ки барои баланд бардоштани иқтидори рушди он камбудиҳоро бартараф кардан (ё кам кардан) лозим аст, ки дар натиҷа таҳдидҳои қаблан вуҷуддошта кам мешаванд.

Калимаҳои асосӣ: *арзёбӣ, имкониятҳо, таҳдидҳо, бартариятҳо, нуқсонҳо, захираҳо, рушди устувор, ноҳияи Ванҷ, иқтидор, кишоварзӣ, саноат, соҳаи хизматрасонӣ, офатҳои табиӣ, модели SWOT, стратегия.*

Сведения об авторе:
Абдурахимов Газалшо Лаззатович – соискатель Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Тел. (+992 37) 918 67 86 88. E-mail: shakha8688@mail.ru

Author information:
Abdurakhimov Gazalsho Lazzatovich - applicant of the Tajik State Pedagogical University. S. Aini. Tel. (+992 37) 918 67 86 88. E-mail: shakha8688@mail.ru

ҚОИДАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОНИ
маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз»-и
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Мақолаҳои илмие, ки барои нашр ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

-матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,0 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

-формулаҳо, аломатҳо ва нишонаҳои ҳарфҳои бузургиҳо бояд дар муҳаррири формулаи Microsoft Equationва ё Math Type (ҳуруфи 12) ҳуруфчинӣ карда шаванд. Танҳо он формулаҳое, ки ба он истинод оварда шудаанд, рақамгузорӣ карда мешаванд.

-нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд ва инчунин, онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 8 то 10 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

1. Индекси ТДУ барои мақола;
2. Номи мақола;
3. Насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Раҳимов С.Ҳ.);
4. Номи муассисае, ки дар он муаллиф (он) кору фаъолият менамояд;
5. Матни асосии мақола;
6. Рӯйхати адабиёти истифодашуда (на бештар аз 10 номгӯй);
7. Номи мақола, аннотатсия ва калимаҳои асосӣ (бо забони тоҷикӣ ва англисӣ агар мақола бо забони русӣ бошад; бо забони русӣ ва англисӣ агар мақола бо забони тоҷикӣ бошад таҳия гарданд);
8. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 5-7 сатр ва калимаҳои асосӣ аз 5 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад.
9. Маълумот дар бораи муаллифон бо се забон (пурра ном, насаб ва номи падар пурра, ҷойи кор, вазифа, унвони илмӣ, суроғаи ҷойи кор, почтаи электронӣ, телефон).

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа нишон дода шавад. Намуна [4, с.15], яъне адабиёти №4, саҳифаи 15.

ПРАВИЛА ДЛЯ АВТОРОВ
Теоретический и научно-практического журнала «Кишоварз»
Таджикского аграрного университета имени Шириншох Шотемур

Научные статьи, представленные для публикации в журнале, должны соответствовать следующим требованиям: а) научная статья должна быть подготовлена в соответствии с требованиями, установленными журналом; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) тема статьи должна соответствовать одному из научных направлений журнала.

Требования к оформлению научных статей:

-текст статьи должен быть подготовлен в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman для русского и английского текста и Times New Roman Tj для таджикского текста, кегль 14, поля 2,0 см со всех сторон, интервал 1,5 мм.

-формулы, символы и буквенные обозначения величин должны быть набраны в редакторе формул Microsoft Equation или Math Type (шрифт 12). Нумеруются лишь те формулы, на которые имеются ссылки.

-таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать, а также, они должны иметь название.

-объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 8 до 10 страниц в формате А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

1. Индекс УДК на статью можно получить в любой научной библиотеке;
2. Название статьи;
3. Фамилия и инициалы автора (пример: Рахимов С.Х.);
4. Название организации;
5. Основной текст статьи;
6. Список использованной литературы (не более 10 наименований);
7. Название статьи, аннотация и ключевые слова (на таджикском, на русском и английском языках);
8. Аннотация оформляется в объеме не менее 5-7 строк, ключевые слова от 5 до 10 слов или словосочетаний;
9. Информация об авторе на трех языках (полные ФИО, должность, ученая степень, место работы, адрес места работы, электронная почта, телефон).

При цитировании конкретного материала, ссылки указываются в квадратных скобках. Образец: [4, с.15], т.е., литература №4, страница 15.

RULES FOR THE AUTHORS
Theoretic and scientific practical magazine “PEASANT” of Tagik agrarian university named after Shirinsho Shotemur

Scientific articles submitted for publication in correspond must the following requirements: a) the scientific article must be prepared in accordance with the requirements established by the journal; b) the article must be the result of scientific research; c) the topic of the article must correspond to one of the scientific directions of the journal.

Requirements oftypography of the scientific articles:

-the text of the article should be prepared in Microsoft Word format, in Times New Roman font for Russian and English text and Times New Roman Tj for Tajik text, size - 14, fields - 2.0 cm from all sides, interval - 1.5.

-formulas, symbols and letter designations of quantities must be typed in the formula editor Microsoft Equation or Math Type (font 12). Only those formulas to which there are references are numbered.

-tables, diagrams, diagrams and figures must be grouped and numbered, and also, they must have a name.

-the volume of the article (including annotation and bibliography) should be in the range of 8 to 10 pages of A4 format. The article should have the following structure:

1. UDC index per article;
2. Title of the article;
3. Surname and initials of the author (example: Rahimov S.H.);
4. The name of the organization in which the author (s) of the article works, the postal address of the organization, city, country;
5. The main text of the article;
6. List of used literature (no less than 6 and no more than 7 titles of scientific literature).
7. Title of the article, annotation and keywords (in Tajik and English, if the article, is in Russian, in Russian and English, if the article, is in Tajik).
8. Annotation is drawn up in the amount of at least 5-7 lines, keywords from 5 to 10 words or phrases;
9. Information about the author in three languages (full name, position, academic degree, place of work, adress of the place of work, E-mail, telephone)

When citing specific material, links are indicated in square paranthesis. Example: [4, p.15], and etc., literature No.4, page 15.